**ҚАССОБИ КОШОНӢ**

# ДЕВОН

**Душанбе,**
**«Истеъдод»**
**2020**

ББК 84 тоҷик 7-5
К - 76

**Ба сарпарасти чоп Умед Давлатзод**

Умедо баҳри мо ту ашраф астӣ,
Адабпарвардаӣ, чун Осаф астӣ.
Набинӣ ранҷу бошӣ шоду хуррам,
Ки бо мардони олам ҳамсаф астӣ.

***Муҳаррир:***
***Равшани Ҳамроҳ***

***Мураттибон:***
***Иброҳим Наққош,***
***Исмоил Зарифӣ***

**Қассоби Кошонӣ. Девон. Душанбе, "Истеъдод" - 2020, 400 саҳифа**

Китоби мазкур осори боқимондаи шоири бузург Қассоби Кошониро фарогир аст ва барои оммаи васеи хонандагон ва муҳаққиқони адабиёти классикӣ пещниҳод мегардад. Китоб дар асоси чор нусхаи муътабари хаттӣ таҳия шудааст.

**ISBN 978-99947-08-42-0**

**© Қассоби Кошонӣ, 2020**

# ҚАССОБИ КОШОНӢ ВА ОСОРИ Ӯ

***Аз диёрам ин қадар, Қассоб, мепурсӣ чаро?***
***Сокини хоки Хуросонам, вале Кошониям.***

Кошон яке аз устонҳои бузурги Эрон аст, ки бо орифону донишмандонаш аз дигар маҳалҳо фарқ мекунад. Шинохт ва огоҳӣ аз осору аҳволи донишмандон ва бузургони илму адаби Кошон аз манфиат холӣ нест.

Кошон шаҳрест бо фарҳанг ва тамаддуни куҳани хеш зиннатбахши садҳо осорхонаҳои ҷаҳонист.

Бузургони илму ҳунараш машъалдори фарҳангу тамаддуни ҷаҳонианд.

Ҷаҳониён бо номи риёзидони машҳур Ғиёсиддин Ҷамшеди Кошонӣ; олимон ва орифони машҳур: Абулризо Равандӣ, Файзи Кошонӣ, Мулло Фатҳуллоҳ Шарифи Кошонӣ, ки ба китоби машҳури «Ҳидоя» бо номи «Минҳоҷ-ус-содиқин» шарҳ навиштааст; дар таърихнигорӣ: Муҳаммадтақихони Сипеҳр, ки китоби машҳури «Носих-ут-таворих ба қалами ӯ тааллуқ дорад; Суҳроби Сипеҳрӣ, ки бо ҳунари шоирӣ ва наққошии нотакрори худ номовар шудааст, ошноянд.

Дар шеъру адаб садҳо шоири баландовозае, ки аз ин хита бархостаанд, гувоҳи адабпарвар будани ин шаҳр аст. Номи Мавлоно Ҳасани Кошӣ, Калими Кошонӣ, Мавлоно Муҳташами Кошонӣ, Бобо Афзали Кошонӣ, Сабои Кошонӣ, Сапедаи Кошонӣ ва шоири навпардоз Суҳроби Сипеҳрӣ маълуму машҳури олам аст.

Яке аз чеҳраҳои машҳури ин шаҳр шоири хушкалом Қассоби Кошонист, ки даҳҳо дастнависи «Девон»-и шоир дар осорхонаҳо ва дасти аҳолӣ дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешаванд. Хонандагони тоҷик ба осори шоир ҳанӯз соли 1965-и қарни гузашта ошно шуда буданд, чунки китоби ашъори ӯ бо номи «Саду як ғазал» аз тарафи адабиётшинос А. Соҳибова дар зери назари академик Абдулғанӣ Мирзев тавассути нашриёти «Ирфон» мунташир шуда буд. Аз як саду як ғазале, ки дар ин китоб оварда шудааст, аз аксари ғазалҳо бо баҳонаи идеологияи давр байтҳои ҷолиберо ихроҷ карда буданд, вале ин китоб боис гардид, ки мардум Қассобро шиносанд. Худи ман ҳам, ки он замон дар синфи чорум, ё панҷум мехондам, китоби Қассобро ҳамеша бо худ нигоҳ медоштам ва ин ягона китобест, ки аз давраи мактабхониам ба ман ёдгорист.

Ғайр аз Қассоби Кошонӣ панҷ нафари дигар бо ин тахаллус ва ном умр ба сар бурдаанд, чаҳор нафар шоир ва як нафар орифанд. Аз он ҷумла Амирбек Қассоби Исфаҳонӣ, Қассоби Гелонӣ, Мирзо Абулҳасан Яғмои Ҷандуқӣ, ки ҳаҷвиёти худро бо номи «Қассобия» ва тахаллуси Қассоб сурудааст, Қассоби Яздӣ ва Қассоби Мозандаронӣ мебошанд. Дар бораи Қассоби Мозандаронӣ мо поёнтар истода мегузарем, вале бо осори дигарон шиносоӣ надорем.

Қассоби Кошонӣ дар сурудани ғазал бо сабки ҳиндӣ дасти расое доштааст. Ғазали машҳури Қассоби Кошонӣ:

*Асири зулфи ту гардам, ки сар ба сар чин аст,*
*Фидои лаъли лабат мешавам, ки мо чин аст.*
*Гираҳ ба ҷабҳа заду бӯса доду бар ман гуфт,*
*Ки: «Ин тасаннуи Чин асту тарҳи Мочин аст».*
*Ман аз даҳони ту дашном орзу дорам,*
*Шунидаам, ки каломи ту сахт ширин аст.*

*Сарам бурида ба дастам бидоду гуфт: «Бирав,*
*Зи ишқ тавба накардӣ, сазои ту ин аст».*
*Сари буридаи худро гирифтаму гуфтам:*
*«Касе, ки дил ба касе дод, оқибат ин аст».*
*Гуле зи гулшани рӯят начидаму мурдам,*
*Чаро, ки панҷаи Қассоб баски хунин аст.*

ба саҳифоти безаволи «Шашмақом» дохил гардидааст. Аксари мардуми тоҷик ин ғазали ӯро аз ёд медонад:

*Эй нигаҳ бо назарат ҳам маю ҳам майхона,*
*Гардиши чашми ту ҳам соқию ҳам паймона.*
*Ҳам мусалмон зи ту ҳоҷат талабад, ҳам кофар,*
*Тоқи абрӯйи ту ҳам масҷиду ҳам бутхона.*
*Наргисат бо ҳама дар оштию ҳам дар ҷанг,*
*Нигаҳат бо ҳама ҳам маҳраму ҳам бегона.*
*Лаби ширини ту ҳам қут бувад, ҳам ёқут,*
*Холи гирои ту ҳам дом бувад, ҳам дона.*
*Гоҳ бо васл ба сар мебараду гаҳ бо ҳаҷр,*
*Гоҳ обод бувад дил зи ту, гаҳ вайрона.*
*Ту гаҳе шамъию гаҳ гул, чӣ аҷаб, бошад агар,*
*Ки диҳад дил ба ту ҳам булбулу ҳам парвона.*
*Гуфт: «Қассоб, ту девона шудӣ, ё ошиқ?»*
*Эй, ба қурбони ту, ҳам ошиқу ҳам девона.*

Оҳангнокӣ ва зебоии сурудаҳои Қассоб боис гардидааст, ки ҳамаи ин як саду як ғазал ба репертуари ҳофизон ворид гаштаанд ва аз тарафи ҳофизони машҳур Боймуҳаммад Ниёзов, Барно Исҳоқова, Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Ҷӯрабек Муродов, Карим Қосимов ва садҳо нафари дигар суруда шудаанд.

Шоир тахаллуси шоириашро аз пешаи хеш қассобӣ, ки бо воситаи он зиндагӣ мекард, интихоб намудааст.

Аввалин касе, ки ба Қассоби Кошонӣ эътибор додааст, шоир ва тазкиранигори машҳур Ҳазини Лоҳиҷист. Ӯ дар тазкираи муосирин»-и худ меорад: «Саид Қассоб шеъри бисёре аз мардум ҳифз дошт ва ба маҷлиси шуаро рафта, дар гуфтани ғазалҳо бо эшон мувофиқат кардӣ, мукаррар шеъри худро дар хидмати марҳум Мирзо Соиб хондӣ, бо он ки хату савод надошт, «Девон»-и ашъораш бист ҳазор байт дошт, ҳаргиз дар қавофӣ ва истеъмоли лафз ба мавқеи худ ғалат накардӣ ва салиқааш бо адами батолат аз уҳдаи рабти калом ва равонии сухан баромадӣ. Дар маротиби дигар худ фарқи тоқати мавзунони соҳибсавод аст. Абёти хуб, ки онро бо каломи шоир, чандон фарқе набошад, дорад. Охир тарки пешаи худ карда, сокини Машҳади муқаддас шуда, дар куҳансолӣ дар Машҳади муқаддас мадфун шуд».

Муаллифи тазкираи «Субҳи гулшан» чунин овардааст: «Номаш Сайидо, мавзунтабъи хушгуфтор дар хиттаи Кошон гузашта ва ҳамагӣ абёташ 3500 байти маъдуд».

Дар энсеклопедияи «Адабиёт ва санъати тоҷик» омадааст:

«Қассоби Кошонӣ Сайидо ном дорад ва соли таваллудаш номаълум, зодгоҳаш Кошон - вафоташ соли 1751 дар Машҳад ба вуқуъ омадааст, шоири эронӣ. Қассоби Кошонӣ аввалҳо ба василаи қассобӣ рӯз мегузарондааст. Тахаллуси шоириаш низ аз ҳамин ҷост. Бино ба маълумоти Малеҳои Самарқандӣ, ки соли 1670 бо шоир вохӯрдааст, баъдтар ӯ ба карбосбофӣ машғул будааст. Қассоби Кошонӣ бештар ғазал сурудааст. Дар девонаш, ки ҳанӯз дар асри адиб дар саросари Эрону Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон шуҳрат ёфта буд, 350 ғазал ҷой дорад. Мавзӯъҳои ғазалиёти Қассоби Кошонӣ ишқу муҳаббати самимӣ, тасвири манзараҳои рангини табиат, ситоиши ахлоқи ҳамида ва накуҳиши беадолатиҳои замон ва ғайра мебошанд. Шоир аз ҷабру зулм ва беинсофиҳои ҳукуматдорон шикоятҳои ҷонсӯз кардааст.

Чунончӣ:

*Дар замони мо намеборад соҳоби зиндагӣ,*
*Хушк гардидаст дар сарчашма оби зиндагӣ.*
*Аз ҷафои беҳади айёму гардишҳои даҳр,*
*Гашта кутаҳ риштаи умрам зи тоби зиндагӣ.*

Қассоби Кошонӣ ба ашъори Ҳофиз, Соиб ва дигарон мухаммас бастааст».

Аз маъхазҳо аён гардид, ки дар баёзи хаттие, ки моли Оқои Афшин Отифӣ будааст, қасидаи ҷолибе дар васфи имоми ҳаштум Имом Ризо сурудааст, ки танҳо матлаъ ва мақтаъ аз ин қасида дастраси мост.

Матлаъ:

*Ассалом, эй боргоҳат Каъбаи ҷон омада,*
*Остонат бӯсагоҳи аҳли имон омада.*

Мақтаъ:

*Дар канори хони файзосори оламгири ту,*
*Дардманде, бе дилу ҷоне ба меҳмон омада.*
*Метавонӣ кард ин бечораро равшан чароғ,*
*Тирабахти турфае берун зи Кошон омада.*

Қассоб низ монанди дигар намояндагони сабки ҳиндӣ дар маъниофарӣ хеле истеъдоди нодир дорад.

Ӯ аз пешаи худ илҳом гирифта маъниҳое офаридааст, ки басо ҷолибу рангинанд:

*Қассоб, дид чун хами абрӯи ёр гуфт:*
*Ризқаш ҳавола аз дами сотур мешавад.*

Ё ки:

*Гӯсфанди туст Қассоб, аз назар нандозияш,*
*Тарбият кун беҳтараш, чун хеш қурбон бастаӣ.*

Дар адабиётшиносии Эрон аввалин касе, ки ба эҷодиёти шоир мароқ зоҳир намуд, Партави Байзоӣ мебошад. Девоне, ки Партави Байзоӣ соли 1956 (1338 ҳиҷрии шамсӣ) дар Эрон ба табъ расонидааст, иборат аз 316 ғазал, муфрадот ва абёти мутафарриқа ва 10 мухаммас иборат мебошад, ки дар якҷоягӣ таркиби 2463 байтро ташкил медиҳад. Аксари ғазалҳо ноқисанд.

Дафъаи дуюм «Девон»-и Қассоби Кошонӣ дар соли 1982 аз тарафи Муҳаммад Аббосӣ, бори сеюм бо тасҳеҳи Ҷавоҳири Ваҷдӣ дар соли 1983 мунташир гардид.

Дар Эрон комилтарин нусхаи «Девон» аз тарафи пуркортарин олим ва ношири китоб Аҳмади Карамӣ ба табъ расонда шудааст, ки фарогири 3460 байт аст ва шумораи ғазалҳо дар ин чоп ба 429 адад расидаанд. Дар ин чоп низ аз дигар навъҳои осори адиб намунаҳо оварда нашудааст.

Дар Тоҷикистон муҳаққиқи пухтакор Иброҳим Наққош соли 2019 «Маҷмӯаи ғазалиёт»- и ӯро тавассути нашриёти "Ирфон" ба табъ расонд, ки ба як саду як ғазали шоир аз баёзу ҷунгҳо шеърҳои тозаеро афзуда, байтҳои ихроҷшудаи ғазалҳоро барқарор намуд ва як саду бист ғазали шоирро пешкаши хонандагон гардонд.

Чун мо ба нусхаи Партави Байзоӣ дастрасӣ пайдо намудем, ҳамаи ин 316 ғазал, абёти парешон ва даҳ мухаммаси дар ин китоб ҷойдоштаро ба чоп омода намудем. Чун хабар ёфтем, ки як нусха «Девон»-и Қассоби Кошонӣ дар осорхонаи шаҳри Панҷакент нигоҳдорӣ мешавад, бо хоҳиш ба назди директори собиқи «Осорхонаи ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Фотима Рофиева ва корманди осорхона Умар Саидов рафтем. Онҳо ин нусхаро ба ихтиёри мо гузоштанд. Китоб соли 1958 ба фонди осорхона ворид шудааст. Китоб аз 72 варақ иборат аст. Мутаассифона, чанд варақ аз мобайн ва саҳфаҳои охири китоб мавҷуд нестанд. Мо

аз ин нусха ғазалиёти тозаеро дарёб кардем ва матлаъу мақтаъи ғазалҳое, ки дар нусхаи Партави Байзоӣ мавҷуд нестанд, барқарор намудем. Шумораи умумии ғазалҳои Қассоб ба 339 адад расид.

Баъдтар мо ба нусхаи дастнависи дигаре дучор омадем, ки аз 241 варақ иборат аст ва дар китобхонаи Маҷлиси шӯрои Эрон нигаҳдорӣ мешавад. Ин китоб нусхаи мухтасари осори Қассоби Кошонист.

Дар китоб осори шоирон Маҷзуб, Сафии Черкасӣ, Қассоби Кошонӣ ва Таҷалло ҷой дода шудааст.

Мутаассифона, ашъори Қассоб фарогири ғазалҳои радифи «алиф» то «дол» ҳасту бас. Дар ин нусха тахминан 800 байт аз эҷодиёти Қассоб ҷой гирифтааст. Аз ин китоб низ ду ғазали тоза ба даст овардем ва чандин ғазалҳои ноқисро пурра намудем.

Комилтарин нусхае, ки мо ба даст овардем, ин дастхатест, ки дар китобхонаи Маҷлиси шӯрои Эрон нигоҳдорӣ мешавад. Мутаассифона, ин китоб низ ноқис аст, чунки даҳҳо саҳифаи охири китоб аз байн рафтаанд.

Китоби мазкур аз 116 варақ иборат аст. Аввал дар китоб ашъори Сафии Черкасӣ оварда шудааст. Аз саҳифаи 17 ашъори Қассоби Кошонӣ оғоз мегардад. Дар ин нусха аввал панҷ қасида, як тарҷеъбанд ва як таркиббанди шоир ҷой дода шудааст ва баъд ғазалиёт аз радифи «алиф» то радифи «ҳе» ҷой доранд. Хати дастнавис настаълиқ буда хоност. Маълум мегардад, ки котиб донишманд будааст, чунки дар дастхат ғалатҳо хеле кам мушоҳида мегардад. Мо аз ин дастхат 80 ғазали тозаро ба нашри ҳозир изофа намудем ва шумораи ғазалиёти шоирро ба 419 адад расондем. Аз рӯйи ин нусха камбудиҳои чопи Партави Байзоиро бартараф намудем. Абёти ашъори шоир ҳам аз марзи 3704 байт расондем.

Нусхаи чоруме, ки ба дасти мо афтод, «Девон»-и Қассоб ном дорад. Китоб дар китобхонаи Маҷлиси шӯрои Эрон нигаҳдорӣ

мешавад. Ин дастхат аз 69 варақ иборат аст. Ҳолати китоб хеле хуб аст. Аз рӯйи ин нусха дар Эрон «Девон»-и Қассоби Мозандарониро ба чоп расондаанд. Китоб бо қасидаҳои мадҳӣ оғоз меёбад ва дар охир як тарҷеъбанд, чанд қитъа, таърихҳо ва панҷ адад рубоӣ ҷой дода шудааст. Дар китоб дар умум 280 ғазал мавҷуд аст. Китоб хоност, вале дар он партофтани калимаҳо ва хатоҳои зиёде ба чашм мерасад. Чанд ғазал дар китоб такроран ҷой дода шудааст. Чун ин нусхаро мутолиа намудем, маълум гардид, ки дар қисмати «Ғазалиёт» 118 ғазали Қассоби Кошонӣ ҷой дода шудааст. Чун ин 118 ғазалро берун овардем, 162 ғазали содаи беҳунаронае боқӣ монду бас. Котиб, ё касе, ки ин «Девон»-ро тартиб додааст, барои гумроҳ намудани хонанда равиши аҷиберо пеш гирифтааст. Ӯ дар ғазалҳои радифҳои «алиф», «бо» дар аввали китоб ва радифҳои «ҳе» ва «ё» дар охири китоб ягон ғазали Қассоби Кошониро ҷой надодааст, то ки хонандаро ба шубҳа наандозад. Мо дар ин нашр аз ин китоб намунаҳои дигари шеъриро нагирифтем, танҳо 162 ғазалро чун ғазалиёти машкук ҷой додем. Ба назар мерасад, ки тартибдиҳандаи ин китоб худи Қассоби Мозандаронист, чунки дар баробари дуздидани ғазалиёт радифу қофия ва таркибҳои Қассобро низ дуздидааст. Мо ду намунаеро аз ду девон ин ҷо меорем.

Аз Қассоби Кошонӣ:

*То кай фироқномаат иншо кунад касе,*
*Сад сафҳаро ба хуни дил имло кунад касе.*
*Резам ба дида чанд зи дил хуни магзро,*
*То кай зи кӯза об ба дарё кунад касе.*
*Ҳосил барои ибрати ин рӯзгор нест,*
*Ин дидаро зи баҳри чӣ бино кунад касе?*
*Дунёст ҳечу ҳар чӣ дар ӯ ҳаст, ҷумла пуч,*
*Аз баҳри ҳечу пуч чӣ гавго кунад касе.*

*Ин хонаро чу вақф бар авлод кардаанд,*
*Бо ин бародарон зи чӣ даъво кунад касе?*
*Чизе ба кас надод, ки нагрифт боз аз ӯ,*
*Дигар аз ин ҷаҳон чӣ таманно кунад касе?*
*Тифлон ба мо музоиқа аз санг мекунанд,*
*Худро дигар барои чӣ расво кунад касе.*
*Гардида субҳ пунбаи гӯши нуҳ осмон,*
*То чанд оҳу нолаи беҷо кунад касе.*
*Аз магзи хушк чарбзабон баҳрае набурд,*
*Дар деги чӯб баҳри чӣ ҳалво кунад касе.*
*Қассоб, ҳар кӣ ҳаст, фурӯмондаи худ аст,*
*Тӯмори шиква пеши чӣ кас во кунад касе?!*

Аз Қассоби Мозандаронӣ:

*Дар бӯстон хуш аст, тамошо кунад касе,*
*Ташбеҳи сарв бо қади раъно кунад касе.*
*Имрӯз нақди умр ба сарфи шароб кун,*
*Беҷост гар шикояти фардо кунад касе.*
*Исфандиёру Рустаму Суҳроб рафтаанд,*
*Дигар чӣ эътимод ба дунё кунад касе?*
*Ёрон, зи тифли мардуми ин шаҳр бигзаред,*
*Аз кӯдакон вафо чӣ таманно кунад касе?*
*Чун Қайс рӯ ба водии шаҳри ҷунун ниҳад,*
*Гар як назар ба сурати Лайло кунад касе.*
*Бо ин ки рӯйи Юсуфи Мисрӣ надидаанд,*
*Беҳосил аст, манъи Зулайхо кунад касе.*
*Мардум зи ишқи Вомиқи бечора бехабар,*
*Гӯ, аз чӣ рӯ маломати Азро кунад касе?*
*Атфоли шаҳри мо зи накӯи мусалламанд,*
*Дигар ба ҳарза аз чӣ даҳан во кунад касе?*
*Озурда мешавад бадани сояпарвараш,*
*Гар хилъаташ зи атласу дебо кунад касе.*

*Қассоб, рӯ ба сӯйи ту овард, эй ҳабиб,*
*Бечост ин ки рӯй ба ҳар ҷо кунад касе.*

Чуноне ки хонанда зуд пай мебарад, тафовути эҷод байни ин ду ғазал аз замин то осмонҳост. Ташбеҳу истиора ва маъниофарӣ дар ғазали аввал хеле мустаҳкам аст ва ба хонанда завқ мебахшад. Агар «Девон»-и дуюм ба Қассоби Мозандаронӣ тааллуқ дошта бошад, ӯ дар баробари шеърдуздӣ шоирдуздӣ ҳам намудааст. Чуноне ки Роҷии Самарқандӣ ҳангоми тартиб додани «Девон»-и падараш Ҳодии Самарқандӣ ғазалҳои Воизи Қазвиниро бо иваз кардани тахаллус дар девон ҷой намудааст ва ин амали ӯ оқибат фош гардид.

Қассоби Кошонӣ чун ҳамшаҳрии худ Калими Кошонӣ ва устоди худ Мирзо Соиби Исфаҳонӣ аз сабки исфаҳонӣ, ё ҳиндӣ моҳирона истфода бурдааст ва дар офаридани мазомини тоза устодии худро нишон додааст.

*Аввалин гомам нахустин пояи меъроҷ буд,*
*Он чӣ дар сар ҳаст, агар дар зери по медоштам.*

Қассоби Кошонӣ дар қолаби ғазал бо баёни шево ва забони зебо шӯрангезтарин ғазалҳоро сурудааст:

*Шабе, эй маҳ, ба побӯсат расидан орзу дорам,*
*Ду байт аз лаъли ҷонбахшат шунидан орзу дорам.*
*Нишинӣ дар бисоти дил чу шамъу ман чу парвона,*
*Туро яксар ба гирди сар паридан орзу дорам.*
*Сарат гардам, камони нозат аз бас чошнӣ дорад,*
*Лаби захми хадангатро макидан орзу дорам.*
*Гулистон аст сар то поят, эй горатгари дилҳо,*
*Гули васле аз ин гулзор чидан орзу дорам.*
*Мани лабташна, қурбонат шавам, дар водии ҳиҷрон,*
*Зи тегат шарбати обе чашидан орзу дорам.*
*Чу шамъи зинда дар базми висолат то саҳар сӯзон,*

*Сари худро ба пойи хеш дидан орзу дорам.*
*Чӣ мехоҳам дигар, Қассоб, як шаб дар сари кӯяш,*
*Тапидан, ҷон супурдан, орамидан орзу дорам.*

Шеъри Қассоб шеъри саҳл нест. Он дорои зарофатҳои дақиқ ва латофатҳои нозук ва латифест. Ӯ бо нозукхаёлӣ ва маъниҳои равшан ва бо рӯҳи тоҷикӣ забонзади хосу ом гардидааст.

*Рӯзе ба ду зону бари дилдор нишастам,*
*Гуфтам, ки: «Туӣ қиблаи ман». Гуфт, ки: «Ҳастам».*
*Гуфтам: «Чӣ шуд он ваъдаю паймон, ки ту бастӣ?»*
*Гуфто, ки: «Ҳамон лаҳзааш аз ноз шикастам».*
*Гуфтам, ки: «Бихӯр бода». Гирифту ба замин рехт,*
*Гуфтам, ки: «Чаро рехтияш?» Гуфт, ки: «Мастам».*
*Гуфтам: «Зи кӣ ошиқкушӣ омӯхтӣ имрӯз?»*
*Гуфто, ки: «Бад-ин шева ман аз рӯзи аластам».*
*Гуфтам, ки: «Шикастӣ дили мо». Гуфт: «Дуруст аст»,*
*Гуфтам, ки: «Чаро?» Хандазанон гуфт, ки: «Мастам».*
*Гуфтам: «Чӣ шуд он дил, ки зи Қассоб рабудӣ?»*
*Бардошт зи зери қадаму дод ба дастам.*

Дар ҷои дигар мегӯяд:

*Ҳеч кас, ҷоно, намесӯзад чароғаш то ба субҳ,*
*Пур маханд, эй субҳи содиқ, бар шаби тори касе.*

Ё ки:

*Шабам ба меҳнату рӯзам ба ҳаҷри ёр гузашт,*
*Тамом муддати умрам бар ин қарор гузашт.*

Қассоби Кошонӣ дар замоне мезист, дар шаҳри адабпарвари Кошон шоирони бузурге мезистанд. Масеҳи Кошонӣ, Калими Кошонӣ, Санҷари Кошонӣ, Мухлиси Кошонӣ, Наҷиби Кошонӣ ва Сармади Кошонӣ аз ин қабиланд.

Аз ин рӯ пайравӣ кардан ба якдигар дар эҷодиёти шоирони Кошон зиёд мушоҳида мегардад, ки дар як вазн, қофия ва радиф яксонанд.

Қассоб:

*Шудаст азбаски рӯз аз моҳу моҳ аз сол расвотар,*
*Маро ҳар лаҳза гардад сурати аҳвол расвотар.*

Мухлис:

*Шавад ноқис сухан дар базми аҳли ҳол расвотар,*
*Ки чун суҳбат набошад қол, гардад лол расвотар.*

Қассоб:

*То кай ба базми шавқи ғамат ҷо кунад касе,*
*Хунро ба ҷои бода ба мино кунад касе?*

Мухлис:

*То кай ба базми шавқи ғамат ҷо кунад касе,*
*Ку гулшане, ки болу паре во кунад касе?*

Қассоб:

*Тан чӣ бошад? Чор девори бинои орият,*
*Пур макун қасди иқомат дар сарои орият.*

Наҷиб:

*Соҳиби ин хона бошӣ дар сарои орият,*
*Такя чун тасвир то кай бар бинои орият?*

Қассоби Кошонӣ устодона дар ғазалҳои шӯрангези худ аз вожаҳои об, оташ, ойина, акс, шаб, шамъ, чароғ ва ғайраҳо зиёд истифода бурдааст, ки барои мазмунофарии хеле дилкашу заруриянд. Мо чун ҳусни хитом дар поёни мақолаи худ як ғазали зебои шоирро намуна меорем ва боқӣ баҳо доданро ба хонанда вогузор менамоем:

*Дил ба даҳри ҳилагар додам, ғалат кардам, ғалат,*
*Рафт завқи ҳастӣ аз ёдам, ғалат кардам, ғалат.*
*Хирмани умре, ки ҷамъ оварда будам солҳо,*
*Дод даҳри сифла барбодам, ғалат кардам, ғалат.*
*З-орзуи кӯйи Ширин кӯҳи исён рӯзгор*
*Баст бар гардан чу Фарҳодам, ғалат кардам, ғалат.*
*Ёдгор аз ман ба ғайр аз маъсият чизе намонд,*
*Нафси кофар буд устодам, ғалат кардам, ғалат.*
*Дар чаман умре надонистам, ки асли ҷилва чист,*
*Ман ҳамон дар фикри шамшодам, ғалат кардам, ғалат.*
*Коре аз ман барнаёмад, то ба кор ояд маро,*
*Буд чун дар дил ғамат, шодам, ғалат кардам, ғалат.*
*Бо ҳазорон моҷаро дорад ҳамон тӯли амал,*
*З-ин ҷаҳон, Қассоб, дилшодам, ғалат кардам, ғалат.*

"Девон"-и омодакардаи мо фарогири 3704 байт аст, Инчунин 1340 байте ба он илҳоқ кардаем, ки дар моли Қассоби Кошонӣ буданаш шубҳа дорем. Дар ин китоб дар маҷмуъ 5072 байт пешкаши хонандагон гардонида мешавад, ки аз он оммаи васеъи хонандагон истифода бурда метавонанд.

***Исмоил Зарифӣ,***
***шоир барандаи Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ***

# ШАРҲИ ҲОЛИ ҚАССОБ

Номи Қассоб Сайидост. Ӯ дар шаҳри Кошон таваллуд шуда, дар ҳамонҷо нашъунамо ёфтаст. Соли таваллуди Қассоб маълум нест.

Ӯ тахаллуси худро аз касби қассобиаш, ки бо он маоши рӯзгор мекард, гирифтааст. Вале дар охири умр Қассоб дукони карбосфурӯшӣ боз карда, ба тиҷорат машғул гардидааст. Чун ӯ ба шеъру шоирӣ дилбастагии зиёд дошт, писарашро ба ҷойи худ ба дукон нишонда, дар маҳфили шуарову удабо ширкат меварзид. Ӯ асосан дилбохтаи ашъори шоири муосири худ, номдори сабки ҳиндӣ – Муҳаммадалӣ Соиб буда, дар маҳфилҳо ашъори худро аз назари ин бузургвор мегузаронидааст.

Сарчашмаҳое, ки дар бораи Қассоби Кошонӣ маълумот додаанд, тазкираҳои: «Музокиру-л-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Тазкирату-л-муосирин»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ ва «Субҳи гулшан»-и Алиҳусайнхон мутахаллис ба Салим мебошад.

Аз рӯйи маълумоти тазкираи «Субҳи гулшан» куллиёти Қассоби Кошонӣ, ки дар китобхонаи Аҳмадшоҳ – подшоҳи Деҳлӣ мавҷуд буд, шомили 3500 байт будааст.

Вале аз рӯйи маълумоти матншиноси тоҷик А. Соҳибова осори дар кишвари мо ба даст омадаи Қассоб иборат аз 356 ғазал ва 10 мухаммас мебошад.

Девоне, ки Партав Байзоӣ соли 1956 (1338 ҳиҷрии шамсӣ) дар Эрон ба табъ расонидааст, иборат аз 316 ғазал, муфрадот ва абёти мутафарриқа ва 10 мухаммас мебошад, ки дар якҷоягӣ 2463 байтро ташкил медиҳад.

Қассоби Кошонӣ дар нимаи аввали асри XVII дар синни пирӣ сокини Машҳад гардида, дар он ҷо вафот кардааст.

***Иброҳими Наққош***

# ҒАЗАЛИЁТ

**1.**

Аввал ба номи он, ки зад ин боргоҳро,
Афрӯхт шамъ машъалаи меҳру моҳро.
Бар пой кард зангии шабро зи тахти зулм,
Бар ҷо нишонд рӯзи мурассаъкулоҳро.
Хафтони[1] нуқра кард бурун аз тани ҷаҳон,
Пӯшонд бар сипеҳр либоси сиёҳро.
Рухсору зулфу чашму хату хол офарид,
Он гоҳ дод роҳи тамошо нигоҳро.
Саф баст даври чашми сияҳ чун ду подшоҳ,
Аз ҳар тараф зи лашкари мижгон сипоҳро.
Бар санг дода гавҳару бар неш дода нӯш,
Хосияти тамом расонда гиёҳро.
Дар пеши баҳри раҳмати Ӯ ҷумла қатраем,
Қассоб, ғам мадор, чу кардӣ гуноҳро.

**2.**

Илоҳо, баҳри ҳамдат қуввате бахшо забонамро,
Зи оби ин гуҳар лабрез кун дурҷи даҳонамро.
Барор аз чоҳи табъам баҳри васфат Юсуфи маънӣ,
Ҳам аз ҷинси гарон пурбор гардон корвонамро.
Зи боли ҳиммати шавқи ғамат парвози тирам деҳ,
Зи баҳри саҷда хам соз аз пайи тоат камонамро.
Забони тӯтиамро бо сифотат ошно гардон,
Ба нахли шуъла ҷо деҳ мушти хори ошёнамро.
Чароғоне дар ин зулматсарои тан ҳавас дорам,
Зи сӯзи ишқ равшан соз чун шамъ устухонамро.
Дар ин дарё дил аз тавҳид, сар ҳамчун садаф дорам,
Ба дасти дониши гавҳаршиносон деҳ баёнамро.

---

1. **Хафтон** – навъе аз либоси ҷангии қадима.

На дар ҷисмам равон, Қассоб, монда, на тавоной,
Равоне деҳ зи рӯйи лутф ҷисми нотавонамро.

**3.**

Эй зоти покат аз ҳама мосиво сиво
В-аз даргаҳи Ту ёфта ҳар бенаво наво.
Инъоми Туст бар ҳама хосу ом ом,
Ташрифи Туст бар қади ҳар норасо расо.
Гумгаштагони водии ҷаҳли мураккабем,
Роҳе зи рӯйи марҳамат, эй раҳнамо, намо.
Моро чу ҳосиле набувад ғайри маъсият,
Эй вой, агар диҳӣ Ту ба рӯзи ҷазо ҷазо.
Дар дам чаҳор мавҷаи дарёи хун шавад,
Дар киштие, ки нест дар он нохудо Худо.
Пинҳон зи халқ такя задан бар сари сарир,
Беҳтар зи тоате ба сар бӯриё риё.
Аз заъфи тан чу коҳ ба девор мондаем,
Моро зи ҷазби ишқи худ, эй каҳрабо, рабо.
Қассоби хастадил ба ҷаноби Ту карда рӯ,
Ӯро бибахш з-ин дари доруششифо шифо.

**4.**

Соқӣ, биё, ки боз хароб аст ҳоли мо,
Пеш ор бода, эй санами безаволи мо.
Ҷоме бидеҳ, ки дасти нишоте баҳам занем,
Шуд хушк дар қафас ҳама аъзову боли мо.
Мо дар ғами ту рӯзу шаб, эй бевафову ту
Дар хотират намерасад асло хаёли мо.
Мо хоназоди меҳнату андуҳу мотамем,
Фориғ нишин, ки даҳр надорад мисоли мо.

Аз чашмасор қатраи обе нахӯрдаем,
Аз оби шиша ҷилва намояд ниҳоли мо.
Қассоб, дам мазан, ки ба ҷое намерасад
Фарёди норасои туву қилу қоли мо.

**5.**

Эй, к-аз ду зулфи саркашат дорем дар тан тобҳо,
Берун чӣ сон орем мо киштӣ аз ин гирдобҳо.
Ақлу шикебу накди дил дар роҳи ҷонон сарф шуд,
Рафтаст берун аз кафам ҷамъияти асбобҳо.
З-ин ашки чашми лолагун кардам тааҷҷуб оқибат,
Дар маскани дил ёфтам сарчашмаи хунобҳо.
Туғёни оби гиряро натвон гирифтан пеши раҳ,
Наздик шуд, гардад ҷаҳон вайрон аз ин селобҳо.
Бурдӣ ба яғмо ҷон зи тан, эй раҳзани имони ман,
Бо ёди зулфат то ба чанд ошуфта бинам хобҳо?!
Аз ҳарфи ғайр, эй симтан, по бармадор аз чашми ман,
Хӯрдаст сарв андар чаман аз дидаи ман обҳо.
Аз лаъли он шаккаршикан биншину ширин кун даҳан,
Бисёр мегӯӣ сухан, Қассоб, дар ин бобҳо.

**6.**

Ниҳода ҳусни ту бунёди дилрабоиро,
Гирифта гул зи рухат бӯйи бевафоиро.
Касе наёфта қадри бараҳнапоиро,
Хироҷ нест ҷаве мулки бенавоиро.
Расо намешавад аз саъй ҷомаи тақдир,
Ба қадди он, ки буридаанд норасоиро.
Зи хуни дил самаре ҷилва деҳ дар ин гулзор,
Чу сарв чанд кунӣ пеша худнамоиро?!
Дили шикаста ба навъе, ки хурд мегардад,
Агар ба ман бинамоянд мӯмиёиро.

Зи зуҳди хушк ба танг омадам, шароб куҷост,
Ки то ба об диҳам хирқаи риёиро.
Ризо ба ишрати олам намешавад, Қассоб,
Касе, ки ёфт чу ман лаззати ҷудоиро.

**7.**

Хати сабз аз рухат чун сар занад, ҷон мекунад пайдо,
Барои зиндагӣ Хизр оби ҳайвон мекунад пайдо.
Ватан дар кунҷи лаб мебошад аксар холи мушкинро,
Барои хеш тӯтӣ шаккаристон мекунад пайдо.
Талоши осиёро ҳирси гандум беш месозад,
Ғами нон мехӯрад тифле, ки дандон мекунад пайдо.
Ҷунунам бурда аз роҳе, ки зангаш метавон бастан[1],
Ҳумо гар устухонам дар биёбон мекунад пайдо.
Дилаш ойиназори акси меҳру моҳ мегардад,
Касе, к-ӯ меҳри ӯ дар сина пинҳон мекунад пайдо.
Зи лаззат то қиёмат ҷойи теғаш мемакад лабро,
Даме, к-аз ғамзааш захми намоён мекунад пайдо.
Зи ҳақ, Қассоб, магзар метавон хондан Фалотунаш,
Барои дарди ошиқ ҳар кӣ дармон мекунад пайдо.

**8.**

То кушуд аз баҳри гуфтор он лаби хомӯшро,
Дар шакар омехт он лаъли зумуррадпӯшро.
Рӯзи аввал кард моро чашми ӯ масту хароб,
Бодапаймоӣ нашояд соқии мадҳушро.

1. Дар асрҳои гузашта паҳлавонон ва шотироне, ки дар фанни худ ба ҳадди камол мерасидаанд, занге ба бозӯи худ меовехтаанд ва дар он замон истилоҳ буда, ки мегуфтаанд: «Агар фалон кас фалон корро анҷом дод, бояд занг барои ӯ баст». Ва мутобиқи таҳқиқе, ки ба амал омада, ҳанӯз хоса дар Озарбойҷон расм аст, ки ба гардани мурғони шикории моҳир занг мебанданд ва дар ин шеър ишораи шоир ба ҳумо аст, ки агар устухони маро пайдо кард, метавон занг ба ӯ баст. ***(Партав Байзоӣ).***

Ташнаи найсон чу мардони саодатманд бош,
Чун садаф пур соз аз дурри маонӣ гӯшро.
Муттасил дар сина бояд тири оҳе доштан,
Чун камон холӣ нагардон аз хаданг оғӯшро.
Ком ширин бе газанд аз шаҳд натвон сохтан,
Неш мегирад зи лабҳо тарҷумони[1] нӯшро.
Чашм бар дасти касон, Қассоб, чун мино мадор,
Чун қадаҳ гардон тиҳӣ аз бори миннат дӯшро.

**9.**

Зи ҷӯши ошиқон гарм аст базм он шоҳи хубонро,
Ки мебошад намуде бо раият подшоҳонро.
Тараққӣ мекунад ҳар рӯз сел аз гиряи ошиқ,
Намебошад намуде бе раият подшоҳонро.
Зи абрӯйи ту захми корие дорам, ба қасди ман
Мадеҳ дигар ба заҳри чашм об он тири мижгонро.
Зи ҳам бикшой лаб в-аз лутф ҳарфе гӯй бо ошиқ,
Тавон зад то ба кай бар дурҷи гавҳар қуфли марҷонро?!
Касе қадри суханҳои туро чун ман намедонад,
Куҷо ҳар кас шиносад қадр гавҳарҳои ғалтонро?!
Ба зуннори сари зулфи ту қоим кардаам имон,
Мафармо ҳаҷр аз ин бешам, макуш кофирмусалмонро.
Майи зуҳди риё, Қассоб, то кай метавон хӯрдан,
Ба ҷоми субҳ гоҳе ёд мекун майпарастонро.

**10.**

Зи сунбул банд дар дил мегузорад мӯйи ин саҳро,
Димоғи гул парешон мешавад аз бӯйи ин саҳро.

1. **Тарҷумонӣ** – калимае форсӣ аст, ки дар фарҳангҳо ба маънои сур ва валима, ки ба таври ҷаримаву ғаромат ба якдигар медиҳанд, забт шудааст ва ин луғат ҳанӯз дар Кошон ва баъзе ҷойҳои дигар ба ҳамин маъно мутадовил аст. ***(Партав Байзоӣ).***

Кадомин шаккаринлаб кард борандози ин водӣ,
Ки мечӯшад ба ҷойи об шир аз ҷӯйи ин саҳро.
Ба ҳар сӯ мекунад то чашм кор, афтода фарши гул,
Чу шабнам метавон молид рӯ бар рӯйи ин саҳро.
Гулистонро ба булбул бахшу Ширинро ба Хусрав деҳ,
Бирав, дунболи Маҷнун гиру рӯ кун сӯйи ин саҳро.
Зибас мондаст боз аз ҳар тараф чашми тамошоӣ,
Ба ҷойи сабза мижгон мечарад оҳуи ин саҳро.
Ҷунунро пеша кун, Қассобу ғамро теша бар по зан,
Ки ишрат метавонӣ кард дар паҳлуйи ин саҳро.

**11.**

Агар он шамъи базми дил равад мастона дар саҳро,
Наояд дар назар ғайр аз пари парвона дар саҳро.
Намояд ҳар куҷо рух, нуҳ фалак ойина мегардад,
Зи сайқалкории хокистари парвона дар саҳро.
Зи ваҳшат тангнои шаҳр зиндон аст бар ошиқ,
Ба вусъат доди ишрат медиҳад девона дар саҳро.
Зи сели ашк месозам хароб ин олами дилро,
Барои хеш пайдо мекунам вайрона дар саҳро.
Зи таъсири муҳаббат бо ғизолон ром мегардад,
Дар ин водӣ чу Маҷнун ҳар кӣ дорад хона дар саҳро.
Талоши ризқ лозим нест, к-Эзид карда дар аввал
Муҳайё баҳри мо рӯзӣ зи обу дона дар саҳро.
Шуда баҳри ҳазорон ҳар тараф аз ғунчаҳои гул
Аён дар бӯтаи ҳар хор сад хумхона дар саҳро.
Далели роҳ ошиқро чу хомӯшӣ намебошад,
Магӯ, Қассоб, беҷо ин қадар афсона дар саҳро.

**12.**

Мерасонад аз раҳи зулмат ба манзил мӯрро,
Он ки пинҳон дар дили ҳар зарра дорад нурро.

Водии ишқ асту аввал тарки ҳастӣ гуфтаам,
Кардаам бар хештан наздик роҳи дурро.
Беҳ нагардад аз руфӯкорӣ ҷароҳатҳои дил,
Бахя бенафъ аст захми кории носурро.
Заҳри чашмашро ҳуҷуми гирям даркор буд,
Талхии бодоми ӯ мехост оби шӯрро.
Каҷравонро ростӣ бояд, ки гардад дастгир,
Мешавад раҳбар асо дар вақти рафтан кӯрро.
Золимонро оташе ҷуз ҳирс натвонад гудохт,
Шуълае бояд, ки сӯзад хонаи занбӯрро.
Бо сафоли хеш ҳар кас метавонад сохтан,
Мезанад бар фарқ Қайсар косаи Фағфурро.
Панҷаи мижгони ӯ, Қассоб, чун бирбуд дил,
Ҳамчу шаҳбозест, к-аз ҷо барканад усфурро.

## 13.

Тавон дидан зи рӯйи пираҳан чун гул сафояшро,
Насиме во кунад чун ғунча гар банди қабояшро.
Ба ҷуз ойина, к-аз акси ҷамоли ӯст мустағнӣ,
Касе дигар дар ин сурат надорад рӯнамояшро.
Зи хуни нимранги дида кай гулгун тавон кардан,
Кафи пое, ки мебастам ба хуни дил ҳинояшро.
Қадам ҳар гаҳ ниҳад бар чашмам он нозукбадан, тарсам,
Ки ногаҳ хори мижгонам намояд ранҷа по яшро.
Дил аз каф дода, гардидам басе дар олами биниш,
Чу нури мардумак то ёфтам дар дида ҷояшро.
Ду оламро намесозад ба як имои абрӯяш,
Баробар чун кунам бо Ҳотами Тойӣ гадояшро.
Зи бас хуштар бувад ҳар узваш аз узви дигар, хоҳам,
Ки по то сар балогардон шавам сар то ба пояшро.
Макун манъи дили худ аз фиғон, Қассоб, дар роҳаш,
Ҷарас кай метавонад доштан пинҳон садояшро?!

## 14.

Зи таъсири муҳаббат сӯхт дар дил кина ошиқро,
Зи оҳи оташин гарм аст лаб то сина ошиқро.
Ба мо сар то сари ҳар ҳафта май хӯрдан шугун дорад,
Намебошад тафовут шанбеву одина ошиқро.
Ниёзу нозро чун ширу шаккар дар забон дорад,
Бувад бо ҷон баробар қосиди дерина ошиқро.
Зи шӯхӣ танг дар бар акси ҷононро кашад ҳар дам,
Намебошад рақибе бадтар аз ойина ошиқро.
Барои зеби тан, Қассоб, бар болои қурбонӣ,
Бувад беҳтар зи атлас хирқаи пашмина ошиқро.

## 15.

Дар хуни ҷигар ҳамчу ҳубоб аст дили мо,
Аз ними нафас оҳ, хароб аст дили мо.
Мо тоби тафу шуълаи рухсор надорем,
Аз як нигаҳи гарм кабоб аст дили мо.
То аз назари марҳамати ёр фитодем,
Чун шишаи холӣ зи шароб аст дили мо.
Омад ба нишон тири ту, чандон ки ту гӯӣ,
Дар зери пару боли уқоб аст дили мо.
Эй шӯх, дар он шаҳр, ки дилдор ту бошӣ,
Аз касрати дил дар чӣ ҳисоб аст дили мо.
Осуда зи тӯфону канорем дар ин баҳр,
Монанди садаф дар таҳи об аст дили мо?
Дорем намуду асар аз буд надорем,
Дар бодия монанди сароб аст дили мо.
Раҳ дуру рафиқон ҳама рафтанд ба манзил,
Фарёд, ки шуд рӯзу ба хоб аст дили мо.
Қассоб, сад афсӯс, ки дар пардаи ғафлат
Умрест, ки дар зери ниқоб аст дили мо.

## 16.

Зи ҳар ҷониб, ки он сарви равон хандон шавад пайдо,
Зи шӯри ошиқон аз ҳар тараф афғон шавад пайдо.
Зи тири ғамзаи мардафкани ӯ синае дорам,
Ки гар бикшоям, аз вай ғунчаи пайкон шавад пайдо.
Намак мерезад аз мавҷи табассум бар дили решам,
Лаби ӯ ҳар куҷо чун пистаи хандон шавад пайдо.
Зи як андози[1] чашме киштии умрам табоҳ омад,
Кӣ мегуфт аз нигоҳе ин қадар тӯфон шавад пайдо?
Ба ёди лаъли майгуни ту аз хуни ҷигар моро
Ба даври дида чандин хӯшаи марҷон шавад пайдо.
Бидеҳ тан дар қазо, омодаи теғи шаҳодат шав,
Чу он номеҳрубон бо ханҷари мижгон шавад пайдо.
Кунад дарёнишинӣ оби ҳасрат аҳли маҳшарро,
Агар Қассоб бо ин дидаи гирён шавад пайдо.

## 17.

Зи рухсору қаду чашми ту ҳар кас мебарад бахше,[2]
Гулистон – рангу сарв – андому оҳу – хушнигоҳиро.
Бар об афтад агар аксе аз он баргаштамижгонаш,
Бурун орад равон аз об чун қуллоб моҳиро.
Ба тақсири нигоҳе медиҳад ҷон дар раҳи ҷонон,
Чу ошиқ кас намедонад забони узрхоҳиро.
Матои норавое дорӣ, эй Қассоб, аз ӯ бигзар,
Ки ин ҷо меписанданд ашки сурху ранги коҳиро.

---

1. **Андоз** – дар истилоҳи он аср қасд ва оҳанг ба чизе буда. Ғиёси Ҳалвоӣ дар ғазале гуфтааст:

 Гарчи рӯзе зи дараш дошт басе боз маро,
 Шавқ афканд дар он кӯ ба як андоз маро.

2. Ғазали шумораи 17 фоқиди матлаъ аст.

## 18.

Эй асири чашми ҷодуят шуда нахчирҳо,
Банд бар по монда дар занҷири зулфат шерҳо.
Дардам афзун шуд, намедонам, зи ишқат чун кунам?
Бо вуҷуди он ки кардам дар ғамат тадбирҳо.
Чун халосӣ кас тавонад ёфтан аз кӯйи ту,
Нақши пойи мӯрро бар по ниҳад занҷирҳо.
Гар наяфтад партави ҳусни ту, чун зоҳир шавад
Дасткори санъати наққош бар тасвирҳо.
Бахти бад, Қассоб, ӯро дур месозад зи ту,
Гарчи бисёр аз муҳаббат дидаам таъсирҳо.

## 19.

Сайёд ба ман танг чунон карда қафасро,
К-аз тангии ҷо баста ба ман роҳи нафасро.
Ин чашми пурошӯбу нигоҳе, ки ту дорӣ,
Мастест, ки бандад ба қафо дасти асасро.[1]
Чун барнакашам оҳу фиғон аз дили садчок,
Аз нола чӣ сон манъ тавон кард ҷарасро?.[2]
Ё Раб, нашавад кушта ба шамшери ҷафоят,
Ҳар кас, ки ба дил роҳ диҳад ғайри ту касро.
Аз доманат, эй шохи гули гулшани хубӣ,
Кӯтаҳ накунад хори ҷафо дасти ҳавасро.
Аз кӯйи ту анқо натавонист гузаштан,
Кай қуввати парвоз бувад боли магасро?
Шуд арсаи ҷавлонгаҳи ту дидаи Қассоб,
Ҳар гаҳ, ки барангехтӣ аз ноз фарасро[3].

1. **Асас** – посбони шаб.
2. **Ҷарас** – зангӯла.
3. **Фарас** – асп.

## 20.

Ишқат чу шамъ сӯхт саропо тани маро,
Чун муму ришта пираҳану домани маро.
Сӯзи дарун гудохта азбаски ҷони ман,
Бо ҳам шумурда тан нахи пироҳани маро.
Ман андалеби гулшани тасвир гаштаам,
Даркор нест обу ҳаво гулшани маро.
Мӯре ба ком донае аз ҳосилам набурд,
Ку барқ, то ба бод диҳад хирмани маро?
Чун оташе, ки майл ба хошок мекунад,
Ишқи ту мекашад сӯйи худ домани маро.
Бисёр сард гашта дилам аз тағофулат,
Аз як нигоҳ гарм намо гулхани маро.
Эй дида, боддастии бесарфа даргузор,
Холӣ макун зи хуни ҷигар маъдани маро.
Ғайр аз ҳумо, ки туъма шудаш устухони ман,
Пайдо накардааст касе маскани маро.
Ман сайдаму ризо ба қазои ту додаам,
Берун зи тавқи хеш макун гардани маро.
Дар воҷиботи ишқ ҳамин бас, к-аз оби теғ
Таълим дода даст зи ҷон шустани маро.
Дидам турову дасту нигоҳам зи кор рафт,
Маҳрум сохт васли ту гул чидани маро.
Ғайр аз забон, ки маҳрами ғамхонаи дил аст,
Қассоб, пай набурд касе махзани маро.

## 21.

Бикаш аз рух ниқобу барфурӯзон оразы гулро,
Биё, яксар бисӯзон з-оташи гул боли булбулро.
Ба рангомезии зулфу рухат сад офарин кардам,
Ки печидаст гирди дастаи гул тори сунбулро.

Агар хоҳӣ раҳоӣ мӯ ба мӯ ҷамъияти дилҳо,
Ба қурбони сарат гардам, парешон соз кокулро.
Касе сар аз хати печидааш берун намеорад,
Ба ғайр аз дил, к-аз ӯ бигрифта сармашқи тарассулро.
Намедонам, чӣ мехоҳад зи ман мижгони хунрезаш,
Ки тири рӯйи таркаш[1] мекунад тири тағофулро.
Накӯӣ бо бадон кардан дар ин олам бад-он монад,
Ки дур аз об созанд аҳли биниш чашмаи пулро.
Талоши бешу кам, Қассоб, кардан нест кори ту,
Мадеҳ, то метавон аз даст домони таваккулро.

**22.**

Чанд рӯзе шуд, ки ҳайронам, намедонам, чаро?
Рафт берун аз бадан ҷонам, намедонам, чаро?
Дар шигифт астам, ки ҳамчун субҳ бехуд дам ба дам
Чок мегардад гиребонам, намедонам, чаро?
Гаштаам бо он ки чун моҳӣ шиновар дар сиришк,
Дар миёни об бирёнам, намедонам, чаро?
Бадтар аз ин он ки чун шаб шуд, намегардад даме
Ошно мижгон ба мижгонам, намедонам, чаро?
В-ин аз он бадтар, ки дар ҳар ҷо нишинам ҳамчу шамъ,
То саҳар гирёну сӯзонам, намедонам, чаро?
На ҳамовозе, ки гӯям шарҳи дил, на ҳамдаме,
Ҳамчу най ҳар лаҳза нолонам, намедонам, чаро?
Гӯсфанди ӯ манам, Қассоб, дар ин интизор,
Менамояд дер қурбонам, намедонам, чаро?

---

1. **Таркаш** – тирдон. **Тири рӯйи таркаш** – тири мунтахаб ва сивокарда, ки беруни таркаш ҷое барои он сохта ва нигоҳ медоранд. Муҳаммадқулӣ Салими Теҳронӣ гӯяд:

*Нигаҳро ғамза берун аз сафи мижгон намеорад,*
*Ба ҳар сайде наяндозанд тири рӯйи таркашро.*

## 23.

То нигоҳи дилфиребаш дар назар дорад маро,
З-орзуи ҳар ду олам бехабар дорад маро.
Гоҳ дар авҷи тараққӣ, гоҳ дар айни завол,
Заррапарвар меҳри рӯяш дар назар дорад маро.
Ман намедонам, чӣ бад кардам, ки бахти вожгун
Дур аз ин дар чун дуои беасар дорад маро.
Чашми масти соқӣ аз ҳар гардиши паймонае
Резаи алмос гӯӣ, дар ҷигар дорад маро.
Устухонам тӯтиё гардид аз помоли даҳр,
Ку насиме, то чу гард аз ҷой бардорад маро?!
Рӯзу шаб чун риштаи тасбеҳ дастандози ишқ,
Дар суроғи ёр дар сад раҳгузар дорад маро.
Дур з-обу ранги он боғу дилам гул мекунад,
Ин ниҳоли хушк доим борвар дорад маро.
Гаҳ чу бодам медавонад, гаҳ чу мавҷам мекашад,
Ишқи ӯ саргашта дар ҳар баҳру бар дорад маро.
Чун фурӯғи шамъ, к-афтад партаваш шабҳо дар об,
Акси рухсори ту равшан то саҳар дорад маро.
Гаҳ чу мавҷам мекашад, гаҳ медавонад ҳамчу бод,
Ишқи ӯ саргашта дар ҳар баҳру бар дорад маро.
Кай кашам, Қассоб, дигар миннати боли ҳумо?
Сояи шамшери ӯ то ҷо ба сар дорад маро.

## 24.

Афзуд акси рӯяш хуш бар сафои мино,
Хоҳам намуд имшаб ҷонро фидои мино.
Бар домани ту ҷо кард аз рӯйи меҳрубонӣ,
Ҷо дорад, ар гузорам сарро ба пойи мино.
Дасти туаш ба гардан шуд ошно, аҷаб нест,
Холӣ агар намоям дар дида ҷойи мино.
Омӯхт то сурохӣ резиш зи дасти ҷудат,
Гардида коса бар каф соқӣ гадои мино.

Дар поси иззат имшаб таҳ кардааст зону,
Дар маҷлиси ту бошад то боз ҷойи мино.
Чашмаш ба сӯйи соқӣ, дасти ваяш ба гардан,
Дар базм нест беҷо тархандаҳои мино.
Дарбони базмат имшаб то кардааст зону[1],
Дар маҷлиси ту бошад то боз пойи мино.
Қассоб, захми дилро н-ояд ба кор марҳам,
Бар доғи мо гузоред аз пунбаҳои мино.

**25.**

Боз о, ки дил аз доғи ту ороста танро,
Пур сохта з-ин лола саропойи чаманро.
Эй равшании дида, чу гаштӣ зи назар дур,
Зинҳор фаромӯш макун ҳубби ватанро.
Ҷуз номи ту ҳарфи дигарам вирди забон нест,
Кардаст дилам вақфи санои ту даҳанро.
Дар маҳшари ушшоқ зарур аст нишоне,
Хуб аст шаҳиди ту кунад чок кафанро.
Помоли ту як бор нагардид ғуборам,
Чандон ки фикандам ба сари роҳи ту танро.
Чун писта, ки гирад шакараш танг дар оғӯш,
Дар қанд ниҳон карда даҳони ту суханро.
Ҳаргиз накунӣ орзуи меваи Тӯбо,
Дар бор агар дидаӣ он себи зақанро.[2]

1. **Зону то кардан** – дар истилоҳи он аср ба тасреҳи фарҳанги «Баҳори аҷам» яъне, ба адаб нишастан.
2. Яъне, бар дарахт агар дидаӣ. Адиби Назарӣ – шоири қарни панҷуми ҳиҷрӣ гӯяд:

***Баҳор омад, гули урдӣ ба бор аст,***
***Баҳор андар баҳор андар баҳор аст.***

Ваҳиди Қазвинӣ – шоири муосири Қассоб гӯяд:

***Бидуздам гар нафас, лахти ҷигар аз нолаи зорам***
***Парешон ҳар тараф чун барги гул аз бор мерезад.***

Дар коми ту, Қассоб, ба ҳасрат начаконад,
То хун накунад дояи бемеҳр лабанро[1].

**26.**

То карда муҳаббат ҳадафи тири ту ҷонро,
Бар қасди ман абрӯйи ту зеҳ карда камонро.
Ҳайратзада дар боғи ту чун булбули тасвир
Накшода назар сӯйи ту, бастем забонро.
Дар олами тасвир кас огаҳ зи касе нест,
Аз ҳам чӣ хабар дидаи ҳайратзадагонро.
Бошад чу яке ойина ин хонаи зебо,
Маскан машуморед сарои гузаронро.
Бигзар зи гули айш, ки гулзори таъаллуқ
Хори раҳи мақсуд бувад каъбаравонро.
Сурат чӣ пазирад зи назар бе дили равшан,
Бе ойина дар боз макун ойинадонро.
Аз боди такаббур сари бемағз тиҳӣ соз,
Бар дӯш кашӣ чанд ту ин бори гаронро?!
Бандад камари бандагии қадди ту шамшод,
Чун ҷилва диҳӣ дар чаман он сарви равонро.
Қассоб, ҷаҳон чун ба инод асту дурангӣ,
Ҷо дода дар оғӯш баҳори ту хазонро.

**27.**

Эй хуррам аз насими висолат баҳорҳо,
Гулчини бӯстони рухат гулъузорҳо.
Ашҷори боғро ба назар гар дароварӣ,
Наргис ба ҷойи барг бирӯяд зи хорҳо.
Бинмой рух ба мо, ки зи ҳад рафт кори дил,
Гирад қарор то дили мо беқарорҳо.

1. **Лабан** – шир.

Дил корхонаест, рагу реша пуду тор,
То дидаӣ, гусаста зи ҳам пуду торҳо.
Мутриб, ба нағма кӯш, ки як дам ғанимат аст,
То парда барнахоста аз рӯйи корҳо.
Дар об рафт Нӯҳу ту дар хоби ғафлатӣ,
Бастанд ҳамраҳон ҳама бар ноқа борҳо.
Олам тамом як шабу як рӯз беш нест,
Қассоб, чанд сайр кунӣ дар диёрҳо?!

## 28.

Дил пур аз афғону зоҳир холӣ аз ҷӯшем мо,
Аз сухан лабрезу аз гуфтор хомӯшем мо.
Чун садаф дилбастаи бори таъаллуқ нестем,
Даргузар чун мавҷи дарё хонабардӯшем мо.
То ба бар гирем ҳар дам тири тақдири туро,
Ҷумла аъзо чун камон пайваста оғӯшем мо.
Чун тани ойина пинҳон дар либоси ҷавҳарем,
Гарчи дар зоҳир зи урёнӣ намадпӯшем мо.
Нест бо мо қимате, дорем ҷоне дар ватан,
Ҳамчу гавҳар дар миёни баҳр хаспӯшем мо.
Ҳоҷати бе ҳушдору нест масти ишқро,
То нигаҳ кардӣ, дар ин майхона мадҳушем мо.
Ҳарф бисёр аст, аммо рухсати гуфтор нест,
Бар сари чандин ҳазор асрор сарпӯшем мо.
Назди аҳли дил забондонӣ намедонем чист,
Ҳар куҷо, Қассоб, ҳарфе бигзарад, гӯшем мо.

## 29.

Кай зи ҷаври даҳри камфурсат алам[1] дорем мо?
Чун туро дорем, аз душман чӣ ғам дорем мо?

1. **Алам** – (бо ҳамза) дард, ранҷ.

Хонабардӯшон дар ин дарё ба ҳам пайвастаанд,
Даст ҳамчун мавҷ дар оғӯши ҳам дорем мо.
Дар миён на тори зунноре, на бар каф субҳае,
Хешро мардуд дар дайру ҳарам дорем мо.
Чун забони риштаҳои шамъ шабҳои висол
Мешавад равшан, ки сар дар гӯши ҳам дорем мо.
Қатрае то аз майи шавқи ту бошад дар аёғ,
Кофарем, ар орзуи ҷоми Ҷам дорем мо.
Ҳаст то ашки надомат, эминем аз сӯхтан,
Бим з-оташ нест, то дар дида нам дорем мо.
Кам мабодо аз сари мо нақши доғу мадди оҳ,
Сарфарозиҳо аз ин чатру алам[1] дорем мо.
Мо асирон бо гирифторӣ зибас хӯ кардаем,
Ҳар куҷо дар хок доме нест, рам дорем мо.
Вақт шуд, Қассоб, аз он лаб коми дил ҳосил кунем,
Аз саводи хатти мушкинаш рақам дорем мо.

**30.**

Дили сангат ба куҷо? Шишаю сандон ба куҷо?
Нӯги ханҷар ба куҷо? Тезии мижгон ба куҷо?
Мекунам орзуи васл зи дилбар, ҳайҳот,
Ки Сикандар ба куҷо? Чашмаи ҳайвон ба куҷо?
Эй сабо, гӯ, ба Зулайхо, ки Азизат мирад,
Дили Юсуф ба куҷо? Меҳнати зиндон ба куҷо?
Субҳ бо чоки гиребон чӣ муносиб бошад,
Субҳи содиқ ба куҷо? Чоки гиребон ба куҷо?
Гарчи зулфат зи сиёҳӣ ба шабам мемонад,
Лек зулфат ба куҷо? Шоми ғарибон ба куҷо?
Паи таърифи лабат аз чӣ забон бикшоям?
Нутқи тӯтӣ ба куҷо? Лаъли сухандон ба куҷо?
Сарви озод куҷо бар қади хубон монад,
Сарви бӯстон ба куҷо? Қомати хубон ба куҷо?

1. **Алам** – (бо айн) байрақ, ливо, парчам.

Ғунчаи гул чӣ шабоҳат ба даҳонат дорад,
Лаби лаълат ба куҷо? Ғунчаи хандон ба куҷо?
Дили Қассоб ба хубон шуда моил ба абас,
Мазҳаби куфр ба куҷо? Дини мусалмон ба куҷо?

**31.**

Дил ҳамчу санг бояд эзидпаноҳиёнро,
Бим аз хатар набошад киштитабоҳиёнро.
Гар марди разми ишқӣ, бартоб Рахши ҳиммат,
Кай маркаби таваккул бошад сипоҳиёнро?
Дар маснади бузургӣ саъб аст тарки афсар,
Парво зи сар набошад ҷамъи кулоҳиёнро.
Танпарварони олам дар қайди хеш банданд,
Озодмард медон ин ҷамкулоҳиёнро.
Дар баҳри даҳр, Қассоб, чун нақши бад нишинад,
Ҳар фулс чашми домест бар пушт моҳиёнро.

**32.**

Эй мусҳафи ҷамоли туро нуқта холҳо,
Оҷиз ба васфи шарҳи ҷамолат хаёлҳо.
Аз баҳри як нигоҳи ту гарданд рӯзу шаб
Саргашта бар ҳаволии чашмат ғизолҳо.
То сар кашид сарви ту бар тарфи бӯстон,
Сар барнаёваранд зи хиҷлат ниҳолҳо.
Ҳар сол оламе ҳама доранд шоми ид
Бар ёди абрӯйи ту назар бар ҳилолҳо.
Аз даст рафт кор, ту аз рӯйи лутф кун
Чашми тараҳҳуме сӯйи дармондаҳолҳо.
Қассоб, айшҳои ҷаҳон нақши ботил аст,
Натвон ба рӯйи об кашидан мисолҳо.

**33.**

Эй дода айёми хаташ аз оштӣ пайғомҳо,
Хоҳӣ гирифтан аз лабаш, эй дил, басе ту комҳо.
Ин оби шӯри чашми мо бигрифт захри чашми ӯ,
Аз гиря мегирем мо талхӣ аз он бодомҳо.
Ноҷаста аз қайди қафас дар доми зулф афтодаем,
Гардун барои сайди мо дар хок дорад домҳо.
Аз рӯйи ноз он симтан дигар намегӯяд сухан,
Эй дил, чу бар кӯяш расӣ, ёд ор аз он вомҳо.
Ҳар рӯз пайки тозае аз баҳри қатлам номае
Меоварад аз пеши ӯ, фарёд аз ин пайғомҳо.
Имшаб ба сад айшу тараб дар базми ҷонон мову дил,
Лабрез аз он хуни ҷигар дорем пурмай ҷомҳо.
Қассоб, агар дар ишқи ӯ хоҳӣ замони хушдилӣ,
Бирҳон чу мардон хешро аз банди нангу номҳо.

**34.**

Наёфт раҳ ба сари кӯйи ёр ҷодаи мо,
Ғубори дил шуд садди раҳи иродаи мо.
Ба зикри ту чандон ба хеш печидем,
Ки тавқи гардани гирдоб шуд қалодаи мо.
Зи халқ рози ғами ёрро ниҳон дорем,
Гиреҳ ба дил зада пешонии кушодаи мо.
Ба базми ғайр зи майи дӯстӣ машав ғофил,
Бибин, чӣ нашъа ба мастур дода бодаи мо.
Зи тири оҳ шаби ҳаҷр то саҳар, Қассоб,
Камон кашида ба рӯйи фалак кабодаи мо.

**35.**

То баста чуст хаданги ту бар нишони мо,
Кардаст ҷой тири ту бар устухони мо.

Гӯем чун аз он лаби ширин ҳикояте,
Резад ба гоҳи ҳарф шакар аз даҳони мо.
Такрор чун кунем зи лаъли ту мешавад
Шохи набот дар даҳани мо баёни мо.
Қадде ба ком рост накардем ҳамчу тир,
Дар банди чилла монд зи хиҷлат камони мо.
Қассоб, заррае ба дили ӯ асар накард,
Бо он ки санг нарм шуд аз достони мо.

**36.**

Ғайри рӯйи ту назар бар дигаре нест маро,
Акси ойинаам, аз худ хабаре нест маро.
Бибарам орзуи теғи ту бо хеш ба хок,
Ки беҳ аз ёди ту зоди сафаре нест маро.
Гарчи дар ҳар буни мӯ чашмаи хуне дорам,
Доғ аз онам, ки чаро чашми таре нест маро.
Сипарад киштии уммедам аз ин баҳр касе,
Ки ғами соҳилу бими хатаре нест маро.
Чун садаф ташналаби қатраи минои туам,
Чашм бар резиши дасти дигаре нест маро.
Нахли ҳирмонаму чун сарв ба худ мепечам,
Ки ба ғайр аз гули доғат самаре нест маро.
Дар ҷаҳон аҳли диле ку, ки суроғе гирам,
К-аз дили гумшуда асло хабаре нест маро.
Гармии меҳри ту дар байза маро кард кабоб,
Ошёнсӯхтааму болу паре нест маро.
Тирабахтӣ зи барам дур нагардад, Қассоб,
Шоми мотамзадагонам, саҳаре нест маро.

**37.**

Дидем то вафои хазону баҳорро,
Розӣ шудем хушку тари рӯзгорро.

Мо мустаҳиққи хат нашудем, ар ба солҳо
Кардем машқи тахтаи лайлу наҳорро.
Бар накди қалби мо маҳаке нест ҷуз фиғон,
Осон тавон шинохт зари бадиёрро.
Чун нуқта по зи доира берун намекашем,
Бар даври мо кашида сипеҳр ин ҳисорро.
Авроди мо саҳифаи даври узори туст,
Осон мадон тиловати хатти ғуборро.
Дар бар гирифт рӯйи туро, чун нагашт об,
Манмо дигар ба ойина ранги узорро.
Қассоб, бохтӣ ту ба якбора дину дил,
Чун нақш нест, мабоз ин қиморро.

**38.**

Зи бахшиш бознатвон дошт даст арбоби ҳимматро,
Насозад кам зи резиш хушксолӣ абри раҳматро.
Ба зери теғи ҷонон дар масофи ишқ, ҷонбозон
Калиди фатҳ медонанд ангушти шаҳодатро.
Зи ҳуснаш аз барои захми дил маҳрам талаб кардам,
Нигоҳе карду гуфт: «Алмос хуб аст ин ҷароҳатро».
Тамошои ду олам метавон аз хештан кардан,
Агар з-ойинаи дил пок созӣ занги ғафлатро.
Намебошад далерӣ бо заифон кина варзидан,
Ҷиҳоди нафс медонанд доноён шуҷоатро.
Суботе дар бинои хонаи ҳастӣ намебошад,
Кунӣ сад сол агар ҳар рӯз таъмир ин иморатро.
Карам зотест, ифшо мешавад, дар ҳар куҷо бошад,
Чу бӯйи мушк натвон доштан пинҳон саховатро.
Умеди ҳосилат гар ҳаст, ғофил, дар замини дил
Бияфшон, то тавонӣ, донаи ашки надоматро.
Забони хомаам миқрози қатъи ошноӣ шуд,
Намекардам, Илоҳо, ҳаргиз изҳори муҳаббатро.

Зи кӯят кай кашам по, боядам гар тарки сар гуфтан,
Нахоҳам кард, қурбони ту гардам, тарк одатро.
Агар бо доғи ӯ, Қассоб, биспоранд дар хокам,
Диҳам то рӯзи маҳшар дар лаҳад доди фароғатро.

**39.**

Ба хеш он зулфи саркаш кард моил узв-узвамро,
Кашида мӯ ба мӯяш дар салосил узв-узвамро.
Ба бисмилгоҳи ҳасрат пой то сар карда ҳайронӣ,
Чу ҷавҳар нақш бар шамшери қотил узв-узвамро.
Зи шавқаш рафта-рафта устухонам рафт то кӯяш,
Ҳумои ҷазба бурд охир ба манзил узв-узвамро.
Зи сӯзам кӯйи ҷононро чароғон метавон кардан,
Нишонад ишқ агар чун шамъи маҳфил узв-узвамро.
Нишасте то ба дил бар тахти давлат ишқ меорад,
Зи баҳри пойбӯсат то дари дил узв-узвамро.
Фитода бар чаман парвонаам бар дохили шамъе,
Суроғаш мебарад маҳфил ба маҳфил узв-узвамро.
Бувад ҷамъиятам чун риштаҳои шамъ дар як ҷо,
Тавон кардан ба як андоза бисмил узв-узвамро.
Нашуд дар зиндагӣ рухсат, магар баъд аз вафоти ман,
Барад мӯре ба кӯйи дӯст ғофил узв-узвамро.
Миёни дафтари айём, Қассоб, аз ғалаткорӣ,
Намуда хатти ӯ чун фарди ботил узв-узвамро.

**40.**

Моем ҷумла тасвир дебои коғазиро,
Пурбодаем аз ранг минои коғазиро.
Дар парда ҳамчу тасвир, дар ҷилди даҳр монда,
Бастанд бар рухи мо дарҳои коғазиро.

Ҷуз тираруйи аз даҳр мо баҳрае надорем,
Мавҷ аз мидод бошад дарёи коғазиро.
Гарм аст то дил аз ишқ бим аз ҷафо надорем,
Кофист барқи оҳе дунёи коғазиро.
Аз ҳарфҳои бемағз печидани сар авлост,
Натвон задан ба дастор гулҳои коғазиро.
Бе оҳу нолаи шавқ кай мерасад ба ҷонон?
Имдоди бод бояд парҳои коғазиро.
Қассоб, гуфт Роқим, он булбули хушилҳон:
«Оташ кунад гулистон саҳрои коғазиро».

**41.**

Диҳад ҳар лаҳза хӯяш хонасӯзӣ ёд оташро,
Кунад ҳар дам ба ранги ҳусни ӯ илҳод оташро.
Кашидам оҳи мардӣ аз дили сӯзон аз ӯ ғофил,
Ки равшан бештар хоҳад намудан бод оташро.
Кунад чун ғамза кори худ кашад банди ниқоб аз рух,
Чу сайде кард равшан мекунад сайёд оташро.
Ба ман дар сӯхтан з-оҳу фиғон шамъе шавад рӯяш,
Ки овардаст рухсори ту дар фарёд оташро.
Ба қурбонгоҳи шӯхе рафтаам, Қассоб, ҷон бар каф,
Ки оби теғи ӯ бигрифта аз фӯлод оташро.

**42.**

То набастанд дар аввал назари оинаро,
Накушуданд ба рӯйи ту дари оинаро.
Ин чӣ чашм аст, фидои ту, ки аз ним нигоҳ,
Муждаат карда мушаббак ҷигари оинаро?
Хуш гирифтаст гули рӯйи туро дар оғӯш,
Чун нагиранд ба зар буму бари оинаро.
Гар насӯзад зи тафи акси ту мегардад об,
Дида з-ин моҳ мунаҷҷим хатари оинаро.

Гар шавад фош, ки сарманзили ҳар худбин аст,
Накунад акси ту дигар сафари оинаро.
Синасозон зи тиҳидастии ҳам огоҳанд,
Аз дилам пурс чу гирӣ хабари оинаро.
Ба баду нек ба як рӯ гузарон аст, Қассоб,
Метавон сохт қазову қадари оинаро.

**43.**

Чун ба каф гирӣ зи баҳри имтиҳон оинаро,
Мекунад нури рухат дар ҷисму ҷон оинаро.
Партави ҳусни ту, эй чашму чароғи ошиқон,
Равшан аз як ҷилва дорад дар ҷаҳон оинаро.
Як нафас гар дертар азми худоройӣ кунӣ,
Об аз шавқи ту гардад дар даҳон оинаро.
Бо каломи ғайр тӯтиро намебуд эҳтиёҷ,
Рӯзи ҳиҷрони ту мебуд аз забон оинаро.
Бо ҷароҳатҳои хеш аз мум марҳам мениҳад,
Мекунад таъсири мижгонат нишон оинаро.
Ҳамчу қурси маҳ, ки гирад офтобаш дар канор,
Акси рухсори ту дорад дар миён оинаро.
Хӯрд чандин захм з-абрӯи ту рӯгардон нашуд,
Метавон, Қассоб, гуфтан паҳлавон оинаро.

**44.**

Даме ки зулфу рухат дар назар набуд маро,
Ба ҷони дӯст, ки шому саҳар набуд маро.
Гаҳе ки тири ғамат дар ҷигар набуд маро,
Насиби лаззате аз найшакар набуд маро.
Ба абрӯи ту, ки то теғи ғамза гашт баланд,
Ба ғайри доғи ту дар сар сипар набуд маро.
Кашид саф мижаат то ба азми хунрезӣ,
Кадом раг ба сари нештар набуд маро?

Шудам зи нақши замингир то чу нақши қадам,
Ба сар чӣ хок аз ин раҳгузар набуд маро?
Даме ки абри нигоҳам сиришкбор нашуд,
Чу ришта роҳ ба қасди гуҳар набуд маро.
Барас бидод дили ман, ки ҷуз тапидани дил,
Кабӯтаре, ки шавад номабар набуд маро.
Дар ин чаман гули айше ба коми дил Қассоб,
Ба ғайри панҷаи хунин ба сар набуд маро.

**45.**

Зиҳӣ, хоки раҳат таскини ҷону дил тапиданҳо,
Шиканҷи ҳалқаи зулфи каҷат доми рамиданҳо.
Ҳалоки ғамзаи тирафканат чашми тамошоӣ,
Асири наргиси пурфитнаат гардида диданҳо.
Баҳори оразат гулдастабанди ғунчаҳои дил,
Ғамат мурғи чаманро қуввати боли париданҳо.
Мукаддар чанд бошам, ку баёзи гардани соқӣ?
Ки бинмоям ба субҳи содиқ одоби дамиданҳо.
Ҳубоб аз ҳарзагӯӣ бенасиб аз абри найсон шуд,
Садаф гавҳар гирифт аз пой дар доман кашиданҳо.
Аз он рӯ бар хилофи муддаои хештан шодам,
Ки дорад лаззати хосе ба матлаб норасиданҳо.
Зи мижгон лахти дил то кай ба доман метавон кардан?
Фитод охир зи чашмам з-ин гулистон лола чиданҳо.
Дар оғӯши сабо чун гард рафтам аз сари кӯяш,
Дар ин водӣ чӣ ҳасратҳо, ки бурдам з-ин давиданҳо?
Сухан хуб аст, аввал хотири касро наранҷонад,
Ки баъд аз гуфтугӯ суде надорад лаб газиданҳо.
Ба зери абрӯяш таслим шав, Қассобу ишрат кун,
Ки бошад сояи ин теғ ҷойи орамиданҳо.

## 46.

Агар он маҳ шабе созад ба кўяш посбон моро,
Кулаҳ аз фахр месояд ба авҷи осмон моро.
Агар аз баҳри дарюза рақиб ояд ба кўйи ту,
Расонад ҷазбаи ишқат хабар бар гўши ҷон моро.
Илоҳӣ, хайр бинӣ, гар дили ошиқ ба даст орӣ,
Ҳамебошад шабу рўз ин дуо вирди забон моро.
Ба дил шуд хоҳишам сўйи ту оям, лек бингар сўхт,
Зи сўзи оташи ҳаҷри ту пар дар ошён моро.
Ба ҳадде шўриши ишқи ту масту бехудам дорад,
Ки дар олам намебошад хабар аз ину он моро.
Намедонам, ки қосидро чӣ шуд, сўям намеояд
Зи халфи ваъдааш оташ дарафтода ба ҷон моро.
Чунон Қассобро дорад хаёлат масту лояъқил,
Ки то маҳшар наёяд ҳушу набвад ин гумон моро.

## 48.

Азбас шикаст хўрда дар айём ҷанги мо,
Рам мекунад зи ваҳшати оҳу паланги мо.
Зўри камони ҷазбаи моро гирифтаанд,
Дар чиллахона гўшанишин шуд хаданги мо.
Имрўз доди дарди дили хеш медиҳем,
Афтодааст тори гиребон ба чанги мо.
Молидаем баски ба роҳи ту рў ба хок,
Резад ғубор аз пари парвона ранги мо.
Ҳар ҷо, ки ҳаст мунтазири ҷилваи туем,
Бе ҷо ба дайру Каъба набошад диранги мо.
Бутхона чисту куфр чиву барҳаман кадом?
Бошад ба ҳар куҷо, ки ту бошӣ Фаранги мо.
Имрўз сангу душмани сад шишахонаем,
Фарёд, аз он даме ки шавад шиша санги мо.

Дар ҳайратам, ки ишқ нагунҷад ба оламе,
Чун ҷой кардааст ба дилҳои танги мо.
Аз тирабахтии дили ман рух ниҳон мадор,
Тӯтӣ шавад дар оинаи софранги мо.
Қассоб, сар мапеч зи шамшери нози ӯ,
Рафтан шаҳид ношуда з-и ҷост нанги мо.

**49.**

Қатрае то зи майи шавқ ба ҷом аст он ҷо,
Об бар ташнаи васли ту ҳаром аст он ҷо.
Ҳар тараф аз ғами рамхӯрда ғизоли нигаҳат,
Чашми ҳайратзадагон ҳалқаи дом аст он ҷо.
Сайде аз доми сари зулфи ту рӯгардон нест,
Гар ҳама тоири қудс аст, ки ром аст он ҷо.
Нест дар кӯи ту қурбон шудан имрӯзии мо,
Додани ҷон ба таманнои ту ом аст он ҷо.
Дар таманнои ҷамоли ту хатам кард асир,
Дили саргашта чӣ донист, ки дом аст он ҷо?
Ҳалқаи зулфи чу занҷир ба ҳам пайвастаст,
Роҳ берун шуд аз ин дом кадом аст он ҷо?
Мекунад даҳри ситампешааш ангуштнамо,
Чун нигин ҳар кӣ дар андешаи ном аст он ҷо.
Коми як сӯхтадил ҳосил аз айём нашуд,
Эй басо орзуи пухтагӣ хом аст он ҷо.
Аз тапидан дилам ором нагирад, Қассоб,
Огаҳам соз, ки оё чӣ мақом аст он ҷо?

**50.**

Аз чашмҳои доғи тани нотавони мо,
Чашмак занад ба сӯйи ҳумо устухони мо.
Парвонаҳои сӯхтаву ҷони муҳаббатем,
Равшан зи дуди шамъ бувад дудмони мо.

Чун нахли мум ҳосили мо ғайри шуъла нест,
Чанде насими субҳи гул аз бӯстони мо.
Савдогарони водии Мисри ҳақиқатем,
Холӣ зи Юсуфе набувад корвони мо.
Гар ошно кунем ба лаби ғайр ёди дӯст,
Сад укда ҳамчу сабҳа фитад бар забони мо.
Ҳаргиз зи теғи ноз напечидаем сар,
Қурбони он касе, ки кунад имтиҳони мо.
Чун хушҳисоб мунтазири рӯзи мавъидем,
Дар байъу шарт нимнигоҳ аст ҷони мо.
Мурғони гармсайри гулистони оташем,
Аз дуди шуъла гарм бувад ошёни мо.
Қассоб, сояпарвари девори дилбарем,
Бар моҳ ҷома пора намояд катони мо.

## 52.

Барқи теғат чу хӯрад як дами об аз дарё,
Дили моҳӣ шавад аз тоб кабоб аз дарё.
Ин чӣ чашмаст, ки аз ҷунбиши ҳар тӯфонаш,
Мавҷ бардошт фалакро чу ғуроб аз дарё.
Аз сафои гули рухсор, ки пайдост садаф,
Чу сафоли таҳи минои гулоб аз дарё.
Печиши зулфи ту гар по наниҳодӣ ба миён,
Аз кӣ гирдоб гирифт ин ҳама тоб аз дарё?
Бигузор ин дами ҳастӣ, ки расондаст ҳубоб,
Баҳри як нимнафас хона ба об аз дарё.
Пешаи хеш карам соз, ки тағир накард,
Он қадар об, ки бардошт саҳоб аз дарё.
Шухчашмӣ задани хайма ба роҳи адам аст,
Ҷуз фано нест саранҷоми ҳубоб аз дарё.
Пои ғайрат чу садаф печ ба доман, Қассоб,
Гузарӣ чанд чу киштӣ ба шитоб аз дарё?

## 53.

То ҷунун сохта бо зулфи ту пайванд маро,
Карда то ҳашр дар ин силсила дар банд маро.
Эй табиби дили бемор, Худоро, бифирист,
Аз шифохонаи лаб шарбати гулқанд маро.
Дода хунобаи дил дар даҳанам лаззати шир,
Ханда кун, ханда, ки куштӣ ба шакарханд маро.
Нагузорам ба замин як нафас аз домани дил,
Доғи ишқи ту азиз аст чу фарзанд маро.
Устухонам ба раҳи ишқи ту чандон коҳид,
Ки зи ҷо сояи минқори ҳумо канд маро.
Нахли моро самаре нест ба рангинӣ бар ӯ,
Кард доғи ту дар ин боғ барӯманд маро.
Ёфт чун аз самари сӯхтаам лаззати дард,
Боғбон кард ба ҳиҷрони ту пайванд маро.
Ҳамчу барқ омаду гарм аз бари Қассоб гузашт,
Оқибат кард дами теғи ту хурсанд маро.

## 54.

Магар он оташинхӯ огаҳ аз бахти ман аст имшаб,
Ки ҳамчун шамъ мағзи устухонам равшан аст имшаб.
Ба гулшан, ҷони ман, дӣ то зи истиғно гузар кардӣ,
Зи мижгони ту гулро хор дар пироҳан аст имшаб.
Зи ҷонафшонии ман ҳусни ӯро шуъла афзун шуд,
Магар бар оташи гул боли булбул доман аст имшаб.
Ба дасторам бунафша мушти хокистар бувад имшаб,
Нигоҳе кун, ки гулшан бе ту бар ман гулхан аст имшаб.
Ту шамъи маҷлисафрӯзию ман парвонаи маҳфил,
Нишастан аз ту, бар гирди ту гаштан аз ман аст имшаб.
Намедонам нигаҳ чун рафт берун, гиря чун омад,
Зибас чашмам ба рухсори ту маҳви дидан аст имшаб.

Зи доғи дурият сад ранги гул дар остин дорам,
Биё, гул чин, ки аз доғи ту дастам гулшан аст имшаб.
Чу дид он сабзи гандумгун диламро, гуфт зери лаб,
Ки: «Як мӯри заифе дар канори хирман аст имшаб».
Намонда дар танам ҷое, к-аз ӯ, Қассоб, н-ояд хун,
Маро хун дар ҷигар чун об дар парвезан аст имшаб.

**55.**

Гуфтугӯят дар табассум мекунад шаккар дар об,
Хӯрда бас лаъли лабонат ғӯта чун гавҳар дар об.
Асли маънӣ ёфт чун ориф зи хатти оразат,
Аз бағал овард берун, рехт сад дафтар дар об.
Дида гирён гашт чандоне, ки об аз сар гузашт,
Мо ҳам аз ишқат фурӯ бурдем охир сар дар об.
Дил чу дар хун менишинад, шавқаш афзун мешавад,
Мурғи обӣ мезанад аз шавқ, оре, пар дар об.
Турфа дарёест ишқи дӯст, к-аз ҳар мавҷае
Сад хатар рӯ медиҳад, то афканӣ лангар дар об.
Гуфтамат, Қассоб, ҳеч аз гармии маҳшар матарс,
Кай кунад тақсир аз мо соқии Кавсар дар об?!

**56.**

Умрест дар хаёли ту аз рӯз то ба шаб,
Дар оташам чу холи ту аз рӯз то ба шаб.
Месӯзам аз фироқи ту аз шом то ба рӯз,
Маҳрумам аз ҷамоли ту аз рӯз то ба шаб.
Дорам ҳамеша, эй бути дерошнои ман,
Уммед бар висоли ту аз рӯз то ба шаб.
Боҷи мусалламӣ зи маҳи нав гирифтааст,
Абрӯйи чун ҳилоли ту аз рӯз то ба шаб.

Хоҳам чу соя гирди ту гардам дар ин чаман,
Чун қад кашад ниҳоли ту аз рӯз то ба шаб.
Қассоб ёфт лаззати осоиши ҷаҳон,
То гашт поймоли ту аз рӯз то ба шаб.

**57.**

Гар шавад он шӯх бо ман меҳрубон, дорам аҷаб,
Гар кунад аз як нигоҳам қасди ҷон, дорам аҷаб.
Оташе, к-аз ишқи он бадхӯ ба ҷон дорам чу шамъ,
Гар насӯзад мағзам андар устухон, дорам аҷаб.
Аз ҳадаф доим хаданги соф берун меравад,
Нагзарад гар тири оҳ аз осмон, дорам аҷаб.
Он чи аз доғи ҷудоӣ мекашам шаб то ба субҳ,
Гар ба рӯзи ман нагиряд Каҳкашон, дорам аҷаб.
Ғамзааш бо теғи заҳролуд чун пайдо шавад,
Медиҳад, Қассоб, гар дилро амон, дорам аҷаб.

**58.**

Равшан шуда аз ҳусни ту кошонаам имшаб,
Хуш бош, ки бар гирди ту парвонаам имшаб.
Нахли қади дилҷӯйи ту, эй зинати фирдавс,
Сероб шуд аз гиряи мастонаам имшаб.
Дасти талаб аз домани васли ту надорам,
Ҳарчанд ки дар базми ту бегонаам имшаб.
Сарве шуду чун шуъла қад афрохт ба афлок,
Ҳар дуд, ки бархост зи вайронаам имшаб.
Аз баҳри яке ҷуръаи май боз чу Қассоб
Ҷорӯбкаши гӯшаи майхонаам имшаб.

## 59.

Ҳар кучо акси чамоли ёр меафтад дар об,
Гӯӣ аз гулшан гули бехор меафтад дар об.
Бозмедорад зи рафтан баҳрро ҳайрат магар,
Сояи он сарви хушрафтор меафтад дар об.
Як нигоҳе кун, ки мегардад садафро об дил,
Акси ин бодом то аз бор меафтад дар об.
Ҷӯши дарё моҳиёнро сӯхт аз ҳасрат, магар
Партаве з-он оташинрухсор меафтад дар об.
Хӯшаи марҷон чу беди вожгун ошуфта шуд,
Сояи зулфаш зибас бисёр меафтад дар об.
Абр то бигзашт аз дарёи он гулзори ҳусн,
Қатра чун гулгӯшаи дастор меафтад дар об.
Дид то Қассоб чашмашро, дилаш дар хун нишаст,
Шуд чу тӯфон, нохудо ночор меафтад дар об.

## 60.

Чу рух бартофт, дидам турраи гесуйи ёр имшаб,
Чиҳо дорад ба сар ин ахтари дунболадор имшаб?
Гирифт охир зи дасти сабр зулфаш ихтиёр имрӯз,
Чӣ мехоҳад зи дил ин фитнаи дунболадор имшаб?
Худо аз фитнаҳои мавҷи ин тӯфон нигаҳ дорад,
Шудам дарёнишин аз гиряи беихтиёр имшаб.
Ба қурбони ту, фардо фикри аз худ рафтанӣ дорам,
Зи ашку оҳи ҳасрат медиҳам сомони кор имшаб.
Зи ҳайрат бо хаёлаш то саҳар дар гуфтугӯ будам,
Ба кор омад маро ин дидаи шабзиндадор имшаб.
Кунад ҳар дам ба ранге ёди ёр аз гиря машғулам,
Маро дорад ғами ӯ ҳамчу тифлон дар канор имшаб.
Барои хештан тадбир аз ин беҳтар намедонам,
Ки бо беихтиёрӣ вогузорам ихтиёр имшаб.

Ба ёди зулфу чашмаш баста дар фитрок дилҳоро,
Магар меояд он баргаштамижгон аз шикор имшаб?
Қимори ишқбозӣ буд бо дилбар, надонистам,
Ки хоҳад бурд аз ман чашми фаттонаш қимор имшаб.
Зи захми тоза бармедорам, эй Қассоб, марҳамро,
Агар бандад ба хунам ёр поро дар нигор имшаб.

**61.**

Даъво лабат даме, ки ба марҷон кунад дар об,
Ҷойи гуҳар ба чашми садаф ҷон кунад дар об.
Чашмат агар зи бандари сурат фитад ба баҳр,
Донӣ, зи як нигоҳ чӣ тӯфон кунад дар об?!
Равшан кунанд аз ту садафҳо чароғи дил,
Акси рухат чу азми чароғон кунад дар об.
Дарё занад чу фохта аз боли мавҷ пар,
Сарви қадат чу ҷилваи мастон кунад дар об.
Чун бигзарад ҳадиси ту имшаб ба рӯйи баҳр,
Шӯраш ҳубобро чу намакдон кунад дар об.
Таҳҷуръае ба хастадилон деҳ, чу май хӯрӣ,
Бас дардро, ки лаъли ту дармон кунад дар об.
Бе дом ним қатра намонад дар ин муҳит,
Зулфат гаҳе, ки силсила ҷунбон кунад дар об.
Дорад ягона гавҳари мақсудро ба каф
Худро шиноваре, ки ба қурбон кунад дар об.
Қассоб, аз ҷигар кашӣ оҳе, ки чун ҳубоб
Хуб аст хонумони ту вайрон кунад дар об.

**62.**

Чу акси хеш намудор мекунад маҳтоб,
Пиёларо гули бехор мекунад маҳтоб.

Ба ҷойи бодаи гулгун дар ин биҳиштобод,
Гулоб дар қадаҳи ёр мекунад маҳтоб.
Зи акси меҳри ҷамоли ту шуд дилам равшан,
Илоҷи ойинаи тор мекунад маҳтоб.
Бигир домани Лайлӣ, ки субҳ равшан шуд,
Ба ноқа маҳмили худ бор мекунад маҳтоб.
Гусаст чун рагам аз реша, ёфтам имшаб,
Ба пуду тори катон кор мекунад маҳтоб.
Чунон ки нуқра кунад субҳидам миси шабро,
Либоси тори ту зартор мекунад маҳтоб.
Зи файз то саҳар имшаб зи хоби махмалро
Ҳазор мартаба бедор мекунад маҳтоб.
Бибор ашки надомат зи дидагон, Қассоб,
Сиришкро дурри шаҳвор мекунад маҳтоб.

**63.**

Дорам аз дасти ту шаб то субҳ, эй олиҷаноб,
Нола-ҳамдам, бода-хун, мутриб-фиғон, роҳат-азоб.
Рӯз бар ман чор чиз аз ишқ меорад ҳуҷум:
Субҳ-меҳнат, зуҳр-мотам, аср-ғам, шом-изтироб.
Чор чиз аз чор узвам бурдаӣ аз як нигоҳ:
Сабр аз дил, ҳуш аз сар, ҷон зи тан, аз дида хоб.
Ишқ дар баҳре маро афканд, эй ёрон, ки ҳаст:
Нохудо-дил, об-хун, лангар-нафас, киштӣ-ҳубоб.
Ҳамчу зулфаш аз парешонхотириҳо додаам:
Дил ба савдо, сар ба зону, рух дар оташ, тан ба тоб.
Ошиқӣ, Қассоб, бар тифле, ки медонад ҳанӯз,
Зулм-роҳат, дӯст-душман, нек-бад, куштан-савоб.

## 64.

Эй дили беҳудагуфтор, адаб бош, адаб,[1]
Аз забон мекашӣ озор, адаб бош, адаб.
Ҷустани айб дар ойина бувад пай дар пай,
Дида бар ойина бигмор, адаб бош, адаб.
Мекашӣ рӯзи ҷазо он чи кунӣ бо дигаре,
Иззати хеш нигаҳ дор, адаб бош, адаб.
Шамъро равшанӣ аз сӯзу гудоз аст ба каф,
Ту ҳам ин ришта нигаҳ дор[2], адаб бош, адаб.
Чун магас з-он лаби ширин ҳаваси бӯса макун,
З-ин шакар дасти ҳавас дор, адаб бош, адаб.
Ҳамраҳон кӯч намуданд ба сарҳадди адам,
Пайи ин қофила бардор, адаб бош, адаб.
Бар ту ҳар кас, ки кашад теғи забоне, Қассоб,
З-ин таҳаммул ту сипар дор, адаб бош, адаб.

## 65.

Пайваста ба абрӯйи ту дорам дили бетоб,
Худро задаам бар дари ин теғи сияҳтоб.
Дилро набувад аз ғами зулфи ту халосӣ,
Киштӣ набарад ҷон, чу дарафтод ба гирдоб.
Пеши руху зулф аз нигаҳат ҷом гирифтам,
Хуб аст, касе бода хӯрад дар шаби маҳтоб.
Мижгони ту баргашта ба ҳамчашмии абрӯ,
Ин кофари хунрез бувад душмани меҳроб.
Таслим шудан расми шаҳиди ту набошад,
Ором надорад гузаре дар дили симоб.

---

1. Дар радифи ин ғазал калимаи масдарии «адаб» ба ҷойи сифати мафъулӣ ба маънои боадаб ва муаддаб ба кор рафта ва мусалламан дар он аср ҳамон тавр ки мо имрӯз калимаи масдарии «роҳат»-ро ба ҳамин сурат ба кор мебарем ва мегӯем: «роҳат бош». ***(Партав Байзовӣ)***
2. Агарчи такрори қофия барои нишон додани мазмун айб нест, такроре дар ин ғазал воқеъ шуда. ***(Партав Байзовӣ)***

Ҳар дил, ки бар ӯ ғамза кунад банд ба мижгон,
Қассоб, бувад ҳар чи занад бар сари қуллоб.

**66.**

Гулзор зибас барзада чашми тари ман об,
Як найза гузашт аз сари девори чаман об.
Бигрифт зи бахти сияҳам мушки Хито ранг,
Бардошт зи хуни дилам оҳуи Хутан об.
Аз нашъаи чашми сияҳе рафтаам аз худ,
Бар чеҳраам, эй гиряи мастона, бизан об.
Ҳамсоя чу некӯст ба ҳамсоя расад файз,
Бардошта аз лаъли лабат себи зақан об.
Ҳар пораи сангаш чу нигин ном баровард,
То хӯрда зи шамшери ту саҳрои сухан об.
То лаъли гуҳарбор кушудӣ ба табассум,
Гардид зи шавқи ту садаф оби даҳан об.
Танг аст чу рӯзӣ надиҳад тӯли амал суд,
Дар чашмаи сӯзан хӯрад аз даҳр расан об.
Фардо накунад зиштии аъмол туро пок,
Гирам, ки ба Зам-Зам кашӣ имӯз кафан об.
Вақт аст ба гирдоб кашад киштии сабрам,
Қассоб, шуд азбас дилам аз ёди Ватан об.

**67.**

Аз ту дар хотири ҳар зарра таманное ҳаст,
Ба ҳар ойина зи ҳусни ту тамошое ҳаст.
Ҳар насиме зи ту Маҷнуни биёбонгардест
В-аз ту дар домани ҳар бодия шайдое ҳаст.
Нест шавқи ту ба андозаи ҳар ҳавсалае
В-арна ин бода ниҳон дар ҳама миное ҳаст.
Он азизӣ ту, ки кавнайн ба байъи ғами туст,
Волаи ҳусни ту ҳар гӯша Зулайхое ҳаст.

Хизри ин бодия аз реги равон бештар аст,
Пеш рав, гар ҳавасат обилаи пое ҳаст.
Хушҳисобӣ чу мукофот дар ин олам нест,
Нашавӣ ғофил аз имрӯз, ки фардое ҳаст.
Ҳеч ёре ба камозории танҳоӣ нест,
Дилнишинтар магар аз кунҷи қафас ҷое ҳаст.
Гарчи Қассоб, бувад бесарусомон бисёр,
Кофирам, кофир, агар ҳамчу ту расвое ҳаст.

**68.**

Баски бар ҷонам зи мижгонат хаданг афтодааст,
Вусъате хоҳам, ки бар дил кор танг афтодааст.
То ту бо ин обуранг оҳанги гулшан кардаӣ,
Гул зи шарми оразат аз обуранг афтодааст.
Атри сунбул булбулонро гарми афғон кардааст,
Тори зулфат то гулистонро ба чанг афтодааст.
Як дили маҷрӯҳ бо чандин ғами ӯ чун кунад,
Меҳмон бисёру моро хона танг афтодааст.
Кай тавон з-ин баҳр ком аз ҳар садаф ҳосил намуд?
Гавҳари мақсуд дар коми наҳанг афтодааст.
Чун дили пурхунам аз осеби гардун нашканад?
Ман, ки доим шишаам дар роҳи санг афтодааст.
Аз ғубори кина пайдо нест дар дил акси дӯст,
Ҳайф, к-ин ойина беҳосил ба занг афтодааст.
То қиёмат зиндадаргӯр аст монанди нигин,
Ҳар кӣ дар дунё ба қайди ному нанг афтодааст.
Кард то азми рухаш, Қассоб, асар аз дил нашуд,
Метавон донист дар қайди фаранг афтодааст.

**69.**

Бурда дил аз ман парирӯе, намегӯям, ки кист,
Шӯхчашме, тифли бадхӯе, намегӯям, ки кист.

Дода аз заҳр об, бераҳме, фарангизодае,
Баҳри қатлам теғи абрӯе, намегӯям, ки кист.
Ҳамчу холи гӯшаи чашмаш дилам афтодааст,
Дар қафои турфа оҳуе, намегӯям, ки кист.
То ба субҳ имшаб димоғамро парешон карда буд,
Атри зулфи анбаринбӯе, намегӯям, ки кист.
Кардаам бо дидаи хунбор имшаб то ба субҳ
Саҷдаи меҳроби абрӯе, намегӯям, ки кист.
Дорад он сабзи малеҳи кофири бедодгар
Кунҷи лаълаш холи ҳиндуе, намегӯям, ки кист.
Оқибат, Қассоб, қурбон хоҳадат кардан касе,
Иди Қурбон дар сари кӯе, намегӯям, ки кист.

**70.**

Дидаи хунбори мо чун гашт гирён, муфти мост,
Донаи афшонда дар хокем, борон муфти мост.
Нашкуфад то ғунча дар гулзор, натвон бурд файз,
Ҳар кӣ чун гул пора месозад гиребон, муфти мост.
Мо, ки тан додем бар саҳро, дигар маъмура чист?
Гар шавад офоқ сар то сар биёбон, муфти мост.
Нест нафъе ҷуз зарар дар ошноиҳои халқ,
Рӯ зи мо ҳарчанд гардонанд ёрон, муфти мост.
Мо, ки тан додем дар саҳро, дигар маъмура чист,
Гар шавад офоқ сар то сар биёбон, муфти мост.
Теғ баркаш, то гулӯ аз оби гавҳар тар кунем,
Чун садаф лабташна дар бахрем, то ҷон муфти мост.
Мешавад равшан қафасро хона аз равзан мудом,
Захми дил чун бештар бошад намоён, муфти мост.
Метавон, Қассоб, кардан хешро қурбони дӯст,
Дар тамоми сол рӯзи иди қурбон муфти мост.

## 71.

Оламеро сӯхтӣ аз ҷилва, эй раъно, бас аст,
Бурдӣ аз ҳад ноз, эй бераҳм, истиғно бас аст.
З-интизори зарбати теғи ту мурдан то ба кай,
Чанд, эй қотил, кунӣ имрӯзро фардо, бас аст?!
Дигареро дар миён зуннор, эй бадхӯ, мабанд,
Чун маро кардӣ дар ин бутхона побарҷо, бас аст.
Дигареро дар гирифторӣ шарики мо макун,
Муддао гар шуҳрати ҳусн аст, як расво бас аст.
Ханҷари дигар барои қатли ман даркор нест,
Теғи абрӯйи ту бар ҷони мани шайдо бас аст.
Тӯшае дигар шаҳиди ишқро даркор нест,
То қпёмат зоди раҳро ёди он боло бас аст.
Чашм бар хумхонаи гардун надорам дар хумор,
Баҳри дарди сар маро дурди таҳи мино бас аст.
Баҳри бепоёни моро нест уммеди канор,
Дасту по то чанд, эй Қассоб, дар дарё, бас аст.

## 72.

Аз лабаш гуфтору гуфтор аз даҳан нозуктар аст,
Гарчи лаълаш нозук аст, аммо сухан нозуктар аст.
Мешавад мадҳуши атраш ҳар нафас дил, чун кунам,
Васфи холашро, ки аз мушки Хутан нозуктар аст.
Гар шавад аз шишаи шабнам ҷароҳат, дур нест,
Пушти пойи ӯ, ки аз барги суман нозуктар аст.
Аз нигоҳи ман ғуборолуда мегардад дилаш,
Хотираш дар зери чандин пираҳан нозуктар аст.
Мустамеъро[1] дар назар алфози[2] нозук хушнамост,
Пеши мо, Қассоб, маънӣ аз сухан нозуктар аст.

1. **Мустамеъ** – шунаванда.
2. **Алфоз** – ҷамъи лафз – сухан, калима.

### 73.

Хорост[1] даҳру дар дилам андеша шиша аст.
Сахт аст рӯзгору маро теша шиша аст,
Нохун ба дил шикастаму ғам раҳ ба дар наёфт,
Санг аст Бесутуну маро теша шиша аст.
Дорад хатар зи ҷунбиши мижгон ду дидаам,
Обе, ки мондааст дар ин беша шиша аст.
Ку дилгирифтае, ки бигирйем соате?
Холӣ диле, ки мекунад андеша шиша аст.
Ғайр аз шикасти дил самаре дастрас нашуд,
Гӯӣ, ниҳоли умри маро реша шиша аст.
Мастӣ тамом дар нигаҳи соқӣ асту бас,
Гар бе шароб нашъа диҳад шиша, шиша аст.
Қассоб, сангдил машав аз ҷаври рӯзгор,
Зулм аст сангу ин дили ғампеша шиша аст.

### 74.

Холи рухсораш, ки дил дар печутоб андохтаст,
Сад чу ман шӯридаро дар изтироб андохтаст.
Ҳиндуи оташпарасте, кофири ошиқкуше,
Карда урён хешро бар офтоб андохтаст.
Оразаш оварда аз хат гирдае бар рӯйи кор,
Аз нав ошӯбе ба дилҳои хароб андохтаст.
Он чи бар рӯяш муаттар карда дилро, нест хол,
Ҳуснаш овардаст мушке, дар гулоб андохтаст.
Холи лаброкотиби тақдир дар таҳрири сунъ,
Нуқтае бар рӯйи хатти интихоб андохтаст.
Аз лабу дандони ӯ кардам савол, оҳиста гуфт:
«Иқди марворид соқӣ дар шароб андохтаст».

1. **Хоро** – як навъ санги сахт.

Нест асло раҳм дар дил гулрухони даҳрро,
Бесабаб Қассоб худро дар азоб андохтаст.

**75.**

Чарх аз он рӯзе, ки саргардонии худ дидааст,
Ростӣ, бо душману бо дӯст кин варзидааст.
Пеши чашми аҳли истиғно ду рӯзе беш нест,
Дастгоҳеро, ки нуҳ афлок бар худ чидааст.
Сарбаландиҳо дар овози сабукборӣ бувад,
Нест беҷо, сарв агар бар хештан болидааст.
То ба рӯзи ҳашр дар зиндон асири банд бод,
Гардане, к-аз тавқи фармони ту сар печидааст.
Гар чакад аз панҷаи мижгон зи ҳасрат дур нест,
Пеши рухсори ту дил чун муми оташдида аст.
Хор чун минои холӣ дар назарҳо мешавад,
Ҳар кӣ дар базми муҳаббат як нафас хандидааст.
Дар раҳаш, Қассоб, бар ҳар ҷонибе кардам нигоҳ,
Бисмиле дидам, ки по то сар ба хун ғалтидааст.

**76.**

Охир он ваҳшинигаҳ бар дил раҳи тадбир баст,
Эй шавам қурбони ин оҳу, ки раҳ бар шер баст.
Чашми ҳайрат чанд битвон дошт, мурдам з-интизор,
Гарчи моро зуд бисмил кард, аммо дер баст.
Зад ба ҷонам новаке, яъне, ки матлаб ҳосил аст,
Номаи моро ҷавоб он ҷангҷӯ бар тир баст.
Ҳалқаи ҳар тори мӯяш матлабе созад раво,
Зулфи ӯ дар адл чун Нӯширвон занҷир баст.
Мешавад аз бас пушаймон зуд он бадхӯ, дилам
Шуд пур аз хун, то ба қатлам дар миён шамшер баст.
Теғи абрӯяш надонистам, ки заҳролуд буд,
Ёфтам он дам, ки хунам бар замин чун шир баст.

Хостам, Қассоб, бар зулфаш шабехуне[1] занам,
Хоби ғафлат бурду чашмамро бути шабгир[2] баст.

**77.**

Чархи миноранг ҳар захре, ки дар паймона рехт,
Ишқи ӯ оварду дар коми мани девона рехт.
Рехт мурғи рӯҳ беандоза бар болои ҳам,
Хатту холи ӯ ба ҳар ҷое, ки дому дона рехт.
Бас харобӣ кард чашмаш бо дили мо, метавон
Аз ғубори хотири мо ранги сад вайрона рехт.
Метавонад кард боз аз як нигоҳам ҷон ба тан,
Чашмҷодуе, ки хунамро ба сад афсона рехт.
Фикри ошиқ кун, ки баъд аз сӯхтан суде надод,
Ин қадар ашке, ки шамъ аз мотами парвона рехт.
Холи кунҷи лаб ба қасди мурғи дил гиротар аст,
Донаро сайёди мо бар дом устодона рехт.
Ғамзаи бадмасти ӯ захми намоён зад ба дил,
Хуни мо, Қассоб, охир бар дари майхона рехт.

**78.**

Кавкабам шуд тору солам хушку моҳам пок сӯхт,
Он чи бо ман буд, аз бахти сиёҳам пок сӯхт.
Як нигоҳи гарм дишаб бар ҷамоли дилкашат,
Өнчунон кардам, ки мижгон аз нигоҳам пок сӯхт.
Домани афлокро якбора кард оҳам хароб,
Манзили ороман аз ашки нигоҳам пок сӯхт.
Дар гулистони муҳаббат хӯрд бар по то сарам,
Барқи рухсоре, ки ин мушти гиёҳам пок сӯхт.
Хостам, Қассоб, шарҳи дурии рӯзи фироқ
Пеши ӯ гӯям, забони узрхоҳам пок сӯхт.

1. **Шабехун** – ҳамлаи ногаҳонии шабона.
2. **Бути шабгир** – киноя аз маҳбуби шабгард, саҳархез.

## 79.

Аз қадат имрӯз гулшанро сафои дигар аст,
Сарви мавзуни туро нашъунамои дигар аст.
Гарчи мебахшад ҳаёти ҷовидонӣ оби Хизр,
Лек оби теғи нозатро бақои дигар аст.
На ба Канъон мекунам ӯро баробар, на ба Миср,
Юсуфи пурқимати моро баҳои дигар аст.
Зуд бар гил менишинад лангар аз имдоди халқ,
Киштии уммеди моро нохудои дигар аст.
На ба рӯзи васл месозам, на бо шоми фироқ,
Метавон донист дилро муддаои дигар аст.
Дар диёри ғамнасибон нӯшдору боб нест,
Захми мижгонхӯрдадилҳоро давои дигар аст.
Куштаи теғи дигар, Қассоб, гаштан шарт нест,
Маслахи[1] ӯ баҳри қурбонгоҳ ҷойи дигар аст.

## 80.

Меҳри ту ба ҳар сина аён асту аён нест,
Чун акс дар ойина ниҳон асту ниҳон нест.
Бо халқи ҷаҳон чашми сияҳмасти ту гӯёст,
Ин турфа, ки бо ҷумла забон асту забон нест.
Фарёд, ки сарриштаи ошӯби ду олам
Пайваста дар он мӯйи миён асту миён нест.
Дарди ғами ишқи ту расидаст ба сад ҷон,
Ин ҷинс бад-ин нарх гарон асту гарон нест.
Чун рӯйи ту хуршед маро дар назар ояд,
Ҳайратзадаам, з-он ки на он асту на он нест.
Абрӯ-ш камон асту камонаш натавон гуфт,
Қурбон шавам онро, ки камон асту камон нест.
То дида зи дил хун раваду бозпас ояд,
Оби сари ин чашма равон асту равон нест.

1. **Маслах** – кушишхона, саллоххона – ҷойи куштан ва пӯст кандани ҳайвонот.

Бар ҳар кӣ занад тири ҷафое, ба ту банданд,
Қассоб, туро сина нишон асту нишон нест.

### 81.

Рафта-рафта рафтам аз ёдат, бибин, аҳвол чист?
Дур гаштам, то кунам шодат, бибин, аҳвол чист?
Додаам то дил ба бедодат, бибин, аҳвол чист?
Ҳеч гаҳ нагзаштам аз ёдат, бибин, аҳвол чист?
Шарти дилдориву расми меҳру ҳаққи дӯстӣ,
Ҳубби дунё бурд аз ёдат, бибин, аҳвол чист?
Ман гирифтам, сайдгоҳи туст олам, оқибат
Мекашад дар дом сайёдат, бибин, аҳвол чист?
Ҷони ширин додану хӯрдан фиреби заҳри дил,
Ёд дод ин нукта Фарҳодат, бибин, аҳвол чист?
Ҳар чи ҳаст, аз сунъи наққош аст, чашме боз кун,
То бидонӣ чист эҷодат, бибин, аҳвол чист?
Теғи кин бигзор аз каф, к-ин дили бекинаам
Захмҳо дорад зи бедодат, бибин, аҳвол чист?
Оқибат, Қассоб, зулми хасму ҷаври рӯзгор
Аз ватан барканд бунёдат, бибин, аҳвол чист?

### 82.

Шабам ба меҳнату рӯзам ба ҳаҷри ёр гузашт,
Тамоми муддати умрам ба ин қарор гузашт.
Магар надорад, эй соқӣ, интизор охир,
Биёр бода, ки корам зи интизор гузашт.
Ҳазор ҳайф, ки то фикри хеш мекардам,
Гуле начидам аз ин гулшану баҳор гузашт.
Ниҳоли ман ҳама лахти ҷигар ба бор овард,
Магар зи хуни дил обам зи ҷӯйбор гузашт.

Зад оташам ба дарун чун чанор дар гулзор,
Насими зулфи ту ҳар гоҳ ҳам аз канор гузашт.
Камони ноз ба ман чап нишаста буд ҳанӯз,
Ки тири ғамзааш аз синаи фигор гузашт.
Бисӯхт шуълаи оҳам сипеҳрро доман,
Хаёли ӯ чу маро дар дили низор гузашт.
Ба вақти сайди шаб аз дасти бахти хоболуд,
Камон ба чилла накардем, то шикор гузашт.
Пиёла гиру гуле барфишону ишрат кун,
Чӣ фикр мекунӣ, айёми навбаҳор гузашт?!
Гузашт ёр ба сад фитна аз барат, Қассоб,
Хамӯш бош, ки ошӯби рӯзгор гузашт.

**83.**

Он шӯхи дилоро рухи зебош латиф аст,
Бар рӯйи чу гул зулфи чалипош[1] латиф аст.
Дар боғи ҳаё лаъли лабаш оби ҳаёт аст,
Дар гулшани хубӣ қади раънош латиф аст.
Чашми сияҳаш, номи Худо, маъдани ноз аст,
Тарзи нигаҳу наргиси шаҳлош латиф аст.
Рухсори маҳаш қитъаи тасвири Фаранг аст,
Бар рӯйи накӯ хатти дилорош латиф аст.
Ҳар лаҳза кунад ҷилва чу товус ба ранге,
Эй дил, нигарон шав, ки тамошош латиф аст.
Рухсор гулу лаб гулу боло гулу тан гул,
Чун дастаи гул ҷумлаи аъзош латиф аст.
Дар васфи руху лаълу хату қомати раънош,
Қассоб, чӣ гӯям, ки саропош латиф аст.

1. **Зулфи чалипо** – киноя аз зулфи каҷдору пурхам.

## 84.

Бар ҳар кӣ нек дида кушодам, фанои туст,
Бар ҳар даре, ки рӯй ниҳодам, сарои туст.
Ҳаққо, ки ҳалқаи дари ганҷи саодат аст,
Гӯше, ки муттасил шунавои садои туст.
Ҷибрил аз шараф пари худ соябон кунад,
Бар он саре, ки афсараш аз хоки пойи туст.
Чун субҳ як нафас кунад иксир даҳрро
Онро, ки даст дар амали кимиёи туст.
Сармояи ду кавн ба як бенаво диҳад,
Ҳар побараҳнае, ки ба гетӣ гадои туст.
Оранд ағниё ба дарат ҷумла илтиҷо,
Бар ҳар шаҳе, ки дида кушудам, гадои туст.
Аз ғайри хештан зи каҷӣ айбпӯш бош,
Он ҷома рост чун ба қади кибриёи туст.
Бо ранҷи бешумор ба ҳар гӯша сад Масеҳ
Нолон фитода, чашм ба роҳи давои туст.
Баст он чи нақш бар дили мо, з-оби мағфират
Зоил намо ҳар он чи ки дидӣ, сивои туст.
Эй хоки кӯйи дӯст, расӣ чун ба дидаам,
Биншин зи рӯйи лутф, ки ин хона ҷойи туст.
Аз дасти чарх бо дили гарм оҳи сардро,
Қассоб, он чи мекашӣ, инак сазои туст.

## 85.

Рӯзе, ки кард гардун ғамҳои ёр қисмат,
Моро расонд бар дил з-он ғам ҳазор қисмат.
Доданд ҷо ғаматро пинҳон даруни дилҳо,
Доғи туро намуданд дар лолазор қисмат.
Аз оразу хати ту гулзор рангу бӯро
Бигрифт, то намояд дар ҳар баҳор қисмат.

Рӯзе, ки ҳуснат аз рух бурқаъ кушуд дилро,
Карданд нуре аз он ойиназор қисмат.
То зулфи саркаши ӯ ошуфта буд, карданд
Торе аз он миён бар шабҳои тор қисмат.
То куштагони нозаш сокит шаванд, карданд
Гарде зи кӯйи ӯро бар ҳар мазор қисмат.
Аз ҳар куҷо гузаштӣ, хок аз ду дида мардум
Чун тӯтиё намуданд з-он раҳгузор қисмат.
То ҳар диле, ки бошад, бебаҳра з-он намонад,
Дарди туро намуданд чандин ҳазор қисмат.
Тақсири гулситон чист? Карданд рӯзи аввал
Афғон ба андалебон, гулро ба хор қисмат.
Дар доми чини зулфат азбас намонда ҷое,
Як лаҳза менамоянд чандин шикор қисмат.
Аз хони даҳр, Қассоб, ҷуз хуни дил нахӯрдем,
Тақсири мо чӣ бошад, ин карда ёр қисмат.

**86.**

Ҳар доғи дил зи партави ҳуснат ситораест,
Ҳар заррае зи меҳри рухат моҳпораест.
То об дода теғи ту гулзори даҳрро,
Ҳар гул дар ин чаман ҷигари пора-пораест.
Равшан чу аз ту нест чароғи дилам, чаро,
Ҳар қатрае, ки мечакад аз вай шарораест.
Огоҳ аз гузаштани ин баҳр нестӣ,
Ҳар чини мавҷ бар ту зи рафтан ишораест.
Боди мухолифаш зи ҳавоҳои нафси туст,
Ин баҳрро в-агарна зи ҳар сӯ канораест.
Бисёр шӯхчашмию ғофил, ки чун ҳубоб,
Вайрон бинои ҳастии мо аз назораест.
Ин ҳам ғанимат аст, ки аз накди доғи дӯст
Дар дасти муфлисони муҳаббат шумораест.

Пайдост з-оташи ҳаҷар инак, ки нури ту
Пинҳон зи ғайр дар дили ҳар сангпораест.
Қассоб, даври дида зи мижгони шӯхи ӯ
Аз ҳар тараф зи баҳри дили мо қанораест[1].

## 87.

Эй хуш он олам, ки дар вай роҳ пойи ғам надошт,
Нақшҳо бардошт, аммо сурати хотам надошт.
Ҳуснро чандин ҳазор ойина пеши рух набуд,
Акси ҷон гар дар тани номаҳраму маҳрам надошт.
Буд кӯтоҳ аз гиребони равон дасти аҷал,
Чашми эҳё ҳеч кас аз Исии Марям надошт.
Дасту теғи ғамза бар қатли касе боло нарафт,
Захмчашми роҳат аз ҳамхобии марҳам надошт.
Чид базме соқии даврон, ки дар гетӣ набуд,
Рехт бар хоки вуҷуд обе, ки ҷоми Ҷам надошт.
Ҳар дилеро шуд ба қасди дӯстӣ васле насиб,
Ин тарозу заррае дар вазн бешу кам надошт.
То тавонӣ пай ба маънӣ бурд, зоҳирбин мабош,
К-он чи дар хотир Сулаймон дошт, дар хотам надошт.
Ҷомаи эҳромро, Қассоб, тар кардам зи ашк,
Дошт он обе, ки чашмам, чашмаи Замзам надошт.

## 88.

Мекунам тавфе намедонам, ки тавфи кӯйи кист?
Ҳаст меҳробе, намедонам хами абрӯйи кист?
Шаҳсаворе гарданамро дар каманд овардааст,
Мекашад ҳар сӯ, намедонам хами гесуйи кист?
Шуълае дар ҷон ниҳон дорам зи ҳусни саркаше,
Ҳайрате дорам, ки ин оташ зи акси рӯйи кист?

1. **Қанора** – чангакҳои гӯштовезии дӯкони қассобӣ.

Нест як дил, к-аз хаданги ғамза хунолуд нест,
Ин камони ноз ҳайронам, ки дар бозӯи кист?
Бӯйи мушке з-ин гулистон бар машомам мерасад,
Боз бод ошуфтасози зулфи анбарбӯйи кист?
Ҳам зи Маҷнун мегурезад, ҳам зи Лайлӣ мерамад,
Ман намедонам, ки он вахшинигаҳ оҳуи кист?
Сӯхтӣ, Қассоб, умре шуд надонистӣ чӣ суд,
К-ин ҳама гармӣ зи тоби меҳри оташхӯйи кист?

**89.**

Пеши шамшери ту таслим шудан дини ман аст,
Дар сари кӯйи ту қурбон шудан ойини ман аст.
Ба Фалотун пайи таъзим фурӯ н-орам сар,
Хишти болои хуми майкада болини ман аст.
Бесутунро ба фалохан ниҳам аз қудрати ишқ,
Корфармо агар андешаи Ширини ман аст.
Ишқро бо фалаку собиту сайёра чӣ кор?
Сина афлоки ману доғи ту Парвини ман аст.
Чашми ваҳшинигаҳе бурд дили мо, Қассоб,
Ин ғизолест, ки гирандаи шоҳини ман аст.

**90.**

Як нафас бе ёди ҷонон зиндагонӣ мушкил аст,
Бе ҳадиси лаъли ӯ ширинбаёнӣ мушкил аст.
Ғайри шарҳи ишқ гунҷоиш надорад зиндагӣ,
Бе ғамаш дар ҳар ду олам зиндагонӣ мушкил аст.
Аҳли дил бе шӯриши мутриб наояд дар самоъ,
Бе талотум баҳрро рақси равонӣ мушкил аст.
Гуфтамаш: «Эй дида, савдое чунин кори ту нест,
Бар фарози қалъаи дил дидабонӣ мушкил аст».
Дар камингоҳ аст душман аз пайи торочи дил,
Дар ҳуҷуми хоби ғафлат посбонӣ мушкил аст.

Васл мумкин нест, эй ғофил, чӣ мехоҳӣ зи даҳр?
Гаштан огаҳ аз нишони бенишонӣ мушкил аст.
То ту аз сар нагзарӣ, натвон туро сардор кард,
То набозӣ дил дар ин раҳ, дилситонӣ мушкил аст.
Рад макун аз галлаи қурбониён Қассобро,
Ҷони ман, бе саг дар ин саҳро шубонӣ мушкил аст.

**91.**

Дар кафи ошиқ ба ғайри барги коҳе беш нест,
Нуҳ фалак пешаш нишони тири оҳе беш нест.
Чист ин тӯли амал, фикре кун, эй сустэътиқод?!
Бар сар омад ваъда охир, солу моҳе беш нест.
Меравад аз бод хуштар аблақи лайлу наҳор,
Рӯзу шаб як гардиши чашми сиёҳе беш нест.
Чанд дар ҳомун тавон гардид, эй ҳақношинос?!
То ба манзилгоҳи ҷонон madди оҳе беш нест.
Оташи кин чанд афрӯзиву хоҳӣ сӯхтан
Устухони ман, ки як мушти гиёҳе беш нест?!
Дар раҳаш, Қассоб, чун бисмил шудӣ, таслим бош,
Даступо то чанд, охир қатлгоҳе беш нест.

**92.**

Агар доғи ҷунун хун бар дили мо мекунад, мард аст,
Агар ин бодаро соқӣ ба мино мекунад, мард аст.
Ба зулфаш нақди дилро вом кардам аз раҳи ҳиммат,
Ба ин ҷамъи парешон ҳар кӣ савдо мекунад, мард аст.
Машав чун ғунча, ҳамчун гул ба рӯйи халқ хандон шав,
Гиреҳ ҳар кас, ки аз кори касе во мекунад, мард аст.
Надонам, ҳар кӣ зар дорад, чаро гум мекунад худро,
Касе, к-имрӯз як динор пайдо мекунад, мард аст.
Чаро Қассоб мегирад сари дасти рақибонро,
Агар доғаш дили моро тасалло мекунад, мард аст.

## 93.

Ба рух шикастани тарфи кулоҳ бобати кист?[1]
Намуда моҳ дар абри сиёҳ бобати кист?
Тафарруҷи ту зи наздик сад хатар дорад,
Зи дур сӯйи ту кардан нигоҳ бобати кист?
Чу нест рухсати изҳори достони фироқ,
Кашидан аз дили пурдард оҳ бобати кист?
Зи лутф агар бинамоӣ тараҳҳуме бар мо,
Нигоҳаке кунӣ ар гоҳ-гоҳ, бобати кист?
Ибо зи бурдани дил мекунӣ дар ин навбат,
Зи ғамзаи ту гирифтан гувоҳ бобати кист?
Ба рӯзи хеш чу хат сар зад аз рухаш Қассоб,
Сафар намудани шабҳои моҳ бобати кист?

## 94.

Ёди ту мӯниси шаби тори дили ман аст,
Доғат гули ҳамешабаҳори дили ман аст.
Чархе, ки нуҳ равоқи фалак зери боли ӯст,
Дар сайдгоҳи ишқ шикори дили ман аст.
Гаштан шаҳиди теғи ту нақшест бар мурод,
Ҷон бохтан ба хасм қимори дили ман аст.
Ҳар тори зулф мурғи диламро шуд ошён,
Ҳар ҳалқае зи дом ҳисори дили ман аст.
Пайдост аз сафои рухаш акси рози ман,
Рухсори ёр ойинадори дили ман аст.
Чандин ҳазор орзу инҷост дар шино,
Гӯӣ миёни баҳр канори дили ман аст.
Чун қад кашид оҳ маро, хуррам аст боғ,
Чун чашма кард доғ, баҳори дили ман аст.

1. Радифи ин ғазал ҳам монанди бисёре аз радифҳои дигар чунонки дар муқаддима навиштаем, радифи матруҳа байни шуарои он замон ва мусталаҳ буда ва ба маънои «ба хотири кист?» ба кор рафтааст. ***(Партав Байзоӣ)***

Қассоб, тайи марҳилаам то тапидан аст,
Хун хӯрдани мудом мадори дили ман аст.

## 95.

Бо ту ҳамин як суханам орзуст,
Гуфтану қурбон шуданам орзуст.
Пеши қади шамъи ту парвонавор,
Пар задану сӯхтанам орзуст.
Вақт шуд аз дида биборам сиришк,
Ғӯта ба дарё заданам орзуст.
То кунам аз ғунча суроғи лабат,
Сӯйи гулистон шуданам орзуст.
Лоласифат панҷаи хунин зи ғам
Пеши ту бар сар заданам орзуст.
Қадду руху тан бинмо дар чаман,
Сарву гулу ёсуманам орзуст.
Кард дилам азми зи худ рафтанӣ,
Дур шудан з-ин ватанам орзуст.
Нашъаи дигар майи тавҳидрост,
Ҷуръа бад-ин май заданам орзуст.
Бош ту, Қассоб, ки гуфтаст Файз[1]:
«Ҳалқаи он дар заданам орзуст».

## 96.

Дар шаҳрбанди умр, ки ҳечаш тавил нест,
Чизе ба ғайри дарди сару қолу қил нест.
Бисёр дар қаламрави сурат ҷамил ҳаст,
Аммо яке ба хубии сабри ҷамил нест.

1. Ин ғазалро ба истиқболи ғазали Мавлона-л-аҷал Мулло Муҳсин Файзи Кошонӣ гуфта ва дар мақтаи ғазал ҳаққи Файзро ба таври хушӣ адо кардааст. ***(Партав Байзоӣ)***

Вомондае, ки ташналаби оби раҳмат аст,
Ҳеч эҳтиёҷи ӯ ба лаби Салсабил нест.
Пӯшидадида бигзар аз ин дашти ҳавлнок,
Дар роҳи ишқ беҳ зи таваккул далел нест.
Молик зи маҳкамиш занад бар дари ҷаҳим,
Қуфле ба тангдарзии мушти бахил нест.
Бастем роҳи сел ба Фиръавн бо нигоҳ,
Моро шикофи дида кам аз рӯди Нил нест.
Бахти сиёҳам аз качаки[1] ҳирс мебарад
Ҷое, ки зӯри пашша кам аз зӯри фил нест.
Қассоб, қавли Соиби доно бигӯ, ки гуфт:
«Ин ҷо мақоми пар задани Ҷабраил нест».

**97.**

Он кас, ки бори ишқ ба оҳе кашидааст,
Бошад чунон, ки кӯҳ ба коҳе кашидааст.
Чун сайди захмхӯрда мани дилшикастаро
Чашми ту бар замин ба нигоҳе кашидааст.
Баҳри шикасти дил мижаҳо бастаанд саф,
Ё подшоҳи ғамза сипоҳе кашидааст?
Аз офтоби оразат омад ба зери зулф,
Дил хешро ба турфа паноҳе кашидааст.
Рӯйи туро гирифта хати сабз дар миён,
Ё ҳола гирди оразе моҳе кашидааст?
Қассоб, даҳри сифла туро баҳри поймол
Чун хори ҷода бар сари роҳе кашидааст.

1. **Качак** – олатест монанди тир, ки филбонон барои рондани фил ба кор мебаранд.

## 98.

Манам, ки васфи ту ороиши баёни ман аст,
Ҳаловати суханат қуввати забони ман аст.
Суроғи манзилам аз гулситон чӣ мепурсӣ?
Баланд шуъла зи ҳар ҷо шуд, ошёни ман аст.
Шаҳиди ишқи ту ҷовид зинда мемонад,
Насозам ар ба фидои ту ҷон, зиёни ман аст.
Зи оташе, ки маро дар дил аст, баъди вафот
Чароғи рӯйи мазори ман устухони ман аст.
Кунад гул об мисоли ман об ойинаро,
Ғубори хотири ман ҷисми нотавони ман аст.
Ба даргаҳи ту баровардаам кафи ҳоҷот,
Ки остони азизи ту осмони ман аст.
Ба шаст н-омада рам карда тоири тирам,
Чӣ ваҳшат аст, ки дар хонаи камони ман аст?
Якест нури даруну буруни ман, Қассоб,
Чу шамъ он чи ба дил ҳаст, дар забони ман аст.

## 99.

Бар сар туро чу турраи кокул шикастааст,
Гӯӣ ки сунбуле ба сари гул шикастааст.
Биншастааст з-оби арақ бар рухи гул об,
Ё он ки шишаи дили булбул шикастааст?
Зулф аст сарнагун зи рухат, ё зи нозукӣ
Бар рӯйи лола соқаи сунбул шикастааст?
Ин қатраҳо, ки мечакад аз барг, шабнам аст,
Ё гул пиёла бар сари булбул шикастааст?
Афтодароҳи қофилаи ашкам аз назар,
Аз ҷӯши оби чашма ин пул шикастааст.
Муҳтоҷи дигаре набувад, як канора нон
Ҳар кас зи хони соҳиби Дулдул шикастааст.

Қассоб, омадаст зи Кошон бурун зи хок,
Санге, ки нархи гавҳари Омул шикастааст.[1]

## 100.

Оташинхӯ дилбаре дорам, ки олам зори ӯст,
Сарв хокистарнишин бо ҷилваи рафтори ӯст.
Шоми ошиқ миҷмари гесуйи анбарбори ӯст,
Субҳи содиқ ғунчаи нашкуфтаи гулзори ӯст.
Нестам огаҳ зи сӯзи лола дар ин гулситон,
Ин қадар донам, ки доғ аз шуълаи дидори ӯст.
Як азиз аст, он ки баҳри байъ накди ҷон ба каф,
Ҳар куҷо юсуфнажоде ҳаст, дар бозори ӯст.
Тар намесозад зи баҳри зиндагонӣ комро,
Ҳар кӣ дар ин барр чу Маҷнун ташнаи дидори ӯст.
Нусхаи ҳоҷат ба каф нолон дар ин дору-ш-шифо
Сад Фалотун хуфта дар ҳар гӯшае бемори ӯст.
На зи булбул гул хабар дорад, на сарв аз фохта,
Дилрабоиву ситез аз наргиси айёри ӯст.
Васли ӯ бошад ҳаёту ҳаҷри ӯ бошад мамот,
Гоҳ ҷон додан, замоне ҷон гирифтан кори ӯст.
З-офтоби гарми фардои қиёмат фориғ аст,
Ҳар кӣ чун Қассоб зери сояи девори ӯст.

## 101.

Сарам зи мандалу[2] дӯшам гар аз або холист,
Ҳазор шукр, ки дуконам аз риё холист.
Миёни айнаку чашм имтиёз озарм аст,
Зи шиша кам бувад он дида, к-аз ҳаё холист.

---

1. Қассоб дар ин байт ба шоири машҳури асри XVII Толиби Омулӣ (вафоташ соли 1626) ишорат кардааст.
2. **Мандал** – бар вазни сандал мансуҷест, ки аз он хайма ва соябон сохта мешуда ва ин калима ҳамон аст, ки омма мандил мегӯянд, ки киноя аз аммома аст.

Ҳарисро нашавад дида пур зи хоки ду кавн,
Ба ҳар даре, ки равад, косаи гадо холист.
Зи хок кам бувад он дил, ки поймол нашуд,
Сафол беҳтар аз он дил, ки аз вафо холист.
Ҳазор доғи туам бар дил асту качбинон
Гумон баранд, ки ин хона з-ошно холист.
Ба донаҳои сиришк аст чашми ман равшан,
Зи гардиш уфтад он гаҳ, ки осиё холист.
Ҷарас зи нола шавад раҳнамои гумшудагон,
Далел кай шавад он дил, ки аз садо холист?!
Фиреби маҷлиси рӯҳониён маҳўр, Қассоб,
Биё, ки ҷойи ту имрӯз пеши мо холист.

## 102.

Моем, ки ҷуз ашки надомат бари мо нест,
Кавсар ба гуворони чашми тари мо нест.
Маҳвем ба гулзори ту чун булбули тасвир,
Шодем, ки парвоз насиби пари мо нест.
Мо баҳра надорем зи ором чу симоб,
Ин ҷинс матоест, ки дар кишвари мо нест.
Ҳар ҷома, ки бар қомати мо дӯхта айём,
То чок нагардид чу гул, дар бари мо нест.
Фатҳи сафи ушшоқ бувад вақти шаҳодат,
Ҳар кас, ки зи ҷон нагзарад, аз лашкари мо нест.
Дар сӯхтан иршод зи парвона гирифтем,
Ҳаргиз асаре з-оташу хокистари мо нест.
З-ин мартаба беҳтар чӣ, ки дар гулшани айём
Ҷуз лолаи доғи ту гуле бар сари мо нест.
Ҳаргиз ба рухи дил дари айше накушодем,
Ин боби ҳисобест, ки дар дафтари мо нест.
Гаҳ бехуди гуфтору гаҳе масти нигоҳем,
Кай бодаи шавқест, ки дар соғари мо нест?

Қассоб, чу чин ҷумла асирем бар он зулф,
Беруншав аз ин силсила дар хотири мо нест.

**103.**

Он ки ҳамчун ҷон тангат даст дар оғӯш дошт,
Чун садаф дар баҳри ишқ он ташна лаб хомӯш дошт.
Дар ҷаҳон бисёр гардидему дар ҳар гӯшае,
Ҳар киро дидем, аз он маҳ ҳалқае дар гӯш дошт.
Бо хаёлаш он чи мегуфтем, мо будему дил,
Бармало шуд оқибат, девор гӯё гӯш дошт.
Бар дари майхона, яъне дар даруни синаам,
Оташи ишқе, ки дилро муттасил дар ҷӯш дошт.
Дар даруни сина гум кардем дилро оқибат,
Нек чун дидем, онро шӯхи гулгунпӯш дошт.
Аз хумори ҳаҷри ӯ мурдем, эй ёрон, куҷост
Гардиши чашме, ки моро муттасил мадҳуш дошт?!
Рӯ ба ҳар ҷониб, ки тираш рафт берун аз камон,
Чун нигаҳ кардем мо, Қассоб дар оғӯш дошт.

**104.**

Кӯйи ёр аст, ба ҳар гӯша бало рехтааст,
По ба ҳар ҷо, ки ниҳӣ, хори ҷафо рехтааст.
Дардам аз сустии иқбол ба дармон нарасад,
Гар на баҳри дили ҳар хаста даво рехтааст.
То қиёмат дамад аз турбати ӯ меҳргиёҳ,
Бар дили ҳар кӣ ғамат тухми вафо рехтааст.
Занг аз дил кашиши меҳри ту бардоштааст,
Оразат бар рухи ойина сафо рехтааст.
Зоҳиран он ки бад-ин гуна биёрост туро,
Ҷойи наззора ба чашми ту ҳаё рехтааст.
Нашканад гар қадаҳи бода, сабӯ мешиканад,
Ба шикасти дили мо санги ҷафо рехтааст.

Намакеро, ки фалак н-оядаш аз уҳда бурун,
Лабат овардаву бар дидаи мо рехтааст.
Ин нигорест, ки дар ҳар сари роҳе, Қассоб,
Хуни сад ҳамчу туи бесарупо рехтааст.

**105.**

Бод ранҷур он тане, к-аз дарди ӯ бемор нест,
Хок бар чашме, ки бо ёди рухаш бедор нест.
Бенасиб он дил, ки захм аз тири мижгоне нахӯрд,
Вой бар марге, ки худ аз ҳасрати дидор нест.
То нагардам кушта дар кӯйи ту бо чанд орзу,
Барнамегардам дигар, ин бор чун ҳар бор нест.
По зи фармони қазо берун ниҳодан мушкил аст,
Ҳеч касро раҳ бурун з-ин ҳалқаи паргор нест.
Нағмасанҷони ҳақиқат масти ҳайрат хуфтаанд,
Дар бисоти ишқ, гӯё ҳеч кас ҳушёр нест.
Гар гурезон нестем аз санги табъи нокасон,
Дар ҷаҳон, Қассоб, моро шишае дар бор нест.

**106.**

Ором нигоҳат зи дили санг гирифтаст,
Лаъли ту хироҷ аз майи гулранг гирифтаст.
Хун баски ба ёди рухаш аз дида фишондем,
Аз гиряи мо лола ба хун ранг гирифтаст.
Дар синаам, эй гул, нанамояд ба ҷуз аз доғ,
Нақшест, ки дар кӯйи ту аз санг гирифтаст.
Аз рашк ҳалокам, ки чаро аз раҳи шӯхӣ
Ойина ба бар акси туро танг гирифтаст?
Нанмуд ба дил акси ту чун он ки ту ҳастӣ,
Пайдост, ки ойинаи мо занг гирифтаст.
Чун қалъа, ки гиранд шаҳон аз дами шамшер,
Абрӯйи ту мулки дилам аз ҷанг гирифтаст.

Қонуни дилам хӯй зи бас карда ба афғон,
То чанг занӣ бар дилам, оҳанг гирифтаст.
Қассоб, шуд он вакт, ки бар сина занам чок,
Бисёр дилам з-ин қафаси танг гирифтаст.

**107.**

Сайри дунё як қадам нашъунамое беш нест,
Ҳамчу гул дар суҳбати боди сабое беш нест.
Накди ҳусни ӯ ба дасти мо чу ояд, меравад,
Васл ошиқро ба каф ранги ҳиное беш нест.
Дидаи ботин ду оламро тамошо мекунад,
Чашми зоҳирбин чароғи пеши пое беш нест.
Ошиқ аз як дидани қотил тасаллӣ мешавад,
Куштаи ӯро нигоҳаш хунбаҳое беш нест.
Мақсади риндон зи олам волаи ҳам гаштан аст
В-арна ин ойинаи гетинамое беш нест.
Зоди роҳе гир, эй Қассоб, омад вақти кӯч,
К-ин ҳама маъмура як меҳмонсарое беш нест.

**108.**

Холи анбарбӯ ҷудову хатти мушкинмӯ ҷудост,
Ончи хубонро бувад даркор, бо он дилрабост.
Наргиси шаҳлост, ё чашм аст, ё оҳуи Чин?
Зинати ҳусн аст, ё хол аст, ё мушки Хитост?
Лолаи сероб, ё рӯй аст, ё қурси қамар?
Ҳолаи моҳ аст, ё хат аст, ё доми балост?
Дурҷи марворид, ё лаъл аст, ё унноби[1] тар?
Шарбати қанд аст, ё шаҳд аст, ё оби бақост?
Ин қаду болост, ё сарв аст, ё ошӯби даҳр?
Ҷилваи қад аст, ё шамшод, ё сунъи Худост?

1. **Унноб** – ҷамъи **инаб** – ангур.

Ханҷари фӯлод, ё алмос, ё наззора аст?
Ин ба дил ҷо карда мижгон аст, ё тири қазост?
Мерасад бо теғи хунолуд он шӯх аз ғазаб,
Иди қурбон аст, эй Қассоб, ё рӯзи ҷазост?

**109.**

Тан чӣ бошад? Чордевори бинои орият,
Пур макун қасди иқомат дар сарои орият.
Бигзар аз ин боғ бе ранги таъаллуқ чун насим,
Дасту по магзор чун гул дар ҳинои орият.
Як қадам Мансур болотар нарафт аз пойи дор,
Беш аз ин кай метавон рафтан ба пойи орият?
Дар қафо дорад кудурат ошноиҳои халқ,
Пур машав ҳайрон дар ин ойинаҳои орият.
Чун забони ҷода хомӯшӣ гузин аз ҳар суол,
Дар марав аз ҷой чун кӯҳ аз садои орият.
Бо дили садчок аз дунболи маҳмил чун ҷарас
Мекунам афғону меоям ба пойи орият.
Дар ҷаҳон як дам намегиранд аз ваҳшат қарор,
Дилнишини аҳли ҳиммат нест ҷойи орият.
Хуб гуфтанд аҳли дил, Қассоб, ин даргаштаро[1],
Як деҳи вайрону чандин кадхудои орият.

**110.**

Хӯшаи хирмани моро дили садчок бас аст,
Оби ин мазраъаро дидаи намнок бас аст.
Осиёе набувад донаи моро даркор,
Ба шикасти дили мо гардиши афлок бас аст.
Фориғ аз гармии бесарфаи ин базмгаҳем,
Баҳри дилсӯзии мо шуълаи идрок бас аст.

1. **Даргашта** – истилоҳест ба мафҳуми харобшуда ва ҳанӯз дар Кошон мусталаҳ аст.

Бесубот аст, зи асбоби ҷаҳон дил баргир,
Шуд чу ин ойина аз занги ҳавас пок, бас аст.
Чу ба васлаш расӣ, эй дил, тамаи хом макун,
Шудӣ, эй сайд, ту то бастаи фитрок[1], бас аст.
Нест, Қассоб, пайи қатли ту теғе лозим,
Ғамзаи ёр чу гардид ғазабнок, бас аст.

**111.**

Асири зулфи ту гардам, ки сар ба сар чин аст,
Фидои лаъли лабат мешавам, ки мо чин[2] аст.
Гираҳ ба ҷабҳа заду бӯса доду бар ман гуфт,
Ки: «Ин тасаннуи[3] Чин асту тарҳи Мочин аст».
Ман аз даҳони ту дашном орзу дорам,
Шунидаам, ки каломи ту сахт ширин аст.
Сарам бурида ба дастам бидоду гуфт: «Бирав,
Зи ишқ тавба накардӣ, сазои ту ин аст».
Сари буридаи худро гирифтаму гуфтам:
«Касе, ки дил ба касе дод, оқибат ин аст».
Гуле зи гулшани рӯят начидаму мурдам,
Чаро ки панҷаи Қассоб баски хунин аст.

**112.**

Ҳар кӣ рӯ бартофт аз теғи шаҳодат, мард нест,
Метавон донист аз халқи ҷаҳон дилсард нест.
Аз ҳарифи даҳр ҳар кас чанд дове бурду бохт,
Ҳеч касро нақши бурд аз тахтаи ин нард нест.
Бо вуҷуди он ки нагсастаст аз ҳам корвон,
Ҳайрате дорам, чаро аз ҳеч марде гард нест?

---

1. **Фитрок** – тасмаи махсуси тарафи рост ва чапи зини асп, ки одатан сайдро меовехтанд.
2. **Мо чин** – бечин.
3. **Тасаннуъ** – худороӣ, зоҳирсозӣ.

Синаи бедард доим холӣ аст аз дарди дӯст,
З-он ки ҳар бедард ин ҷо мустаҳиқи дард нест.
Рӯзи девон гар зи дарди мо табиб орад ба ёд,
Шоҳиде моро дар он водӣ чу ранги зард нест.
Бандаи ишқи ту ҳар ҷо рафт, бо ғам ҳамдам аст,
З-он сабаб Қассоб мегӯяд, ки ошиқ фард нест.

**113.**

Ғам фузун гардиду ҳушёрӣ балои ҷони мост,
Соқиё, лабрез кун ҷоме, ки май дармони мост.
Дар чунин фасле, ки саҳро Юсуфистон шуд зи гул,
Гӯшаи хилват, ки байталаҳзани зиндони мост.
Мекунам имрӯз гулрезони ашки лолагун,
Ҳар гуле чидем аз васли ту дар домони мост.
Киштии мӯри заиф аз қатраи тӯфонияст,
Мавҷи андакшабнаме дарёи бепоёни мост.
Мурғи тасвирем, айши мо нашуд суратпазир,
Хомаи мӯйи мусаввир арсаи ҷавлони мост.
Аз ниҳеби об натвонад ҳаво дохил шудан,
Сел доим посбони хонаи вайрони мост.
Меравем аз хеш бо тардоманиҳо чун ҳубоб,
Мавҷи ин дарё рафиқи хонабардӯшони мост.
Дида гирён, дил ғамин, тан музтариб, ҷон беқарор,
Дар раҳи ишқи ту ин ҷамъияти сомони мост.
Мебарад Қассоб моро ваҳшати девонагӣ,
Дар биёбоне, ки ранг аз бим рӯгардони мост.

**114.**

Нахли Тӯбӣ навниҳоли бӯстони давлат аст,
Оби ҳайвон ҷӯйбори гулситони давлат аст.

Кас намедонад, ки давлатро нишеман дар куҷост?
Мекунад дар ҳар куҷо маскан макони давлат аст.
Чашмро натвон сиёҳ аз ҳар ҷавоҳирсурма кард,
Асли ин ҷавҳар ғубори остони давлат аст.
Новакаш аз синаи фӯлод берун меравад,
Ҳар киро дар бозуи ҳиммат камони давлат аст.
Ҳуҷларо чун нест иқболе зи васлаш, баҳра нест,
Бо вуҷуди ин ки дасташ дар миёни давлат аст.
Марҳами дилҳои решу махзани вайрониҳост,
Дар ҷаҳон инҳо, ки мегӯям нишони давлат аст.
Аксар авқоти парешонӣ зи бепарвоиаст,
Зирак аст он кас, ки доим посбони давлат аст.
Ин қадар таърифи иғроқе, ки гунҷад дар сухан,
Гар баён созам яке дар сад нишони давлат аст.
Метавонад як ҷаҳон дарвешро мунъим кунад,
Ҳар кӣ чун Қассоб як дам меҳмони давлат аст.

**115.**

Кадом фитна дигар тоза бар сари ноз аст?
Ки боз чашми чапам дар мақоми парвоз аст.
Агар шавад яди байзову гар кашад шамшер,
Ҳар он чӣ сар занад аз дасти ёр эъҷоз аст.
Накард ҳеҷ кас аз сирри ишқ сар берун,
Чӣ рамзҳо, ки дар ин зерпардаи ноз аст?
На масҷид аст, на майхона, то ки дар банданд,
Дари дил аст, ки аз шом то саҳар боз аст.
Рухат гулест, ба гулҳои орзу набувад,
Қадат хуҷастаниҳолест, ки бори ӯ ноз аст.
Кадом узв, ки афғон намекунад зи ғамат?
Ҳар устухон раги мо ҳамчу риштаи соз аст.
Гули ҳамешабаҳоре чу ранги доғи ту нест,
Ба сар зад он ки дар ин гулситон сарафроз аст.

Ба зери панҷаи марҷони ӯ дилам, Қассоб,
Чунон ки туъмаи гунҷишку чангали боз аст.

## 116.

Айши дунё зиннати болову пасте беш нест,
Як-ду рӯзе ин ҳино дар пою дасте беш нест.
Боли роҳат кай тавон, эй мурғи зирак боз кард?
Тангнои ин қафас ҷои нишасте беш нест.
Даст аз таъмири худ шустем охир чун ҳубоб,
Ҳастии моро ҷуз уммеди шикасте беш нест.
Чун таваккул ҳаст, гӯ, пул дар сари дарё мабош,
Бар камар зан домани ҳиммат, ки ҷасте беш нест.
Метавон, эй булбул, аз оҳе қафасро сӯхтан,
Ин кабоби камнасиби ниммасте беш нест.
Ҷуз ба ёди чашми махмураш намесӯзад дилам,
Охир ин зиндони меҳнат хорбасте беш нест.
Ин қадар Қассоб аз ин олам набояд шуд ғамин,
Дастранҷи кофари оташпарасте беш нест.

## 117.

Хавфе аз бегона, ҳеч андешаам аз хеш нест,
Душмани сулбе маро чун нафси кофаркеш нест.
Гар шавӣ ойина, медонӣ, ки пеши аҳли дил,
Сурате некӯтар аз ҳусни сулуки хеш нест.
Эй ки аз поёни баҳри ишқ метарсӣ, матарс,
Умқи ин дарёи хун як қадди одам беш нест.
Беди Маҷнун ҳам зи сар то пой дар таъзими туст,
Дар чаман танҳо сари наргис ҳамин дар пеш нест.
Ҳар кӣ з-асбоби таъаллуқ бенасиб, осудатар,
Дузд ҳаргиз дар камини хонаи дарвеш нест.
Аҳли дунё ҷумла чун занбӯри хоколудаанд,
Эҳтиёте кун, ки ин канди асал бе неш нест.

Борҳо худро зи баҳри имтиҳон санҷидаам,
Нимҷав, Қассоб, кӯҳ аз меҳнати мо пеш нест.

**118.**

Тӯтиямро дару боми қафас аз тир бас аст,
Баҳр худ бе ними ойинаи шамшер бас аст.
Гӯшаи чашми ғизоле зи худам карда бурун,
Ваҳшати бехудиямро дами нахчир бас аст.
Боданӯшони шабистони сари зудфи туем,
Мутриби маҷлиси мо нолаи занҷир бас аст.
Оташе нест ҷигарсӯзии моро даркор,
Кард чун ранг ба рухсори ту тағйир бас аст.
Пур зи хуноб шудӣ, оҳ, ту аз дил бархез,
Мекунад сел дар ин ғамкада таъмир бас аст.
Меҳри беҷо талаб аз модари гетӣ накунӣ,
Кард хунро зи пайи тарбиятат шир бас аст.
Шарҳ бар мусҳафи рухсори ту нанвишт касе,
Кард ин ҳошияро хатти ту тафсир бас аст.
Кимиёи назари марҳамати ӯ, Қассоб,
Бизанад гар ба миси қалби ту иксир бас аст.

**119.**

Субҳ шуд, пардасарои шаби дилгир бас аст,
Ҳалқаи мотамиёнро дами ин шер бас аст.
Нест анҷом ба ҷуз рӯсиёҳӣ ҳосили мо,
Лаб зи гуфтор фурӯ банд, ки тақрир бас аст.
То ба кай ком супорему ба ҷое нарасем?
Вой, бар бахти фурӯмонда, ки шабгир бас аст.
Чун шудам пир, хаёли ту ба ёдам омад,
Кард охир шакарам лаъли ту дар шир, бас аст.
Шукрилиллаҳ, ки наям чун дигарон гурсначашм,
Хони инъоми ғамат кард маро сер, бас аст.

Рафт чун ранги ҳино умр ба ғафлат, Қассоб,
То ба кай сар занад аз дасти ту тақсир, бас аст.

## 120.

Навбаҳори гулшани айшам хаёли дилбар аст,
Файзи субҳи иди Наврӯзам ҷамоли дилбар аст.
Оҳуи ман, нофаи ман, Чини ман, Мочини ман,
Чашми шӯху оразу пурхатту холи дилбар аст.
Навниҳоли ман, гули ман, боғи ман, гулзори ман,
Бӯстони ман, биҳишти ман, висоли дилбар аст.
Шарти дилдорӣ дигар чизест, гирам дар фалак
Моҳи нав монанди абрӯйи ҳилоли дилбар аст.
Ҷилваи ӯ як нафас ҳаргиз зи чашмам дур нест,
Дидаи ман ҷӯйбори навниҳоли дилбар аст.
Дар даруни синаам то рехт ранги дӯстӣ,
Хилвати дил Юсуфистон аз хаёли дилбар аст.
То гузашт аз рағми ман, Қассоб, ҳамдӯши рақиб,
Рӯз то шаб хотирам дар интиқоли дилбар аст.

## 121.

Додаам то дил ба бедодат, бибин, аҳвол чист?
Ҳеч гаҳ нагзаштам аз ёдат, бибин, аҳвол чист?
Бастаам чун бор дар гулшан, дили садпораам
Бар қади чун сарви озодат, бибин, аҳвол чист?
Даҳр чун шат асту молаш регу хасми ҷон аҷал,
Гаштаӣ ғофил зи ҷаллодат, бибин, аҳвол чист?
Ғам махӯр, Қассоб, дар маҳшар Амир-ал-муъминин,
Мерасад охир ба фарёдат, бибин, аҳвол чист?

## 122.

Рӯй бар ойина, з-он рухсор мегӯям ҳадис,
Ҳамчу тӯтӣ аз забони ёр мегӯям ҳадис.

Ман саводи дида аз хатти ту равшан кардаам,
Нест аз ман дур, агар бисёр мегӯям ҳадис.
Чашм-ҷоду, ғамза-тарсо, хол-ҳинду, рух-фаранг,
Дар миёни хиттаи куффор мегӯям ҳадис.
Нестам булбул, ки гӯяд дар шукуфтан васфи гул,
Чун уқоб аз хандаи сӯфор мегӯям ҳадис.
Шарҳи зулфашро касе дигар намедонад чу ман,
Мӯ ба мӯ з-ин риштаи зуннор мегӯям ҳадис.
Нестам зоҳид, ки дар масҷид занам ҳафри риё,
Мастаму дар хонаи хаммор мегӯям ҳадис.
Ошиқи девонаро бо масҷиду минбар чӣ кор?
Дар миёни кӯчаву бозор мегӯям ҳадис.
Бар муҳиббони Алӣ, Қассоб, оташ шуд ҳаром,
Аз забони Аҳмади Мухтор мегӯям ҳадис.

**123.**

Ҳамраҳон, бар сина бе дилдор санги мо абас,
Мекунад оҳу фиғон бисёр занги мо абас.
Мо ҳарифи ҳилабозиҳои гардун нестем,
Ҳаст бо ин хасми безинҳор ҷанги мо абас.
Даҳр дорад дар буни ҳар санг дузде дар камин,
Шуд дар ин манзилгаҳи хунхор ланги мо абас.
Чун гулам бори таалluқ бар қафо афкандааст,
Монда бе рӯйи ту бар рухсор ранги мо абас.
Нест як каф аз замини даҳр бе пасту баланд,
Медавад з-ин роҳи ноҳамвор хинги мо абас.
Мо ба абрӯйи буте, Қассоб, дилро додаем,
Баста бар ин теғи ҷавҳардор занги мо абас.

**124.**

Эй васли туро орзуи дил шуда боис,
Бар роҳи туам дурии манзил шуда боис.

Дар гӯшаи абрӯйи ту он хол маро кушт,
Бар қатли ман ин заҳри ҳалоҳил шуда боис.
Гар дер диҳам ҷон зи ғамаш, нест зи сахтӣ,
Шавқи рухи он шӯхшамоил шуда боис.
Донӣ, зи чӣ рӯ гул натавон чид зи рӯяш,
Бар оразаш озарм чу ҳоил шуда боис.
Бар қатли мани ғамзадаи бесарусомон
Теғи дудами абрӯйи қотил шуда боис.
Қассоб, туро кай бувад аз банд халосӣ?
Дар гарданат он зулфи салосил шуда боис.

**125.**

Аз каҷниҳод сар назанад ҷуз баёни каҷ,
Каҷ меравад ҳаданг бурун аз камони каҷ.
Натвон хамӯш сохт забон аҳли кизбро,
Душвор баста дар шавад аз остони каҷ.
Зоҳир чу шуд ҳавас, нашавад кори ишқ рост,
Раҳрав ба манзиле нарасад аз нишони каҷ.
То кай инон ба дасти ҳавову ҳавас диҳӣ?
Берун зи роҳ рафтӣ аз ин ҳамраҳони каҷ.
Аз зери осмон бирав, эй дил, ки беш аз ин
Натвон нишаст дар паси ин соябони каҷ.
Шуд сарнагун зи санги ҳаводис чу шаҳпарам,
Қассоб, уфтодам аз ин ошёни каҷ.

**126.**

Эй хаттат аз қаламрави хубӣ ситонда боҷ,
Бигрифта наргисат зи ғизоли Хутан хироҷ.
Чун нуқрае, ки сикка кунад роиҷаш ба даҳр,
Хат дода тоза ҳусну ҷамоли туро ривоҷ.
Захме, ки аз нигоҳи ту ояд ба ҷон, ҳамон
Мижгонат аз хаданги дигар мекунад илоҷ.

Хол аст карда ҷой дар атрофи оразат,
Ё шоҳи Занг такя зада бар сарири оҷ?
Поро шумурда неҳ, чу шикастӣ дили маро,
Бигзар ба эҳтиёт аз ин резаи зуҷоҷ.
З-обу ҳавои боғ гулу шамъро чӣ суд?
Дилро ба ашку оҳ магар бишканад мизоҷ.
Аз гуфтугӯ бибанд забон дар ҷаҳон, ки нест,
Қассоб, санги тафриқае бадтар аз лаҷоҷ.

## 127.

Хун мехӯрам зи ишқу мадорам гирифта авҷ,
Шукри Худо, ки равнақи корам гирифта авҷ.
Як найза оби гиряам аз сар гузаштааст,
Борони беҳисоби баҳорам гирифта авҷ.
Аз дил бурун нарафт даме ёди зулфи ӯ,
Дигар дарозии шаби торам гирифта авҷ.
Қад öнчунон кашид, ки садди нигоҳ шуд,
Бар пойи дил халида чу хорам, гирифта авҷ.
Имшаб фалак ба ҳоли дилам гиря мекунад,
Шодам, ки оҳу нолаи зорам гирифта авҷ.
Қассоб, бохтам ду ҷаҳонро ба як нигоҳ,
Пеши ду чашми ёр қиморам гирифта авҷ.

## 128.

Рӯзи аввал чун ҳубоб аз ҳамнишиниҳои мавҷ,
Хонаи моро бино карданд бар болои мавҷ.
Сарбаландӣ чист, розӣ шав ба пастӣ чун хазаф[1],
То наяфтӣ ҳамчу хас доим ба дасту пойи мавҷ.
Қулзуми ишқ асту дарёбон ба андак саркашӣ
Ҷома аз занҷир мебурранд бар паҳнои мавҷ.

1. **Хазаф** – сафолреза.

То бувад ҷон дар талотум, дил хатар дорад зи хеш,
Дар муҳити ишқ ҷойи ман бувад, ё ҷойи мавҷ.
Ҳар чи бо дил кард, чини абрӯйи дилдор кард,
Киштиям, Қассоб, тӯфонӣ шуд аз дарёи мавҷ.

### 129.

Хат чу сар зад, орази дилдор меёбад фараҳ,
Сабза чун пайдо шавад, гулзор меёбад фараҳ.
Бе кудурат нест бо ағёр дидан ёрро,
Бештар дил аз гули бехор меёбад фараҳ.
Рӯ диҳад чун ихтилоте аҳлро, бе файз нест,
Хол чун мавзун фитад, рухсор меёбад фараҳ.
Дидани дидори хубон занг аз дил мебарад,
Ҳар кӣ бошад толиби дидор, меёбад фараҳ.
Ҳаст пинҳон партави анвор дар дилҳои шаб,
З-он таҷаллӣ дидаи бедор меёбад фараҳ.
Дидаам, Қассоб, кай ёбад зи гарди тӯтиё,
Он қадар, к-аз хоки пойи ёр меёбад фараҳ.

### 130.

Рафт шаб, то парда аз рухсор бикшояд сабоҳ,
Бар рухи булбул дари гулзор бикшояд сабоҳ.
Сар диҳад то пардаи шаб ҳаққу ботилро ба ҳам,
Уқдаро аз субҳаву зуннор бикшояд сабоҳ.
Занги шабро меҳр бардорад зи миръоти сипеҳр,
Пардаи шарм аз рухи асрор бикшояд сабоҳ.
Дар мукофоташ ду дар бар рӯй мебандад фалак,
Бар рухи ҳар кас даре як бор бикшояд сабоҳ.
Медиҳад дар як нафас айём бар боди фано,
Ғунчаеро чун ба сад озор бикшояд сабоҳ.

Ғунча аз хиҷлат наёрад аз гиребон сар бурун,
Дар чаман банди қабо чун ёр бикшояд сабоҳ.
Менишинад то ба шаб, Қассоб, дар хуни ҷигар,
Чун назар бар тораки дилдор бикшояд сабоҳ.

**131.**

Дамид хат зи лаби ёру шуд баҳори қадаҳ,
Хуш он замон, ки занам бӯса бар канори қадаҳ.
Шароби шавқ дуболо расида нашъаи ӯ,
Магар фитода нигоҳи ту бар узори қадаҳ.
Нашуд зи бодаи ангур кас хароб осон,
Магар ту гӯшаи чашме кунӣ ба кори қадаҳ.
Ҳуҷуми лашкари ғам чун шавад, чӣ з-ин беҳтар,
Ки ҳамчу бода гурезем дар ҳисори қадаҳ.
Ҳавои дӯст мабодам тиҳӣ зи косаи сар,
Ба ҷуз шароб наояд касе ба кори қадаҳ.
Гаҳест дар кафи соқӣ, дамест бар лаби ёр,
Ба айш мегузарад рӯзу шаб мадори қадаҳ.
Мусоҳибе, ки тавон кард дил аз он холӣ,
Дар ин бисот чу Қассоб нест ёри қадаҳ.

**132.**

Бино шуд аз ғубори раҳат чашми соди субҳ,
Равшан шуд аз дамидани хаттат саводи субҳ.
Дар гулшане, ки ҳусни ту оғози ҷилва кард,
Хуршедро чу барги гуле бурд боди субҳ.
Дур аз рухат дарозии шабҳои тори ман,
Чандон зи ҳад гузашт, ки рафтам зи ёди субҳ.
Ошуфта шуд ба гирди баногӯши зулфи ёр,
Ё монда кард лашкари шаб дар билоди субҳ?
Гардид сурх домани афлок аз шафақ,
Ё оташе фиканд рухат дар ниҳоди субҳ?

Равшан намешуд ойинааш аз ғубори шаб,
Гар акси оразі ту намедод доди субҳ.
Зулфат саре ба чоки гиребон кашиду рафт,
Беш аз даме ба шаб набувад иттиҳоди субҳ.
Дорӣ гар орзу, ки шаберо барӣ ба сар,
Бояд ба сар расонд туро эътиқоди субҳ.
Қассоб, коми хеш зи рухсори ёр гир,
К-аз дасти офтоб барояд муроди субҳ.

**133.**

Сели ашкам на ҳамин бар рухи саҳро шуд тарҳ,
То равон гардида аз мижа ба дарё шуд тарҳ.
Захми шамшери ту дардам ба рагу реш расад,
Нами ин оби равон бар ҳама аъзо шуд тарҳ.
Нест як дил, ки ба фикри хами абрӯйи ту нест,
Ин ду мисраъ зи замин то ба сурайё шуд тарҳ.
Рехт он рӯз, ки нӯги қаламат ранги вуҷуд,
Нури акси ту ба оинаи дилҳо шуд тарҳ.
То сари зулфи ту шуд силсилаҷунбони ҷунун,
Ҳамчу занҷир ҷунунам ба саропо шуд тарҳ.
Дар сарам як сари мӯ бе гили савдои ту нест,
На ҳамин доғи ғамат бар дили танҳо шуд тарҳ.
То баровард ба тороҷ ғамат дасти ситам,
Дилу ҷон дар ғами ишқи ту ба яғмо шуд тарҳ.
Ҳаргизам бодаи васли ту нагардид насиб,
Дар аёғам ҳама дурди таҳи мино шуд тарҳ.
Лутфи одинаву шанбе шуда яксон, Қассоб,
Бас мукаррар ғазали ҳафтаи дунё шуд тарҳ.

**134.**

Мабин ба оразі он сабзи гандумин густох,
Машав ба хирмани фирдавс, хӯшачин, густох.

Ғубори ҳастии афтодаи азизон аст,
Зи рӯйи кибр манеҳ пой бар замин густох.
Баробар аст ба Кайхусравии рӯйи замин,
Ба остонаи ин дар манеҳ ҷабин густох.
Бари карим зи бешармияст арзи талаб,
Дигар маёр бурун даст аз остин густох.
Тамаъ ба он лаби ширин макун зи булҳавасӣ,
Магард ҳамчу магас гирди ангубин густох.
Талоши васл намудан камоли беадабист,
Мабош, эй дили бетоб, инчунин густох.
Ғуломияш набувад кори ҳар касе, Қассоб,
Чаро ту кандаӣ «ал-абд» дар нигин густох?!

**135.**

Танҳо дар ин ҳаво на ҳамин об карда ях,
Шири фалак ба косаи маҳтоб карда ях.
Дар печ-печи пой тавон банд карду рафт,
Бас чун манор кӯчаю гирдоб карда ях.
Дар кунҷи ғунчаи лаби ширини гулрухон
Аз сардӣ оби бӯса чу унноб карда ях.
Бедор донӣ, аз чӣ нагарданд гулрухон,
Дар раҳгузори дидаашон хоб карда ях.
Дар оташи танӯри ҷаҳонсӯзи[1] каллапаз,
Қуллобу[2] обу дезии[3] сероб карда ях.
Шайху ридову ҷуббаву дастор гашта барф,
Зуҳду риёву масҷиду меҳроб карда ях.

---

1. Сифати ҷаҳонсӯз барои танӯри каллапаз беҳтарин сифатест, ки ба кор бурда, зеро собиқан каллапазҳо танӯри худро аз роҳи сарфаҷӯӣ бо устухону кӯҳнабаргҳо ва ҳар чи ба дасташон меомаду сӯхтанӣ буд, гарм мекарданд. ***(Партав Байзоӣ).***
2. Мақсуд аз қуллоб чӯбҳоест, ки бар сари он оҳани каҷе насб мешавад ва барои хориҷ кардани дезӣ аз танӯри каллапазӣ ба кор меравад, ки ҳанӯз ҳам дар Кошон маъмул аст. (Партав Байзоӣ).
3. **Дезӣ** – зарфи сафолӣ ё сангии устувонашакл, ки дар он обгӯшт пухта кунанд.

Устоду косашӯру харидор монда хушк,
Деги ҳалиму[1] косаи қандоб карда ях.
Боғу дарахту чашмаву бӯстону боғбон,
Кишту замину ҳосили арбоб карда ях.
Чӯпону чӯбу лошакашу гӯсфанду гов,
Сотуру[2] сангу мисқали Қассоб карда ях.

## 136.

Эй бо рухи ту хол сафеду сиёҳу сурх,
Чун дидаи ғизол сафеду сиёҳу сурх.
Акси рухи ту в-он хати шабранг кардааст,
Ойинаро ҷамол сафеду сиёҳу сурх.
Бинмо ба ранги чун шафақ аз зери абри зулф
Абрӯйи чун ҳилол сафеду сиёҳу сурх.
Гардида дасту ҷавҳари теғат зи хуни хасм
Дар арсаи ҷидол сафеду сиёҳу сурх.
Сунбул шукуфту лола дамиду шукуфа рехт,
Бар пойи ҳар ниҳол сафеду сиёҳу сурх.
Бечора зарпараст зи ғам мурд, то ки бурд
Як пораи вубол сафеду сиёҳу сурх.
Қассоб, ид шуд, ки чу товус гулрухон
Созанд рӯю бол сафеду сиёҳу сурх.

## 137.

Онро, ки доғи ишқаш по то ба сар набошад,
Дар даҳр чун ниҳолест, к-онро самар набошад.
Аз дарди шоми ҳиҷрон дарде батар набошад,
Болотар аз сиёҳӣ ранги дигар набошад.

1. **Ҳалим** – дар форсӣ ошеро гӯянд, ки бо гандум ва гӯшти пухтаи лаҳмшуда дуруст кунанд, ҳариса.
2. **Сотур** – афзори оҳании паҳну дастадор шабеҳи корд, ки қассобон бо он устухонро мешикананд.

Ҷоми шароби соқӣ моро намекунад маст,
То ҷойи бода дар вай хуни ҷигар набошад.
Гаҳ дар хаёли зулфам, гоҳе ба фикри кокул,
Эй кош, шоми моро ҳаргиз саҳар набошад.
Дар роҳи ишқбозӣ розӣ намешавад дил,
Захми хаданги[1] нозаш гар коргар набошад.
Тобон чу орази ӯ дар осмони иззат,
Ҳаққо, ки дар накӯӣ қурси қамар набошад.
Дар ишқ зоди роҳе[2] ҷуз дард нест лозим,
Таҳсили обу ноне дар ин сафар набошад.
То кай зи баҳри сандал[3] миннат кашӣ зи дунон,
Қассоб, тарки сар кун, то дарди сар набошад.

## 138.

Кай тавонад ҳар табибе чораи ҳиҷрон кунад?
Мушкил афтодаст кори дил, Худо осон кунад.
Кай тавонем аз хиҷолат кард сар боло, магар
Абри раҳмат шустушӯйи мо гунаҳкорон кунад?
Дар замин дорем чун з-ашки надомат донае,
Барнамедорем рӯй аз хок, то борон кунад.
Аз сарам боре гарон бар дӯши хеш афкандаанд,
Эй хуш он марде, ки худро аз сабукборон кунад.
Аҳли ишрат ҷумла мадҳушанд дар маҷлис, магар
Чашми соқӣ нашъае дар кори майхорон кунад.

Мо парешонхуфтагонро хоби ғафлат бурдааст,
Бӯйи зулфе ку, ки моро ҳам зи бедорон кунад?

1. **Хаданг** – киноя аз тири камон.
2. **Зоди роҳ** – тӯшаи сафар.
3. **Сандал** – номи дарахтест, ки чӯби он хушбӯ мебошад ва барои бартараф намудани дарди сар каме аз чӯби онро дар сандалӣ ва ё печ дуд мекунонанд. Чӯби ин дарахтро низ сандал мегӯянд.

Мекунад сангиндилонро ҳирси рӯзӣ беқарор,
Осиёро ҷустуҷӯйи ризқ саргардон кунад.
Бе фурӯғи ишқ натвон кард домон пур зи ашк,
Шамъ равшан мешавад, то дидаро гирён кунад.
Ҷонсупорӣ гар ҳавас дорӣ, зи Қассоб, эй нигор,
Амр кун, то он ки қурбони ту гардад, он кунад.

## 139.

Надорад марг, ҳар кас куштаи он тири мижгон шуд,
Набошад ҳасрат он дилро, ки дар кӯйи ту қурбон шуд.
Дар ин гулзор чун дилтанг гардӣ, лаб зи ҳам макшо,
Ки умраш рафт бар боди фано, чун ғунча хандон шуд.
Дилам чун хол даст аз кунҷи он лаб барнамедорад,
Дар аввал тӯтии мо пойбасти шаккаристон шуд.
Даромад бе ниқоб он оразу бишкуфт гул дар гул,
Дило, гул чин, ки боз аз рӯйи ӯ олам гулистон шуд.
Ба базмат то қиёмат ранги ҳушёрӣ намебинад,
Касе, к-аз гардиши паймонаи чашми ту мастон шуд.
Чӣ ҳусн аст он париваширо, ки то аз дур пайдо шуд,
Чу нақши рӯйи дебо ҳар кӣ ӯро дид, ҳайрон шуд.
Шабе Қассоб буд, эй шӯх, бо зулфи ту дар бозӣ,
Пушаймон гашт чун бедор аз ин хоби парешон шуд.

## 140.

Бӯйи уду бед дар миҷмар мушаххас мешавад,
Ҳаққу ботил дар сафи маҳшар мушаххас мешавад.
Ман зи лаъли ёр гӯям, Хизр з-оби зиндагӣ,
Ин тафовут дар лаби Кавсар мушаххас мешавад.
Даъвии ёрони атласпӯшу ринди шолпӯш,
Дар ҳузури Ҳазрати Довар мушаххас мешавад.

Метавон равшандилонро озмудан дар либос,
Гармии оташ зи хокистар мушаххас мешавад.
Новаки мижгонаш аз ҷонам кашу наззора кун,
Хубии фӯлод аз ҷавҳар мушаххас мешавад.
Оқибат якрангии мо бо муҳиббони дигар
Дар рикоби Ҳайдари Сафдар мушаххас мешавад.
Ғам махӯр, Қассоб, фардо дар сироталмустақим,
Ҳар чи ҳаст, аз мазҳари Мазҳар[1] мушаххас мешавад.

**141.**

Ба ишқе кардаам дар баҳр маъво, то чӣ пеш ояд,
Ба доман чун садаф печидаам по, то чӣ пеш ояд.
Чу каф помоли тӯфонам, чу хас силихӯри мавҷам,
Саросар меравам дар рӯйи дарё, то чӣ пеш ояд.
Дар ин гулзор дар ҷое, ба ёди сарви болое,
Ба хок афтодаам з-он қадди раъно, то чӣ пеш ояд.
Далели роҳам имшаб муждаи хоби парешон шуд,
Ба зулфаш мекунам пайванди савдо, то чӣ пеш ояд.
Гаҳе дар шашдару гаҳ дар кушод аз хасм афтодам,
Қиморе мекунам бо аҳли дунё, то чӣ пеш ояд.
Зи селоби сиришки лолагун, Қассоб, дар ҳаҷраш,
Пур аз хун мекунам домони саҳро, то чӣ пеш ояд.

**142.**

Берун хаёлат аз дили ғофил намеравад
В-ар меравад ба сӯйи ту, бе дил намеравад.
Ҳаргиз маро ҳавои сари кӯят, эй нигор,
Аз сар бурун зи дурии манзил намеравад.
Баҳрест ишқи ӯ, ки зи боди мухолифаш
То нашканад қироб, ба соҳил намеравад.

1. Дар асл чунин аст ва шояд ишора ба касе бошад. ***(Партав Байзоӣ)***

Ҳар ҷо, ки дидамаш зи ғазаб, то намезанад
Бар ман зи ғамза тири тағофул, намеравад.
Ояд чу ёр, то накунад кори ишқро,
Бар ман ҳазор мартаба мушкил намеравад.
Қассоб, тири ғамза чу хӯрдӣ, қарор гир,
Кас захмдор аз пайи қотил намеравад.

## 143.

Асиронро раҳоӣ аз гирифторӣ намебошад,
Халосӣ аз диёри ишқ бе хорӣ намебошад.
Чу аз қайди қафас фориғ шудам, дар дом афтодам,
Мусибатдидаро ёрои худдорӣ намебошад.
Ба дур андоз аз дӯш ин сари пуршӯру фориғ шав,
Ки танро роҳате ғайр аз сабукборӣ намебошад.
Чӣ масти ғафлатӣ? Як чанд тарки боданӯшӣ кун,
Ки ҳаргиз дарди сар дар ҷоми ҳушёрӣ намебошад.
Зи дастандози[1] беандози[2] ӯ, Қассоб, донистам,
Ки раҳме дар дили хубони бозорӣ намебошад.

## 144.

Ба ҳар нафас дилам аз доғи ёр ларзаду резад,
Чу барги гул, ки зи боди баҳор ларзаду резад.
Биё, ки бе гули рӯйи ту ашкам аз сари мижгон
Чу шабнамест, ки аз нӯки хор ларзаду резад.
Ба ҳам расон самаре з-ин чаман, ки шоҳиди дунё
Шукуфаест, ки аз шохсор ларзаду резад.
Зи оби дида ба роҳат ҳамеша косаи чашмам
Чу ҷоми пур ба кафи раъшадор ларзаду резад.

1. **Дастандоз** – истилоҳест дорои чанд маънӣ, аз ҷумла ҳамла бурдан, ки шуарои он аср зиёд ба кор бурдаанд. (Партав Байзоӣ)
2. **Беандоз** – беандоза, беҳадду миқдор.

Бурун хиром, ки вақт аст лолаҳои чаманро
Зи шавқи рӯйи ту ранг аз узор ларзаду резад.
Гирифта пойи касе ин ду рӯзи умр ба хунам,
Ки аз латофаташ аз кафи нигор ларзаду резад.
Ниҳода тозаниҳоле қадам зи лутф ба чашмам,
Ки пеши ҷилваи ӯ сарв зор ларзаду резад.
Бас аст ин ҳама, Қассоб, обрӯйи ту дигар
Дар ин замонаи беэътибор ларзаду резад.

### 145.

Азизо, чун ба ман дил меҳрубон кардӣ, хушат бошад,
Сарафрозам миёни ошиқон кардӣ, хушат бошад.
Зи рӯйи меҳрубонӣ аз лаби лаъли шифобахшат,
Илоҷи дарди ҷони нотавон кардӣ, хушат бошад.
Дар аввал гарчи будам дур аз наздики гулзорат,
Дар охир маҳрамам дар гулситон кардӣ, хушат бошад.
Агар дар мавсими гул бенасиб аз гулшанам кардӣ,
Вале дар фасли сунбул боғбон кардӣ, хушат бошад.
Маро дар ишқ мустақбал[1] беҳ аз мозӣ[2] бувад толеъ,
Туам дар ишқбозӣ кордон кардӣ, хушат бошад.
Бахокафтодаи худро чу дидӣ, эй шаҳи хубон,
Нигоҳе аз тараҳҳум сӯйи он кардӣ, хушат бошад.
Расад Қассоб чун пеши ту, натвонад сухан гуфтан,
Намудӣ рӯю ӯро безабон кардӣ, хушат бошад.

### 146.

Ҳар дам аз шавқи ту чашми ашкборам гул кунад,
Хори мижгон дар канори ҷӯйборам гул кунад.
Вақти он шуд, к-аз ҳуҷуми ноқабулиҳои хеш
Қатраҳои хун зи хиҷлат дар канорам гул кунад.

1. **Мустақбал** – замони оянда.
2. **Мозӣ** – замони гузашта.

Нахли исён дар замирам реша маҳкам кардааст,
Вой бар рӯзе, к-аз ин гулбун баҳорам гул кунад.
Баски бар пойи дилам бишкаста хори орзу,
Сабза метарсам, ба тарфи ҷӯйборам гул кунад.
Ғунчаи пайкон зи ҳар узви танам бинмуд рӯй,
Вақти он омад, ки дигар лолазорам гул кунад.
Баъди марг аз ҳасрати он тири мижгон дур нест,
Хор-хори орзу гар бар мазорам гул кунад.
Аз ғубори дидаву дил вақт шуд, к-аз дарду оҳ
Сабзаи зангор дар ойиназорам гул кунад.
Рехтам, Қассоб, хореро, ки дар роҳи касон,
Сахт метарсам, ки охир дар канорам гул кунад.

**147.**

Дар ҳадиси лаълаш оташ аз забонам мечакад,
Чун барам номи лабаш, шаҳд аз лабонам мечакад.
Ин қадар ман орзу дорам, ки гар бифшориям,
Ашки ҳасрат ҳамчу мағз аз устухонам мечакад.
Ҳосили кишти муродам ғайри доғ аз жола нест,
Бас ба ҷойи об хун аз осмонам мечакад.
Аз нигоҳи чашми масти кист, к-имшаб то ба субҳ
Заҳр чун шабнам ба рӯйи гулситонам мечакад.
Аз камони ғамзаи турке дар ин гулшансаро,
Ғунча чун пайкон зи чашми боғбонам мечакад.
Бастаам дил бар парирӯе, к-аз ин ҷо то ба Миср
Бӯйи Юсуф аз ғубори корвонам мечакад.
Дар раҳаш, Қассоб, ман он гӯсфанди лоғарам,
К-оби чашми гург аз чӯби шубонам мечакад.

## 148.

Барафкандӣ зи рух то парда, зулмат аз ҷаҳон гум шуд,
Намудӣ чеҳра то хуршедро ному нишон гум шуд.
Ба ҳангоми ҷавоб ар биниям хомӯш, маъзурам,
Ки чун гуфтӣ сухан, дар комам аз ҳасрат забон гум шуд.
Намедонам диламро хат ба ғорат бурд, ё холаш,
Ҳамин донам, ки мо будему ӯ, дил дар миён гум шуд.
Ба қасдам дошт турке дар камон тире, надонистам,
Ки берун рафт аз дил новакаш, ё дар нишон гум шуд.
Ба ғурбат кардаам хӯ, мурғи дастомӯзи сайёдам,
Ватан кай мешиносам, байзаам дар ошён гум шуд?
Биёбонест моломоли дил то хаймаи Лайлӣ,
Басо Маҷнуни саргардон дар ин реги равон гум шуд.
Зи худ гар меравӣ, вақт аст, фурсатро ғанимат дон,
Ки инак дар назар, Қассоб, гарди корвон гум шуд.

## 149.

Лабаш бар гардани ошиқ басе ҳаққи намак дорад,
Ба теғи ғамзааш гардад гирифтор он ки шак дорад.
Хаёли чини зулфаш бар миёнам баста зунноре,
Ки бар ҳар тори мӯяш рашк тасбеҳи малак дорад.
Ба осон кай тавон зад бӯса бар хоки кафи пояш,
Ки афтад гар раҳаш дар чарх, миннат бар фалак дорад.
Тавонад ғӯта бар дарёи хун зад аз раҳи ишқаш,
Ҳар он ошиқ, ки дил бо доғи ӯ андар намак[1] дорад.
Агар ғаш дорӣ, эй Қассоб, ин ҷо мешавӣ расво,
Ки ишқи он санам хосияти санги маҳак дорад.

1. Намак пошидан бар ҷароҳат тавлиди хуноба мекунад. Нуриддин Зуҳурӣ дар ин маънӣ гӯяд:

***Бар реши ҷигар намак нарондем,***
***Хуноба чакиданӣ зарур аст.***

**150.**

Нигоҳам чун дучори орази он дилрабо гардад,
Ҳаё аз ҳарду ҷониб садди роҳи муддао гардад.
Зи худ маҳруму аз халқи ҷаҳон бегона мемонад,
Касе чун ошнои он бути дерошно гардад.
Зи занги кина сайқал додаам дилрову медонам,
Ки ин ойина чун равшан шавад, гетинамо гардад.
Зи нори ишқ азбас устухонам сӯхт, медонам,
Ки охир пайкарам мардуди даргоҳи ҳумо гардад.
Абиролуд дигар аз сари кӯйи кӣ меояд,
Ки мехоҳад ғуборам боз бар гирди сабо гардад.
Тавонад ҷонфишонӣ кард пеши шамъи рухсораш,
Сабукрӯҳе, ки чун парвона бе баргу наво гардад.
Зи ҷон гар бигзарад, восил ба ҷонон метавонад шуд,
Ба матлаб мерасад Қассоб, агар бемуддао гардад.

**151.**

Оқибат кӯйи ту моро маскани дил мешавад,
Ҳар кучо по монд аз рафтор манзил мешавад.
Ишқро медор дар хотир, ки меафтад ба дом
Мурғи зирак чун зи ёди лона ғофил мешавад.
Он чи мекорад, агар нек аст, ё бад, оқибат
Восили деҳқон ҳамон дар вақти ҳосил мешавад.
Масти ишқам, зулфро бардор аз пойи дилам,
Дар кучо девона аз занҷир оқил мешавад?!
Меравад аз дасти ӯ сарриштаи осудагӣ,
Ҳар кӣ чун Қассоб бар рӯйи ту моил мешавад.

**152.**

Дилам шабе, ки ба шаккарлабе хитоб надорад,
Чу кӯдакест, ки аз баҳри шир хоб надорад.

Шаби висол макун манъам аз ду дидаи бенам,
Аҷаб мадон, гули тасвир агар гулоб надорад.
Ба дил чу меҳри рухат нест, доғ нақш набандад,
Нарӯяд аз чамане гул, ки офтоб надорад.
Зи обутоб рухатро ба офтоб насанҷам,
Ки офтоб агар тоб дорад, об надорад.
Ба хотире, ки ду мисраъ зи абрӯйи ту набошад,
Саҳифаест, ки як байти интихоб надорад.
Чу дил зи хун нашавад пур, намерасад ба висоле,
Ба базм ҷо накунад шиша, то шароб надорад.
Зи дил мапурс, ки ишқат зи доғҳои ниҳонӣ
Чӣ ганҷҳо, ки дар ин хонаи хароб надорад.
Тамом хуни дил аст, ин ки дида рехт ба роҳат,
Ғамин мабош зи савдои мо, ки об надорад.
Ба қасди куштани Қассоб изтироб чӣ дорӣ?
Шаҳиди теғи ту хоҳад шудан, шитоб надорад.

**153.**

Гоҳ ободам намояд, гоҳ вайронам кунад,
Чархи саргардон, намедонам, чӣ бар ҷонам кунад?
Туъмаи мӯри заифам оқибат дар зери хок,
Гар ба рӯйи тахт ҳамдӯши Сулаймонам кунад.
Гоҳ бар садрам нишонад, гоҳ андозад ба хок,
Гоҳ ҳайронам гузорад, гоҳ қурбонам кунад.
Хирқаву[1] саҷҷода[2] бар ман садди роҳи ваҳдат аст,
Ку ҷунуне, к-аз либоси шайд[3] урёнам кунад.
Аз тағофулҳои чашмат дар хумор афтодаам,
Бо нигоҳат гӯ, ки боз аз ноз мастонам кунад.

1. **Хирқа** – либоси махсуси сӯфиён.
2. **Саҷҷода** – ҷойнамоз.
3. **Шайд** – ҳила, макр, фиреб.

Корам аз ҳад рафт, ку шӯхе, ки бинмояд ба ман
Гӯшаи чашме, ки чун ойина ҳайронам кунад.
Модари айём, эй Қассоб, доим медиҳад
Хун ба ҷойи шир, чун хоҳад, ки меҳмонам кунад.

## 154.

Ҷон дар раҳи ҷонона фидо шуд, чӣ ба ҷо шуд,
Аз гарданам ин дайн[1] адо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Мехост рақибам, ки ман аз ғусса бимирам,
Дидӣ, ки худаш зуд фано шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Аз дуди дилам вусма кашидаст бар абрӯ,
Дуди дили ман қибланамо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Аз хуни дилам баста ҳино бар сари ангушт,
Хуни дилам ангуштнамо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Мағрур ба яктоии чашмат шуда будӣ,
Бар оразат он зулф дуто шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Ҳар лаҳза умеди мани бечора ҳамин буд,
Як бӯса ба Қассоб ато шуд, чӣ ба ҷо шуд.

## 155.

Аҷаб мадор гарам дил зи дидагон бичакад,
Зи шавқи теғи ту хун гардад, он замон бичакад.
Чу васфи нозукии оразат кунам, доим,
Ба лаб наёмада ҳарф аз сари забон бичакад.
Ҳадиси лаъли лабат гар кунам, аҷаб набвад,
Ки аз ҳаловати он шаҳдам аз баён бичакад.
Зибас шикаста ба дил новаки ту, наздик аст,
Ба ҷойи ашк зи чашмам сари синон бичакад.
Агар нигоҳи туро бо ҳисоб бифшоранд,
Зи нӯки ҳар мижаат сад ҳазор ҷон бичакад.

1. **Дайн** – қарз.

Ба дидаам чу ниҳӣ пой, он қадар бифшор,
Ки ашкам аз мижа бо резаи устухон бичакад.
Зи сӯзи оҳи ту, Қассоб, вақти он шудааст,
Ки хун зи абр дар ин зери осмон бичакад.

## 156.

Нишастан бо туву бар худ наболидан ситам бошад,
Туро дидан, дигар дар пӯст ғунчидан ситам бошад.
Тавон то сӯхт чун парвона пеши шамъи рухсорат,
Чу булбул аз ҳуҷуми дард нолидан ситам бошад.
Чу хоно гашт хатти оразат, матрош аз теғаш,
Ки хат аз рӯйи ин мусҳаф тарошидан ситам бошад.
Канори худ зи оби дида хуррам метавон кардан,
Ба кишти хештан борон наборидан ситам бошад.
Ту омӯзӣ тариқи маслиҳатбинону медонӣ,
Зи ҳарфи душманон аз дӯст ранҷидан ситам бошад.
Тавон то сӯхтан чун шамъ дар базми накӯрӯён,
Чароғи хилвати фонус гардидан ситам бошад.
Зи афъоли ҷаҳон, Қассоб, доим чашми ҳайратро
Зи худ пӯшидану айби касон дидан ситам бошад.

## 157.

Он сарви симандоми ман чун аз гулистон бигзарад,
Мавҷи латофат ҷӯ ба ҷӯ аз ҳар хиёбон бигзарад.
Шабҳои ҳаҷри ӯ дилам розӣ намегардад агар,
Як қатра оби чашмам аз болои мижгон бигзарад.
Аз касрати камтолеӣ тарсам, насими кӯйи ӯ
Чун бар мазори ман расад, барчида домон бигзарад.
Он бесаранҷомам, ки гар узве зи ман ёбад ҳумо,
Як умр саргардон шавад, то аз биёбон бигзарад.
Дар ранҷ рӯзафзунаму бимам аз он бошад, ки ӯ
То чораи дардам кунад, корам зи дармон бигзарад.

Аз гармии теғаш кашад бар устухонам шуълае,
Барқ оташафшонӣ кунад, то аз найистон бигзарад.
Қассобро бори гарон афканда з-ин раҳ бар қафо,
Аввал ба манзил мерасад ҳар кас, ки аз ҷон бигзарад.

**158.**

То дасти шона дар шикани зулфи ёр буд,
Рӯзам зи рашк тира чу шабҳои тор буд.
Бисёр барфурӯхта аз акси ёр буд,
Имрӯз оби ойина аз лолазор буд.
Гардида сурх ҳар мижаи мо зи хуни дил,
Пайваста дасту дидаи мо дар нигор буд.
Ваҳшат тамом рафт зи ёди ғизолҳо,
Ҳар гоҳ дар сари ту ҳавои шикор буд.
Ором расми куштаи шамшери ноз нест,
Гар тан қарор ёфта, ҷон беқарор буд.
Лабташнае ба водии ҳиҷрон намонда буд,
Азбаски теғи ғамзаи ӯ обдор буд.
Шуд дидаам ба даври хаташ ашкрезтар,
З-обу ҳавои ишқ хазон дар баҳор буд.
Дил кард он чи кард, ки доғаш насиб бод,
Хуне, ки рехт дида, на аз интизор буд.
Ханҷар ба ҳам кашида ду чашмам зи диданат,
Хуш фитнае зи ҳусни ту дар рӯзгор буд.
Қассоб гуфтааст ба ҷойи шакар калом,
Қаннодии маҳаллаи ӯ Зулфиқор буд.

**159.**

Зи васлаш дур будам, ҷон зибас мерафту меомад,
Нагаштам маҳрам он ҷо, то нафас мерафту меомад.
Ҳанӯзам байза аз хун буд, к-аз завқи гирифторӣ
Дилам сад бор наздики қафас мерафту меомад.

Ба уммеде, ки хушбӯ созад аз зулфаш димоғамро,
Дилам мешуд пур аз хун, то нафас мерафту меомад.
Садои дӯстӣ нашнидам аз ин беқарориҳо,
Ба гӯшам гоҳе овози ҷарас мерафту меомад.
Ғалат кардам, ки бар боли кабӯтар номаро бастам,
Тапиданҳои дил дар ҳар нафас мерафту меомад.
Дили Қассоб то шуд пойбанди зулмати ҳиҷрон,
Зи ғам ҳар дам бари фарёдрас мерафту меомад.

**160.**

Дилам то кард ёд аз он рухи ҷонона, равшан шуд,
Ба нури шамъ чун шуд ошно парвона, равшан шуд.
Хаёли лаъли соқӣ оташе афканд дар ҷонам,
Ки май чун шуълаи оҳам дар ин паймона равшан шуд.
Ҳадиси ишқбозӣ беш аз ин махфӣ намемонад,
Ба риндони назарбоз охир ин афсона равшан шуд.
Падид омад чу субҳ, ин нури ҳусни кист? Ҳайронам,
Ки шаҳро хонаву дарвешро вайрона равшан шуд.
Зи авзои ҷаҳон саргашта чун фонус мегардам,
Зи меҳрат то чароғи масҷиду майхона равшан шуд.
Назар, Қассоб, рав, бар остони Шоҳи Мардон кун,
Ки аз аксаш чароғи маҳраму бегона равшан шуд.

**161.**

Рӯзи Наврӯз илоҷи шаби ҳиҷрон накунад,
Рафъи ғам бастагии чоки гиребон накунад.
Ишқ селоби азимест, машав ғофил аз ӯ,
Хонае нест, ки сел ояду вайрон накунад.
Ошиқи якҷиҳат он аст, ки рӯзе сад бор
Мирад аз дарду нигоҳе сӯйи дармон накунад.

Бандаи подшаҳе бош, ки бар даргаҳи ӯ
Нест мӯре, ки бузургӣ чу Сулаймон накунад.
Рӯзи аввал ба сари зулфи ту додам дилро,
То касе манъам аз ин ҳоли парешон накунад.
Қасди ман кун зи нигоҳе, ки маро теғи дигар
Дар ҷигар кор чу он ханҷари мижгон накунад.
Ҳеч ҷо бар сари роҳаш нарасидӣ, Қассоб,
Ки туро аз нигаҳе бесарусомон накунад.

### 162.

Чун хунам аз ду дидаи гирён равон шавад,
Мижгон зи ашк шохи гули арғувон шавад.
Равшан кунад чароғи рухаш нури офтоб,
Равшан чу шамъи маҳфили рӯҳониён[1] шавад.
Сар барнагирам аз раҳи Канъон ба роҳи ту,
То хоки ман ғубори раҳи корвон шавад.
Мурдем бо вуҷуд, ки як ҷав надошт меҳр,
Фарёд аз он замон, ки ба мо меҳрубон шавад.
Азбаски гуфтаму нашунидам ҷавоб аз ӯ,
Наздик шуд даме, ки забон устухон шавад.
Бар васл норасида маро шарм об кард,
Қассоб, чист чора, чу оташ аён шавад?!

### 163.

Аз азал дар раҳам он гаҳ, ки ҳаётам доданд,
Як нафас чошнии умр суботам доданд.
Базми офоқ намуданд ба ман чун шатранҷ,
Он замон ҷой дар ин арсаи мотам доданд.
Сабрӯ орому дилу ҳуш зи ман бигрифтанд
В-он гаҳ аз хатти баногӯш баротам доданд.

1. **Рӯҳониён** – киноя аз фариштагон.

Дуриву зулмати ҳиҷрон бинамуданд аввал,
Баъд аз он раҳ ба сӯйи оби ҳаётам доданд.
Луқмаамро ҳама бо хуни ҷигар андуданд,
Зоҳиран тӯшаи ҳастӣ ба закотам доданд.
Ҳамчу Қассоб зи Ҳофиз талабидам ёрӣ,
То ки ҳамдӯшии он шохи наботам доданд.

**164.**

Лабташнаи ниёз чу бетоб мешавад,
Аз оби теғи нози ту сероб мешавад.
Ошиқ дар ин муҳити хатарнок чун ҳубоб
Дар як нафас зи шавқи ту ноёб мешавад.
Он кас, ки бар кашокаши ин баҳр тан ниҳод,
Чун мавҷ тавқи гардани гирдоб мешавад.
Даврам ба ҳар куҷо, ки нишинам ба ёди ӯ
Аз сели гиря Даҷлаи хуноб мешавад.
Дидан рухат дубора муяссар намешавад,
Зеро ки ҳар кӣ дид туро, об мешавад.
Дар базми хоси бодапарастони шавқи ту
Дурде, ки ҳаст, қисмати Қассоб мешавад.

**165.**

Танам ба ҳеч макон бе рухат қарор надорад,
Ба ҷуз хаёли ту кас бар дилам гузор надорад.
Ба ҳар куҷо, ки равам ҳамчу мурғ туъмаи домам,
Ба ғайри ман ба касе рӯзгор кор надорад.
Дар ин саросари гулзор нест барги дарахте,
Ки чун адӯ ба сарам теғи обдор надорад.
Ба ҳар куҷо, ки равам ман, ғами ту рӯ ба ман орад,
Куҷо равад, ба касе дигар эътибор надорад.
Чӣ қадр ҳавсала, Қассоб, фикри ҷойи дигар кун,
Ки ин ҳинои ту ранге дар ин диёр надорад.

## 166.

Рӯзе, ки хат ба даври рухаш ҷилвагар шавад,
Оё чӣ фитнаҳо, ки ба даври қамар шавад?
Аз дидаам фиғон, ки ба таҳрири номаат
Чандон намонд об, ки мактуб тар шавад.
Пур дур нест ташнаи лаъли лаби туро,
Дар хок устухонаш агар найшакар шавад.
Эй дил, шаби висол ба парвона кӯтаҳ аст,
Худро расон ба шамъ, мабодо саҳар шавад.
Қатъи тамаъ зи сар чу кунӣ, гул кунад висол,
Ин нахл чун бурида шавад, борвар шавад.
Покизатинатон наравнд аз ҷафои даҳр,
Кай хушксол монеи оби гуҳар шавад?
Эй шамъ, ғам мадор, ки парвонаи туро
Чун сӯхт тору пуд, кафан болу пар шавад.
Рӯйи туро чу дид, ба мижгон расид ашк,
Аввал ниҳол гул кунад, охир самар шавад.
Қассоб, дар хаёли зи худрафтанем, ку
Азсаргузаштае, ки ба мо ҳамсафар шавад?!

## 167.

Ишқ он рӯзе, ки бо дилҳо намакро тоза кард,
Шӯриши девона бо саҳро намакро тоза кард.
Абр то бардошт нам аз дидаи ман, хун гирист,
Ин сазои он ки бо дарё намакро тоза кард.
Боз тан ҳамчун кабоби дар намак хобида шуд,
Дил чу бо он оташинсимо намакро тоза кард.
Ҳамчу хат гардид бар гирди лабаш беихтиёр,
Ҳар кӣ бо он лаъли шаккархо намакро тоза кард.
Сиркаи пешонии мастони маҷлисро нахост,
Зоҳиди бедард дар саҳбо намакро тоза кард.

Пора хоҳам сохт аз шӯри ҷунун занҷирҳо,
Зулфаш имшаб бо мани шайдо намакро тоза кард.
Рӯй дар беҳбуд захми новакаш оварда буд,
Ғамза омад, бо ҷароҳатҳо намакро тоза кард.
Шӯриши ошӯби шабҳои ҷудоӣ куҳна шуд,
Ҳусни ӯ, Қассоб, то бо мо намакро тоза кард.

**168.**

Магар тири ҷафои ёр пар дар бистарам дорад,
Ки имшаб хоби роҳат роҳ бар чашми тарам дорад.
Муҳаббат ин қадар дорад ба қатлам, к-аз паси мурдан,
Ба ҷойи хишт теғаш даст дар зери сарам дорад.
Маро сӯзонду даст аз домани дил барнамедорад,
Ҳанӯз он барқҷавлон кор бо хокистарам дорад.
Муроди дил бувад паймонае аз гардиши чашмаш
В-агарна ин қадар хуне, ки хоҳад, соғарам дорад.
Ба қурбони ту, бекас нестам дар кунҷи танҳоӣ,
Ҳамон теғи ту гоҳе роҳи пое бар сарам дорад.
Чу хори ошён он рашки товус аз раҳи шӯхӣ
Гаҳе дар зери по, гоҳе ба зери шаҳпарам дорад.
Маро чун сӯхтӣ, бӯйи абир аз кулбаам бишнав,
Ҳамон холи ту дуди анбарин дар миҷмарам дорад.
Чу боқидори девонам ба даври хатти ӯ, Қассоб,
Ки ҳусни кофиристонаш ҳисоби дафтарам дорад.

**169.**

Хубон чу ханда бар мани бетоб кардаанд,
Дардам даво ба шарбати уннob кардаанд.
Дар зери абрӯят сафи мижгон зи роҳи куфр
Баргаштаанду рӯй ба меҳроб кардаанд.
Фориғ нишин, ки он мижаҳои баҳонаҷӯ
Хун хӯрдаанд, то дили мо об кардаанд.

Хокистаре, ки монда зи парвонаҳои шамъ,
Равшандилони базми ту симоб кардаанд.
Осудагони сояи шамшери нози ту,
Бар сар кашида дасту даме хоб кардаанд.
Гоҳе шиноварони муҳити висоли ту,
Берун саре зи равзани гирдоб кардаанд.
Девонаҳо, ки дил ба ҳавои ту бастаанд,
Бунёди хона дар раҳи селоб кардаанд.
Дар боғи даҳр лолаузорон дили маро
Бетобтар зи укдаи симоб кардаанд.
Ё Раб, ба дарду доғи ҷудоӣ шаванд асир,
Онон, ки манъи хотири Қассоб кардаанд.

**170.**

Аз дил аввал бода меҳри корҳоро мебарад,
Баъд аз он аз чеҳраи гулгун сафоро мебарад.
Мекунад густох бо ҳам ошиқу маъшуқро,
Пойи май чун дар миён омад, ҳаёро мебарад.
Дар миёни покбозон бода чун пайдо шавад,
Лаззати дашному таъсири дуоро мебарад.
Олами об он чи маъмур аст, месозад хароб,
Сел чун туғён намояд, хонаҳоро мебарад.
Гар ту моро дӯст дорӣ, бигзар аз ҷоми шароб,
К-ин хато, Қассоб, нангу номи моро мебарад.

**171.**

Хуршед таф аз оразп тобони ту дорад,
Маҳ равшанӣ аз шамъи шабистони ту дорад.
Тамкину сарафрозиву раъноиву хубӣ,
Сарви саҳӣ аз қадди хиромони ту дорад.
Худро зи ҳашам кам зи Сулаймон нашуморад,
Он мӯр, ки раҳ бар шакаристони ту дорад.

Офоқ зи рух карда мунаввар гули хуршед,
Пайдост, ки ранге зи гулистони ту дорад.
Ҳангоми табассум зи ғазалхонии булбул,
Рамзест, ки гул аз лаби хандони ту дорад.
Гар таъна занад бар чамани хулд, аҷаб нест,
Он дил, ки гули ғунчаи пайкони ту дорад.
Пайдост, ки дар тарфи чаман беди муаллақ
Ошуфтагӣ аз зулфи парешони ту дорад.
Баркаш зи миён теғу ба Қассоб назар кун,
Чун гардани таслим ба фармони ту дорад.

**172.**

Ишқ бе дарди сар намебошад,
Баҳр бе шӯру шар намебошад.
Накунад ҷо ба ҳар диле ғами дӯст,
Ҳар садафро гуҳар намебошад.
Ошиқонро ба ҷуз шаҳид шудан,
Орзуи дигар намебошад.
Чӣ кунӣ манъам аз паридани ранг,
Бедилонро ҷигар намебошад.
Ё бикуш, ё халос кун моро,
Сабри мо ин қадар намебошад.
Чашми резиш зи ҳар хасис мадор,
Хору хасро самар намебошад.
Эй дил, аз диданаш зи хеш бирав,
Беҳтар аз ин сафар намебошад.
Ёр Қассобро бихоҳад кушт,
Хубтар з-ин хабар намебошад.

**173.**

Қуввате на дар тани ман, на тавоне монда буд,
Кофирам, гар бе ту дар ҷисмам равоне монда буд.

То чу шоҳини назар кардӣ сафар аз дидаам,
Бе ту мижгонам тиҳӣ чун ошёне монда буд.
То ба тарфи Машҳад аз чашмам ниҳодӣ по бурун,
Ҷӯйбори дида бе сарви равоне монда буд.
Рӯ ба ҳар манзил, ки мерафтӣ, дили ғамдидаам
Бар сари фарсанг чун санги нишоне монда буд.
Орзуе буд, к-аз шавқи ҷамолат доштам,
Бе висолат дар танам гар нимҷоне монда буд.
Буд баҳри он ки беҳ гӯям дуои давлатат,
Гар ба комам шоми ҳиҷронат забоне монда буд.
Дар раҳат манзил ба манзил дидаи пурҳасратам,
Ҳар қадам чун нақши пойи корвоне монда буд.
Дар рикобат буд сабрӯ ақлу ҳушу ҷону дил,
Пайкарам бар ҷо чу мушти устухоне монда буд.
Бе ту, эй хуршеди оламтоб, омад бар сарам,
Он чи аз рӯзи ҷудоӣ достоне монда буд.
Сурати аҳволи Қассоб аз кӣ мепурсӣ, ки чист?
Бар сари роҳи фироқат нотавоне монда буд.

**174.**

Умр чун бе орзуи лаъли ҷонон бигзарад,
Раҳраве бошад, ки бе об аз биёбон бигзарад.
Он ки хоҳад тай намояд шоҳроҳи ишқро,
Шарт он бошад, ки аввал гом аз ҷон бигзарад.
Ишқ рӯгардон зи тири беҳади маъшуқ нест,
Шаҳд пурқимат шавад, чун аз найистон бигзарад.
Метавонад ҳамчу Искандар шавад ойинадор,
Хушклаб ҳар кас зи пеши оби ҳайвон бигзарад.
Дида ҷойи туст, з-ин манзар қадам берун манеҳ,
Сарвро кай дил барояд, к-аз хиёбон бигзарад?!
Гар наӣ огаҳ зи дилҳо, бар каф ор ойинаро,
Ғамзаро гӯ, то ба хайли ноз аз сон бигзарад.

Баски гаштам нотавон, дорад нигаҳ дар дидаам,
Он қадар заъфе, ки натвонад зи мижгон бигзарад.
Манъи Қассоб аз тамошои ҷамоли худ макун,
Кай тавонад булбул аз сайри гулистон бигзарад?!

**175.**

Висолат бекасонро ҷумла кас бошад, агар бошад,
Ду оламро ғамат фарёдрас бошад, агар бошад.
Висоли дӯст гар дорӣ тамаъ, қатъи тааллуқ кун,
Хилофи нафси саркаш аз ҳавас бошад, агар бошад.
Зи шавқат бо дили садчок ҳамрози фиғони ман
Дар ин водӣ ҳамин бонги ҷарас бошад, агар бошад.
Дили ғамдидаро аз нақди васлат дар ҷудоиҳо
Магар рӯзе ба доғе дастрас бошад, агар бошад.
Дар ин дарё мудом аз толеи ворун ҳубобосо
Маро дар дил муроди як нафас бошад, агар бошад.
Ба дил дар рӯзи аввал доғи ҷонон мешавад пайдо,
Дар ин гулзор аз ин гулшан ҳавас бошад, агар бошад.
На роҳат з-ошён дидам, на дар парвоз осоиш,
Ҳамин ором дар кунҷи қафас бошад, агар бошад.
Дар ин лабташнагӣ Қассоби зори нимбисмилро
Дами обе зи шамшери ту бас бошад, агар бошад.

**176.**

Ҳар куҷо ойинаи рухсори ӯ пайдо шавад,
Тӯтии тасвир аз шавқи рухаш гӯё шавад.
Додани ҷону гирифтан доғи ӯ нақши ман аст,
Дидаи каҷбин агар бигзорад, ин савдо шавад.
Гуфта будӣ: «Мекунам имшаб туро қурбони хеш»,
Ин шаби васл аст, метарсам, дигар фардо шавад.

Мушкили бисёр дар пеши раҳ аст, эй ҳамраҳон,
Ку ғами ӯ, то дар ин раҳ ҳалли мушкилҳо шавад?!
Бигзарад гар бар мазори куштагони нози хеш,
Лавҳ бар хоки шаҳидонаш яди байзо шавад.
Метавон аз улфати дарёдилон гаштан бузург,
Қатраи борон чу бар дарё расад, дарё шавад.
Синаро хоҳам зи пеши дил гузорам бар канор,
Аз қафас девор чун бардоштӣ, саҳро шавад.
Дар гулистон чун намояд он гули рухсорро,
То ба рӯяш дида наргис во кунад, шаҳло шавад.
Гар ба рӯят баста шуд, Қассоб, ин дар, бок нест,
Сар бинеҳ бар остони дӯст, то дар во шавад.

**177.**

Дуруштӣ аз мизоҷи сахттинат кам намегардад,
Кунӣ чандон, ки нарм алмосро, марҳам намегардад.
Ба тан зинатпарастонро гар аз ҳастӣ намебошад,
Сафолинкӯзаи зардор ҷоми Ҷам намегардад.
Зи асбоби ҷаҳон бигзар, ки гар Исост, дар гетӣ
Бибинад сӯзане то ҳаст, соҳибдам намегардад.
Ба ғайр аз зӯри бозуи қаноат дар ҳама олам,
Каси дигар ҳарифи хоҳиши одам намегардад.
Чӣ тарҳи меҳмонӣ бо ҷаҳон меафганӣ, ғофил,
Сипеҳри[1] бемурувват бо касе ҳамдам намегардад?!
Шабе мекард хунам дар дилу мегуфт з-истиғно:
«Набинад ин замин то шабнаме, хуррам намегардад».
Дигар чизест шарти одамият дар ҷаҳон, в-арна
Касе аз чашму гӯшу дасту по одам намегардад.
Миёни ошиқу маъшуқ сирре ҳаст пинҳонӣ,
Бад-ин сирр он ки аз сар нагзарад, маҳрам намегардад.

1. **Сипеҳр** – фалак, киноя аз тақдир.

Зи гардишҳои чархи вожгун, Қассоб, донистам,
Ки ҳаргиз бар муроди ҳеч кас як дам намегардад.

**178.**

Аз он рӯ сурмаи дунболадораш қасди ҷон дорад,
Ки чашмаш нимкаш пайваста новак дар камон дорад.
Ҳаёву нозу хубӣ, шеваи тамкину маҳбубӣ,
Ба ҷуз ҷинси вафо ҳар чиз хоҳӣ, дар дукон дорад.
Дар ин маҳфил ба як шавқанд сӯзон шамъу парвона,
Ҳар он оташ, ки он дорад ба ҷон, ин бар забон дорад.
Шавад гар хок ҷисмам, мекунад пайдо маро тираш,
Ба ҳар сурат, ки бошам, устухонамро нишон дорад.
Зи вайрон гаштани маъвои хешам ёд меояд,
Ба ҳар сарве, ки мебинам, тазарве ошён дорад.
Напиндорӣ, ки осон аст шарҳи дӯстӣ гуфтан,
Ҳадиси ишқ дар ҳар боб чандин достон дорад.
Гаҳе савдоии зулфам, гаҳе шайдоии кокул,
Парешонӣ маро чун беди Маҷнун дар миён дорад.
Дар устурлоби дил кардам чу сайри оразаш, гуфтам:
Ҳамин моҳ аст, к-аз наззораи олам қирон дорад.
Надорад фурсати нашъунамо як гул дар ин гулшан,
Баҳори зиндагӣ дар остин гӯё хазон дорад.
Зи ноз он дилрабо, Қассоб, умре шуд, ки дар кӯяш
Пайи куштан туро дар ҷаргаи[1] қурбониён дорад.

**179.**

Дар дил ба ҷуз аз акси рухи дӯст нагунҷад,
Ғайр аз хати ӯ гар ҳама як мӯст, нагунҷад.
Ин ғунчаи нашкуфта, ки кардӣ даҳанаш ном,
Гул ношуда дар вай ҳама гар пӯст, нагунҷад.

---
1. **Ҷарга** – саф, гурӯҳ.

Мумтози накӯён на чунонӣ, ки бигӯям,
Болои ду чашмат агар абрӯст, нагунҷад.
Сад гул ба сар аз доғи ту, эй шамъ, тавон зад,
Аммо ҳама гар як гули худрӯст, нагунҷад.
Бошад агараш бо даҳани танги ту нисбат,
Ё аз шафақи писта, ки дар пӯст нагунҷад.
Зинҳор бипардоз дил аз меҳри ду олам,
Қассоб, дар ин ойина ҷуз дӯст нагунҷад.

**180.**

На сайри оразат, эй симбар, тавонам кард,
На ҷуз ту наргиси дигар назар тавонам кард.
На дил ба ҷуз ту ба фикри дигар тавонам дод,
На ман иродаи кори дигар тавонам кард.
Бисохтааст на кори маро чунон дурӣ,
Ки рӯ ба сӯйи диёри дигар тавонам кард.
Зи хоки пойи ту иксир дар назар дорам,
Аҷаб набошад, агар хок зар тавонам кард.
Зи бевафоии даҳр он қадар амон хоҳам,
Ки пеши теғи ту ҷонро сипар тавонам кард.
Шумори пунбаи доғат фитода аз дастам,
Аз ин ҳисоб куҷо сар бадар тавонам кард?
Зи заъф нест маро рӯҳ дар бадан, Қассоб,
Чӣ эҳтимол, ки аз худ сафар тавонам кард.

**181.**

Асирон ҷойи ҳам аз хок домангири ҳам доранд,
Чу гавҳар ҷумла дар бар ҳалқаи занҷири ҳам доранд.
Нишаста ташнагони абри раҳмат то камар дар гил,
Ба шакли сабза гардан бар дами шамшери ҳам доранд.
Намедонам, чӣ мақсуд аст фарзандони Одамро,
Ки афсун дар забонҳо аз пайи тасхири ҳам доранд?!

Хушо аҳволи шавқи риштаҳои шамъи ин маҷлис,
Ки доим дар забонҳо оташ аз таъсири ҳам доранд.
Фиканда ишқ бар ойинаи дил ончунон партав,
Ки пиндорӣ чу меҳру маҳ шакар дар шири ҳам доранд.
Ба сайди хотири ушшоқ мижгонҳои ворунаш
Нишонҳо дар назар аз таркаши пуртири ҳам доранд.
Намедонам, чаро, Қассоб, ёрони зи худ ғофил
Зари қалбанду чашми кимиё з-иксири ҳам доранд?!

**182.**

Биё, ки бе гули рӯят дилам қарор надорад,
Касе ба ғайри ту дар хотирам гузор надорад.
Чу моҳи якшаба зарду заиф дар назар ояд,
Чу ҳола[1] ҳар кӣ туро танг дар канор надорад.
На қадри фохта донӣ, на андалеб шиносӣ,
Надорад ин ҳама, эй сарви гулизор, надорад.
Ҳазор ҳайф, ки дерошнову суствафоӣ
В-агарна чун ту гуле боғи рӯзгор надорад.
Зи халфи ваъдаат, эй маҳҷабин, ба ман шуда зоҳир,
Ки ваъдаҳои ту чун умр эътибор надорад.
Кадом вақт, ки Қассоб то ба субҳи шаби ҳаҷр[2]
Чу шамъ дидаи сӯзону ашкбор надорад.

**183.**

Дили ман чун ба ҳавои сафаре бархезад,
Кафи хокест, ки аз раҳгузаре бархезад.
Мешавад доми ҳаво баҳри гирифтории ӯ,
З-ошиёнам, агар афтодапаре бархезад.
Ба замин чун гузарӣ, гӯшаи чашме медор,
Шояд аз роҳи ту соҳибназаре бархезад.

1. **Ҳола** – доираи равшание, ки гоҳо дар атрофи моҳ пайдо мешавад.
2. **Ҳаҷр** – ҷудоӣ, дурӣ.

По мазан бар мани дилсӯхта, з-он метарсам,
Ки зи хокистарам он дам шараре бархезад.
Пур мукаррар шуда, хуб аст, ки з-ин баъд фалак
Бинишинад ба замин, то дигаре бархезад.
Хубрӯён чу гулаш бар сари худ ҷой диҳанд,
Ҳар кӣ чун ғунча зи як мушти заре бархезад.
Хабар аз доғи дили лола надорӣ, Қассоб,
Магар аз хоки ту хунинҷигаре бархезад.

**184.**

Дар дил хаёли ёр басе ҷилва мекунад,
Товуси қудс дар қафасе ҷилва мекунад.
Сар он чи мезанад ба дилам, ҳаст дуди оҳ,
Ё шуъла дар миёни хасе ҷилва мекунад.
Хол аст бар лаби ту бароварда сар зи хат,
Ё пой дар шакар магасе ҷилва мекунад?
Ойинаест бар сари роҳи фано ҷаҳон,
Ҳар дам дар он мисоли касе ҷилва мекунад.
Дар размгоҳи арсаи олам диловаре
Ҳар дам савор бар фарасе ҷилва мекунад.
Қассоб, нафс баста ба пойи сад орзуст,
Ин саг ҳамеша дар марасе[1] ҷилва мекунад.

**185.**

Он кас, ки шабе дидаи бедор надорад,
Роҳе ба саропардаи асрор надорад.
Як масти майи шавқ дар ин мадрасаҳо нест,
Қурбони харобот, ки ҳушёр надорад.

1. Марас калимаи арабӣ ва ба маънои афсор аст ва ишораи шоир ба истилоҳи саги ҳарзамарас мебошад. ***(Партав Байзоӣ).***

Фарёд аз он дида, ки бе дӯст нагиряд,
Эй вой бар он дил, ки ғами ёр надорад.
Аз кина бипардоз дил, эй сина, ки ҳаргиз
Роҳе ба висол ойинаи тор надорад.
Дар тинати бад панду насиҳат надиҳад суд,
Коре ба қазо качравии мор надорад.
Дар гардани як шайхи риёкор надидем,
Як субҳа, ки сад риштаи зуннор надорад.
Қассоб, дар ин қофила туҷҷори вафоем,
Дорем матое, ки харидор надорад.

**186.**

Зи ман дил бурда дилдоре, ки аз аҳли вафо ранҷад,
Намояд сулҳ бо бегонаву аз ошно ранҷад.
Ба тақрире, ки рангаш нисбате бо хуни ман дорад,
Кафи пояш мудом аз улфати ранги ҳино ранҷад.
Ҳалокам мекунад бо он ки меранҷад зи ман беҷо,
Чӣ созам, гар Худо нохоста, рӯзе баҷо ранҷад?
Ба навъе баста роҳи гуфтугӯ аз шаш ҷиҳат бо ман,
Ки дар пайғоми бӯйи зулфаш аз боди сабо ранҷад.
Ба базми дӯстӣ дил бастаам нозукмизоҷеро,
Ки дар паҳлуи худ аз бастани банди қабо ранҷад.
Агар донад, ки бигзаштаст ҷуз ӯ бар дилам, умре
Мисоли оразаш з-ойинаи гетинамо ранҷад.
Ниҳад захми хадангаш дасти рад бар синаи марҳам,
Маро дар дил бувад, Қассоб, дарде к-аз даво ранҷад.

**187.**

Дилро чу акси рӯйи ту манзур мешавад,
Сар то қадам чу ойина пурнур мешавад.
Мехостам раҳе ба ту наздиктар ба худ,
То меравам зи хеш, раҳам дур мешавад.

Марҳам бибар зи пеш, ки ҷойи хаданги ӯ
Захмест, к-аз муолиҷа носур мешавад.
Аз рутба кай фитад сари ошиқ пас аз вафот,
Гардад чу хок, косаи Фағфур мешавад.
Мазлум баъди мурдани золим расад ба файз,
Море чу мурд, рӯзии сад мӯр мешавад.
Дил дар ҳавои риштаи тӯли амал мабанд,
К-аз мӯ шикаст чинии Фағфур мешавад.
Қассоб дид чун хами абрӯйи ёр гуфт:
«Ризқаш ҳавола аз дами сотур мешавад».

### 188.

Ҳар дил, ки тири ғамзаи ӯро ҳадаф шавад,
Борони абри раҳмати Ҳақро садаф шавад.
Афлокро манозили аввал кунад ҳисоб,
Он раҳраве, ки бар дари шоҳи Наҷаф шавад.
Мавҷаш барад ба дӯш аз ин баҳр бар канор,
Ҳар кас сабук зи бори таъаллуқ чу каф шавад.
Касби камол мебарадаш чун нигин ба гӯр,
Хуб аст лаъл саъй кунад, то хазаф шавад.
Ҳамчун гиёҳи ҷода маро орзу ба дил
То сар занад, ба пойи ҳаводис алаф шавад.
Охир давид бар рухам ашки баҳонаҷӯ,
Ё Раб, мабод тифли касе нохалаф шавад.
Эй ной, тангхотири Қассобро зи лутф,
Бинвоз нағма, то қади душман чу даф шавад.

### 189.

Сӯхтам дар ҳаҷр, то ҷонон ба фарёдам расад,
Сохтам бо дард, то дармон ба фарёдам расад.
Моҳии аз ҷаври тӯфон дар канор афтодаам,
Метапам дар хок, то Уммон ба фарёдам расад.

Бо дили садчок аз дунболи маҳмил чун ҷарас,
Сар ба зону мондаам, афғон ба фарёдам расад.
Булбули нолони роҳигулситонгумкардаам,
Кай бувад, кай ғунчаи хандон ба фарёдам расад?!
Ҳосили кишти муродам дар ҷаҳон пажмурда монд,
Шояд абри дидаи гирён ба фарёдам расад.
Меравам чун хори азҷоканда пешопеши бод,
То куҷо он оташинҷавлон ба фарёдам расад.
Баҳри марвориди раҳмат зери обе чун садаф
Меравам, то қатраи найсон ба фарёдам расад.
Гарданамро дар каманд оварда даҳри кинахоҳ,
Шаҳсавори арсаи майдон ба фарёдам расад.
Чашми он дорам, ки чун дар ҳашр бардорам фиғон,
Бетааммул соҳиби девон ба фарёдам расад.
Ҳамчу бисмил дар бараш, Қассоб, сарро бар замин,
Мезанам, то он ки он ҷонон ба фарёдам расад.

**190.**

Хубрӯён чун сипоҳи ғамзаро рӯ медиҳанд,
Мансаби шамшердориро ба абрӯ медиҳанд.
Баски хӯ доранд бо санги ҷафо девонагон,
Шишаи дилро ба дасти тифли бадхӯ медиҳанд.
Дидаанд онон, ки савдои сари зулфи туро,
Ҳарду оламро баҳои як сари мӯ медиҳанд.
Ҳаст гиро гарчи хол, аммо камандандоз нест,
Печутобу саркашиҳоро ба гесӯ медиҳанд.
Баски аз роҳат гурезонанд маҷрӯҳони ноз,
Рӯз то шаб захми шамшери туро бӯ[1] медиҳанд.

1. Киноя аз ин аст, ки захми бадани одамӣ аз бӯ носур мешавад. ***(Партав Байзоӣ).***

Нақди дилро гар ба холи ӯ диҳам, манъам макун,
Мунъимон доим зари худро ба ҳинду[1] медиҳанд.
Васли холаш бе сиришки лолагун мақдур нест,
Мушкро то хун набошад, кай ба оҳу медиҳанд?!
Аз бузургон хонабардӯшон ба ҷое мерасанд,
Мавҷро дарёдилон, Қассоб, паҳлу медиҳанд.

## 191.

На ҳамин з-оташи ишқат дилу ҷон месӯзад,
Ишқи рӯйи ту ба оне ду ҷаҳон месӯзад.
Чун занад шуъла, тару хушк намедонад чист,
Оташи ишқ, к-аз он пиру ҷавон месӯзад.
Чун чароғе, ки ба фонус бисӯзад шабу рӯз,
Дилам аз ишқи ту пайдову ниҳон месӯзад.
Ҳамчу хошоки тар аз ишқи ту оташталабон
Кафзанон, шуълакашон, ҷомадарон месӯзад.
Мижа аз ҳусни ту чун шуъла, ки дар хас гирад,
Дида чун гашт ба рӯят нигарон, месӯзад.
Хол чун бар рухи сӯзони ту дидам, гуфтам:
«Ин сипанд аз пайи чашми ҳасадон месӯзад».
Шарҳи дилгармии Қассоб рақам натвон кард,
Қаламу коғазу гуфтору забон месӯзад.

## 193.

Ишқбозон ҷумла гулчини гулистони туанд,
Гулрухон хори сари devори бӯстони туанд.
Ашкрезон лола кориданд дар гулзори ту,
Сарвқаддон обёрони хиёбони туанд.

1. Ба тасаввури банда мақсуди шоир аз (зар ба ҳинду додан) он аст, ки дар он аср, хоса дар Исфаҳон ҳиндуҳо дар муомилот кори бонкҳои имрӯзиро мекардаанд. ***(Партав Байзоӣ).*** Лекин асли матлаб ин аст, ки бештари гадоён аз қавми ҳинду (ҷӯгӣ, лӯлӣ) ҳастанд. ***(Иброҳими Наққош).***

Ошиқон бедастуноёнанд дар даргоҳи ту,
Орифон дарюзагар бар хони эҳсони туанд.
Собиту сайёр гулчинанд дар айвони ту,
Меҳру маҳ таҳшамъи фонуси шабистони туанд.
Шомҳоро акси холат карда анбар дар канор,
Субҳҳо девонаи чоки гиребони туанд.
Хизрҳои сабз саргардон дар атрофи чаман,
Рӯзу шаб дар интизори оби ҳайвони туанд.
Кӯҳсорон дар камарҳо домани ҳиммат зада,
Баҳрҳо лабташнагони абри найсони туанд.
Подшоҳони заминҳои зипоафтодаро
Осмонҳо гарди майдонҳои ҷавлони туанд.
Сӯфиён аз чор ҷониб рӯзу шаб ҷӯёи ту,
Ҳоҷиён аз шаш ҷиҳат «лаббайк»-гӯёни туанд.
Гӯсфандонанд бо Қассоб ҷарги[1] ошиқон,
Рӯзу шаб дар интизори иди қурбони туанд.

## 194.

Ба чашми ибрат авзои ҷаҳон гар диданӣ дорад,
Ба рӯзи хештан чун субҳ ҳам хандиданӣ дорад.
Зи нақши нард[2] натвон ҷамъ кардан хотири худро,
Чу чидӣ муҳраро, он қадр ҳар барчиданӣ дорад.
Таваккул гарчи даркор аст, аммо аз пайи рӯзӣ
Ба сар монанди санги осиё гардиданӣ дорад.
Шуд аз нодидани рӯйи ту ҷисмам чун ҳилол охир,
Ба қурбони ту, ҳар коҳиданӣ[3] болиданӣ дорад.

1. **Ҷарг** – ҷарга, саф, гурӯҳ.
2. **Нард** – номи як бозии машҳур.
3. **Коҳидан** – кам шудан.

Нагардад ҳар касе огоҳ аз имои абрӯяш,
Забони турктози[1] ғамза ҳам фаҳмиданӣ дорад.
Чу даври хӯша дидам донаро, маълум гардидам,
Ки ҳар ҷамъияте охир зи ҳам пошиданӣ дорад.
Ғамаш то ҳамдами ман гашт дар шабҳои танҳоӣ,
Ҷудо ҳар устухонам ҳамчу най нолиданӣ дорад.
Набошад дур, агар Қассоб ҷӯяд аз рухат дурӣ,
Чу оташ дид мӯ, бар хештан печиданӣ дорад.

## 195.

Ба қонуне, ки дар шаҳду шакар бодоми тар ғалтад,
Расад ҳар гаҳ ба лаб ҳарфаш, забонаш дар шакар ғалтад.
Арақ кай метавонад бар узораш по нигаҳ дорад,
Ба рӯйи барги гул шабнам ниҳад то по, ба сар ғалтад.
Хате дидам ба гирди лаъли ёр, ин буд мазмунаш,
Ки мебошад шаҳиди ишқ дар хуни ҷигар ғалтад.
Ғами ӯ рӯз то шаб дар канорам мекунад бозӣ,
Чу фарзанде, ки аз шӯхӣ ба домони падар ғалтад.
Дилам шуд масти шавқ аз гардиши паймонаи чашмат,
Паёпай мехӯрад з-ин бода, метарсам, ки дарғалтад.
Гарон шуд баски аз изҳори дардолуд мактубам,
Кабӯтар номаамро чун барад, сад раҳ ба сар ғалтад.
Ба қатлам панҷаи хуршед то кай дар ҳино бандӣ,
Касе то кай ба хун аз дасти ин бедодгар ғалтад?
Набошад гар шабе тири ту дар оғӯш ошиқро,
Чу мурғи нимбисмил то саҳар бо болу пар ғалтад.
Тавозуъ бештар з-асбоб меояд азизонро,
Физояд қиматаш гавҳар чандон бештар ғалтад.
Нигоҳам мешавад, Қассоб, з-оби гиря тӯфонӣ,
Сиришки мавҷхезам чун ба рӯйи якдигар ғалтад.

1. **Турктоз** – тохт овардани ногаҳонӣ барои тороҷ намудан ва қатл.

## 196.

Ғубори хат, ки бар гирди узораш ҷилвагар гардад,
Ба он монад, ки гоҳе ҳола бар даври қамар гардад.
Ба бӯйи кокули оҳунигоҳе меравам аз худ,
Чӣ шуд хотирпарешоне, ки бо ман ҳамсафар гардад.
Ту ҳарҷоиву ман бетоби шавқи диданат то кай,
Нигоҳам косаи дарюза бар каф дар ба дар гардад?!
Ту шамъӣ, гар шавам густох чун парвона, маъзурам,
Шаби васли ту кӯтоҳ аст, метарсам, саҳар гардад.
Нигоҳе бар мазори куштагони хештан мекун,
Аз ин афтодагон шояд яке соҳибназар гардад.
Ҷаҳоне ташнаи васланду теғи нози ӯ саркаш,
Киро, ё Раб, гулӯи ҳасрат аз ин об тар гардад?!
Сиришкам гар ҳавопаймо шавад чун оҳ дар шабҳо,
Тавонад нуҳ фалакро доман аз ин об тар гардад.
Давидан селро дар баҳр пур беқадр месозад,
Кашӣ чун по ба доман, қатра дар дарё гуҳар гардад.
Шуд имшаб то саҳар, Қассоб, холӣ таркаши оҳам,
Ба уммеде, ки шояд як дуоям коргар гардад.

## 197.

Зи тарфи кокулат боди сабо ногуфта меояд,
Зи бими саркашӣ қосид сухан нашнуфта меояд.
Лаби лаълат зи шӯхӣ мекунад гул дар дили маъдан,
Зи мижгонат гуҳар аз баҳр берун суфта меояд.
Чу шабнам фитна меболад ба гулбарг аз арақ шармаш,
Зи чашми ишқбозон хешро бинҳуфта меояд.
Машав дилтанг аз он лабҳо, табассум мекунад охир,
Ки дар гулшан ба бор аввал гули нашкуфта меояд.
Набояд кард соҳибхонаро таклифи меҳмонӣ,
Ба дил доғи ғами ӯ гуфтаву ногуфта меояд.

Фитод он дам, ки бар қадди ту чашми сарв дар гулшан,
Зи ҳасрат ҳамчу беди вожгун ошуфта меояд.
Буте дорам, ки чун аз дур мебинад рақибамро,
Ба ман, Қассоб, мегӯяд, ки: «Он олуфта меояд».

**198.**

Бар аз нахли умедам бар хилофи муддао рӯяд,
ЧанороСо гар аз по то сарам дасти дуо рӯяд.
Ҳамон аз нотавонӣ дар назар пажмурда меояд,
Гиёҳи ҳастиям гар аз лаби оби бақо рӯяд.
Нигаҳ дорад Худо, ё Раб, зи офат мазраъи дилро,
Ки дар ҳар чор фасл аз ин замин тухми вафо рӯяд.
Ба сахтӣ баски бар ман гашт гардон гандуми нонам,
Нагардад орд, гар дар зери санги осиё рӯяд.
Зи худбинӣ мисоли тӯтиамро то халад дар по,
Ба ҷойи ҷавҳар аз ойинаам хори ҷафо рӯяд.
Ба хоки пойи ҷонон чашми ҳасрат баски во кардам,
Чу селоби сиришкам бо ғубори тӯтиё рӯяд.
Нишоне медиҳад, Қассоб, аз мижгони гирёнам
Бахунолуда хоре, к-аз замини Карбало рӯяд.

**199.**

Ҷон ташнаи шамшери ҷафо шуд, чӣ ба ҷо шуд,
Дил гарми таманнои вафо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Сад укдаи ғам беш кушудӣ ба нигоҳе,
Нӯки мижаат укдакушо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Дар кӯйи ту хуни мани беповусар охир,
Помолтар аз ранги ҳино шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Рӯзе, ки расид ишқи ту, мекард ситамҳо,
Доғи ту насиби дили мо шуд, чӣ ба ҷо шуд.

Биздуд зи дил доғи ғамат занги кудурат,
Ғам сайқали ойинаи мо шуд, чӣ ба ҷо шуд.
Қассоб, ки сад рози диле дошт ниҳонӣ,
Дар кӯйи ту ангуштнамо шуд, чӣ ба ҷо шуд.

**200.**

Гуфтам, эй маҳ, бо ту як шаб ҳамсафар гардам, нашуд,
Ҳамчу хатти ҳола бар даври қамар гардам, нашуд.
Азми парвози расое доштам, рафтам зи худ,
Хостам як раҳ туро бар гирди сар гардам, нашуд.
Гарди кӯятро зи чашмам шуст селоби сиришк,
Гуфтам аз хоки раҳат соҳибназар гардам, нашуд.
Шарҳи дил нанвишта аз ишқи ту бетобона рафт,
Хостам бар гирди мурғи номабар гардам, нашуд.
Шуд баҳор, аммо ҷунуни моядорӣ рӯ надод,
Хостам з-ин андаке ошуфтатар гардам, нашуд.
Пеши шамшери ту гардид, об аз мижгон чакид,
Хостам дар ошиқӣ соҳибҷигар гардам, нашуд.
Баҳри қатлам аз миён теғе кашид, аммо назад,
Пеши шамшераш даме гуфтам сипар гардам, нашуд.
Мешудам, Қассоб, бар гирди сараш, аз ман рамид,
Хостам з-ин раҳ, ки рафтам боз баргардам, нашуд.

**201.**

Расид ашку зи чашмам инони хоб кашид,
Нигаҳ дар об саропарда чун ҳубоб кашид.
Камони нози ту аз моҳи ид хона гирифт,
Ба зӯри ҷазба хадангат пар аз уқоб кашид.
Ҳаво гирифт чаман, то кушод банди ниқоб,
Шукуфт ғунчаи дил то зи рух ниқоб кашид.

Кам аз ду ҳалқа бувад меҳру моҳ дар назараш,
Ду дида он ки ба пои ту чун рикоб кашид.
Зи барқи оташи пайкони ёр сӯхт дилам,
Даме ки он мижа бар сих чун кабоб кашид.
Нишонд панҷаи хуршедро ба хуни шафақ,
Чи ҷаврҳо, ки зи дасти ту офтоб кашид.
Лаби туро ба табассум кас ошно накунад,
Кӣ метавонад аз ин барги гул гулоб кашид?
Чаҳормавҷаи хун шуд дилам, куҷост касе,
Ки ин сафина тавонад бурун зи об кашид?
Намуд таҷриба Қассоб, он чӣ Роқим гуфт:
«Ки нақши ишрати моро фалак ба об кашид».

**202.**

Мардон чу ҳалқа дида ба ҳар дар набастаанд,
Ҷуз даргаҳи ту бар дари дигар набастаанд.
Дилро ба ғайри зулфи ту покизатинатон,
Бар даҳр ҳар чӣ ҳаст саросар набастаанд.
Бастанд гарчи тоқи нуҳ афлокро баланд,
Бо остонаи ту баробар набастаанд.
То бастаанд маънии барҷаста шоирон,
Матлаъ зи абрӯйи ту расотар набастаанд.
Онон, ки аз ду лаъли ту ҳарфе шунидаанд,
Дил пур ба шаҳду қанди мукаррар набастаанд.
Бикшо зи рух ниқоб ба рӯям, ки ҳеҷ гоҳ,
Бар рӯйи тӯтӣ оинаро дар набастаанд.
Инҳо, ки бо касе натавонанд диданат,
Мактубро ба боли кабӯтар набастаанд.
Сайдафканони кишвари нози ту сайдро,
Бурридаанд бол, агар пар набастаанд.
Қассоб, маҳрамони саропардаи висол,
Дар бар рухи гадову тавонгар набастаанд.

## 203.

Чу баргардад нигоҳ аз ҷониби ҷонон чу ранг ояд,
Надонад чист миллат ҳар кӣ аз шаҳри Фаранг ояд.
Хӯрад дил ғӯта дар хун ишқи ҷонон чун шавад пайдо,
Надорад чора киштӣ пеши роҳаш чун наҳанг ояд.
Кушад охир ба зорӣ ҳар киро афлок бардорад,
Бишӯяд даст аз ҷон ҳар кӣ аз чанги паланг ояд.
Набинад то ба хорӣ хокмол аз даҳри камфурсат,
Мабодо дар ҷаҳон пои касе ҳаргиз ба санг ояд.
Барандаш з-ин чаман дар дам ба тороҷи фано берун,
Чу гул дар ин гулистон бар рухи ҳар кас, ки ранг ояд.
Сипоҳи ошиқонро дар шаҳодат фатҳ мебошад,
Хӯрад аз мо шикаст он саркаше, к-аз рӯзи ҷанг ояд.
Бувад, Қассоб, хунборони раҳмат мазраъи дилро,
Зи мижгонаш ҳар он соат, ки бар ҷонаш хаданг ояд.

## 204.

Зи ашки он, ки рухсори оле надорад,
Миёни шаҳидон камоле надорад.
Сафед, он ки чашмаш нашуд з-интизорӣ,
Таматтуъ зи Юсуфҷамоле надорад.
Биёмӯз илми китоби хамӯшӣ,
Ки ин дарс пурқилу қоле надорад.
Дилам фориғ аст аз ғами ҳарду олам,
Ба ҷуз ёди ҷонон хаёле надорад.
Басо ҷилва, к-аз сарву шамшод дидам,
Чу қаддат чаман навниҳоле надорад.
Аз ин даҳр, Қассоб, чун во шавад дил,
Дари рӯ ба сӯйи шамоле надорад.

## 205.

Гоҳе ғазаб, гоҳе ато. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Дасти ба хун, по дар ҳино. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Рӯйи дилат гаҳ сӯйи мо, гоҳе ба ағёр ошно,
Эй дарди ошиқро даво. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Дар базм бигзорӣ чу по, эй ман туро гардам фидо,
Ки меҳрӣ гаҳ хуни мо. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Бандӣ камар гаҳ бар ҷафо, гаҳ во кунӣ банди қабо.
Бо ман бигӯ, эй дилрабо. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Гаҳ рух намоӣ бармало, гоҳе гурез аз дидаҳо,
Эй шӯхи кофармоҷаро. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Гаҳ рӯй гардонӣ зи мо, гоҳе ниҳӣ бар дида по,
Эй ман шавам қурбон туро. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?
Қассоб, чун девонаҳо, мангар дар ин вайронаҳо,
Гаҳ гиряҳо, гаҳ хандаҳо. Инат чӣ буд? Онат чӣ буд?

## 206.

Зи кӯйи дӯст дарде бедавое барнамегардад,
Иҷобат то намеёбад, дуое барнамегардад.
Бувад иксир хоки остони ӯ, ба ин шодам,
К-аз ин даргоҳ ҳаргиз бенавое барнамегардад.
Ҷавоби номаам пуршикваомез аст, медонам,
Ки он ҷо қосиде бо муддаое барнамегардад.
Бикаш бар дида хоки пойи айёми ҷавониро,
Ки умри рафта ҳаргиз аз қафое барнамегардад.
Зи болу пар барояд дар суроғи устухони ман,
Насозад то маро пайдо ҳумое барнамегардад.
Азизон рӯ ба саҳрои адам рафтанд, ҳайронам,
Чаро з-ин корвон савти дирое барнамегардад?
Ҳадиси дарди худро мекунам изҳор, медонам,
Ки маҳрум аз дили дардошное барнамегардад.

Суханчин аст кӯҳ, ар ҳоҷате дорӣ магӯ бо вай,
Ки баъд аз ҳарфи ин ҳамдам садое барнамегардад.
Бувад ҳоҷатраво, Қассоб, тавфи даргаҳи ҷонон,
Нагардад то ғанӣ он ҷо, гадое барнамегардад.

**207.**

Оразат ҳар гаҳ ба ранги лола гулгун мешавад,
Ғунчаро аз рашк дил дар бар пур аз хун мешавад.
Эй мусаввир, мову дил савдоии он кокулем,
Хомаи тасвири мо аз мӯйи Маҷнун мешавад.
Хастадилро аз тапиданҳои дил натвон шинохт,
Дарди моро ҳар кӣ дарёбад Фалотун мешавад.
Мехӯрад сад теша бар аъзои даврон ҳар нафас,
Ҳар кӣ ҳамчун кӯҳ бори дӯши ҳомун мешавад.
То ба чашмам хуни дил ҷое намегирад қарор,
Сел ҳар ҷо шуд равон восил ба Ҷайҳун мешавад.
Ман ба ҷон Қассоб муштоқам, ки Роқим гуфтааст:
«Бар сари як қатра оби теғ сад хун мешавад».

**208.**

Дар саводи сари зулфи ту, ки савдо хезад,
Ҳар кӣ афтод дар ин силсила шайдо хезад.
Магузар аз дили пуршӯриши мо бе киштӣ,
Эҳтиёте, ки кай ин қатра зи дарё хезад?
Нома аз ҳастии мо ҳасту нишон пайдо нест,
Хона дорем дар он кӯча, ки анқо хезад.
Нест гулзор, ки дар бар рухи гулчин бандад,
Гули доғи дили мо лолаи саҳро хезад.
Наниҳад бори гарон бар дили саҳро чун кӯҳ,
Ҳар кӣ чун реги равон бодияпаймо хезад.

Нест хоре, ки давои дили беморе нест,
Хастаам дар сари кӯйе, ки Масеҳо хезад.
Чун ба хокам гузарӣ, по нагузорӣ, ки замин
Зи шикасти дили мо резаи мино хезад.
Ҳаст гаштем зи як гардиши чашме Қассоб,
Бода з-он майкада хӯрдем, ки саҳбо хезад.

**209.**

Ҳар гаҳ он гулпираҳан хати узораш гул кунад,
Булбули шӯрида айёми баҳораш гул кунад.
Он ки аз шавқи рухи ӯ ҷон супорад баъди марг,
Гулбуни тасвир аз лавҳи мазораш гул кунад.
Аз насими сунбули зулфи сиёҳаш дур нест,
Гар ақиқи лоларанг аз гӯшвораш гул кунад.
Хӯрд азбас ғӯта дар хуни ҷигар, наздик шуд
Сабзаи ҷавҳар зи теғи обдораш гул кунад.
Андалебу боғбон доранд ҳар як матлабе,
То дар ин гулзор дар пое, ки хораш гул кунад.
Барнагирад аз раҳат, Қассоб, чашми интизор,
То чу наргис дидаи шабзиндадораш гул кунад.

**210.**

Киштии он ки ба хуноби ҷигар даст назад,
Ба садаф роҳ набурду ба гуҳар даст назад.
Пур шуда доманаш аз гавҳари якдонаи ашк,
Он ки бе рӯйи ту бар дидаи тар даст назад.
Хизр то лаззати сарманзили ваҳдат донист,
Аз сари кӯйи ту дигар ба сафар даст назад.
Ончунон дар чаман афтодаам аз дасти баҳор,
Ки шудам хушку насимам ба самар даст назад.

Ҳар кӣ дар баҳри фано ғутта назад чун Қассоб,
Зи қазо по накашиду ба қадар даст назад.

**211.**

Дар гулшан он ки қадди туро ёд мекунад,
Қатъи назар зи ҷилваи шамшод мекунад.
Duздида бурд бӯйи ту берун аз ин чаман,
Гулчин накард он чӣ ба гул бод мекунад.
Омӯхт рӯзгор зи чашми ту фитнаро,
Хуб аст ҳар кӣ хидмати устод мекунад.
Тири нигоҳат ойинаро дар ҷигар нишаст,
Чашми ту не ба нохуни фӯлод мекунад.
Дар шиша меканад зи ғами дӯст нохунам,
Бо санг он чӣ тешаи Фарҳод мекунад.
Таъмири мост хонахаробӣ, агар касе
Моро хароб мекунад, обод мекунад.
Қассоб, чун сипанд зи чашми бади ҳасуд,
Месӯзад аз ғами тую фарёд мекунад.

**212.**

Шӯри савдоям дар он водӣ, ки маскан мекунад,
Кӯҳро партоб чун санги фалохан мекунад.
Гоҳ хокистар ба сар, гоҳе ба доман мебарад,
Рӯзу шаб девонаам таъмири гулхан мекунад.
Бахяам дар рӯйи кор афтод дар ҷое, ки ёр
Ҷомаи худро ниҳон аз чашми сӯзан мекунад.
Чашми кофармоҷарое, ки ман дидам дар ӯ,
Аз нигоҳе як ҷаҳон бутро бараҳман мекунад.
Шуд фурӯзон шуълаам дар сина аз таъсири оҳ,
Шамъи мо дилмурдагонро бод равшан мекунад.
Дар ҷаҳон гардидаам то шуҳра дар девонагӣ,
Ҳар кӣ ҳар ҷо санг мебинад ба доман мекунад.

То ба рӯзи ҳашр афсурдан намедонад, ки чист,
Дар чароғ аз чарбу нармӣ ҳар кӣ равған мекунад?
Метавон бастан ба нармӣ хасми саркашро забон,
Муҳр аз мумасту кори қуфли оҳан мекунад.
Бо мусалмон кай касе дар кофаристон мекунад,
Он чӣ имрӯз он бути бераҳм бо ман мекунад?
Ин маи Қассоб моро бештар з-афтодагист,
Бар тани мо хоксорӣ кори ҷавшан мекунад.

**213.**

Наргисаш чининамо дишаб ба ранги сурма буд,
Даври ин майхона сар то сар зи санги сурма буд.
Шаб ҳама шаб, то ки бистонанд ранг аз якдигар,
Дар сафи мижгони ӯ то субҳ ҷанги сурма буд.
Карда баҳри қатли ошиқ сарвро дунболадор,
Тираруйи тиркаши нозаш ходанги сурма буд.
Карда чун бутхона чашмашро сиёҳ аз гарди куфр,
Барҳаманкофарнигоҳаш дар Фаранги сурма буд.
Пардаи дил ишқбозонро либоси Каъба шуд,
Қиблаи ман дар ду чашмаш тозаранги сурма буд.
Шуд дуболо нолаи Қассоб аз мизроби ғам,
То зи шӯхӣ тори мижгонаш ба чанги сурма буд.

**214.**

То банди ниқоб аз рухи дилдор кушуданд,
Бар рӯйи дили мо дари гулзор кушуданд.
Чун абр, ки аз баҳр барад зоди сафарро,
Роҳам ба дил аз дидаи бедор кушуданд.
Бастанд зи дарди ту ба ҳар навъ матоъе,
Дар бандари ҷону дили мо бор кушуданд.
Аз халқ бипурсем зи айёми гузашта,
Инкор, ки ин пargала тӯмор кушуданд.

Ҷастанд, касоне, ки зи печухами айём,
Маҳкамгираҳе аз думи ин мор кушуданд.
Чун шамъ асирони туро ҳарф яке буд,
Гоҳе ки забон аз пайи гуфтор кушуданд.
Қассоб, дари дӯст ба рӯйи дили тангам,
Якбора бибастанд, ки сад бор кушуданд.

**215.**

То ҳусни туро парда зи рухсор кушуданд,
Бар мо даре аз давлати дидор кушуданд.
Шуд қофиларо ҷумла кафан ҷомаи эҳром,
Рӯзе, ки дари каъбаи дидор кушуданд.
Ҳайратзадагон чашм дар ин олами тасвир,
Аз шавқи рухат бар дару девор кушуданд.
Хомӯш, ки ушшоқнавозон зи сари ноз,
Аз пардаи қонуни вафо тор кушуданд.
Гул чин ба дили ҷамъ, ки ин лолаузорон,
Аз касрати гулчин дари гулзор кушуданд.
Юсуфнигаҳон бар сари бозори накӯӣ,
Дар бар рухи сад Миср харидор кушуданд.
Гуфтанд ҷавоби гила аз ноз ба ошиқ,
Қуфл аз дари ганҷинаи асрор кушуданд.
Карданд ниҳон доми сари зулф зи дилҳо,
Банд аз пари мурғони гирифтор кушуданд.
Карданд ба хунрезии ушшоқ ишорат,
Ин буд забоне, ки ба гуфтор кушуданд.
Фарёд, ки чун ойина ин софзамирон,
Бастанд зи мо чашму ба ағёр кушуданд.
Қассоб, бутон об намуданд диламро,
Охир гираҳи турфаам аз кор кушуданд.

**216.**

Зи дарс он моҳ баргардида бо сад ноз меояд,
Маро дигар ҳаёти рафта бар тан боз меояд.
Нигаҳ дар пеши по, дар ҷузвкаш сармашқи маъшуқе,
Ба қасди дилбарӣ дигар ба сад андоз меояд.
Бувад ӯ офтобу аҳли мадрас ҷумла кавкабҳо,
Бурун аз ҳалқаи ҳамдарсиён мумтоз меояд.
Зи таълими ишороташ дили ошиқ шифо ёбад,
Магар аз дарси ҳикмат он бути танноз меояд?
Кушад онро, ки чашмаш аз нигоҳе зинда месозад,
Ба қурбонаш шавам имрӯз бо эъҷоз меояд.
Ба мижгонаш гирифтор аст дил, Қассоб, метарсам,
Бурун гунҷишк чун аз чангали шаҳбоз меояд?

**217.**

Ёр табиби дарди мо мешаваду намешавад,
Дарди дили маро даво мешаваду намешавад.
Теғ ба қасдам аз миён мекашаду намекашад,
Кори дилам ба муддао мешаваду намешавад.
То ки дилаш ба ҳоли ман сӯхта ноз монеъ аст,
Оҳ, ки озими вафо мешаваду намешавад.
Дар барам он санам басе банди қабо кушудааст,
Коми дилам аз ӯ раво мешаваду намешавад.
Новаки оҳам аз фалак мегузарад тамоми шаб,
Ҳайф ба мақсад ошно мешаваду намешавад.
Қасоб, сулҳу ҷанги ӯ ҳарду давои ошиқанд,
Ширу шакар зи ҳам ҷудо мешаваду намешавад.

**218.**

Аввал касе, ки дил ба ту номеҳрубон супурд,
Аз сар кашиду дасти ту бӯсиду ҷон супурд.

Он кас, ки гашт маҳрами рози ниҳони ёр,
Зад қуфл бар даҳону калиди забон супурд.
То аз чаман мабод насимаш бурун барад,
Бӯйи туро ба ғунчаи гул боғбон супурд.
Ранг аз барои лола фиристод оразат,
Доғи фироқро ба дили дӯстон супурд.
Булбул зи шавқи ҷилваи қадди ту дар чаман,
Аз шохи гул рамиду ба сарв ошён супурд.
Гаштам чу устухону дар ин хокдон маро,
Баҳри нишони тири ҷафо осмон супурд.
Қассобро чӣ буд, ки созад нисори ту?
Оре, саре, ки дошт, бар ин остон супурд.

**219.**

То дар чаман он қомати раъно нанишинад,
Аз воҳима сарви сиҳӣ аз по нанишинад.
То ошиқи рухсори ту танҳо нанишинад,
Ҳайратзада дар фикри тамошо нанишинад.
То дар назарат нест касе тоқ чу абрӯ,
Хуб аст, ки дар базми ту моро нанишинад.
Дар сайри ту ойина саропо ҳама чашм аст,
Ҳайрони ту бе дидаи бино нанишинад.
Чун бигзарад аз синаи ошиқ ба дил ояд,
Тири ту ҳарифест, ки беҷо нанишинад.
То волаи ҳуснаш нашавӣ, во макун оғӯш,
То дил надиҳад мавҷ ба дарё нанишинад.
Хуш кард гаронсанги вуҷудаш ғами моро,
Ҷуз кӯҳ касе пахлӯи саҳро нанишинад.
Ҷуз тоири ваҳшизада ором нагирад,
То тири ғамат бар ҷигари мо нанишинад.
Қассоб, ба як чашм задан бохт дилу дин,
Нақши ду шаше беҳтар аз ин ҷо нанишинад.

## 220.

Дишаб шароби шавқи туям дар аёғ буд,
Минноям аз рутубати май тардимоғ буд.
Мерехтам зи абри нигаҳ лолазори ашк,
Аз файзи гиря доманам атрофи боғ буд.
Дар оташи ҳавои ту аз зарра то фалак,
Оҳам ба ранги шуъла гулистони доғ буд.
Бе офтоби рӯйи ту чун машриқ аз шафақ,
Ҳар субҳу шом хуни дилам дар аёғ буд.
Дар иштиёқи зулфи парешони ӯ дилам,
Пуробутоб чун гуҳари шабчароғ буд.
Аз дидаам гузаштию дилро хабар нашуд,
Азбаски дар ҳавои ту гармисуроғ буд.
Бар ҷо намонд ҷилваи шоҳини як нигоҳ,
То бар кафи ту таблаи парҳои зоғ буд.
Қассоб, ҳар фатилаи доғе, ки доштам,
Шоми фироқ то саҳарам дар чароғ буд.

## 221.

Эй теғи ғамзаи ту ба вақти ғазаб лазиз,
Ҳангомаи ғами ту ба вақти тараб лазиз.
Чини ҷабин чу мавҷи табассум тамом шаҳд,
Пайкони тири ғамза чу шаҳди рутаб лазиз.
Лабҳо чу оби чашмаи Кавсар тамом файз,
Гуфтор пуртаровату унноби лаб лазиз.
Дар базми ишқи бодапарстони шавқи ту
Заҳроб дар пиёла чу оби инаб[1] лазиз.
Лаззоти нақди доғи ту дар дасти ошиқон,
Бошад чунонки дар кафи муфлис заҳаб[2] лазиз.

1. **Инаб** – ангур. **Оби инаб** – шароб.
2. **Заҳаб** – тилло.

Бо дил забондарозии мижгони шӯхи ту
Дар чашми аҳли ҳол бувад чун адаб лазиз.
Қассоб, ҳамчу шамъ дар ин базми ҷонгудоз
Дар назди мост сӯхтагиҳои шаб лазиз.

**222.**

Пас аз дидори қосид чун фитодам дида бар коғаз,
Шуд афшон[1] баски ашки ҳасратам пошида бар коғаз.
Зи тангиҳои ҷо дорад даруни сина аз шавқаш,
Нафасро бар дилам чун риштаи печида бар коғаз.
Кунад то дар ҷавоби номааш ҳарфи вафо пайдо,
Тиҳӣ шуд аз нигаҳ бас дидаам гардида бар коғаз.
Кабӯтарро ба пар часпида мактубаш зи ширинӣ,
Зи шӯхӣ бас лабаш бар ҳоли ман хандида бар коғаз.
Зи шарҳи номаам ҳарфи муҳаббат дар миён гум шуд,
Нигоҳ он дилрабо мекард то дуздида бар коғаз.
Зи шавқаш қосид оташ ҳар қадам дар зери по дорад,
Ту пиндорӣ сипанд аз холи ӯ пошида бар коғаз.
Набошад дур, агар чун барги гул аз якдигар пошад,
Ба ранги ғунча азбас номи ӯ болида бар коғаз.
Ҷавоби номаи он шӯхро Қассоби хуниндил,
Ҳиноӣ[2] карда, азбас рӯйи худ молида бар коғаз.

**223.**

Мекунад ҳар дам ба қасдам чарх тақдири дигар,
Мерасад ҳар лаҳза бар дил з-ин камон тири дигар.
Бар сипоҳи хотири ман рӯзгори кинахоҳ
Мезанад ҳар дам зи бахти тира шабгири дигар.

---

1. **Коғазафшон** – навъе аз коғазҳои қадим аст, ки бар рӯйи он оби тиллову нуқра меафшонданд ва ҳам акнун китобҳои хатии зиёд бо ин навъ коғаз мавҷуд аст. ***(Партав Байзоӣ).***
2. **Коғази ҳиноӣ** – аз коғазҳои собиқ аст, ки бо ҳино ранг мекарданд. ***(Партав Байзоӣ).***

Мехӯрам худ захм ҳар соат зи чини абрӯе,
Менишинам ҳар замон дар зери шамшери дигар.
Эҳтиёҷам мекунад ҳар дам ба бадхоҳӣ руҷуъ,
Мекунад ҳар дам сипеҳрам туъмаи шери дигар.
Менамояд ҳар замонам нафс роҳи зулмате,
Меравад поям фурӯ ҳар лаҳза дар қири дигар.
Мешавам ҳар дам нишони тири таъни нокасон,
Мекунад ҳар дам ба қатлам даҳр тадбири дигар.
Чун зи худ берун равам, Қассоб, к-аз ҳар тори нафс
Ҳаст дар пойи дилам ҳар лаҳза занҷири дигар?!

**224.**

Субҳи висолро асар омад, ҳазор шукр,
Шоми фироқро саҳар омад, ҳазор шукр.
Дилбар расид хуррому май хӯрду бӯса дод,
Нахли мурод борвар омад, ҳазор шукр.
Чун офтоб аз раҳи равзан ба рӯйи моҳ,
Нохондаам ба кулба даромад, ҳазор шукр.
Мекардам аз сипеҳр суроғи ҳилоли ид,
Абрӯйи ёр дар назар омад, ҳазор шукр.
Аз чормавҷи Даҷлаи аздод киштиам
Берун зи вартаи хатар омад, ҳазор шукр.
Тифли сиришк то сари мижгон зи дил давид,
Ин наврасида боҷигар омад, ҳазор шукр.
Қассоб, доғи зулфи сиёҳе ба дил расид,
Имшаб азизам аз сафар омад, ҳазор шукр.

**225.**

Чу боз кард шакарханда, шуд асири шакар,
Аёнаш аз лабу дандон намуда шири шакар.
Чу дид он лабу дандон, намуд ҷон парвоз,
Ғизои рӯҳ бувад бештар панири шакар.

Хат аст сар зада густох бар лабаш, ё мӯр
Зи ҳирс пой фурӯ бурда дар хамири шакар.
Нишаста хол ба кунҷи лабаш бад-он монад,
Ки шоҳи Ҳинд занад такя бар сарири шакар.
Хатат чу хатти сияҳ-дар бар нигини булӯр,
Бурун наёмада, пайдост дар замири шакар.
Агар зи муҳри хамӯшӣ ба лаб занад, Қассоб,
Дили туро кӣ бурун оварад зи зери шакар?

**226.**

Эй хуррам он замон, ки бувад ёр дар канор,
Гул дар канор бошаду ағёр дар канор.
Ҷоме ба кунҷи хилвату гардида масти ишқ,
Сар дар миён фитодаву дастор дар канор.
Саҷҷодаро фикандаву бигрифта доманаш,
Тасбеҳро ниҳода чу зуннор дар канор.
Гардида қомати ту дигар фитна то ба субҳ,
Парвонавор шуълаи рухсор дар канор.
Бо дӯст рози дарди шаби ҳаҷр дар миён,
Ҷузви китобу махзани асрор дар канор.
Чандин ҳазор гавҳари тавҳид бар забон,
Сели сиришку дидаи хунбор дар канор.
Рӯйи ниёз аз раҳи таслим бар замин,
Сад орзуи ҳасрати дидор дар канор.
Ҷузви сиёҳномаи аъмол дар бағал,
Уммеди ҷурмпӯшии Додор дар канор.
Ё Раб, шавад насиб аз инҳо, ки гуфтаанд,
Қассобро аз он ҳама якбор дар канор.

**227.**

Буте дорам ба ҳусн аз кофиристон кофиристонтар,
Забон аз лаълу лаъл аз шаккаристон шаккаристонтар.

Рухаш чун меҳр, аммо порае аз меҳр тобонтар,
Ду абрӯ моҳи ид, аммо зи моҳ андак намоёнтар.
Гузораш бар раҳи дилҳо фитад гар аз қазо рӯзе,
Дарояд масти ноз аз рахши ҳиммат гармҷавлонтар.
Ба қасди ошиқон чун лола гулгун кард оразро,
Гулистони ҷаҳон гардид аз ҳуснаш гулистонтар.
Чу бар ман тофт акси оразаш дар айни бетобӣ,
Шудам дар диданаш як пираҳан з-ойина ҳайронтар.
Зи ҷо бархостам, бигрифтам аз шодӣ инонашро,
Чу дидам ҳаст имрӯз он бут аз ҳар рӯз мастонтар.
Ба мижгон бурд дасти ғамзаву рӯ кард бар ҷонам,
Ки хунамро зи хуни дигарон резад намоёнтар.
Шудам таслим, то оби шаҳодат нӯшам аз теғаш,
Пушаймон буд, шуд якбора з-ин эҳсон пушаймонтар.
Фурӯ боридам оби ҳасрат аз чашми тару гуфтам,
Ки: «Ҳаргиз ман надидам аз ту ёре сустпаймонтар».
Пас он гаҳ гуфт: «Шеъре чанд мехоҳам баён созӣ,
Ки гардам дар табассум андаке аз писта хандонтар».
Маро омад ба хотир як ғазал дар шаъни ҳусни ӯ,
Бигуфтам: «Бишнав, эй рухсорат аз хуршед тобонтар».

**228.**

Надидам чун ту шӯх аз саркашӣ баргаштамижгонтар,
Надидам аз ту ошӯби ҷаҳоне, номусалмонтар.
Зи баҳри он ки резӣ бар замин хуни асиронро,
Шавӣ аз чашми масти хештан ҳар рӯз мастонтар.
Хиром аз қадду қад аз нозу ноз аз ҷилва зеботар,
Нигоҳ аз чашму чашм аз тавру тавр аз шева фаттонтар.
Баён кардам ҳадиси дуриву шарҳи шаби ҳиҷрон,
Парешон кард зулфу гуфт: «Аз зулфам парешонтар?»
Зи баҳри пешкаш ҷон бар кафи даст омадам сӯяш,
Чу дидам абрӯйи хунрезаш аз шамшер бурронтар.

Чу бишнид ин ғазалро аз раҳи меҳру вафо, сӯям
Табассум карду гуфт: «Эй хона аз вайрона вайронтар».
Ту гар, Қассоб, хоҳӣ сабз бӯстони муҳаббатро,
Бибояд кард пайдо дидае аз абр гирёнтар.

**229.**

Дорам буте зи каҷкулаҳон каҷкулоҳтар,
Рӯяш чу моҳ, лек зи ҳар моҳ моҳтар.
Тарзи нигоҳ карданаш аз оҳуи Хито
Бошад ҳазор мартаба ваҳшинигоҳтар.
Холе, ки менамоядаш аз орази чу моҳ,
Чун анбар аст, лек зи анбар сиёҳтар.
Дар адлу доду мансаби хубӣ нигори ман,
Ҳаст аз ҷамеи подшаҳон подшоҳтар.
Бетолеам, в-агарна ба даргоҳи ёр нест
Дар ҷарги ошиқон-ш зи ман бегуноҳтар.
Киштӣ фикандаам ба муҳите, ки мешавад
Ҳар дам зи бодҳои мухолиф габоҳтар.
Қассоб дорад аз карамат чашми марҳамат,
Бо он ки ҳаст аз карамат рӯсиёҳтар.

**230.**

Шуд маро то дил зи акси рӯйи он ҷонона пур,
Аз таҷаллӣ гашт чун ойина ҳар кошона пур.
Атри холашро насим овард дар саҳро ба мо,
Оҳувонро нофа пур гардиду моро хона пур.
Аз шикаст, эй чархи миноранг, поси худ бидор,
Нест қадре шишаро, чун гашт аз дурдона пур.
Аҳли шавқ аз як гиребон сар бурун овардаанд,
Ин ҷаҳон чун хӯша гардидаст аз як дона пур.
Беш аз инам з-улфати ағёр хун дар дил макун,
Панҷаро магзор аз зулфи ту созад шона пур.

Достони ишқ бигрифтанду номӣ дасти мост,
Гашт матлаб нопадид, азбаски шуд афсона пур.
Ғайри ҳақро дар ҳарими дил абас ҷо додаем,
Нест ҷойи ошно, шуд баски аз бегона пур.
Дар бисоти даҳр, Қассоб, он тунукзарфам, ки ман
Мерасад ҷонам ба лаб, то мешавад паймона пур.

## 231.

Ишқ дод аз дарди ӯ ҳар лаҳза пайғоми дигар,
Умр гар боқист, мегирам саранҷоми дигар.
То сари зулфи ту пурчин аст, эй сайёди дил,
Ҳошалиллаҳ гар бигирам ҳалқаи доми дигар.
Эй аниси ҷовидони ман, забонам лол бод,
Ғайри номат гар биронам бар забон номи дигар.
Чун туам додӣ дар аввал, соқиё, ҷоме чунон,
Орзу дорам, ки гирам аз кафат ҷоми дигар.
Субҳ равшан гашту моро матлабе ҳосил нашуд,
Бо ғамат имрӯз месозем то шоми дигар.
Бар сар омад шоми ғам, Қассоб, шодӣ кун, ки ёр
Хат бурун овард, к-ин давр аст айёми дигар.

## 232.

Об шуд дил, дасту по аз ман намеояд дигар,
Қатра шуд дарё, шино аз ман намеояд дигар.
Дида то шуд ҳамнишин бо чашми масти сурмадор,
Лаб фурӯ бастам, садо аз ман намеояд дигар.[1]
Чун ҳубоб аз тангзарфӣ дар ту, эй дарёи ҳусн,
Як нафас будан ҷудо аз ман намеояд дигар.
Бе туам ғамгинтар аз шоми ғарибон, ҳамчу субҳ
Хандаи дандоннамо аз ман намеояд дигар.

1. Ишора ба он аст, ки ҳар кас сурма бихӯрад, садояш гирифта мешавад.

Мекунам рангин ба хуни хештан сарпанҷаро,
Хоҳиши ранги ҳино аз ман намеояд дигар.
Кардаам розӣ ба бӯйи устухоне хешро,
Туъмаҷӯӣ чун ҳумо аз ман намеояд дигар.
Ҳаҷрро, Қассоб, тадбире ба ғайр аз васл нест,
Фикри дарди бедаво аз ман намеояд дигар.

**233.**

Шудаст азбаски рӯз аз моҳу моҳ аз сол расвотар,
Маро ҳар лаҳза гардад сурати аҳвол расвотар.
Макун дил пойбанди шоҳиди дунё, ки дар маҳфил
Кунад маъшуқаи бадшаклро халхол расвотар.
Надонам сайдгоҳи кист ин саҳрои пурваҳшат,
Ки аз сайди гирифтор аст фориғбол расвотар?!
Қаландармашрабонро пардапӯшӣ кай бувад лозим,
Дар ин раҳ кӯчакабдол аст аз абдол расвотар.
Шавад гар лакнат афзун дар забон бе ӯ, макун манъам,
Чу бошад хашмгин, гардад забони лол расвотар.
Зи бетобӣ раҳи селобро кай метавон бастан?
Кунад навкисаро ҳар дам ғурури мол расвотар.
Гузашт аз ҳад туро расвоӣ, эй Қассоб, метарсам,
Ки созад рӯзи ҳашрат номаи аъмол расвотар.

**234.**

Эй Каъбаи арбоби вафо кӯйи руфӯгар,
Меҳроби дуо гӯшаи абрӯйи руфӯгар.
Чун қатраи шабнам, ки нишинад ба рухи гул,
Дидам арақолуда гули рӯйи руфӯгар.
Эй рашки ғизолони Хутан тарзи нигоҳат,
То кардаам аз як нигаҳ оҳуи руфӯгар.

Ин раҳзани сад қофила, ё ҳолаи моҳ аст?
Ё сар зада хат аз рухи некӯйи руфӯгар?
Аз баҳри руфӯгорияш афтода шабу рӯз
Сад пораи дил бар сари зонуи руфӯгар.
Лабрези гули ноз кунад домани дилро
Ошиқ чу бағал боз кунад сӯйи руфӯгар.
Гар бод барад атри хаташ ҷониби гулзор,
Сунбул шавад ошуфтатар аз мӯйи руфӯгар.
Гар банди қабо ҷониби гулзор кушояд,
Гулзор муаттар шавад аз бӯйи руфӯгар.
Берун зи кафам шуд дилу дин, баста чу дидам,
Он хирмани гул дар камари мӯйи руфӯгар.
Бо ин ҳама худроии беҷо шудӣ охир,
Қассоб, асири қади дилҷӯйи руфӯгар.

**235.**

Азбаски тапид ин дили камҳавсала бисёр,
Афтод миёни ману ӯ фосила бисёр.
Бетобии дил сохт маро чун кафи хоке,
Вайрон шавад он ҷо, ки шавад зилзила бисёр.
Ҳар узви дилам банд бувад бар сари мӯйе,
Дорам зи парешонии зулфат гила бисёр.
Оҳе натавонем кашид аз хами он зулф,
Дар гардани мо танг шуд ин силсила бисёр.
Ҷон чист, ки дар пойи ду абрӯйи ту бозам?
Ин матлаъи шӯхест, ки дорад сила бисёр.
Кардаст маро ҷавҳари ин ойина ҳайрон,
Гироии ҳусни ту шуд аз обила бисёр.
Чун ойинаи акс манам ҷисму ту ҷонӣ,
Омезиши моро набувад фосила бисёр.

Аз по нанишинем, дар ин Каъба, ки бошад
Меҳроби ду абрӯйи туро нофила бисёр.
Нам нест дар ин бодия, зинҳор, ту баргир
Об аз пайи лабташнагии қофила бисёр.
Мушкил, ки расад дар хами зулфи ту ба ҷое,
Шаб тираву раҳ нобаладу марҳила бисёр.
Дар кӯйи бутон банд пари мурғи ҳавасро,
Қассоб, ба хок аст дар ин раҳ тала бисёр.

**236.**

Дар қафас ҷо дораму ғофил зи сайёдам ҳанӯз,
Волеҳам[1] чандон, ки мепиндорам озодам ҳанӯз.
Ончунон дар фикри васвосам, ки ин ғамхонаро
Шуд бино вайрону ман дар фикри ободам ҳанӯз.
Хомтабъӣ бин, ки гаштам пиру аз тифлӣ нарафт
Шӯхии осоиши гаҳвора аз ёдам ҳанӯз.
Ҳамчу тифли навбамактабрафта дар авқоти умр
Сурхрӯ аз силии таълими устодам ҳанӯз.
Гоҳ чун парвона сӯзам, гоҳ созам бо қафас,
Навниёзи ишқаму дар банди устодам ҳанӯз.
Кай тавонам з-оби ҳасрат хасмро сероб кард,
Ман, ки худ лабташна з-оби теғи ҷаллодам ҳанӯз?!
Кардаам шабгиру роҳи Каъбаро гум кардаам,
Гӯш бар овози ин шайхони шайёдам ҳанӯз.
Ҳеч кас, Қассоб, бо ман як замон ҳамдам нашуд,
Бо вуҷуди он ки чун най ҷуфти фарёдам ҳанӯз.

**237.**

Тори қонуни ҷаҳон соз нагардад ҳаргиз,
Ба кас ин соз ҳамовоз нагардад ҳаргиз.

---

1. **Волеҳ** – шефта, ошиқи шайдо.

Пой берун манеҳ аз хеш, ки мурғи тасвир
Захмии чангали шаҳбоз нагардад ҳаргиз.
Рамзи хунрезии мижгони ту дил донаду бас,
Дигаре огаҳ аз ин роз нагардад ҳаргиз.
Ҳаст умре, ки ба қурбони сарат мегардам,
Мурғи дил монда зи парвоз нагардад ҳаргиз.
Ба таваккул фикан ин кор, ки бо нохуни саъй
Гиреҳ афтад чу ба дил, боз нагардад ҳаргиз.
Поктинат накашад заҳмати сӯҳон, Қассоб,
Меҳр муҳтоҷ ба пардоз нагардад ҳаргиз.

**238.**

Он рӯз, ки карданд ба дил тухми вафо сабз,
Шуд дард фаровону нагардид даво сабз.
Дилро дигар аз акси хати лолаузорон
Чун ойина гашта дару девору саро сабз.
Оташ зада бар хушку тари ҳастии ошиқ,
То карда ба бар ҳамчу гули сурх қабо сабз.
Мӯр аст фитода гузараш бар шакаристон,
Ё Хизри хатат гашта лаби оби бақо сабз.
Бас хуррамӣ аз хотири аҳбоб рамидаст,
Тӯтӣ накунад ҷилва дар ойинаи мо сабз.
Хуррам нашуд аз гиряву оҳам дили ношод,
Ғамхонаи моро накунад обу ҳаво сабз.
Қассоб, шуда хуни ту помоли нигоре,
К-он ҷо натавонӣ шудан аз бими ҷафо сабз.

**239.**

Бо дили ғамдида, эй сайдафкани ошиқнавоз,
Мекунад бисёр шӯхӣ, умри мижгонат дароз.

Не зи мо дур аст ҷонбозӣ, на аз ту саркашӣ,
Мебарозад[1] ҳар ду бар мо, аз ту ноз, аз мо ниёз.
Хат чу сар барзад, зи кайди чашми ӯ ғофил мабош,
Дар камингоҳ аст чун сайёд доме карда боз.
Дил аз он баргаштамижгон пас гирифтан мушкил аст,
Кай тавон гунҷишкро берун кашид аз чанги боз?!
Пур макун аз сӯхтан манъам, ки бар болои шамъ
Рӯзи аввал дӯхт гардун ҷомаи сӯзу гудоз.
Пардаи ушшоқ афтод аз наво бар рӯйи кор,
Ишқ он рӯзе, ки қонуни муҳаббат кард соз.
Тири қайқоҷафканон[2], Қассоб, мардафкан шавад,
Сахт метарсам зи мижгонҳои чашми турктоз.

## 240.

Гар шавӣ ошно ба сӯзу гудоз,
Ба ту дарҳо шавад зи ишрат боз.
Чархпарвоз шав, ки ҷо-т диҳанд
Ба сари дасти хеш чун шаҳбоз.
Ин чӣ бегонагист бар дари дӯст?
Саъй кун, то шавӣ ту маҳрами роз.
Сайқале кун чу меҳр ойинаро,
Синаро деҳ зи занги кин пардоз.
З-оташи ишқ, агар саре дорӣ,
Ҳамчу шамъ аз ғамаш бисӯзу бисоз.
Ломаконсайр шав, ки бирҳонӣ
Хешро аз ғами нишебу фароз.
Чашми ҳақбин ба ҳам расон, Қассоб,
Чанд бошӣ асири ишқи маҷоз?!

1. **Барозидан** – шоиста будан, зебанда будан.
2. **Қайқоҷ** – уреб; тирандозии ба ҳар тараф.

**241.**

Бозам аз хуни ҷигар дидаи тар шуд лабрез,
Поят аз чашми ман олуда нагардад, парҳез.
Тифли ашкам назанад по ба замин аз доман,
Чӣ кунад, пеши падар ҳаст ҷигаргӯша азиз.
Ту ба фарёд рас, эй дӯст, ки дар рӯзи ҳисоб
Нест дар даст ба ҷуз доғи туам дастовез.
Соқии даҳр гарат ҷом бибахшад, зинҳор
Ҷуз майи шавқ агар оби ҳаёт аст, бирез.
Ҳаст дар бистари ғам шаб ҳама шаб то ба саҳар,
Ҳалқаи зулфи ту бар захми дуо ғолиябез.
Сабр дар куштани Қассоби ситамкаш зи чӣ рӯй,
Гардани ӯ ба ризои туву шамшери ту тез?!

**242.**

Дар дилам айше, ки мебинам, ғами ёр асту бас,
Захмҳои новаки мижгони дилдор асту бас.
Дар даруни Каъбаву бутхона гардидам басе,
Рӯ ба ҳар ҷониб, ки кардам, ҷилваи ёр асту бас.
Масти ишқам, пойбанди куфру имон нестам,
Ин қадар донам, ки бо лутфи ваям кор асту бас.
Аз чунин вайронаманзил чашми осоиш мадор,
Айши ин даргашта то будаст, озор асту бас.
Аз каси дигар чу нолад, шиква беҷо кардан аст,
Дар ҷаҳон Қассоб саргардони кирдор асту бас.

**243.**

Он чи н-ояд ҳаргизам аз даст, тадбир асту бас,
Гарданам дар ҳалқаи фармони тақдир асту бас.
Бас надорад улфате бо якдигар обу гилам,
Рӯзу шаб вайронаам дар фикри таъмир асту бас.

Он ки ҳаргиз дар миёни ҳалқаи ҳамсуҳбатон
Кафш дар поям насозад танг, занҷир асту бас.
Бас ҳадаф гаштам зи ҳар ҷониб хаданги ғамзаро,
Қуввати парвози болам аз сари тир асту бас.
Он чи дар хилватсарои дӯст ҳар шаб то саҳар
Рӯйгардон аз дуоям гашта таъсир асту бас.
Меравад аз сар ғурури ҷаҳл, чун мӯ шуд сафед,
Заҳрро дар олами ҳикмат даво шир асту бас.
Барнамеояд зи ман, Қассоб, коре дар ҷаҳон,
Он чи меояд зи ман ҳар лаҳза, тақсир асту бас.

**244.**

Ғарқаи дарёи ишқем, аз канори мо мапурс,
Хонабардӯшем чун мавҷ, аз диёри мо мапурс.
Нахли сарвистони тасвирем, бар аз мо махоҳ,
Хори хушки бӯстонем, аз баҳори мо мапурс.
Мову зулфи ӯ ба як толеъ зи модар зодаем,
Мешавем ошуфтаҳол, аз рӯзгори мо мапурс.
Машҳади моро фурӯғи шамъ медонад куҷост,
Машраби парвона дорем, аз мазори мо мапурс.
Рӯзу шаб дар кӯраи даҳрем бо сад печутоб,
Дар гудози имтиҳонем, аз иёри мо мапурс.
Мову дил мотем дар ин арсаи шатранҷи даҳр,
Ҷону дилро то набозӣ, аз қимори мо мапурс.
Гар равӣ аз хештан берун, сафар бо мо макун,
Мешавӣ гирён, зи чашми ашкбори мо мапурс.
Куштаи субҳи баногӯшу ҳалоки кокулем,
Беш аз ин, Қассоб, аз лайлу наҳори мо мапурс.

**245.**

Ман киям? Чун маънии равшан намоён дар либос,
Чун чароғи хонаи фонуси сӯзон дар либос.
Мешавад рози дили ман зоҳир аз симои ман,
Менамояд ҳамчу май дар шиша урён дар либос.
Чун тавонам кард худдорӣ, ки аз ҳар чашмаке
Мехӯрам сад захм аз он баргаштамижгон дар либос?
Меравам ҳар дам ба фикри новаки мижгони ёр,
Мекунам дилро нишони тирборон дар либос.
З-иттиҳоди риштаҳои шамъ месӯзад дилам,
Роҳи ҳарфе ҳаст ёронро ба ёрон дар либос.
Лолазоре шуд дилам аз доғҳои орзу,
Рехтам то аз рухат ранги гулистон дар либос.
Ноз агар монеъ набошад, аз табассум лаъли ӯ,
Дарди моро метавонад кард дармон дар либос.
Менамояд қоматаш аз зери абри пираҳан,
Мекунад ҳар гоҳ чун хуршед ҷавлон дар либос.
Оҳи ҳасрат ҳар нафас дар синаи сӯзони ман,
Мезанад бар оташи ишқи ту домон дар либос.
Пардапӯшӣ ишқро кай мешавад суратпазир?
Шуъларо, Қассоб, натвон кард пинҳон дар либос.

**246.**

Кардаам то дар ҳавои хатти ӯ ҷо дар қафас,
Мекунам бо хеш доим ишқ савдо дар қафас.
Аз рафиқони ҳавоӣ ғайри ваҳшат чора нест,
Вой, бар мо, гар намебудем танҳо дар қафас.
Мекунад мо булбулонро масти лояъқил баҳор,
Накҳати гул нест бар мо кам зи саҳбо дар қафас.
Баски метарсам зи тӯфони сиришки хештан,
Дорам аз хаспӯшии мижгон ду дарё дар қафас.

Дурди шаҳди маҷлиси мо шамъи базми олам аст,
То чу занбӯри асал дорем маъво дар қафас.
Ҳамчу доғи лола дар кӯйи бутон мурғи дилам,
Мекунад аз чор ҷониб рӯ ба саҳро дар қафас.
Мекунад сайёд бар рӯяш ниқоб аз бӯйи гул,
Гар ниҳад бе рухсати мо булбуле по дар қафас.
Оҳи дардолуд, мутриб, соғар аз хун пуршароб,
Ишрате дорем мову дида шабҳо дар қафас.
Дил зи доғат ранги гулшан дар даруни сина рехт,
Андалеби мо ба бар овард гулҳо дар қафас.
Тангнои ин ҷаҳон ҷои нишоту айш нест,
Дасту по то кай занӣ, Қассоб, беҷо дар қафас?

**247.**

Ҳиҷоб аз рух чу бардорад нигоҳаш,
Зи ҳар бедил хабар дорад нигоҳаш.
Чу хори ошён он рашки товус
Маро дар зери пар дорад нигоҳаш.
Чу тири ғамза доим дар камон аст,
Чапандози[1] дигар дорад нигоҳаш.
Маро чун шамъ сӯзону гудозон
Сари шаб то саҳар дорад нигоҳаш.
Кас аз таъсири нозаш нест ҷонбар,
Хаданги коргар дорад нигоҳаш.
Маро аз донаи ашк андар ин боғ
Чу нахли борвар дорад нигоҳаш.

---

1. **Чапандоз** – истилоҳест барои макру ҳилаи ҷангӣ, ки дар фарҳангҳои мусталаҳот, аз ҷумла фарҳанги «Баҳори Аҷам» забт шуда ва онро қайқоҷандоз ҳам гуфтаанд. Ҳаким Ҳозиқи Гелонӣ гӯяд:

***Рост мегӯям, ин шикоят нест,***
***Назари ӯ ба мо чапандоз аст.***

Зи як наззораи ӯ рафтам аз хеш,
Мудомам дар сафар дорад нигоҳаш.
Маро, Қассоб, афканд он ки аз чашм,
Магар аз хок бардорад нигоҳаш.

## 248.

Гаҳ аниси дашту гоҳе маҳрами гулзор бош
В-он гаҳ аз асрор ҳар ҷо мерасӣ, саттор[1] бош.
Чанд рӯзе чун хуми май то дар ин майхонаӣ,
Маст кун аз хеш оламрову худ ҳушёр бош.
Зуд расво мешавад гандумнамои ҷавфурӯш,
Дар назарҳо хору дар маънӣ гули бехор бош.
Дар кафи даҳр аст сӯҳони мукофоти амал,
Пеш аз он вақте ки ҳамворат кунад, ҳамвор бош.
Даҳр[2] саҳроест пурошӯб, ҷойи хоб нест,
То нигаҳ дорӣ зи раҳзан хешро, бедор бош.
Баҳри оташ миннати хошок аз саҳро макаш,
Чун дили ошиқ кабоб аз шуълаи рухсор бош.
Заҳрро, Қассоб, позаҳр[3] аст дар ҳикмат даво,
Он чи ғафлат кардаӣ, дар фикри истиғфор[4] бош!

## 249.

### *Тағаззул дар манқабати Ҳазрати Хатмимартабат (с)*

Ба навъе гарм рафт аз сина берун тири мижгонаш,
Ки гул чун шуъла сар хоҳад зад аз хоки шаҳидонаш.
Маро ваҳшинигоҳе карда саргардони саҳрое,
Ки чун реги равондил метавон рафт аз биёбонаш.

1. **Саттор** – пӯшонанда.
2. **Даҳр** – ҷаҳон.
3. **Позаҳр** – зидди захр, тарёк.
4. **Истиғфор** – талаби бахшиш намудан.

Саводи дидаро аз хоки пое кардаам равшан,
Ки бошад сурмаи чашми кавокиб гарди ҷавлонаш.
Шавад ҳар сабза Хизре, ҳар кафи гул дасти Мӯсое,
Ба гулшан уфтад гар сояи сарви хиромонаш.
Барад якбора аз рухсораи шаб ранги зулматро,
Агар хуршед гирад партав аз шамъи шабистонаш.
Шаҳидонро ба қолаб медамад ҷон чун дами Исо,
Насими субҳ агар бархезад аз тарфи гулистонаш.
Чу абри раҳматаш бар чор аркон соя андозад,
Кунад сероб кишти даҳрро як қатра боронаш.
Чароғи базми нуҳ афлоку шамъи ҳафт манзар шуд,
Аз он рӯзе, ки моҳ афканд худро дар гиребонаш.
Зи акси партави ӯ шуд чароғи нуҳ фалак равшан,
Шаби меъроҷ чун гардид толеъ моҳи тобонаш.
Шафеи рӯзи маҳшар – моҳрӯйи «ва-з-зуҳо», яъне,
Муҳаммад – он ки Эзид буд дар Қуръон санохонаш.
Шаби ид аст, Қассоб, ин қадар истодагӣ то кай?
Қадам неҳ пеш, к-имшаб метавон гардид қурбонаш.

## 250.

Кунӣ гар рӯ ба саҳро, рӯйи саҳро мешавад оташ,
Бишӯӣ гар ба дарё рӯй, дарё мешавад оташ.
Чу бар дил бигзарад ёди рухат, олам хабар дорад,
Ба ҳар ҷое, ки афтад, зуд расво мешавад оташ.
Гирифторам ба дасти тундхӯйи шуълаболое,
Ки бархезад чу аз ҷо, то Сурайё[1] мешавад оташ.
Дили саргаштаро дар орзуи дидани рӯят
Чӣ шуд имрӯз, агар об аст, фардо мешавад оташ.
Мабодо нокасе ҳамсуҳбати равшандилон гардад,
Чу бар ойина афтад, гармсавдо мешавад оташ.

1. **Сурайё** – ситораи Парвин.

Рафоқат кардани ноҷинс чун санг асту чун оҳан,
Чу бо ҳам ошно гарданд, пайдо мешавад оташ.
Агар бар гулшане афтад гузар Қассобро, донам,
Ки аз баҳраш ба ҳар ҷониб муҳайё мешавад оташ.

**251.**

Эй дил, ҳамеша толиби дидори ёр бош,
Ойина гарду бар рухаш уммедвор бош!
Селобвор тундравӣ бар канор неҳ,
Як қатра бошу ҳамчу гуҳари обдор бош!
Розӣ мабош ҳамчу хазон дар шикасти ғайр,
Дар ҳар чаман, ки пой гузорӣ, баҳор бош!
Чун лола дар миёни ҷавонони ин чаман,
Хоҳӣ, ки рӯшинос шавӣ, доғдор бош!
Монанди барқ хандаи дандоннамо макун,
Гирён ба кишти хеш чу абри баҳор бош!
Дар дасти рӯзгор мабодо сабук шавӣ,
Саррофи хеш чун зари комилиёр бош!
Чун хас зи сели ҳодиса аз ҷой дармаё,
Биншин чу кӯҳу пеши бало пойдор бош!
Гардад баландмартаба з-афтодагӣ ғубор,
Хоҳӣ, ки сарфароз шавӣ, хоксор бош!
Қассоб, з-ин вафо, ки ман аз даҳр дидаам,
Гӯ, дасти ғайр дар камари рӯзгор бош!

**252.**

Қонеъ, дило, ба хушку тари рӯзгор бош,
Осудахотир аз хатари рӯзгор бош.
Гар зиракӣ, қаноати кунҷи қафас гузин,
Фориғ зи офати шаҷари рӯзгор бош.
Аз бӯйи ошноии мардум димоғ гир,
Эмин ҳаме зи дарди сари рӯзгор бош.

Ту пой аз ин маҳали хатар бар канор каш,
Гӯ, дасти ғайр дар камари рӯзгор бош.
Ҷинсе, ки боби манзили айш аст, беғамист,
Фориғ зи қайди симу зари рӯзгор бош.
Ғофил машав зи гардиши ин рӯзу шаб мудом,
Бедорчашми фитнагари рӯзгор бош.
Қассоб, оҳу нола ба ҷое намерасад,
Лол[1] аз барои гӯши кари рӯзгор бош.

**253.**

Маҳе дорам, ки ҳар гаҳ парда бардорад зи рухсораш,
Равад хуршед дар зери ниқоб аз шарми дидораш.
Буте, ғоратгари ҳуше, зи қад бо сарв ҳамдӯше,
Зи лаб чун ғунча хомӯше, ки кас нашнида гуфтораш.
Фаранге, тифли бебоке, ба қасди дину идроке,
Зи зулф афканда фитроке, ки олам шуд гирифтораш.
Зи дил бераҳм сайёде, зи дарси дониш устоде,
Зи қомат сарви озоде, ки Ҳақ бошад нигаҳдораш.
Ба тири ғамза дилдӯзе, ба рух шамъи шабафрӯзе,
Ба ғабғаб субҳи наврӯзе, ки гулрезон бувад кораш.
Саропо кофиристоне, зи по то сар гулистоне,
Ки гулчини ҳавас ҳаргиз начида гул зи гулзораш.
Маризи ишқи ӯро дард афзун мешавад доим,
Бадар кай ҷон барад, Қассоб, ҳар кас гашт бемораш?!

**254.**

Ба посбонии як қатра оби ғавҳари хеш,
Ба ҳар ду даст ниғаҳ дор чун садаф сари хеш.
Хуш он замон, ки ба қасди ҳавои кишвари хеш,
Гаҳе бурун зи шикофи қафас кунам сари хеш.

---

1. **Лол** – гунг.

Нашуд нишот насибам чу сайди дом шудам,
Магар ба вақти тапидан ба ҳам занам пари хеш.
Гаҳе ба дод зи дастам, гаҳе ба дард аз по,
Чиҳо намекашам аз дасти нафси кофари хеш.
Равад чу хома сараш як қалам ба боди фано,
Қадам ҳар он ки гузорад бурун зи мистари хеш.
Аҷаб мабин, ки сари мо ба осмон гояд,
Аз он ки доғи туро кардаем афсари хеш.
Ту қадри дил чӣ шиносӣ, ки дар муҳит садаф,
Чӣ эҳтимол, ки донад баҳои гавҳари хеш.
Зи ҷаври даҳр ба танг омадӣ, биё, Қассоб,
Барем дарди дили хешро ба довари хеш.

## 255.

Моему дарду доғи дили беқарори хеш,
Во мондаем дар ҳама коре ба кори хеш.
Чун наҳли[1] мум ҳосили мо дар хазони мост,
Ҳаргиз начидаем гуле аз баҳори хеш.
Аз силиест[2], к-аз кафи айём хӯрдаем,
Ранге, ки додаем ба рӯйи узори[3] хеш.
Равшан зи нури ишқ ҳамин устухони мост,
Шамъе, ки мебарем барои мазори хеш.
Худро чу бод бар сари ҳар шуъла мезадем,
Медоштем гар нафасе ихтиёри хеш.
Чун дона хурд ношуда з-ин куҳнаосиё,
Берун намениҳем қадам аз ҳисори хеш.
Қассоб, чанд байт зи мо монд дар ҷаҳон,
Чизе надоштем ҷуз ин ёдгори хеш.

1. **Наҳл** – занбӯри асал.
2. Силӣ – зарбаи дастӣ, шаппотӣ.
3. **Узор** – рухсора.

### 256.

Ҳазор ҳайф, к-аз ин умри панҷрӯзаи хеш,
Наёфтаем, ки моро чӣ хоҳад омад пеш.
Ба саъйи нохуни тадбири хеш ғарра[1] мабош,
Ки уқдаҳост[2] дар ин роҳи пурхатар дар пеш.
Ба шаҳд беҳуда дасти тамаъ дароз макун,
Ба ҳуш бош, ки нӯши сипеҳр дорад неш.
Зи по фитодаам, эй подшоҳи кавну макон,
Ту раҳм кун зи раҳи лутф бар мани дарвеш.
Нигоҳ кун ба рухи зарду ашки гулгунам,
Бибин, чӣ мекашам аз дасти нафси кофари хеш.
Хушам зи мисраи Ҳофиз, ки гуфт, эй Қассоб:
«Чиҳост дар сари ин қатраи маҳоландеш?»

### 257.

Садои боли Ҷибрил аст овози пари тираш,[3]
Чароғи хонаи дилҳост акси барқи шамшераш.
Рафиқи моҳу хуршед аст, з-он рӯ метавон гуфтан,
Ки ҳамзоди рухаш моҳ асту хуршед аст ҳамшираш.
Расад чун бар миёни нозукаш борикбин гардад,
Мусаввир мӯшикофӣ мекунад ҳангоми тасвираш.
Дили ғамдидаам донад харобӣ беҳ зи ободӣ,
Аҷоиб манзиле дорам, ки вайронист таъмираш.
Кунад чун абрӯйи сайдафканаш азми камондорӣ,
Ду занҷир аст бемонанд як сар бар дами тираш.
Шабе, Қассоб, дар бистар ба зулфаш ҳамсухан будам,
Чунин хобе, ки ман дидам, парешонист таъбираш.

---

1. **Ғарра шудан** – фирефта шудан.
2. **Уқда** – гиреҳ, мамониат.
3. Ин ғазал аз баёзи хаттии қадимие, ки ба хати Муҳаммадалӣ бародарзодаи аллома ва файласуфи бузург – Мулло Муҳсин Файзи Кошонӣ навишта шуда буд, айнан нақл шуда. ***(Партав Байзоӣ).***

## 258.

Зи мижгон турки чашмаш баста, эй дил, бар камар таркаш,
Расад ҳар ҷо хаданги нозукаш, аз дидаи тар каш.
Намебошад хабар, фассод, аз худ хастаи худро,
Ба хуни мурдаам, то метавонӣ, нештар баркаш.
Давидӣ пеш, то резӣ зи кин хуни асиронро,
Чӣ наздик аст, қурбони ту гардам, пой бар сар каш.
Агар печад хадангаш сар, шавам қурбон камонашро,
Кунад гар тарки дил тираш, нахоҳад кард ҷон таркаш.
Агар хоҳӣ ҳалокам кард, бигзор ин таҳаммулро,
Ба қурбонат шавам, якчанд дасти теғ бар сар каш.
Агар хоҳӣ расонад номаатро ҷониби дилбар,
Зи тири ӯ ҷавоҳирсурма бар чашми кабӯтар каш.
Надорад беш аз ин дил тоқати тири тағофулро,
Сари дилдорият гардам, камони ноз камтар каш.
Туро, Қассоб, дидам дӯш бар дӯши саги кӯяш,
Нигаҳ дорад Худо аз чашми бад, пое ақиб баркаш!

## 259.

Омад аз Мочину беш аз Чин шакар дорад лабаш,
Тоҷири Чин асту аз Мочин хабар дорад лабаш.
Холи ӯ Сирину шаккархандааш кавкабшинос,
Дар табассум ҷониби Парвин назар дорад лабаш.
Гарчи сад таҳсин даҳонашрост аз тангӣ, сазо
Метавон гуфтан, ки сад таҳсин дигар дорад лабаш.
Хат – фарангизода, холи оразаш – оташпараст,
З-ин ду ҳайронам, чӣ ойин бештар дорад лабаш?!
Рафта-рафта чун раги ёқут меафтад ба рӯ,
Чун расид айёми хат, чандин хатар дорад лабаш.
Оламеро бурда имон дар табассум, дур нест,
Гар туро, Қассоб, аз дин бехабар дорад лабаш.

## 260.

Ба ёди рӯйи ту ҳардам зи рӯйи бистари оташ,
Ҷаҳам зи шавқ зи ҷо чун сипанд аз сари оташ.
Ҷудо зи шамъи рухаш сӯзи ишқ нур надорад,
Хуш аст ҷилваи парвона дар сари оташ.
Сазад, ки гарминон бар сипеҳр ҷилва намояд,
Чу шуъла ҳар кӣ гузорад қадам ба кишвари оташ.
Ба аҳли дил ҳама равшан бувад, ки сӯхтаҷонам,
Ба дасти ман бувад ин сабти доғи маҳзари оташ.
Зи обуранг чу пурбода гашт ғунчаи мино,
Сипеҳр дод ба дастам чу лола соғари оташ.
Барем сӯзу гудози ғами ту ба шоми ҷудоӣ,
Ба сар гузошта доғам чу шамъ афсари оташ.
Гар абри лутфи ту обам занад ба ҳуҷраи исён,
Чу мавҷи шуъла тавонам шудан шиновари оташ.
Ба дӯш бурд маро мавҷи баҳр то сари кӯяш,
Расад мушти хасам оқибат ба бандари оташ.
Ба рӯйи обила, Қассоб, холи орази он маҳ,
Ҳамон муомалаи анбар асту миҷмари оташ.

## 261.

Гаштам шаҳид, то биниҳодам бинои хеш,
Умри абад гирифтам аз ӯ хунбаҳои хеш.
Во шуд дилам чу ғунча зи шавқи раҳи фано,
Чун гул даме, ки чок задам бар қабои хеш.
Суратпарастӣ ойинаро карда айбҷӯ,
Бар дигаре назар накушоӣ сивои хеш.
Чун ҳарфи саҳв хориҷи мистар намешавад,
Дар маҷлис он касе, ки нишинад ба ҷои хеш.
Шаҳдест дар замини қаноат, ки борҳо,
Шаккар гирифтаам зи найи бурёи хеш.

Моро куҷо амон ба замон медиҳад зи ноз,
Чашме, ки сурма карда ба кори садои хеш?
Дар пеши ман фарозу нишеби ҷаҳон якест,
Чун соя мекашадам аз қафои хеш.
Чашмаш зи ноз фатвии қатлам ба ғамза дод,
Ҳосил намудам аз нигаҳаш муддаои хеш.
Қассоб, сар мапеч зи шамшери нози ёр,
Биншин ба зери сояи боли ҳумои хеш.

**262.**

Бад-он қарор, ки танро бувад ба ҷон ихлос,
Ба хоки пойи ту морост ончунон ихлос.
Висоли дӯст муяссар ба симу зар нашавад,
Агар ту толиби ёрӣ, ба ҳам расон ихлос.
Раҳест роҳи муҳаббат, ки сад хатар дорад,
Расӣ ба манзил, агар ҳаст корвон ихлос.
На дар бақост умеде, на дар фано самаре,
Магар ба кори дил ояд дар ин миён ихлос.
Камони ноз ба зеҳ кун ба қасди синаи ман,
Миёни мову ту дар дил бувад нишон ихлос.
Тафовути ману булбул ҳамин бувад, ки мудом
Марост дар дилу ӯрост дар забон ихлос.
Куҷо равам, ки кунам саҷда ҷуз дараш, Қассоб,
Маро, ки ҳаст дар ин хоки остон ихлос?!

**263.**

Ишқ омаду маро зи алам мекунад халос,
Шавқи ғами туам зи ситам мекунад халос.
Шӯри ҷунунат ар бирасад якҷиҳат маро,
Аз вартаи вуҷуду адам мекунад халос.

Ёрӣ кунад агар мижа дар роҳи кӯйи дӯст,
Моро зи дасти нақши қадам мекунад халос.
Як ҷилваи ту, эй маҳи ман, бутпарастро
Якборагӣ зи қайди санам мекунад халос.
Васлат дучор гар шавад, эй дилрабо, маро
Аз ҷустуҷӯйи дайру ҳарам мекунад халос.
Моро дил аз назораи гулҳои доғи ту,
Аз орзуи боғи Ирам мекунад халос.
Қассоб, агар ниқоб кушояд зи рух нигор,
Дасти маро зи домани ғам мекунад халос.

**264.**

Мекунад бегунаҳам ҳар нафас он ёр қисос,
Шукрилиллаҳ, ки дилам дид зи дидор қисос.
Хастаро нест тавоноии озори касе,
Мекунад чашми туам, то шуда бемор, қисос.
Хор агар ҷавру ҷафо нест, аҷаб ҳайронам,
Ки чаро мекунадам он гули бехор қисос.
Рострав бош, ки аз рӯзи бад эмин бошӣ,
Каҷравиҳост, ки мебинад аз он мор қисос.
Дили пуркина зи суҳони бадиҳост ба ранҷ,
Нест дур, ар кашад ойина зи зангор қисос.
Эмин аз санги ҳаводис бувад афтода ба роҳ,
Мекашад монд ҳар он мева, ки дар бор, қисос.
Шиква аз гардиши айём чӣ дорӣ, Қассоб?
Мекашад дар ҳама ҷо толиби дидор қисос.

**265.**

Манам фитода ба роҳи ту хоксори мушаххас,
Ба рӯйи ойинаи гетиям ғубори мушаххас.
Ба ҳар куҷо, ки равам, зи оҳу ашк бодаму борон,
Ба даври сабзаи хатти туам ғубори мушаххас.

Зи пой то ба сарам нест узв бе гули доғат,
Аз ин чаман манам имрӯз лолазори мушаххас.
На ҳосиле, на намуде, на сояеву на суде,
Ба гирди ин чаманам кардаӣ ҳисори мушаххас.
Фироқи рӯйи туам кардааст пардаи қонун,
Хаёли зулфи туам сохтааст тори мушаххас.
Шудаст то тани Қассоб поймоли ҳаводис,
Ба чашми халқ бувад хоки раҳгузори мушаххас.

### 266.

Эй пой то ба сар ҳама узват тамом файз,
Лаъли лабу забону даҳону калом файз.
Чашми ту соқиест, ки дар базми ошиқон
Резад ба ҷойи бодаи гулгун ба ҷом файз.
Он нахли саркашӣ ту, ки дар гулситони даҳр,
Мерезад аз қади ту ба вақти хиром файз.
Он дастаи гулӣ, ки дар ин боғ ҳар нафас
Аз оризи ту мерасадам бар машом файз.
Чашмат тамом фитнаву абрӯ тамом ноз,
Мижгон тамом ишваву лабҳо тамом файз.
Бе рӯйи дӯст дар чамани хулд, зоҳидо,
Бар ту ҳалол ишрату бар мо ҳаром файз.
Қассоб васфи зулфу баногӯш чун кунад,
Бисёр дидааст аз ин субҳу шом файз.

### 267.

Чандон ки ҳамду саҷда бувад дар намоз фарз,
Бошад миёни мову ту нозу ниёз фарз.
Машқи ҳақиқат аст тамошои сунъи дӯст,
Бошад ба толибони ту ишқи маҷоз фарз.
Бе ранҷ роҳате натавон ёфт з-ин сафар,
Дар роҳи кӯйи туст нишебу фароз фарз.

Шабҳо чунон ки сӯхтан ояд ба кори шамъ,
Бошад ба аҳли базми ту сӯзу гудоз фарз.
Алфози шӯх зинати рӯйи маонӣ аст,
Бошад арӯси бикри суханро ҷиҳоз фарз.
Қассоб, меравем ба тавфи ҳарими дӯст,
Бар мо шудаст рафтани роҳи Ҳиҷоз фарз.

**268.**

Медиҳад ҳар соате чашмаш шаробам з-эътироз,
Менамояд оташи лаълаш кабобам з-эътироз.
Нест ҳарфаш беш аз ин, к-аз пеши ман кам кун гузар,
Зери лаб гоҳе ки мегӯяд ҷавобам з-эътироз.
Рӯ ба рӯ ҳар гаҳ, ки бархӯрдам ба он дарёи ҳусн,
Ҳамчу моҳӣ дар хайи ҳиҷлат бар обам з-эътироз.
Ҳамчу муми нахл, к-аз хуршед мепошад зи ҳам,
Пеши рухсори ту чун оям, харобам з-эътироз.
Даст аз ҷон шуста дар пешаш гурезам ҳар нафас,
Бар сари дарёи бетобӣ ҳубобам з-эътироз.
Кай маро бедор созад хавфи рӯзи растахез,
Чун кунад афсуни чашми ӯ ба хобам з-эътироз.
Мебарад, Қассоб, беҳушӣ ба роҳи гулшанам,
Чун занад он дилрабо бар рух гулобам з-эътироз.

**269.**

Мерасад ҳар лаҳза захми тоза бар ҷон беғалат,
Карда мижгонат диламро тирборон беғалат.
Умри ҷовидон ниҳон дар чашмаи лабҳои ӯст,
Медиҳад Хизрам нишони оби ҳайвон беғалат.
Нест ҷуз лаъли ту дармон дар ҷаҳон дарди маро,
Нусха мебандад табиби дардмандон беғалат.
Аз фиреби куфри чашмаш нестам эмин агар,
Рӯ кунад бар қибла он баргаштамижгон беғалат.

Муддаои дил суроғи ғунчаи лабҳои ӯст,
Мекунад ҳар субҳидам сайри гулистон беғалат.
Қотили Фарҳод Ширин буд, аз он ғофил мабош,
Гар шавад он лаъли шаккарбор хандон беғалат.
Бар сари роҳаш нишин, Қассоб, пинҳон аз назар,
Шояд он шӯхат кунад имрӯз қурбон беғалат.

**270.**

Дил ба даҳри ҳилагар додам, ғалат кардам, ғалат,
Рафт завқи ҳастӣ аз ёдам, ғалат кардам, ғалат.
Хирмани умре, ки ҷамъ оварда будам солҳо,
Дод даҳри сифла барбодам, ғалат кардам, ғалат.
З-орзуи кӯйи Ширин кӯҳи исён рӯзгор
Баст бар гардан чу Фарҳодам, ғалат кардам, ғалат.
Ёдгор аз ман ба ғайр аз маъсият чизе намонд,
Нафси кофар буд устодам, ғалат кардам, ғалат.
Дар чаман умре надонистам, ки асли ҷилва чист,
Ман ҳамон дар фикри шамшодам, ғалат кардам, ғалат.
Коре аз ман барнаёмад, то ба кор ояд маро,
Буд чун дар дил ғамат, шодам, ғалат кардам, ғалат.
Бо ҳазорон моҷаро дорад ҳамон тӯли амал,
З-ин ҷаҳон, Қассоб, дилшодам, ғалат кардам, ғалат.

**271.**

Ёри ҳиҷрон вафо кунад ба ғалат,
Дарди моро даво кунад ба ғалат.
Ҳаст рӯйи дилаш ба ҷониби ғайр,
Назаре чун ба мо кунад ба ғалат.
Чӣ шавад бахти тира, гар рӯзе
Ба манаш ошно кунад ба ғалат.
Ё гудозад ба хуни ман чу нигор,
Ном ранги ҳино кунад ба ғалат.

Донаам аз барои ҳифзи бадан,
Такя бар осиё кунад ба ғалат.
Дилам аз мавҷ сад хатар дорад,
Дар сароб ошно кунад ба ғалат.
Мӯсиамро ба дам кунад суъбон,
Такя гар бар асо кунад ба ғалат.
Мекашад дар миён ситам Қассоб,
Гар ба ғайре ҷафо кунад ба ғалат.

**272.**

Чун сабза аз канори гулистон дамида хат,
Ё ҳола гирди орази моҳат кашида хат.
Афтода сояи пари тӯтӣ бар ойина,
Ё қудратофарин ба рухат офарида хат.
Бас нозук аст, пушти лабатро кабуд кард,
Гардонда санг лаъли туро, то макида хат.
Сар барзад аз канори гулистони ҳусни ту
Гул, то зи боғи орази моҳи ту чида хат.
Берун чу Хизр карда сар аз чашмаи бақо,
Оби ҳаёт аз лаби лаълат чашида хат.
Чун хоби махмал аз бари рӯят шуда аён,
Дар хобгоҳи мурғи нигоҳ орамида хат.
Қассоб, чун ту бандаи лабҳош сад ҳазор
Дар байъгоҳи бӯсаи ҷон нохарида хат.

**273.**

Ба ҳар куҷо, ки равӣ, бошадат Худо ҳофиз,
Бувад ҳамеша туро з-офати само ҳофиз.
Ба ҳар ирода, ки дорӣ, расӣ ба матлаби дил,
Зи ҳар диле гузарӣ, гардадат дуо ҳофиз.

Агарчи гул зи насими сабо хатар дорад,
Ту он гулӣ, ки бувад доимат сабо ҳофиз.
Ба хотири ту газанде зи чашми бад марасод,
Бувад туро зи ҳама дардҳо даво ҳофиз.
Фиканд агар гиреҳе рӯзгор дар корат,
Мадор бим, ки бошад гиреҳкушо ҳофиз.
Маро умед, ки аз офати замона бувад,
Туро дуои саҳаргоҳи пири мо ҳофиз.
Умед он ки ба дунёву охират, Қассоб,
Бувад мудом туро шоҳи авлиё ҳофиз.

**274.**

Гӯиё хат орази он дилраборо карда ҳифз,
Тӯтӣ ин ойинаи гетинаморо карда ҳифз.
Ҷуз ба Хизр умри абад дигар насиби кас нашуд,
Хатти ӯ сарчашмаи оби бақоро карда ҳифз.
Заъфаронӣ сохт дар ишқи ту моро заъфи тан,
Коҳи мо аз ҷазба ранги каҳраборо карда ҳифз.
Корвони шаб гузашт, аз дил фиғоне барнахост,
Пунбаи ғафлат ба гӯши мо садоро карда ҳифз.
Хастаи ишқему дарди мост муҳтоҷи вафо,
Аз раҳи шӯхӣ табиби мо даворо карда ҳифз.
Нолаи бетобии дил дар фалак печидааст,
Шӯриши девонаам дорушшифоро карда ҳифз.
Мардумак, Қассоб, чун дар дида дорад нурро,
Дидаи ман хоки роҳи Карбалоро карда ҳифз.

**275.**

Маро, ки ҳаст зи ҳар боб Кирдгор ҳафиз,
Ба ҳар даре, ки ниҳам рӯй, ҳаст ёр ҳафиз.

Шудем тафриқа аз боди ғам дар ин водӣ,
Магар туам шавӣ, эй оташинузор, ҳафиз.
Ба ҳам расон гули доғеву з-оташ эмин бош,
Чаро ки нахли чаманрост баргу бор ҳафиз.
Ба дӯстдушмании даҳр эътибор макун,
Нагаштааст ба кас даҳри каҷмадор ҳафиз.
Ба поси ҷилваи маъшуқ ишва даркор аст,
Касе ба гул натавонад шудан чу хор ҳафиз.
Ба зери сояи камфурсатон паноҳ мабар,
Нагардадат дами шамшери обдор ҳафиз.
Ба гиря кӯш, ки оташ насӯзадат, Қассоб,
Магар ҳамон шавадат чашми ашкбор ҳафиз.

**276.**

Ман, ки дар базми ту дорам роҳу пое ҳамчу шамъ,
Мекунам пайдо барои хеш ҷое ҳамчу шамъ.
Нест қадре шамъро чун офтоб ояд бурун,
Пеши рухсори ту кай дорам баҳое ҳамчу шамъ?
Ҳар куҷо сӯзон нишинам дар сифоти ҳусни ту,
Бо забоне оташин гӯям саное ҳамчу шамъ.
Мегудозам з-оташе бар хешу меларзам ба ҳам,
То чу моҳӣ мекунам дар худ шиное ҳамчу шамъ.
Аз гиребон гар саре чун шуъла берун мекунам,
Чок месозам ба сар гоҳе қабое ҳамчу шамъ.
Нест дӯшам зери бори миннати ҳар нокасе,
Ман, ки аз паҳлуи худ дорам ридое ҳамчу шамъ.
Мешавам сӯзону мегирям ба ҳоли хештан,
Мекунам дар сӯхтан гоҳе ҳаёе ҳамчу шамъ.
Чун тавонам сӯхтан, Қассоб, имшаб то ба субҳ,
Ман, ки дар базми бақо дорам фаное ҳамчу шамъ.

## 277.

Эй зи рухсори ту шаб сӯхтан омӯхта шамъ,
Ба тамошои ту чун шуъла барафрӯхта шамъ.
Зада бар гӯшаи дасторча гул шаб ҳама шаб,
Ҷилвае, к-аз қади раъснои ту омӯхта шамъ.
Баҳри акси ту зи ҳамчашмии ойина ба базм
Ба қади хештан аз мум қабо дӯхта шамъ.
Хештанро зада бар оташу афтода зи по,
Пеши рӯйи ту чу парвонаи парсӯхта шамъ.
Ҷон чӣ бошад, ки дар ин базм нисорат накунад,
Ҳастии худ ба таманнои ту афрӯхта шамъ.
Чун ба шогирдиям иқрор наёрад, Қассоб,
Ки дар ин базм зи ман сӯхтан омӯхта шамъ?!

## 278.

Ҳам дар замину ҳам ба само мекунам самоъ,
Чун нахли шуъла дар ҳам ҷо мекунам самоъ.
Чун коҳи бодбурда ба ҳар ҷо, ки меравам,
Дар иштиёқи коҳрабо мекунам самоъ.
Ҷоми маям пур аз маю дар дасти раъшадор,
Дур аз садои созу наво мекунам самоъ.
Чун заррае, ки мешавад аз офтоб дур,
То гаштаам зи ёр ҷудо, мекунам самоъ.
Дар чашми аҳли дил асарам ҳасту буданист,
Аксам ману дар ойинаҳо мекунам самоъ.
Як ҷо арӯсӣ асту дигар ҷой мотам аст,
Ман дар миёни хавфу раҷо мекунам самоъ.
Қассоб, турфа шӯри ҷунунест бар сарам,
Дар орзуи дори сафо мекунам самоъ.

## 279.

Эй қадди ту чун маънии барҷастаи мисраъ,
Абрӯйи ту девони қазоро шуда матлаъ[1].
Бахшида садафро кафи найсони ту гавҳар,
Гардонда чаманро нами файзи ту мухаллаъ[2].
Аз баҳри ту шуд дафтари айём мураттаб,
Дар шони ту ҳар ҷой китобест мусаҷҷаъ[3].
Чун меҳр бувад хишти ҳарими ту намудор,
Чун Арш бувад шамсаи[4] айвони ту арфаъ[5].
Печад сар агар риштаи айём зи амрат,
Аз теғи ҳилолаш кунад афлок муқаттаъ[6].
Аз рӯйи адаб то накашад по ба ҳаримат,
Хуршед нишинад сари кӯйи ту мураббаъ[7].
Аз баҳри ядак то кашад аз пеши ту даврон,
Афканд фалак ғошия  бар зини мурассаъ[8].
Ҳар ҷо ки равад манқабате аз Шаҳи Мардон,
Қассоб, дар он ҷо ту зи ҷон бош мусаммаъ .

## 280.

Лаби он шӯхи толибилм хандон аст дар воқеъ,
Чу боз ин ғунча шуд, ҳолам гулистон аст дар воқеъ.
Сухан бо он ки ӯ бо ман ба лафзи хеш мегӯяд,
Намедонам, чаро олам парешон аст дар воқеъ.
Ба сар дастор мепечиду ман бо хеш мегуфтам,
Ки бар гирди сараш гардидан осон аст дар воқеъ.

1. **Матлаъ** – баромадгоҳ, оғоз.
2. **Мухаллаъ** – хилъат додашуда.
3. **Мусаҷҷаъ** – сухани бо саҷъ ва қофия.
4. **Шамса** – он чи аз филуз ба шакли хуршед дуруст кунанд ва болои қубба ё ҷойи дигар насб кунанд.
5. **Арфаъ** – баландтар, баландпоятар.
6. **Муқаттаъ** – маҳалли қатъ, маҳалли буридан.
7. **Мураббаъ** – чаҳоргӯша.
8. **Мусаммаъ** – гӯш.

Миёни ӯ, ки дар дасти тасаввур дарнамеояд,
Чаро дар дасти тасвири қаламдон аст дар воқеъ?
Агар сад ҷон ситонад, дар иваз бӯсе диҳад з-он лаб,
Бидеҳ, бистон, азизи ман, ки арзон аст дар воқеъ.
Намакпош аст лаълаш дар табассум бар ҷароҳатҳо,
Чӣ шӯришҳо дар ин кунҷи намакдон аст дар воқеъ?
Агар на рӯйи ӯ Қассобро нури назар бошад,
Чаро чун чашми қурбонгашта ҳайрон аст дар воқеъ?!

**281.**

Зи дидани ту шавад дидаро ҳаё монеъ,
Ҳамеша ҳаст касе дар миёни мо монеъ.
Миёни мову ту қатъи умед мумкин нест,
Туро ҷафову маро мешавад вафо монеъ.
Аз он сабаб нарасад тири оҳи мо ба ҳадаф,
Ки ҳаст дар ҳади раҳ садди муддао монеъ.
Дар ин муҳит надидем рӯйи соҳилро,
Чаро ки киштии мост нохудо[1] монеъ.
Агар расам ба висолаш, маро шавад, Қассоб,
Ба гоҳи дидани ӯ соя аз қафо монеъ.

**282.**

Тири нигоҳаш имрӯз ҳаст аз қарор воқеъ,
Чашмаш ба тири таркаш даст аз қарор воқеъ.
Пеши камони нозаш то дил нишон намудем,
Аз ғамзааш ҳаданге ҷаст аз қарор воқеъ.
Мехост дил, ки ҳушёр дар маҷлиси ту бошад,
Чашми ту кард ӯро маст аз қарор воқеъ.
Чун соя шуд замингир аз заъф пайкари мо,
Дар роҳи ишқ гаштем паст аз қарор воқеъ.

1. **Нохудо** – идоракунандаи киштӣ.

Баҳри шикори дилҳо кардаст ҳамчу зеҳгир
Бар дидаам зи шӯхӣ шаст аз қарор воқеъ.
Бемордорро ранҷ бошад фузун зи бемор,
Дил аз ғами ду чашмаш хаст аз қарор воқеъ.
Дар қасди куштанам кард саъй ончунон ки бояд
Поро ҳино зи хунам баст аз қарор воқеъ.
Дар маслахи ту Қассоб таслим кард имрӯз,
Аз миннати тапидан раст аз қарор воқеъ.

**283.**

Бисӯз бар тани хокӣ зи доғи ёр чароғ,
Ба дасти хеш бибар бар сари мазор чароғ.
Мадеҳ зи каф дили равшан ба пуштгармии меҳр,
Барои тирагии шаб нигоҳ дор чароғ.
Ба хулқу чарбзабонӣ сухан дареғ макун,
Ки монад аз ту ба як сӯ ба ёдгор чароғ.
Далели тирадилон шав, ки дастгирии ғайр
Чунон бувад, ки гузорӣ ба раҳгузор чароғ.
Фузун зи қисмати худ аз ҷаҳон махоҳ зи кас,
Мадор беҳуда дар пеши чашми тор чароғ.
Зи тирагӣ натавонад ба пеши по дидан,
Агар диҳанд ба дасти гадо ҳазор чароғ.
Ҳазар зи оҳи парешондилон намо, Қассоб,
Манеҳ ба раҳгузари бод зинҳор чароғ.

**284.**

Танҳо на дили лола кабоб аст дар ин боғ,
Мурғи саҳарӣ дар табу тоб аст дар ин боғ.
Ҳар барги гуле дасти ҳинобастаи соқист,
Ҳар гул қадаҳе пур зи шароб аст дар ин боғ.

Ҳар ҷунбиши ашҷори[1] чаман мавҷаи дарёст,
Ҳар ғунчаи сарбаста ҳубоб аст дар ин боғ.
Ҳар сарв хадангест[2], ки рӯ карда ба афлок,
Ҳар решаи ӯ боли уқоб аст дар ин боғ.
Ҳар барги гулу сабза, ки бар хок фитодаст,
Аз боди сабо масту хароб аст дар ин боғ.
Мастона гулу лолаву шамшод бирақсанд,
Атрофи чаман олами об[3] аст дар ин боғ.
Бар рӯйи арӯсони гулу лола зи шабнам,
Ҳар қатра, ки бинӣ ту, гулоб аст дар ин боғ.
Қассоб, дар ин ғулғула ҳушёр касе нест,
Хандидани ту куфру азоб аст дар ин боғ.

## 285.

Рӯят аз ойина, эй дилдор, мегирам суроғ,
Ёрро дар хонаи ағёр мегирам суроғ.
Холро меҷӯям аз дунболаи абрӯйи дӯст,
Нест айбам, мухраро аз мор мегирам суроғ.
Шарҳи ғам мепурсам аз кокул, зи зулф ошуфтагӣ,
Шуғли хеш аз маҳрамони ёр мегирам суроғ.
Захми дилро бахягиро нест, то бар хун нишаст,
Торе аз он мӯйи анбарбор мегирам суроғ.
Дар миёни ишқбозон ман шудам борикбин,
Баски з-он мӯйи миён бисёр мегирам суроғ.
Пеши пойи ёр бармехезам аз ҷо чун ғубор,
Бӯйи дилбар з-он сабукрафтор мегирам суроғ.
Ҳам зи гул мепурсам аҳволи ту, ҳам аз андалеб,
Кам туро мебинаму бисёр мегирам суроғ.

1. **Ашҷор** – ҷамъи шаҷар – дарахт.
2. **Ҳаданг** – чӯби сахт, тир.
3. **Олами об** – истилоҳест киноя аз олами ҳастӣ (фарҳанги «Баҳори Аҷам»).

Дар забонҳо нест ҳарфе ғайри ҳарфи ёри ман,
Баски Қассоб, аз дару девор мегирам суроғ.

**286.**

Рӯзу шаб дар базми даврон беқарорам ҳамчу даф,
Баски силихори дасти рӯзгорам ҳамчу даф.
Чунки мебошад ба гарму сард табъам корсоз,
З-обу оташ мерасад гоҳе мадорам ҳамчу даф.
Кай аз ин бехонумонӣ миннат аз дунон кашам,
Ман, ки аз паҳлуи худ бошад ҳисорам ҳамчу даф?
Зинате ҷуз пӯст бар болои ман зебанда нест,
Бо ғами дебову атлас нест корам ҳамчу даф.
Гаштаам пинҳон ба зери хирқаи урёнтанӣ,
Кай дигар аз даҳр чашми фитна дорам ҳамчу даф?
Дар бисоти нағмасанҷон ҳалқаҳо дорам ба гӯш,
Пой то сар дар муҳаббат доғдорам ҳамчу даф.
То зи чашми бад ба ҳангоми ҳиҷоб эмин бувад,
Пеши рӯйи ёр доим беқарорам ҳамчу даф.
То садои ёр нагзорад зи маҷлис по бурун,
Баҳри ҳифзи нолааш паргорворам ҳамчу даф.
Мебарандам гарчи Қассоб, ин замон бар рӯйи даст,
Пеши ҷонон ғайри афғон нест корам ҳамчу даф.

**287.**

Дида то чанд ба девори ту, ё шоҳи Наҷаф?
Мурдам аз ҳасрати дидори ту, ё шоҳи Наҷаф.
З-ин гулистон гули айшам расад он дам, ки фитад
Назарам бар гули рухсори ту, ё шоҳи Наҷаф.
Равзаи хулди барин хор бувад дар назараш,
Ҳар кӣ гул чид зи гулзори ту, ё шоҳи Наҷаф.
Қанбарат аз раҳи ихлос гирифтори ту шуд,
Ман ба қурбони гирифтори ту, ё шоҳи Наҷаф.

Нест ҳарфе, ки зи сирри ду ҷаҳон огоҳ аст,
Ҳар кӣ шуд огаҳ аз асрори ту, ё шоҳи Наҷаф.
Нақду ҷинси ду ҷаҳонро ба фидои ту намуд,
Ҳар кӣ гардид харидори ту, ё шоҳи Наҷаф.
Гуфтӣ: «Оӣ ба сарам, чун равадам аз тан ҷон»,
Нест инкор дар иқрори ту, ё шоҳи Наҷаф.
Биме аз тоби сафи ҳашр надорад, Қассоб,
Ҳаст дар сояи девори ту, ё шоҳи Наҷаф.

**288.**

Мақсади ошиқ ҳамин ёр аст, дунё бартараф,
Зиндагӣ бе ёр душвор аст, уқбо бартараф.
Дар қафас ҳам метавон якчанд доди оҳ дод,
Дасгоҳи нола бисёр аст, саҳро бартараф.
Гардише аз чашми соқӣ бас бувад ин базмро,
Нашъаи ин бода саршор аст, дунё бартараф.
Мебарад то бандари сурат дили саргаштаро,
Кори мо бо чашми хунбор аст, дарё бартараф.
Баргирифт аз рӯй чун гул парда, булбул шуд хамӯш,
Ғабн ҳусни файзи гулзор аст, ғавғо бартараф.
Ин қадарҳо, ҷони ман, кардан ситам бар ошиқон
Нақси хубиҳои дилдор аст, аз мо бартараф.
Гар бипурсанд аз ту рӯзи ҳашр: «Хундори ту кист?»
Маслиҳат, Қассоб, инкор аст, даъво бартараф.

**289.**

Гар нахоҳӣ созадат дар базм бемиқдор ҳарф,
То тавон хомӯш гардидан, мазан бисёр ҳарф.
Ҳарфи беҷо гар дуо бошад, чу санги тафриқа-ст,
Гул ба дар зад, баски булбул зад дар ин гулзор ҳарф.
Ҳарфи ҳақ хуб аст, аммо сарфа дар гуфтор нест,
Кард охир дар ҷаҳон Мансурро бар дор ҳарф.

Баҳри дафъи харҷ дилҳоро маранҷон чун барот,
То тавон бар хештан печид чун тӯмор ҳарф.
Рафт сар барбод аз бисёр гуфтан хомаро,
Раҳм агар бар хештан дорӣ, мазан бисёр ҳарф.
То шавӣ эмин зи ҷаври Кӯҳкан, ҳамвор бош,
Аз забони теша кас нашнид ноҳамвор ҳарф.
Гар бигӯям ҳарфи дил, меранҷад аз ман чашми ёр,
Кай тавон гуфтан ба пеши мардуми бемор ҳарф?!
Гар ҳама қанди мукаррар буд ҳарфат, хуб нест,
Пур макун, Қассоб, назди аҳли дил такрор ҳарф.

**290.**

Ғам аз ойинаи хотир зидудам, то шудам ошиқ,
Дари давлат ба рӯйи худ кушудам, то шудам ошиқ.
Набудам то ба дарди доғ ҳамдам, дар адам будам,
Падид омад дар ин олам вуҷудам, то шудам ошиқ.
Бурун бурдам зи чавгони муҳаббат доғи ҷононро,
Зи дил гӯйи саодатро рабудам, то шудам ошиқ.
Саводам равшан аз фаҳмидани дарси муҳаббат шуд,
Бари аҳбоб шуд пайдо намудам, то шудам ошиқ.
Дар ин гулшан пайи таъзим, то он дилрабо бархост,
Ба ранги беди маҷнун дар суҷудам, то шудам ошиқ.
Зи як наззорааш накди ду оламро зи каф додам,
Аён аз остин шуд дасти ҷудам, то шудам ошиқ.
Ба бозори ҷунун, Қассоб, бурдам шишаи дилро,
Ба санги имтиҳонаш озмудам, то шудам ошиқ.

**291.**

Гашт он рӯзе, ки пайдо дар сарам савдои ишқ,
Шуд тиҳӣ аз ақл, то холӣ намояд ҷойи ишқ.
Аз нузулаш дорад ӯ шавқе, ки сар то пойи ман
Мешавад ҳар дам балогардони сар то пойи ишқ.

Кулбаи торик равшан мешавад аз офтоб,
Шуд дилам пурнур аз нури ҷаҳонорои ишқ.
Оби гавҳарро ҳамон гавҳар тавонад забт кард,
Нест ҷуз дил ҷойи дигар дархӯри маъвои ишқ.
Дар бараш ҳам абра кӯтоҳӣ кунад, ҳам остар,
Аз ду олам гар қабо дӯзанд бар болои ишқ.
Пушти пойи нестӣ бар ҳар ду олам мезанад
Ишқварзеро, ки бошад тоби истиғнои ишқ.
Кай тавонам кард шарҳи васфи зоташро тамом,
То ба рӯзи ҳашр гар иншо кунам имлои ишқ?
Он чи ман дидам аз он, Қассоб, метарсам, ки боз
Шӯри маҳшарро ба якдигар занад ғавғои ишқ.

**292.**

Меравам то кӯйи ҷонон охир аз таъсири ишқ,
Соликонро нест беҳтар ҳодие аз пири ишқ.
Орифонро роҳи кӯйи дӯст пур душвор нест,
Метавон рафтан сӯйи меъроҷ аз шабгири ишқ.
Осмони лоҷвардиранги пурнақшунигор
Ҳаст сарлавҳи сари дебочаи тафсири ишқ.
Хонаи Каъба-ст марвориди қадрашро садаф,
Лайлату-л-қадр аст мушки нофаи нахчири ишқ.
Дар сари он кимиё мерав, ки минои қамар
Ҳаст ҷузви камтарин аҷзое аз иксири ишқ.
Ҷабраилаш аз шараф гаҳворачунбонӣ кунад,
Аз даҳонаш ояд он тифле, ки бӯйи шири ишқ.
Чун фурӯ монд аз хирад, зад бар дари девонагӣ,
Метавон устоди Афлотун шуд аз тадбири ишқ.
Он чи дар пеши назарҳо ҷилва дорад, зарра нест,
Бол-боли шери хуршед аст дар занҷири ишқ.

Мезанам гоҳе шабехуне ба зулфи саркаше,
Аз камони абрӯе, Қассоб, хӯрдам тири ишқ.

**293.**

Кам хӯр, эй равшанзамир, аз суфраи дунон намак,
Нест осон хӯрдани донодил аз нодон намак.
Мехӯранд азбаски бо якдигар аз рӯйи нифоқ,
Оламеро дар ҳақиқат карда саргардон намак.
Қадри мардон бартараф шуд з-ин намакнашнос чанд,
То ба кай нӯшанд ин мардон зи номардон намак?
Шартҳо дорад, ба ҷо овардани он мушкил аст,
Хӯрдан осон нест в-ар як зарра бо риндон намак.
Луқмае бе хуни захми дил гуворои ту нест,
Дард агар хоҳӣ, махӯр аз дасти бедардон намак.
Аз барои имтиҳони нокасу кас кофӣ аст,
Як сарангуште, ки бахшад дар буни дандон намак.
Дӯш гирён мешудам, Қассоб, аз кӯяш, ки рехт
Он саропо ноз бар захми дилам хандон намак.

**294.**

Эй дар назарам нашъунамои ту муборак,
Омадшуди хоки кафи пойи ту муборак.
Ҳам дар дили меҳнатзада доғат гули давлат,
Ҳам дар сари шӯрида ҳавои ту муборак.
Имрӯз либосат шуда гулранг ба хунам,
Бодо ба қад ин ранги қабои ту муборак.
Гар мекушӣ, эй шӯх, в-агар мекунӣ озод,
Бар мост дар ин ҳар ду ризои ту муборак.
Хуни ҷигарам амр намудӣ пайи дармон,
Бемори ғаматрост давои ту муборак.

Алминнатулиллаҳ, ки шуда бар мани маҳзун,
Баргаштагии он мижаҳои ту муборак.
Дар риштаи мижгон шуда ёқути сиришкам,
Бар пойи нигаҳ бод ҳинои ту муборак!
Қассоб, баровар кафи уммед, ки бошад
Бар даргаҳи ӯ дасти дуои ту муборак!

**295.**

Пас аз вафотам, агар бигзарӣ ту бар сари хок,
Занам ба ҷайби кафан то ба тарфи доман чок.
Ту дӯст бош, фидо гардамат, агарна маро
Зи дӯсту душмании аҳли рӯзгор чӣ бок.
Ба тори зулфи гулӯгири саркаши ту дилам
Чу захмхӯрда шикорест баста бар фитрок.
Фурӯгузошт зи оҳу фиғон нахоҳам кард,
Зи новакат чу ҷарас гар шавад дилам сад чок.
Зи неку бад натавонӣ ба хештан пардохт,
Насозӣ ойинаро то зи занги кулфат пок.
Яқин шинос, ки инсон намуди бебуд нест,
Дар об бингару аз акси хеш кун идрок!
Шудам зи худ ба хаёлат, ба доғ месозам,
Ки бебадал натавонам буридан аз тарёк.
Нигаҳ ба ҷониби Қассоб кун, ки Ҳофиз гуфт:
«Агар ту заҳр диҳӣ, беҳ, ки дигарон тарёк».

**295.**

На ҳамин танҳо зи абрӯят дили шайдост чок,
Синаи афлок аз ин шамшери истиғност чок.
На ҳамин аз чини абрӯйи ту ҷон дорад хатар,
Чархро чун дил ҳубоб аз мавҷи ин дарёст чок.

Аз гиребон то ба домон, эй нигор, аз дасти ту,
Ҷомаи оташ ба ҷон андози сабри мост чок.
Аз забони мо касе ҳаргиз фиғон нашнидааст,
Чун ҷарас бо он ки моро дил дар ин дарёст чок.
Зулф чун афтад ба рӯйи офтоби оразат,
Қурси маҳро дар бадан пироҳани дебост чок.
Айни биноист чашм аз айби мардум дӯхтан,
Пардапӯшӣ, к-аз дари ин пираҳан беҷост чок.
То камони ноз афкандӣ ба бозу баҳри сайд,
Дил ту гӯӣ дар даруни синаи анқост чок.
Ғайрро Қассоб дар вайронаи мо дахл нест,
Мо зи дасти дил харобу дил зи дасти мост чок.

**296.**

Даҳре, ки аз ӯ ком раво нест, чӣ ҳосил?
Ёре, ки дар ӯ меҳру вафо нест, чӣ ҳосил?
Ин ҷост, ки ҳар дилшуда бемори ҳавоест,
Дард аст фаровону даво нест, чӣ ҳосил?
Гирам, ки ба зулмот расидӣ чу Сикандар,
Қисмат чу туро оби бақо нест, чӣ ҳосил?
Гирам, ки саропойи ту гавҳар шуду маъдан,
Чун дар дили сахти ту сахо нест, чӣ ҳосил?
Аммома ба сар, хирқа ба бар, субҳа дар ангушт,
Чун рӯйи дилат сӯйи Худо нест, чӣ ҳосил?
Дорӣ чу дил ойинаи иқлимнамое,
Аммо чу дар ӯ нури сафо нест, чӣ ҳосил?
Имрӯз зи хун сурх накардӣ кафи афсӯс,
Дасти ту дар ин ранги ҳино нест, чӣ ҳосил?
Бар сар назадам аз ғами ӯ панҷаи хунин,
З-ин боғ гуле бар сари мо нест, чӣ ҳосил?

Аз тирадилӣ роҳ ба зулфи ту набурдем,
Моро ба сар ин боли ҳумо нест, чӣ ҳосил?
Қассоб, саропойи нигорам ҳама некӯст,
Дар фикри мани бесарупо нест, чӣ ҳосил?

**297.**

Олам ҳама ботил[1], ғами олам ҳама ботил,
Дар ҷойи чунин кӯшиши одам ҳама ботил.
Ин дайр[2] ҳамон кӯҳнабиноест, ки дар вай
Шуд тоҷи Каю[3] салтанати Ҷам[4] ҳама ботил.
Ин арса ҳамон дахмазамин[5] аст, ки гардонд
Дасти Каю сарпанҷаи Рустам ҳама ботил.
Бо айшу алам соз, ки хоҳад шудан охир
Фардо ба ту наврӯзу муҳаррам ҳама ботил.
Ғамгин машав аз суфраи афлок, ки карданд
Беш аст, агар ризқи ту, гар кам ҳама ботил.
Дод он чи дар ин майкада, барҷост аз он ном,
Монд он чи пас аз марг зи Ҳотам, ҳама ботил.
Қассоб, зи даврон машав озурда, ки бошад
Аз омадаву рафта ҷуз ин дам ҳама ботил.

**298.**

Барнамеояд ба кори кас суботи бемаҳал,
Марг беҳ зиндониёнро аз ҳаёти бемаҳал.
Табъ агар озодадилро нест сарфи лаъли ёр,
Кам зи сандал нест дар лаззат наботи бемаҳал.

---

1. **Ботил** – ночиз, пуч ва беҳуда.
2. **Дайр** – савмаа, киноя аз дунё.
3. **Кай** – лақаби подшоҳони бузурги Каёнӣ.
4. **Ҷам** – шакли кӯтоҳшудаи Ҷамшед.
5. **Дахмазамин** – гӯрхона.

Зуд пайдо гашт хатту кушт моро з-изтироб
Гашт ин маъмура вайрон аз бароти бемаҳал.
Ҷониби ағёр рӯ кардан зи хубон баднамост,
Нест камтар аз гунаҳ додан закоти бемаҳал.
Муфлиси осист з-арбоби ҷаҳон қаҳҳортар,
Зулм бисёр аст аксар дар дуҳоти[1] бемаҳал.
Нафсро саркаш намудан аз маломат хуб нест,
Кам зи куштан нест, Қассоб, ин наҷоти бемаҳал.

**299.**

Намерафтам бурун аз ҷода, гар ҳушёр мебудам,
Ба манзил мерасидам, гар шабе бедор мебудам.
Дуруштӣ пайкарамро зердасти Кӯҳкан[2] дорад.
Намехӯрдам бар аъзо теша, гар ҳамвор мебудам.
Зи гардун шикваи беҷо чӣ гӯям з-он чи худ кардам,
Намебудам ғамин, гар хешро ғамхор мебудам.
Зи ғам чун шамъ аз шарҳи ғамат хомӯш мегаштам,
Замоне гар зи шуғли хештан бекор мебудам.
Ту он рӯзе, ки бо рухсори чун гул дар чаман будӣ,
Чӣ мешуд, гар ман он хори сари девор мебудам.
Ҷудо кай менамудам дигар аз дил акси ҷононро,
Агар ойинаосо маҳрами асрор мебудам?
Ба пеши чашмам атрофи чаман мебуд зиндоне,
Замоне бе ту гар дар ҷониби гулзор мебудам.
Дар ин дайри куҳан, Қассоб, назди зоҳидон ман ҳам,
Агар медоштам сар, соҳиби дастор мебудам.

**300.**

Зи ҳарфи муддаӣ аз улфати дилдор метарсам,
Чаманпарвардаам, аз дурии гулзор метарсам.

1. **Дуҳот** – ҷамъи доҳӣ – ба маънои зирак ва ҳушманд.
2. **Кӯҳкан** – киноя аз Фарҳод.

Надорам қуввати дидор абрӯйи камонашро,
Зи тири ғамзаи он турки безинҳор метарсам.
Миёни мову булбул дар чаман фарқе, ки ҳаст, ин аст,
Ки ӯ аз хору ман аз он гули бехор метарсам.
Ба ман то гашт зоҳир, к-аз вафо дуранд маҳрӯён,
Ҳама аз ҳаҷру ман аз рӯзи васли ёр метарсам.
Ҳама шаб мепарам парвонасон бар гирди болояш,
Вале аз орзуи ҳасрати дидор метарсам.
Намегирам зи лаълаш бӯсае, Қассоб, то донӣ,
Гиёҳи хушкам, аз он оташи рухсор метарсам.

## 301.

Эй шамъи дилафрӯз, ба қурбони ту гардам,
Эй оташи ҷонсӯз, ба қурбони ту гардам.
Азбаски ту рӯз аз шабу шаб беҳтарӣ аз рӯз,
Хоҳам, ки шабу рӯз ба қурбони ту гардам.
Дишаб зи нигоҳе мижаат захм заду дӯхт,
Эй новаки дилдӯз, ба қурбони ту гардам.
Аз ҳарфи касон беҳуда ранҷидаӣ аз ман,
Эй хӯйи бадомӯз, ба қурбони ту гардам.
Хуш танг кашидӣ ба бар он хирмани гулро,
Эй ҷомаи зардӯз, ба қурбони ту гардам.
Қассоб чу парвона, ту, эй шӯх, чу шамъӣ,
Эй шамъи шабафрӯз, ба қурбони ту гардам.

## 302.

Биё, ки бе ту даме нест, к-изтироб надорам,
Зи дурии ту дигар нимрӯза тоб надорам.
Дигар ба мамлакати тан зи сели ашки дамодам
Иморате, ки тавонад шудан хароб, надорам.
Дар ин муҳит, ки ҳиҷрон бувад кашокаши мавҷаш,
Ба худ гумони нафасе беш чун ҳубоб надорам.

Ба ёди рӯйи ту, эй меҳри ман, ду дидаи ҳасрат
Кадом субҳ, ки бар роҳи офтоб надорам?!
Нишоти зиндагии ман, биё, биё, ки зи умрам
Ҳар он чи мегузарад бе ту, дар ҳисоб надорам.
Кадом рӯз зи дасти фироқу оташи дурӣ
Диле зи доғ бириштатар аз кабоб надорам.
Зи шеърхонии ошиқ ба роҳи хеш ба хотир,
Чу хатти лаъли ту як байти интихоб надорам.
Агар зи ман касе аҳволи доғи ҳаҷри ту пурсад,
Зибаски сӯхтаам, тоқати ҷавоб надорам.
Кадом гӯша, ки аз захми дил ба хун наншастам,
Кадом вақт, ки аз дурият азоб надорам.
Шабам ба фикр, ки шояд туро ба хоб бибинам,
Зиҳӣ, тасаввури ботил, ки бе ту хоб надорам.
Ба кӯйи ёри ту, Қассоб, нест ҳеч замине,
Ки ман зи дида дар он ҷо гуле дар об надорам.

**303.**

То бори ишқ бар дили пурғам гузоштем,
Чандин ҳазор ғам ба сари ҳам гузоштем.
Рӯзе, ки ғамзаи ту зи кин баркашид теғ,
Мо дасти рад ба синаи марҳам гузоштем.
Додем сар ба ҳукми ту аз баҳри қатли хеш,
Ангушт то ба дидаи пурнам гузоштем.
Гардид сабти дафтари ғам сарнавишти мо,
То пой дар қаламрави Одам гузоштем.
Якбора з-аҳли шавқ гирифтанд хушдилӣ,
Бар маҳзари[1] замона чу хотам[2] гузоштем.

---

1. Собиқан навиштаҳое, ки чанд нафар ба сабки сурати маҷлис имзо мекарданд, маҳзар мегуфтанд. ***(Партав Байзоӣ).***
2. **Хотам** – нигин.

Қассоб, интихоб намудем дарди ишқ,
Хуш миннате ба мардуми олам гузоштем.

## 304.

Мо асирон ҳама мурғони хушилҳони ҳамем,
Ҳамзабони қафасу ҳамдами бӯстони ҳамем.
Ҷамъ гардида ба як ҷо ҳама чун риштаи шамъ,
Ҳама дилсӯзи ҳаму сар ба гиребони ҳамем.
Ҳама хоки таҳи майхонаи як майкадаем,
Ҳама саршор зи як бодаю мастони ҳамем.
Мекунад акси якӣ ҷилва дар ойинаи мо,
Чашм бикшода ба рӯйи ҳаму ҳайрони ҳамем.
Лайлии мо ҳама дар олами маънист яке,
Дар ҳақиқат ҳама Маҷнуни биёбони ҳамем.
Ҷон супурдан ба хамӯшӣ зи ҳам омӯхтаем,
Ишқбозон ҳама шогирди дабистони ҳамем.
Тирабахтон ҳама аз оташи ҳам месӯзем,
Ҳама оташнафасон барқи найистони ҳамем.
Андалебу ману парвона надорем низоъ,
Охир ин қавми ҷигарсӯхта ёрони ҳамем.
Пушти мо нест хам аз миннати дунон чу камон,
Рост чун тир ба кеши ҳаму қурбони ҳамем.
Чашмсерему надорем умеде ба касе,
Мо фақирон ҳама қонеъ ба лаби нони ҳамем.
Нашавад як сари мӯ ҷамъ дили мо, Қассоб,
Баски мо тоифа чун зулфи парешони ҳамем.

## 305.

Шуд гарми таманнои ту савдои нигоҳам,
Рӯ дод тамошои ту, эй войи нигоҳам.

Нашкуфта ҳанӯзам мижа чун ғунча дар ин боғ,
К-аз боди фано рехта гулҳои нигоҳам.
Бунёди дили ғамзадаро дода ба тӯфон,
Ҳар мавҷ, ки бархост зи дарёи нигоҳам.
Аз заъф бурун пой зи мижгон нагузорад,
Холист ба гирди нигаҳат ҷойи нигоҳам.
Аз ҷилваи мастони қади кист, ки имрӯз
Чун шуъла ба рақс аст саропойи нигоҳам?
Гардад ба суроғат нигаҳ он навъ, ки оянд
Дар ҳашр малоик ба тамошои нигоҳам.
Қассоб, аз ин ҳарф шудам шод, ки гуфтанд:
«Аз қатраи ашк обила зад пойи нигоҳам».

**306.**

Ман он нахлам, ки чун дар мавсими ҳосил самар резам,
Зи ҳар ҷониб ба мижгон бар замин оби гуҳар резам.
Ба тӯфон медиҳам дар як нафас бунёди оламро,
Зи ишқат, вой, агар селоби ашк аз чашми тар резам.
Расид он тири мижгон он қадар, эй заъф[1], муҳлат деҳ,
Ки ман аз ҷӯйи раг обе ба пойи нештар резам.
На по дорам, ки битвонам ба гирди қоматаш гардам,
На дасте, к-аз фироқи он санам хоке ба сар резам.
Ман он мурғи мусибатдидаи хотирпарешонам,
Ки гар аз ошён парвоз гирам, болу пар резам.
Дар ин меҳмонсаро он мизбонам, к-аз сияҳбахтӣ
Шавад чун заҳр, агар дар косаи меҳмон шакар резам.
Фалак кӯр асту ман оҳи ғуборолуд мехоҳам,
Ки гарди тӯтиё дар дидаи ин бебасар[2] резам.

1. **Заъф** – сустӣ, беҳолӣ.
2. **Бебасар** – нобино, кӯр.

Зи худ ҳар қисм тарҳе рехтам[1], Қассоб, шуд ботил,
Ҳамон беҳтар, ки ман ин тарҳ дар хоки дигар резам.

## 307.

Ба ишқи ту гар сар набозам, чӣ созам?
Ба доғи ғамат гар насозам, чӣ созам?
Дилу дину ҳастӣ шуда садди роҳам,
Гар ин ҳар се яксар набозам, чӣ созам?
Шаби тор гум карда роҳам, гар аз сайр
Ба он моҳпайкар насозам, чӣ созам?
Баровarда теғе, ки хунам бирезад,
Бар он дасту ханҷар нанозам, чӣ созам?
Намондаст пое, ки сӯйи ту оям,
Ба кӯят гар аз сар насозам, чӣ созам?
Ба ман баста раҳ хасми бераҳм, агар ҷон
Дар ин кухна шашдар набозам, чӣ созам?
Чу дармони Қассоб дарди ту бошад,
Ба дарди ту яксар насозам, чӣ созам?

## 308.

То хуни хеш дар раҳи ҷонона рехтем,
Обе ба пойи он бути фарзона рехтем.
Кардем зарфи дида лаболаб зи хуни дил,
Ин бодаро зи зарф ба паймона рехтем.
Додем ҷой меҳри туро дар замини дил,
Тухме ба хоки ин деҳи вайрона рехтем.
Аз баҳри нимҷуръа бар майфурӯши даҳр,
Бин, обрӯ, ки бар дари майхона рехтем.
Хӯрдем мо ба ёди рухат қатраҳои ашк,
Алмосреза, бин, ки ба паймона рехтем.

1. **Тарҳ рехтан** – нақша кашидан.

Андуҳу доғу дарду ғаму оташи фироқ
Кардем ҷамъу дар дили девона рехтем.
Қассоб, оби ашки надомат надошт суд,
Чандон ки пеши маҳраму бегона рехтем.

**309.**

Миёни хубрӯён то намуданд интихоб аз ҳам,
Ҷудо карданд рухсори туро бо офтоб аз ҳам.
Зибас коҳид моро дарди ӯ з-ин ҳаҷр, аз оҳе
Фурӯ резад бинои ҳастии мо чун ҳубоб аз ҳам.
Магар андар бағал доранд ҷузви бевафоиро,
Ки омӯзанд доим гулрухон дарси китоб аз ҳам.
Дили садпораи оташниҳоди хунчаконамро
Ба базми айш мегиранд хубон чун кабоб аз ҳам.
Яке аз зулф печу дигаре тоб аз камар дорад,
Намебошад парешонхотиронро печутоб аз ҳам.
Дили обод агар хоҳӣ, макун вайрон дили касро,
Ки мебошанд аксар хонаи дилҳо хароб аз ҳам.
Намеоянд берун рӯзи ҳашр аз уҳдаи дилҳо,
Агар ҷӯем мо, Қассоб, бо хубон ҳисоб аз ҳам.

**310.**

Дар ишқ оқибат ба бало мубтало шудем,
То пойбанди он сари зулфи дуто шудем.
То омадем бар сари савдои дӯстӣ,
Додем накди дил ба туву мубтало шудем.
Бегонагӣ зи мардуми олам зарар надошт,
Аз худ баромадему ба халқ ошно шудем.
Гирем то зи суфраи афлок тӯшае,
Чун дона хурд дар дили ин осиё шудем.

Додем сабрӯ ҳушу гирифтем доғи ҳаҷр,
То ҳамнишин ба он санами бевафо шудем.
Аз мо кунанд халқ тамошои оламе,
Дар ишқ ҳамчу ойина гетинамо шудем.
Бурдем раҳ ба айшу гирифтем коми дил,
Қассоб, чунки мову ту бемуддао шудем.

**311.**

Чӣ гуна пеши ту оям, фасонае, ки надорам?
Чӣ тавр даври ту гардам, баҳонае, ки надорам?
Ҳамеша хотири ман ҷамъ аз фишори ҳаводис,
Чаро зи сел гурезам, зи хонае, ки надорам?
Ҳанӯз байзаи ман буд хун, ки сӯхта шуд пар,
Чаро ба бод диҳам ошёнае, ки надорам?
Рақиб маҳраму маҳрум банда пеши ду зулф,
Чӣ дам зи ишқ занам қадри шонае, ки надорам?
Ба базми маҳраму бегона ғайри ишқ чӣ гӯям,
Ба ҷуз ҳикояти ҳиҷрон таронае, ки надорам.
Чу қасди холи ту кардам, ба доми дона фитодам,
Куҷо равам ба ҷуз он доми донае, ки надорам?!
Куҷо равам ману Қассоб, ҳоҷат аз кӣ бихоҳам,
Ба ғайри хоки дараш остонае, ки надорам?!

**312.**

З-оташи ишқи ту дар ҳар ҷо, ки маъво мекунам,
Ҳамчу бӯйи уд худро зуд расво мекунам.
Камфазоӣ бин, ки мисли ғунча дар гулзори даҳр
Ҳамчу гул мепошам аз ҳам, гар диле во мекунам.
Бекасам, чандон ки ҷисми хеш мекоҳам чу най,
Ҳамдаме то аз барои хеш пайдо мекунам.

Сарбазерам аз ҳаёи ӯ, на аз ваҳми рақиб,
Кофари ишқам, агар аз шоҳ парво мекунам.
Медиҳам дил, то бигирам зулф дар бозори ҳусн,
Мусҳафе оварда бо зуннор савдо мекунам.
Гарчи ҳастам аз тиҳидастон, вале ҳамчун ҳубоб
Хешро аз як нафас восил ба дарё мекунам.
Чун зи шайхони риёӣ матлабе ҳосил нашуд,
Баъд аз ин, Қассоб, дар майхона маъво мекунам.

**313.**

Эй хуш он рӯз, ки аз хоби гарон бархезам,
Ба таманнои ту, эй сарви равон, бархезам.
Эй хуш он дам, ки ба таъзими хадангат аз хок
Сар қадам сохта, аз ҷо чу нишон бархезам.
Пойи бархостанам нест зи кӯйи ту, магар
Ба мададгории ишқи ту зи ҷон бархезам.
Тӯшае ку, ки аз ин хона ниҳам берун пой,
Аз пайи чилла аз ин рӯйи камон бархезам.
Дар миён ҳоили акси рухи дилдор манам,
Мешавад зоҳир, агар худ зи миён бархезам.
Зарра аз партави хуршед самоъе дорад,
Сазад аз акси ту гар рақскунон бархезам.
Ёди он лаҳза, ки дар оташи шавқат чу сипанд
Афтаму боз зи ҷо наъразанон бархезам.
Ғайри таслим шудан чора надорам, Қассоб,
Ҳукми ёр аст, ки ман аз сари ҷон бархезам.

**314.**

Ошиқам, ошиқам, ба ёр қасам,
Ба висоли ту, эй нигор, қасам.
Дидаам шуд сапед дар талабат,
Ба сари роҳи интизор қасам.

Гар шавам кушта, тарки ӯ накунам,
Ба дами теғи обдор қасам.
Дар парешониям сухан набвад,
Ба сари зулфи тобдор қасам.
Ҷигарам шуд кабоб дар раҳи ишқ,
Ба ту, эй оташинузор, қасам.
Хӯрда бар рафта-рафта хуни дилам,
Ба хату холи мушкбор қасам.
Ҷуз хазон мавсиме надида гулам,
Ба худороии баҳор қасам.
Булбули гулситони боғи ваям,
Ба тамошои лолазор қасам.
Дилу ҷон ҳар ду бохтам як ҷо,
Ба ҳарифони хушқимор қасам.
Надиҳад дил ба дигаре Қассоб,
Ба сари нозанини ёр қасам.

**315.**

Дар ҳар ду ҷаҳон оқилу фарзона набошам,
Гар он ки гирифтори ту, ҷонона, набошам.
Дилро зи фиғон мекунам аз дарди ту холӣ,
Фарёд аз он рӯз, ки девона набошам.
Бар гирди сарат гардаму ҷонбоз бисӯзам,
Инҳо накунам пеши ту, парвона набошам.
Аз худ наравам шоми фироқи ту, ки тарсам,
Меҳрат дари дил кӯбаду дар хона набошам.
Дорам ба дил аз доғи ту сад ганҷи ниҳон беш,
Аз сели ҳаводис зи чӣ вайрона набошам?
Бо синаи чок ар бисупоранд ба хокам,
Аз шавқи ту гар сар назанам, дона набошам.

Мардон ҳама ҷон дар раҳи ҷонона супурданд,
Чун сар насупорам, зи чӣ мардона набошам?!
Сардор шуда ишқу гар имрӯз шабехун
Бар лашкари зулфат назанам, шона набошам.
Аз худ, агар ойина шавам, дида бипӯшам,
Он дам, ки зи акси ту дар ин хона набошам.
Дарси дилу ҷон бохтан аз ишқ гирифтам,
То гӯш бар овози ҳар афсона набошам.
Қассоб, дар аввал ба ғамаш дасти ухувват
Додам, ки дар ин марҳила бегона набошам.

**316.**

Бар миён торе зи зулфи ёр мехоҳад дилам,
Субҳаро афкандаву зуннор мехоҳад дилам.
То нишоне ҳаст аз ғамхонаи зиндони дӯст,
Кофарам, гар ҷониби гулзор мехоҳад дилам.
То нишинӣ дар миён чун нуқта, бар гирди сарат
Як қадам рафтор чун паргор мехоҳад дилам.
Равшан он маҷлис, ки аз ҳусни ту бошад то ба субҳ,
Чун кавокиб дидаи бедор мехоҳад дилам.
Нуҳ фалакро бодаи шавқат ба чарх овардааст,
Ҳам аз ин май бодаи саршор мехоҳад дилам.
Дар фироқат, ҷони ман, умрест тоб овардаем,
Як нафас дар тоқати дидор мехоҳад дилам.
Он қадар, Қассоб, медонам, ки аз кавну макон
Ишқро мехоҳаду бисёр мехоҳад дилам.

**317.**

Мурдем зи ғам, то ба ту худком расидем,
Аз сояи теғат ба саранҷом расидем.
Фориғ зи ғам ҳамраҳии боли ҳумоем,
Аз сояи теғат ба саранҷом расидем.

Хондем чу лавҳи сари хоки шуҳадоро,
Бар матлаби бемеҳрии айём расидем.
Рӯзе, ки бурун омада аз байза зи шавқат,
Пар нозада, аввал ба сари дом расидем.
Дар ишқи ту гаштем даме гарм, ки чун субҳ
Аз як нафаси умр ба анҷом расидем.
Бисёр тапидан надиҳад фоида дар хок,
Таслим чу гаштем, ба ором расидем.
Бебаҳра аз он зулф нашуд гардани Қассоб,
Мо низ ба як ҳалқа аз ин дом расидем.

## 318.

Шабе, эй маҳ, ба побӯсат расидан орзу дорам,
Ду байт аз лаъли ҷонбахшат шунидан орзу дорам.
Нишинӣ дар бисоти дил чу шамъу ман чу парвона
Туро яксар ба гирди сар паридан орзу дорам.
Сарат гардам, камони нозат аз бас чошнӣ дорад,
Лаби захми хадангатро макидан орзу дорам.
Гулистон аст сар то поят, эй ғоратгари дилҳо,
Гули васле аз ин гулзор чидан орзу дорам.
Мани лабташна, қурбонат шавам, дар водии ҳиҷрон,
Зи теғат шарбати обе чашидан орзу дорам.
Чу шамъи зинда дар базми висолат то саҳар сӯзон,
Сари худро ба пойи хеш дидан орзу дорам.
Чӣ мехоҳам дигар, Қассоб, як шаб дар сари кӯяш,
Тапидан, ҷон супурдан, орамидан орзу дорам.

## 319.

Сӯхтам, меҳри ёрро нозам,
Гармии он нигорро нозам.
Хори роҳаш зи гиряам шуд сабз,
Файзи ин навбаҳорро нозам.

То қиёмат кашида ваъдаи васл,
Тоқати интизорро нозам.
Бурдани нарди ишқ ҷонбозист,
Ду-шаши ин қиморро нозам.
Ғами офоқро ба ман доданд,
Рутбаву эътиборро нозам.
Киштиям шуд зи дида тӯфонӣ,
Дидаи ашкборро нозам.
Карда моро зи худ парешонтар,
Сари зулфи нигорро нозам.
Санги зерини осиё шудаам,
Гардиши рӯзгорро нозам.
Зи падар дорам ирс саҳроро,
Хонаи беҳисорро нозам.
Хуни дил шуд ҳаволаи Қассоб,
То ба ҳашр ин қарорро нозам.

**320.**

Даруни ошён аз байза то ман сар баровардам,
Зи тири ғамзаву бедоди хубон пар баровардам.
Лабашро бо табассум ошно кардам ба меҳр охир,
Ба қуллоби муҳаббат моҳӣ аз Кавсар баровардам.
Зи холи анбараш бӯе гумон медоштам дар дил,
Задам оташ ба худ, то дуд аз миҷмар баровардам.
Дили сӯзон зи чашмам лахт-лахт афтод бар доман,
Ба ҷойи ашк аз ин дарёи хун озар баровардам.
Шикастам, бастам аз бими нигоҳаш орзу дар дил,
Кашам чун оҳ, гӯӣ аз ҷигар ханҷар баровардам.
Ниҳоли боғи ҳирмонам, гулам доғ асту борам ғам,
Надидам фасли шодӣ, аз замин то сар баровардам.
Маро шуд дидагон лабрез з-ашки гоҳ-гоҳи дил,
Ду дарё об аз ин як қатраи гавҳар баровардам.

Надорам шиква, Қассоб, аз касе дар сӯхтан ҳаргиз,
Чанороcо зи ҷисми хештан озар баровардам.

### 321.

Гар дар ин зулмат чароғе пеши по медоштам,
Роҳ бар сарчашмаи оби бақо медоштам.
Сарнагун бар чаҳ намеафтодам аз худ бехабар,
Чашм агар бар нақши пойи раҳнамо медоштам.
Мезадам бар санг, бас ранҷидаам аз рӯзгор,
Гар ба каф ойинаи гетинамо медоштам.
Мешудам дар зери бори миннати гардун ҳалок,
Гар ҷаве дар зери ин нуҳ осиё медоштам.
Пойи ҳиммат мезадам бар фарқи чархи мустаор,
Такяе гар бар сарири бӯрё медоштам.
Дидаам з-ин хокдон мешуд сафед аз интизор,
Гар зи дасти халқ чашми тӯтиё медоштам.
Хирманамро боди ғам медод бар боди фано,
Гар зи кишти даҳр як ҷав муддао медоштам.
Пок месудам ба ҳам з-афсӯс, то гулгун шавад
Ҳар ду каф, гар хоҳиши ранги ҳино медоштам.
Аввалин гомам нахустин пояи меъроҷ буд,
Он чи дар сар ҳаст, агар дар зери по медоштам.
Дида гар медӯхтам аз сими қалби рӯзгор,
Дар назар иксир баҳри кимиё медоштам.
Мегузаштам гар зи ҷисми орият чун бӯйи гул,
Ҷо дар оғӯшу бари боди сабо медоштам.
Давлати тезе[1], ки зери теғи хунрези ту буд,
Ман тамаъ аз сояи боли ҳумо медоштам.

---

1. Давлати тез – киноя аз давлате, ки яке баъд аз дигаре мин дуни истеъдод ба касе рӯй оварад. Салмони Соваҷӣ дар ин маънӣ гӯяд:
***Ман аз ҳар захми шамшерат нишони давлате дорам,***
***Надонам, оқибат бар сар чӣ орад давлати тезам?!***
***(Фарҳанги Онандроҷ)***

Кош ҷойи тӯтиё, Қассоб, рӯзи вопасин
Дар назар қадре зи хоки Карбало медоштам.

**322.**

Эй з-оташи ҳусни ту шабистони вафо гарм
В-аз шуълаи рухсори ту ҳангомаи мо гарм.
Тарсам, зи латофат шавад аз ранг ба ранге,
Бисёр гули рӯйи туро карда ҳаё гарм.
Чун шамъи барафрӯхта аз вай бичакад мум,
Аз акси ту шуд ойинаро баски қафо гарм.
Аз мардумаки дидаи бад дур, ки имрӯз
Омад ба назар тири туам, номи Худо, гарм.
Нагзошт, ки аз оташи ишқи ту шавад сард,
Бардошт зи ҷо пайкарам аз хок ҳумо гарм.
Чун пойи ту рангин шавад аз дидаи хунбор,
Дигар нашавад равнақи бозори ҳино гарм.
Бар мушти ҳино по мазан, эй шӯх, ки Қассоб
Карда ба сари оташи сӯзони ту ҷо гарм.

**323.**

Корам зи ақл рост нашуд, бар ҷунун задам,
Санге ба шишаи фалаки вожгун задам.
Рангин нашуд зи гиряи мардона чеҳраам,
Паймонаро зи майкадаи дил ба хун задам.
Бунёди ҳастиям зи нигоҳе ба бод рафт,
То чун ҳубоб хайма ба дарёи хун задам.
Бархостам зи оташи шавқи ту чун сипанд,
Гарм ончунон ки наъра надонам, ки чун задам.
Қассоб, барнахост садо аз як ошно,
Чандон ки ҳалқа бар дари дунёи дун задам.

## 324.

Куҷост дида, ки рӯ сӯйи ёри хеш кунам?
Илоҷи дарди дили беқарори хеш кунам.
Зи хоки кӯйи бутон бӯйи ғам намеояд,
Магар ҳамон ба сари худ ғубори хеш кунам.
Чу кирми пила ба худ дартанам шаби ҳиҷрон,
Ба ҳолате, ки ғамашро ҳисори хеш кунам.
Ба абр ҷумла каримон назар фикандаву ман
Нигаҳ ба чашми тари ашкбори хеш кунам.
Ба ҳаҷр агар кушиям, дил намекунад бовар,
Дурӯғи васли ту то кай ба кори хеш кунам?
Хати ғуломии ӯ хатти сарнавишти ман аст,
Ҳамин бас аст, ки лавҳи мазори хеш кунам.
Ҳазор ҳайф, ки дар ин чаман расид хазон,
Амон надод, ки фикри баҳори хеш кунам.
Тамаъ ба ҳеч надорам дар ин ҷаҳон, Қассоб,
Сивои ҷон, ки фидои нигори хеш кунам.

## 325.

Ба базми даҳр ҳарфи душманӣ ом аст, медонам,
Лабе, к-аз шиква накшояд, лаби ҷом аст, медонам.
Ҳамин бошад муяссар кимиёи васл ошиқро,
Нишон аз ҳастии анқо[1] ҳамин ном аст, медонам.
Ба кори хастагони хеш мекун гӯшаи чашме,
Ғизои ошиқи бемор бодом аст, медонам.
Макун манъам зи бетобӣ, ки чун симоб ошиқро
Нагардад он чи гирди хотир ором аст, медонам.
Надоранд аҳли шавқ аз ҳеч ҷониб роҳи беруншав,
Ҷаҳон мурғони дилро сар ба сар дом аст, медонам.

1. **Анқо** – номи мурғ, симурғ.

Махӯр, то метавон, эй дил, фиреби ҷилваи дунё,
Нагардад он чи ҳосил дар ҷаҳон, ком аст, медонам.
Тафовут нест васлу ҳаҷр ҳайронмондаи ӯро,
Ба пеши чашми аъмо[1] субҳ чун шом аст, медонам.
Тамаъ дил аз ҳавои васли ҷонон барнамедорад
В-агарна орзуи ошиқон хом аст, медонам.
Зи Қассоби парешон аз сару сомон чӣ мепурсӣ,
Ба қурбони ту ошиқ бесаранҷом аст, медонам.

**326.**

То чун нигаҳ тавон шуд дур аз миёни мардум,
Зинҳор ҷо насозӣ дар хонумони мардум.
Парвоз гир, эй дил, то кай чу мурғи тасвир
Ҳайрон тавон нишастан дар ошёни мардум.
Чашм аз занах бипӯшон, бардор даст аз зулф,
Натвон ба чоҳ рафтан бо ресмони мардум.
Аз ҳирс ҳамчу каргас то кай дар ин биёбон,
Чашми тамаъ тавон дошт бар устухони мардум?!
Хокат ба дида, эй нафс, шарме биёр, то чанд
Пар чун магас тавон зад бар гирди хони мардум?!
Фарёди ҳарза то чанд баҳри асоси дунё?
То кай чу калб дорӣ поси дукони мардум?!
Қассоб, ҳамчу тӯтӣ ойина дар баробар,
То чанд метавон зад ҳарф аз даҳони мардум?!

**327.**

Баҳри қатлам дод пайғоме, ки ман мехостам,
Аз лабаш ҳосил шуд он коме, ки ман мехостам.
Аз ҷавоби талхи он ширинзабон розӣ шудам,
Буд дар ин қанд бодоме, ки ман мехостам.

1. **Аъмо** – нобино, кӯр.

Шуд даруни сина нақши хотами дил доғдор,
Кард пайдо ин нигин номе, ки ман мехостам.
Сар зад аз гирди узори ёр хатти дилфиреб,
Дар чаман густурда шуд доме, ки ман мехостам.
Нола – ҳамдам, оҳ – оташбору мижгон – хунчакон,
Дод охир он саранҷоме, ки ман мехостам.
Гардиши чашме зи як наззораам мастона кард,
Дод соқӣ бода аз ҷоме, ки ман мехостам.
Аз хами зулфи ту озодӣ нахоҳад ёфтан,
Мурғи дил афтода дар доме, ки ман мехостам.
Дар табассум гуфт зери лаб, ки: «Қурбонам шавӣ»,
Охир он маҳ дод дашноме, ки ман мехостам.
Бетааммул дар раҳаш, Қассоб, кардам ҷон нисор,
Шуд насиб имрӯз ороме, ки ман мехостам.

## 328.

Бо он ки дар қаламрави ҳастӣ ягонаам,
Бар гӯши рӯзгор гарон чун фасонаам.
На душманам ба паҳлуи худ ҷо диҳад, на дӯст,
Дар об ҳамчу мавҷу дар оташ забонаам.
Ҳар ҷо ки дом во шавад, он ҷо муҷовирам,
Ҳар ҷо ходанг бол кушояд, нишонаам.
Муштоқи поймардии барқ аст хирманам,
Муҳтоҷи дастгирии мӯр аст донаам.
Чун зарра ҷониби ватанам бозгашт нест,
Оташ задаст ишқи ту бар ошёнаам.
Ҷуз шарҳи ҳоли ман набувад вирди андалеб,
Дар назди аҳли дил ғазали ошиқонаам.
Гаҳ чун ғубор ҳамдами бод аст ҳастиям,
Гаҳ чун ҳубоб бар сари об аст хонаам.

Гоҳе равам ба оташу гоҳе шавам ба об,
Алқисса, тифли подави ин корхонаам.
Дил чок гашту давлати зулфаш надод даст,
Қассоб, доғдор зи иқболи шонаам.

**329.**

Гуфт дилбар: «Бар ман аз ҳасрат нигар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
«Ғайри ман бар дигаре мангар дигар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар дорӣ сари васлам дар ин меҳнатсаро,
Боядат кард аз ҷаҳон қатъи назар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Дур аз моҳи рухсорам набояд боздошт,
Чун кавокиб дида ҳар шаб то саҳар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар дорӣ ҳавои гирди сар гардиданам,
То ба кӯям омадан бояд ба сар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Даври оразам дар тирагӣ чун мардумак
Боядат биншаст ҳар шаб то саҳар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Андар базми ман гирёну сӯзон ҳамчу шамъ
Ғӯта бояд хӯрд дар хуни ҷигар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар хоҳӣ, ки бошӣ дар шаҳодат сурхрӯй,
Хун ба ҷойи ашк бор аз чашми тар!»
Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар, Қассоб, мехоҳӣ гуле гирӣ дар об,
Боядат тар сохт хоки раҳгузар!»
Гуфтам: «Ба чашм».

## 330.

Ҳамон ба дида ғуборе, ки доштам, дорам,
Ба хоки пойи ту коре, ки доштам, дорам.
Ҳамон чу гард дар ин водии тамомхатар,
Қафои шоҳсаворе, ки доштам, дорам.
Чу сел сина пурафғону чеҳра хоколуд,
Ба кӯҳу дашт гузоре, ки доштам, дорам.
Чаҳор фасл гузашт аз дилу ҳамон аз доғ
Гули ҳамешабаҳоре, ки доштам, дорам.
Хароб шуд тани ман ҳамчу нуқтаи паргор,
Ба гирди хеш ҳисоре, ки доштам, дорам.
Шудам муҳиту[1] лаб аз об тар намесозам,
Ҳамон чу Даҷла[2] каноре, ки доштам, дорам.
Зи хондани дилу ҷон медиҳам дусар товон
Ба хасми роҳ қиморе, ки доштам, дорам.
Диле зи хуни ҷигар чун пиёлаи лабрез,
Ҳамон ба дасти нигоре, ки доштам, дорам.
Зи холу абрӯйи ӯ даст барнамедорам,
Назар ба муҳраю море, ки доштам, дорам.
Ба саъй рост нашуд кори дил маро, Қассоб,
Зи хуни дида мадоре, ки доштам, дорам.

## 331.

Занам гар дам, ғубори хотири дилдор мегардам,
Шавам гар тӯтӣ, ин ойинаро зангор мегардам.
Миёни мову ҷонон ошноӣ нест бе нисбат,
Ба ҳар ранге, ки он гул мешавад, ман хор мегардам.
Зи як афсона дар хобем, аммо аз раҳи ваҳшат
Ба ҳар кас по занад айём, ман бедор мегардам.

1. **Муҳит** – уқёнус.
2. **Даҷла** – номи яке аз ду дарёи бузурги Ироқ.

Маро саргаштагӣ барҷост, то дар дил макон дорӣ,
Нафас то ҳаст, бар гирди ту чун паргор мегардам.
Ба хок афтода чун оби равон умрест дар гулшан,
Ба гирди қомати он сарви хушрафтор мегардам.
Ба пеши ёри худ, Қассоб, қадре мекунам пайдо,
Бари ағёр чандоне ки бемиқдор мегардам.

**332.**

Рӯзе ба ду зону бари дилдор нишастам,
Гуфтам, ки: «Туӣ қиблаи ман». Гуфт, ки: «Ҳастам».
Гуфтам: «Чӣ шуд он ваъдаю паймон, ки ту бастӣ?»
Гуфто, ки: «Ҳамон лаҳзааш аз ноз шикастам».
Гуфтам, ки: «Бихӯр бода». Гирифту ба замин рехт,
Гуфтам, ки: «Чаро рехтияш?» Гуфт, ки: «Мастам».
Гуфтам: «Зи кӣ ошиқкушӣ омӯхтӣ имрӯз?»
Гуфто, ки: «Бад-ин шева ман аз рӯзи аластам».
Гуфтам, ки: «Шикастӣ дили мо». Гуфт: «Дуруст аст»,
Гуфтам, ки: «Чаро?» Хандазанон гуфт, ки: «Мастам».
Гуфтам: «Чӣ шуд он дил, ки зи Қассоб рабудӣ?»
Бардошт зи зери қадаму дод ба дастам.

**333.**

Ба чашми кам мабин бар оҳи ман дар хастаҷонӣ ҳам,
Фалакро метавонам зад ба ҳам дар нотавонӣ ҳам.
Ба ман бе он, ки гардад ҳамнишин баргаштамижгонаш,
Ба ин дерошноӣ менамояд саргаронӣ ҳам.
Талоши васл, агар афганда бошад бар пари анқо,
Диле хуш метавон кард аз нишони бенишонӣ ҳам.
Ҷавоби номаамро, эй худонотарс, бо қосид
Намегӯӣ гар аз дил, метавон гуфтан забонӣ ҳам.
Шудам ранҷуру хуниндил, надонам оқибат бо ман
Чӣ хоҳад кард ашки сурху ранги заъфаронӣ ҳам.

На бар сар теғи бурронаш, на бар ҷон тири мижгонаш,
Дилам хуш гар кунад инро ҳисоби зиндагонӣ ҳам.
Саводи шаҳр тангу водӣ аз санги ҷафо холӣ,
Биёбон душмани девона асту обдонӣ ҳам.
Шудам, Қассоб, чун таслим пеши ёр, донистам,
Ки мебудаст хоби роҳате дар зиндагонӣ ҳам.

### 334.

Соқӣ куҷост, к-аз май гулгун нишаста бошем?
Чун доғи лола то кай дар хун нишаста бошем?
Шояд ки ошное моро кунад навозиш,
То кай чу ҳалқаи дар берун нишаста бошем?
Хуб аст ростиро аз сарв ёд гирем,
То кай чу беди Маҷнун ворун нишаста бошем?
Созад залил моро рӯяш зи лашкари хат,
Бар оразе, ки чун хол мавзун нишаста бошем.
Саҳрост ҷойи ваҳшат, роҳе диҳед моро,
То кай ба кунҷи зиндон маҳзун нишаста бошем?
Ёрону ҳамнишинон карданд кӯчу рафтанд,
Танҳо дар ин биёбон мо чун нишаста бошем?
Қассоб, аз ду олам кардӣ ту қатъи уммед,
Беҳтар, к-аз ин ду манзил берун нишаста бошем.

### 335.

Мо ҷаҳонро Даҷлаи пуршӯру шар донистаем,
Талху ширин ҳар чӣ бошад даргузар донистаем.
Шуд раги абре, ки хун борад зи ғам мижгони мо,
Сабзаро азбаски бе ӯ нештар донистаем.
Ӯ ба мо наздиктар аз ҷону огаҳ нестем,
Ин қадарҳо хештанро бехабар донистаем.

Аз паридан мебарад пайғоми моро сӯйи ёр,
Ранги зарди хеш мурғи номабар донистаем.
Пораи хуне магар ашк оварад бар рӯйи кор?
В-арна мо Қассоб худро бечигар донистаем.

**336.**

Он дам ки зи шавқи рухат афрӯхта бошам,
Лаб тар накунам з-оташ агар сӯхта бошам.
Манзури назар буд тамошои ту, варна
Бобест, ки чашм аз ду ҷаҳон дӯхта бошам.
Аз рӯзи азал гашта забонам ба ту гӯё,
Васфат на калом аст, ки омӯхта бошам.
Фармудаи ноз аст, ки то сар занам аз хок,
Чун лола дар ин боғ ҷигар сӯхта бошам.
Қассоб, дар ин шаҳр ба як гӯшаи чашме,
Як пора диле нест, ки н-афрӯхта бошам.

**337.**

Агар дар кӯйи ҷонон ҷо намекардам, чӣ мекардам?
Замоне такя бар хоро намекардам, чӣ мекардам?
Ба хокаш рӯи ҳоҷат гар намесудам, чӣ месудам?
Аз ин раҳ дида гар бино намекардам, чӣ мекардам?
Агар чун ёр дар гирдаш намегаштам, чӣ мегаштам?
Тавофи олами боло намекардам, чӣ мекардам?
Гуле гар аз гули рӯяш намечидам, чӣ мечидам?
Дар ин гулшан даре гар во намекардам, чӣ мекардам?
Даҳони танги ӯро гар намеҷустам, чӣ меҷустам?
Ба саъй ин нуктаро пайдо намекардам, чӣ мекардам?
Чу Маҷнун раҳ дар ин водӣ намебурдам, чӣ мебурдам?
Ба мижгон таййи ин саҳро, намекардам, чӣ мекардам?

Ба он мӯйи миён гар дил намебастам, чӣ мебастам?
Ба ҳеч ин нукта аз дил во намекардам, чӣ мекардам?
Ба кӯйи нестӣ гар раҳ намебурдам, чӣ мебурдам?
Суроғи манзили анқо намекардам, чӣ мекардам?
Ба ҷои бода хуни дил намехӯрдам, чӣ мехӯрдам?
Зи май гар холӣ ин мино намекардам, чӣ мекардам?
Зи каф, Қассоб, агар дилро намедодам, чӣ медодам?
Агар худро зи ғам расво намекардам, чӣ мекардам?

**338.**

Бозуи зӯрозмоёнро камон мо будаем,
Тири таъни айбҷӯёнро нишон мо будаем.
Ғофилем аз қадри ҷинси хеш дар мулки вуҷуд,
Юсуфи Канъон, дило, аз корвон мо будаем.
Ҳар камонро чилла, ҳар тири тағофулро ҳадаф,
Боиси ҳангомаи пиру ҷавон мо будаем.
Шаҳсворони тағофул дар раҳи афтодагӣ,
Ҳар куҷо тозанд маркаб, ҳаминон мо будаем.
Донае то ҳаст боқӣ, осиё дар гардиш аст,
Мояи санги замину осмон мо будаем.
Ҷонгудозони муҳаббат огаҳанд аз ҳоли ҳам,
Шеърро дар вақти рафтан ҳамзабон мо будаем.
Мою Қассобем дар кӯйи бутон қурбониён,
Куштанӣ доим миёни ошиқон мо будаем.

**339.**

Лолаи доғам, зи бахти тира сомон ёфтам,
Хори мижгонам, зи абри дида борон ёфтам.
Дар сарам доғи ҷунун санги нишони водиест,
То шудам саргарми расвои биёбон ёфтам.

Ҷаста то аз қайди мотам дар канори меҳнатам,
Тифли ашкам то зи чашм афтода домон ёфтам.
Об бармедорад абри бахтам аз баҳри камон,
Ҳосили дил дар замони тирборон ёфтам.
Ғунчаро будаст бебаргӣ ҳисори офият,
Ҳамчу гул барбод рафтам, то гиребон ёфтам.
Шаб ҳама шаб аз хаданги нози он абрӯкамон,
Ин қадар дилро, ки ковиш дод, пайкон ёфтам.
Даст бар сар чун сабӯи май дар ин хумхонаҳо,
Хӯрда хунҳо, то тариқи боданӯшон ёфтам.
Дар парешонхотирӣ ҷамъияти Қассобро,
Бо вуҷуди ин ки душвор аст, осон ёфтам.

**340.**

Зи чашми мардум афтодам, зибас бекор мегардам,
Нигоҳи ҳасратам, бар гирди кӯйи ёр мегардам.
Дареғ аз ман мадор, эй бодапаймо, гӯшаи чашме,
К-аз ин май мешавам девона, гар ҳушёр мегардам.
Чи донистам туро дар худ тамошо метавон кардан,
Ба гирди хештан умрест чун паргор мегардам.
Гуле нагзошт ин гулчин, к-аз ӯ бӯйи вафо ояд,
Абас ман чун сабо бар гирди ин гулзор мегардам.
Нигоҳу ҷону дил ҳар як ҷудо ҷӯянд васлашро,
На танҳо дар раҳаш, Қассоб, ман бисёр мегардам.

**341.**

Бӯсае аз лаъли он шаккаршикан мехостам,
Чун табассум ҷо дар он кунҷи даҳан мехостам.
Дар талоши оби ҳайвон чун Сикандар нестам,
Қатраи обе аз он чоҳи зақан мехостам.

Чашм бар роҳи ту чун Яъқуб дорам, эй насим,
Муждае з-он Юсуфи гулпираҳан мехостам.
Дар гулистони ҷаҳон бисёр гардидам, набуд,
Чун бари рӯйи ту як гул дар чаман мехостам.
Тӯтии тасвирам аз ойина гӯё кай шавад?
Аз дами гарми ту рӯҳе дар бадан мехостам.
Вақт шуд, Қассоб, дар роҳаш кунам ҷонро нисор,
Чун ғами ӯро зи ёди хештан мехостам.

### 342.

Ҷуз кӯйи дӯст фикри дигар нест бар сарам,
Доғи ҷунун кулоҳи фарангист бар сарам.
Кай метавон чу ҷодаам аз хок баргирифт?
Азбас ғубори бодиягардист бар сарам.
Борони ашк аз мижа пайваста меравад,
Ҳар тори мӯйи ман раги абрест бар сарам.
Пажмурда баски мегузарад навбаҳори ман,
Доғат дар ин чаман гули зардест бар сарам.
Чун шамъи шаб кулоҳи маро шуъла кардаанд,
Сӯзам чу аз ғами ту, бибин, чист бар сарам?
Ҳасрат барад ҳумой ба боли тазарви ман,
Имрӯз турфа сояи абрест бар сарам.
Дар водие, ки соя гурезон шавад зи кас,
Қассоб, ғайри хоки раҳаш кист бар сарам?

### 343.

Ишқи бисёру дили бемуддао мехостем,
Ин ду матлабро ба як бор аз Худо мехостем.
Кай зи баҳри дида гарди тӯтиё мехостем?
Хоки пои он санамро аз Худо мехостем.

Пеши шамшераш ҳамешустем даст аз хуни худ,
Мову дил гоҳе, ки дасте дар ҳино мехостем.
Мо ба оташ рафта бо парвонаву булбул ба боғ,
Ҷони ман ҳар як ба як навъе туро мехостем.
Чун ба пирӣ даст бардорем аз сарви қадаш?
Аз барои нотавониҳо асо мехостем.
Монда дар хок устухони мову чун мижгони ёр,
Панҷаи гиротар аз чанги ҳумо мехостем.
Тирабахтиҳост монеъ, гарна дар паҳлӯи ёр,
Хешро часпонтар аз банди қабо мехостем.
Чашми роҳат з-осмон дорем, бе фикре нигар,
Донаро солим ба зери осиё мехостем.
Пушт бар devори ҳайрат додаем аз заъфи тан,
Ҷазбае з-он маҳ чу коҳу каҳрабо мехостем.
Гарди моро метавонад шуд далели кӯйи дӯст,
Зарраю ҳамроҳӣ аз боди сабо мехостем.
Доштем аз наргиси хунрези ту чашми умед,
Аз чунин номеҳрубон шӯхе вафо мехостем.
Дил асири хатти сабзу мо ҳалоки лаъли ёр,
Ӯ ҳаёти Хизру мо оби бақо мехостем.
Монеъи овози мо мегашт чашми сурмасош,
Бо ҷарас гоҳе, ки худро ҳамсадо мехостем.
Субҳ шуд Қассобу оҳи мо асар пайдо накард,
Новаке чобуктар аз тири дуо мехостем.

### 344.

Ба кӯяш меравам бо хеш то пои камон дорам,
Фидои хоки роҳаш мекунам, то ним ҷон дорам.
Бувад, эй ҳамнишинон, доғи савдои ҷудоиҳо,
Гуле, к-аз ин чаман бар сар ба расми армуғон дорам.

Зи болу пар баромад дар суроғам ӯ, парешонам,
Ки умре шуд ҳуморо дар тилисми устухон дорам.
Зи асбобе, ки ашк аз пораи дил баста бар чашмам,
Зи мижгон то ба домон корвон дар корвон дорам.
Сабо банди қабо аз накҳати як ғунча накшояд,
Зи бахти бад ба гулбун то паре дар ошён дорам.
Ман он шамъам, ки ҳаргиз кас дилаш бар ман намесӯзад,
Ба ҳангоми сухан бо он ки оташ бар забон дорам.
Дар ин баҳри хатар то кардаам киштӣ таваккулро,
На бим аз мавҷу на чашми умед аз бодбон дорам.
Ба баъйи Муштарӣ меоварам аз тангдастиҳо,
Агар донам, ки як кавкаб дар ин ҳафт осмон дорам.
Ба сайди муддао, Қассоб, чун куфр аст навмедӣ,
Умедам ҳаст то тири дуое дар камон дорам.

## 345.

Мо интизори роҳи вафо баркашидаем,
Аз пои дида хори ҷафо баркашидаем.
Ташхиси ранги коҳии мо кай тавон намуд?
Худро дар об гоҳи риё баркашидаем.
Молида то ба пои ту мо рӯ зи иштиёқ,
Оҳи ҷигар зи рашки ҷафо баркашидаем.
Баҳри ҷароҳати дили носур дар қафас,
Миннат зи зулфи ғолиясо баркашидаем.
Толеъ набуд, варна ба уммеди имтиҳон,
Худро ба зери боли ҳумо баркашидаем.
Имрӯз чашми мо ба қибори раҳи ту нест,
Бар дида хок аз ин кафи по баркашидаем.
Кай мекунем аз хами зулфи ту саркашӣ,
Гардан дар ин каманди расо баркашидаем.

Помоли рӯзгор шудем аз фитодагӣ,
Дар роҳи дӯст аҷри вафо пар кашидаем.
Қассоб, ошнои иҷобат намешавад,
Варна камони тири дуо пар кашидаем.

**346.**

Мо чаманро бе ту нахли бесамар донистаем,
Хандаи гулро нишони тарки сар донистаем.
То гулистонро нигоҳат бода дар паймона рехт,
Лоларо лабрези хуноби ҷигар донистаем.
Ҷилваи акси ту манзур аст ин ҷо, варна мо
Хонаи оинаро зеру забар донистаем.
Нест беш аз шабнами гул дар чаман парвози мо,
Мо тапиданро нишоти болу пар донистаем.
Баски хӯ дорем бо тӯфон дар ин дарё чу мавҷ,
Ҳар куҷо соҳил намоён шуд, хатар донистаем.
Дар масофи ишқ берун бурдани ҷон нанги мост,
Мо шаҳодатро дар ин майдон зафар донистаем.
Теғи нози ёр мумкин нест аз сар бигзарад,
Умқи ин оби равонро то камар донистаем.
Кай нам аз ковидани алмос берун медиҳад?
Хешро, Қассоб, чун оби гуҳар донистаем.

**347.**

Атласи тақдирро то мо фано донистаем,
Норасоиро ба қадди худ расо донистаем.
Гардише то аз замину осмон бошад ба хок,
Донае худро ба зери осиё донистаем.
Кард хуни оламе помоли дастандози ноз,
Мо ҳамон он дасту поро дар ҳино донистаем.

Партавафкан гашт то акси ҷаҳонорои дӯст,
Хешро оинаи гетинамо донистаем.
Мекашад берун зи тир аз ҷазбаи пайкон туро,
Мо дили ғамдидаро оҳанрабо донистаем.
Аз шаҳодат нест моро давлате зебандатар,
Сояи теғи туро боли ҳумо донистаем.
Сода кард аз коҳдеворе сари кӯйи туро,
Ранги зарди хештанро каҳрабо донистаем.
Дидаро кай метавон кардан сиёҳ аз ҳар ғубор?
Сурмаро, Қассоб, хоки Карбало донистаем.

**348.**

Дар қафас танҳо на чашм аз ҳар таманно бастаем,
Баски дилгирем дар бар рӯйи дунё бастаем.
Дидаи моро намебошад ба бастан эҳтиёҷ,
Мурғи тасвирем, худ чашм аз тамошо бастаем.
Барнамегардад ҷавоби номаи мо ҳеҷ гоҳ,
Шарҳи ҳоли хешро бар боли анқо бастаем.
Сарбаландӣ барнамеояд зи мо чун гирдбод,
Хешро бар бод дар домони саҳро бастаем.
Бохтӣ шарти муҳаббатро, зи ёдат рафтаем,
Ин ҷаноқе буд, к-аз рӯзи азал мо бастаем.
З-иштиёқи қадди ӯ, Қассоб, дар ин гулситон,
Дил чу бори сарв бар он сарвболо бастаем.

**349.**

Умрест, ки Маҷнуни биёбони ту моем,
Савдозадаи зулфи парешони ту моем.
Он Каъбараве, к-аз сари ихлос дар ин роҳ,
Аз дида кунад таййи мағелони ту моем.

То ҷилва кунад акси ту дар олами сурат,
Пайдову ниҳон оинадорони ту моем.
Дар маъдани дарё ба умеди нами раҳмат,
Лабташнаи як қатраи найсони ту моем.
Фардо ба тиҳидастии мо сахт нагирӣ,
Имрӯз дар ин хона чу меҳмони ту моем.
Ғофил зи хазон ҷумла дар ин гулшани тасвир,
Гул то ба ҳазор, он ҳама ҳайрони ту моем.
Хиҷлатзада аз бими гунаҳ чанд тавон буд?
Раҳме, ки сазовор ба эҳсони ту моем.
Гулгункафан оем ба саҳрои қиёмат,
Сад шукр, ки дар ҷирга шаҳидони ту моем.
Чун мавҷ наояд ба ҷуз оворагӣ аз мо,
Дар баҳри фано бе сару сомони ту моем.
Мапсанд, ки маҳрум зи даргоҳи ту монем,
Эй шоҳи сарафроз, гадоёни ту моем.
Берун макун аз гардани мо тавқи итоат,
Чун фохтаи сарви хиромони ту моем.
Моро набувад қудрати қурбони ту гаштан,
Қасссоб, ки қурбонии қурбони ту моем.

**350.**

Он самандармашрабам, к-аз оташи пинҳониям,
Резаи ахгар фурӯ резад зи болафшониям.
То кунӣ берун сар аз савдои бесомониям,
Аз фалохун пурс шарҳи ҳоли саргардониям.
Аз тунукзарфӣ ба дарё хона дорам чун ҳубоб,
Нест беш аз як нафас ободии вайрониям.
Ҳар кӣ аз бори тааллуқ бенасиб озодатар,
Мезанад бар мавҷ паҳлӯ киштии тӯфониям.

Хонаи чуғдам, харобӣ мекунад таъмири ман,
Бештар аз мақдами сел аст ободониям.
Хомтабъӣ бин, ки гаштам пиру чун тифлон ҳанӯз,
Дар муҳаббат тифли мактабхонаи нодониям.
Чашм бастан маҳви рухсори туро даркор нест,
Зери теғи имтиҳонат дидаи қурбониям.
Аз диёрам ин қадар, Қассоб, мепурсӣ чаро?
Сокини хоки Хуросонам, вале Кошониям.

**351.**

Аз нигоҳе раст аз ҳастӣ ҳубоби тангчашм,
Нест беш аз як дам айёми шабоби тангчашм.
Зери ин ғирболи афлок аз чӣ ҳайрон мондаӣ,
Сар бурун кай метавон кард аз ҳисоби тангчашм?
Риштаро обе насиб аз риштаи сӯзан нашуд,
Кай гулӯ тар метавон кардан зи оби тангчашм?
Чашми айш аз чашми миноранг беҷо доштам,
Маст натвон гашт ҳаргиз аз шароби тангчашм.
Бо Сулаймон ҳашмати худро баробар дидааст,
Дидае мӯре агар ояд ба хоби тангчашм.
Ҳусни ӯ дарёи бепоёну ишқи мо сароб,
Кай бувад огоҳ аз дарё сароби тангчашм?
З-ин ғазал, Қассоб, хуш дорам,ки Роқим гуфтааст:
«Қатраафшонӣ бувад кори саҳоби тангчашм».

**352.**

Шудам таслим дар кӯйи ту, манзилро тамошо кун,
Ба хоку хун нишастам то камар, гилро тамошо кун.
Зи тан дурӣ намуд аз як табассум, сайр кун ҷонро,
Зи худ рафт аз нигоҳе, тоқати дилро тамошо кун.

Канорам боз сабз аз донаи ашки надомат шуд,
Биё, бар чашми ман биншину ҳосилро тамошо кун.
Ба сар доғи ҷунун пайдост, пинҳон сӯхт бояд дил,
Дар ин девонагиҳо ақли комилро тамошо кун.
Тариқи ҷонфишониро ту, эй булбул, чӣ медонӣ?
Биё, парвонанисбат шамъи маҳфилро тамошо кун.
Зи дил ҳаргиз намегардад хато як тири мижгонаш,
Шикорандозии сайёди қобилро тамошо кун.
Ниҳода вусма бар абрӯйи хунрез аз пайи қатлам,
Ба захр олудани шамшери қотилро тамошо кун.
Аҷоиб ваҳшате, Қассоб, дар хуни ҷигар дорам,
Тапиданҳои мурғи нимбисмилро тамошо кун.

**353.**

Соқӣ, биёву дар қадаҳ аз лутф бода кун,
Раҳме ба ҳоли ошиқи азпофитода кун.
Боре ғубори кулфатам аз лавҳи дил бишӯй,
Ин лавҳро чу сафҳаи ойина сода кун.
Дорам ман аз хаёли ту дар сина шуълае,
Бинмой рӯю оташи моро зиёда кун.
Восил ба ӯ нагашта, ибодат дуруст нест,
Дар Каъба гар намоз гузорӣ, иода кун.
Ҷуз дӯст он чи ба назар ояд, бипӯш чашм,
Бар рӯйи он нигор дари дил кушода кун.
Аввал зи дард тӯшаи роҳе ба ҳам расон,
Он гоҳ азми рафтану таҳсили ҷода кун.
Маълуми мо шудаст, ки аз сар гузаштаӣ,
Қассоб, роҳи сулҳ зи дилдор ирода кун.

**354.**

Доғи дилро кард аз чок ошкоро пираҳан,
Оқибат дар ишқ моро сохт расво пираҳан.

Танг дар оғӯшаш овардан насиби мо нашуд,
Ин саодатро зи майдон бурд танҳо пираҳан.
Ишрате дорам бо гесӯю чашму қоматат,
Номусалмоншона, кофарсурма, тарсопираҳан.
Магзар аз ҳақ, бе ту ҳар шаб то саҳар дар сӯхтан
Мекунад имдодҳо чун шамъ бо мо пираҳан.
Нашъаи кайфияти маънӣ зи лафзи нозук аст,
Бодаро пӯшанд майхорон зи мино пираҳан.
Сидқ пеш овар, ки аз эъҷози хубон дур нест
Дидаи Яъқубро гар сохт бино пираҳан.
Сина шуд, Қассоб, чун гул чок-чок аз дасти сабр,
Бар рухи дил оқибат бикшуд дарҳо пираҳан.

**355.**

На ҳамчун хол бар кунҷи лабаш ҷо метавон кардан,
На аз лаъли лабаш қатъи таманно метавон кардан.
Куҷо банди ниқоб аз рӯйи ӯ во метавон кардан,
На абрӯяш ба як ангушт пайдо метавон кардан.
Магар бӯйи насими зулфи ёре бишкуфад дилро
В-агарна кай ба нохун ғунчаро во метавон кардан?
Машав, эй шамъи муштоқон, замоне аз назар ғоиб,
Даме чун мардумак бар чашми мо ҷо метавон кардан.
Задӣ чун тир, сайри ваҳшати дар хун тапидан кун,
Ки сайди нимбисмилро[1] тамошо метавон кардан.
Ба хатти пушти лаб хатти баногӯшаш сухан дорад,
Гумонаш он ки бо ёқут даъво метавон кардан.
Тавон гуфтан сухан, Қассоб, чанд аз лаъли нӯшинаш,
Куҷо ширин даҳон аз ҳарфи ҳалво метавон кардан?!

1. **Нимбисмил** – нимкушта.

## 356.

Умрест саросар, ки ба озор манам, ман,
Саргашта дар ин ҳалқаи паргор манам, ман.
Дар гулшани маънӣ гули бехор туӣ, ту,
Пеши назари халқи ҷаҳон хор манам, ман.
Сарве зи ғами фохта озод туӣ, ту,
Пеши қади сарви ту гирифтор манам, ман.
Пеш о, ки давои дили бемор туӣ, ту,
Раҳме, ки зи ҳиҷрони ту бемор манам, ман.
Аз дида ниҳон дар ҳама офоқ туӣ, ту,
Дар ҳар ду ҷаҳон толиби дидор манам, ман.
Аз чашм фурӯшандаи сад фитна туӣ, ту
В-аз лутф назар кун, ки харидор манам, ман.
Шаб то ба саҳар шамъи дилафрӯз туӣ, ту,
Парвонаи парсӯхта, эй ёр, манам, ман.
Зинҳор машав пайрави ин зуҳдфурӯшон,
Қассоб, аз ин тоифа безор манам, ман.

## 357.

Хуш ишратест бо дили доно гиристан,
Бар кишти хеш дар дили шабҳо гиристан.
Ҳосил зи умр агар талабӣ, боядат мудом
Бар кишти хеш бар дили шабҳо гиристан.
Бар ҳоли худ ба даргаҳи ӯ пешбиниест,
Имрӯз дар мусибати фардо гиристан.
Танҳо ба дидае натавон доди гиря дод,
Чун абр бояд аз ҳама аъзо гиристан.
Бояд ба пойи сарви чаман бо сад орзу
Рафтан, ба ёди он қади раъно гиристан.
Ту сарви ҷӯйборию мо абри навбаҳор,
Аз туст ҷилва кардану аз мо гиристан.

Дар маҷлисе, ки ҷой кунад дар кафи ту ҷом,
Хун бояд аз нишот чу мино гиристан.
Қассоб, тангнои қафас сайри гӯшаест
То кай тавон ба домани саҳро гиристан?

### 358.

Кай шавад маълуми ҳар бегона шарҳи ҳоли ман?
Дигаре ҷуз дӯст огаҳ нест аз аҳволи ман.
Чун зи хеш огаҳ тавонам гашт, к-аз бахти сиёҳ
Тор созад хонаи ойинаро тимсоли ман.
Мурғи тасвирам, маро дар дил ғами парвоз нест,
Рӯзи аввал баста бар мӯе мусаввир[1] боли ман.
Ҳамчу доғи лола аз беҳосилӣ дар ин чаман
Менамояд тирабахтӣ дар қабои[2] оли[3] ман.
Шоҳроҳи ишқро нозам, ки дар ҳар як қадам
Ғам ду манзил пеш меояд ба истиқболи ман.
Бо ғами ҳаҷри ту шабҳои ҷудоӣ рози дил
Мекунад изҳор бе имо забони лоли ман.
Зоҳидо, бархез, то қисмат кунем асбоби айш,
Ҳури ҷаннат аз ту, дарди доғи ҷонон моли ман.
З-интизори макдамаш, Қассоб, дар роҳи талаб,
Ман шудам помоли сабрӯ сабр шуд помоли ман.

### 359.

Сар кун сухан аз он лабу дафъи мамот[4] кун,
Хунҳо зи рашк бар дили оби ҳаёт кун.
Аз як табассуми шакарин мағзи пистаро
Бинмо зи лутфу боз ҳамон дар набот кун.

---

1. **Мусаввир** – сураткаш.
2. **Қабо** – ҷома, навъе аз либос.
3. **Ол** – сурхи нимранг.
4. **Мамот** – марг.

Баҳри хироҷи ҳусн зи мо нақди ҷон бигир,
Он гоҳ хат бароварy пушти барот кун.
Аз шаш ҷиҳат ба лашкари ғам банд ор роҳ,
Рух барфурӯзу шоҳ дар ин арса мот кун.
Пандам зи ҷома пора намудан чӣ медиҳӣ?
Аз нури дида манъи дили бевафот кун.
Биншин даме, фидои ту гардам, ба дидаам,
Як раҳ назар ба ман зи раҳи илтифот кун.
Қассоб, мустаҳиқи тамошои ҳусни туст,
Бинмо ҷамоли хешу ҳисоби закот кун.

**360.**

Шавӣ ҳар ҷо дучори чашмаш, изҳори муҳаббат кун,
Дар ин майхона чун ворид шавӣ, май нӯшу ишрат кун.
Ба ҳар ҳолат, ки бошад, дастгирӣ кун заифонро,
Расӣ бар машҳади[1] парвона гар рӯзе, зиёрат кун.
Даро ғофил ба тан ҳар гаҳ, ки бинӣ рафтаам аз худ,
Ба ҷуз меҳри ту ҳар чизе, ки дар дил буд, ғорат кун.
Зи ҷӯши куштагони теғи нози хеш оламро
Зи ҷо бархезу бинмо ҷилвае, барпо қиёмат кун.
Зи ҳаҷрат мурдаму як раҳ маро бар сар намеоӣ,
Ба қурбони сарат гардам, биёю тарки одат кун.
Ба таъмири вуҷудам об деҳ шамшери абрӯро,
Чӣ шуд умрест вайрон кардаӣ, як дам иморат кун.
Намегӯям «бурун о», ё «биё» беихтиёрам ман,
Бирав, эй ҷону ҷонон он чи фармояд, итоат кун.
Либоси зиндагиро нест осоиш, агар хоҳӣ
Равӣ чун дар кафан, то метавонӣ хоби роҳат кун.
Ҳузури қалб битвон ёфт, Қассоб, аз қаноатҳо,
Туро чун кард бисмил, бош таслиму қаноат кун.

---

1. **Машҳад** – маҳалли шаҳодат, ҷои кушта шудан.

### 361.

Эй фараҳнок остонат саҷдагоҳи ошиқон,
Хишти фарши боргоҳат меҳру моҳи ошиқон.
Сар ба тоҷи Қайсару Хоқон намеояд фурӯ,
Дар сарири хоксорӣ шабкулоҳи ошиқон.
Гум шавад хуршед аз касрат ба зери дасту по,
Чун бурун оянд дар маҳшар сипоҳи ошиқон.
Ҷунбиши зулфи дилозорат насими боғи хулд,
Сояи қадди дилосоят паноҳи ошиқон.
Дар ҳарими дида аз обу ҳавои ҳусни туст,
Шуълаам ҷаввола мегардад нигоҳи ошиқон.
Куштагони нози ӯро шоҳиде даркор нест,
Чеҳраи зард аст дар маҳшар гувоҳи ошиқон.
Сар ба ғайр аз тавқ натвон кард бар ҷойи дигар,
Дар миёни қалъа занҷир аст роҳи ошиқон.
То камар омад зибас дорад чу ҷавҳар по дар об,
Аз замин чун теғ мерӯяд гиёҳи ошиқон.
Бозмедорад таҳайюр котиби аъмолро,
Пур намебошад гирифте бар гуноҳи ошиқон.
То ба кай хоҳӣ шикастан хотири Қассобро,
Ҷони ман, парҳез кун аз тири оҳи ошиқон?

### 362.

Саропоям чаман шуд, бас гули ҳасрат дамид аз ман,
Чӣ рангоранг гулҳое тавон ҳар рӯз чид аз ман.
Бурун шуд рӯшноӣ аз назар, то рафт он дилбар,
Тиҳӣ шуд қолаб аз рӯҳи равон, то по кашид аз ман.
Қадам хам шуд чу абрӯ, то зи дил баргашт мижгонаш,
Ба ҷойи ашк хун борид чашмам, то бурид аз ман.
Надорад меҳр, гӯё кин бувад дар мазҳаби хубон
В-агарна ҷуз муҳаббат ҳарфи дигар кай шунид аз ман?

Надорам ҷинси нобобе, ки тарсам ройгон гардад,
Ба сад ҷон кай ғамашро метавонад кас харид аз ман?
Ба қурбони ту гардам, з-орзу аз ман чӣ мепурсӣ?
Чӣ меояд ба даргоҳи ту дигар ҷуз умед аз ман.
Ба ман бисёр мемонад, намедонам, ки сунъи Ҳақ
Маро аз хоки ғам, ё хоки ғамро офарид аз ман.
Нигоҳи шӯхи ӯ, тарсам, дар ин саҳрои пурваҳшат,
Наёбад манзили худро зи ноз аз бас рамид аз ман.
Ба гуфтори Назирӣ[1] хешро, Қассоб, мехоҳам,
Ки дар рӯзи ҷазо мазлумтар набвад шаҳид аз ман.

**363.**

Олимо, илм зи дилҳо на ту дорию на ман,
Хабар аз шӯриши дунё на ту дорию на ман.
Нашъае ҳаст дар ин базм ниҳон дар ҳар дил,
Илм аз ин бодаю мино на ту дорию на ман.
Дар саре нест дар ин даҳр, ки савдое нест,
Хабаре з-он сару савдо на ту дорию на ман.
Эй дил, аз печу хами зулфи бутон чашм бидор,
Раҳ дар ин силсила асло на ту дорию на ман.
Ба хаёли қадаш, эй моҳ, чӣ саргардонӣ?
Роҳ дар олами боло на ту дорию на ман.
Он чи имрӯз бар он мову ту дорем низоъ,
Бохабар бош, ки фардо на ту дорию на ман.
Ҳаст, Қассоб, ҷаҳоне, ки тамошо дорад,
Ҳайф, к-ин дидаи бино на ту дорию на ман.

1. **Назирӣ** – исмаш Муҳаммадҳусайн мебошад, яке аз устодони сабки ҳиндӣ буд. Ӯ дар ҷавонӣ аз ватани худ Нишопури Хуросон ба Ҳинд рафта, ба шуҳрати зиёде соҳиб гардид ва дар соли 1023/1614 дар Аҳмадободи Гуҷарот вафот намуд.

### 364.

Ҳусни ту аз нур асту ҷон, ниме аз ин, ниме аз он
В-аз шиੇру шаккар он даҳон, ниме аз ин, ниме аз он.
Оби наботу ангубин бисёр ҷамъ омад, ки шуд
Лаъли ту, эй ширинзабон, ниме аз ин, ниме аз он.
Рӯ дод чандин гуфтугӯ бо мушку анбар, то аз он
Холи рухат омад аён, ниме аз ин, ниме аз он.
Гӯё қади сарви туро бо ҷону дил дар ин чаман
Пайванд карда боғбон, ниме аз ин, ниме аз он.
Дар гулшани хубӣ шуда аз лолаву гул оразат,
Эй дилнавози ошиқон, ниме аз ин, ниме аз он.
Ошӯби ин нуҳ осмон, ё шӯриши кавну макон,
Шуд печутоби он миён, ниме аз ин, ниме аз он.
Ду чашми мастат ҳар яке доранд ниме аз дилам,
Осон гирифтан кай тавон, ниме аз ин, ниме аз он?
Зад аз ҷамоли лолагун в-аз чашми масти пурфусун,
Қассобро оташ ба ҷон, ниме аз ин, ниме аз он.

### 365.

Ман намегӯям, ки манъи наргиси ғаммоз кун,
Бандаи чашмат шавам, то метавонӣ ноз кун!
Кори ушшоқи парешонрӯзгор аз даст рафт,
Чанд рӯзе тори қонуни муҳаббат соз кун.
Метавон ойина кардан махрами асрори хеш,
Чун забони бастаам додӣ, аниси роз кун.
Кас чу ман ошуфтаи зулфи диловези ту нест,
Гар парешонхотирӣ хоҳӣ, маро овоз кун.
Гулшани дилхост дар паҳлуят, аз банди қабо
Як гиреҳ бикшову чандин ғунчаро дил боз кун.
Сар зад аз гарди узори ёр хат, эй мурғи дил,
Турфа доме дар чаман густурда шуд, парвоз кун.

Новакаш, Қассоб, саргарм аз тани хокӣ гузашт,
Мерасад аз гарди раҳ тираш ба дил, дар боз кун.

**366.**

Нолаам аз дил ба сад афсӯс меояд бурун,
Ин садо умрест з-ин ноқус меояд бурун.
То чароғи ҳастиям дар хонаи тан равшан аст,
Розам аз ин пардаи фонус меояд бурун.
Дар бисоти покбозон зуд расво мешавад,
Зуҳд агар аз хирқаи солус меояд бурун.
Ғунча аз гулчин дилаш ҷамъ аст, то дар парда аст,
Гул абас з-ин пардаи номус меояд бурун.
То ба рӯзи ҳашр доғаш бӯйи мотам медиҳад,
Лолае, к-он аз замини Тус меояд бурун.
Тухми ҳасрат баски з-ин рухсор дар дил киштаам,
Гул зи хокам чун пари товус меояд бурун.
Кай ҳино, Қассоб, дар роҳаш тавонад сабз шуд?
Хуни мо аз уҳдаи побӯс меояд бурун.

**367.**

Ба қасди дилрабоӣ, чун кунад азми миён бастан,
Магар дар бандагӣ бояд асиронро ба ҷон бастан?
Бувад осонтар аз ранги ҳино бар по ҳино бастан,
Ба он чобукинон бар қатли муштоқон миён бастан.
Миён чун баста шуд дар бандагӣ дигар намебояд,
Диле бар кини душман, ё ба меҳри дӯстон бастан.
Илоҷи саркашон з-афтодагиҳо метавон кардан,
Тавон аз хок пеши роҳ бар оби равон бастан.
Ба нохун кай кушояд уқда чун афтод дар корат?
Набоист ин қадар дил бар таманнои ҷаҳон бастан.

Бувад бо хоксорон улфате равшанзамиронро,
Ба сад занҷир натвон меҳрро бар осмон бастан.
Зи бими хасм агар хоҳӣ даре бар рӯйи худ бандӣ,
Аҷаб қуфлест дар бадгӯии мардум забон бастан.
Гули коғаз бувад чандон ки рангин мешавад расво,
Маҳол аст ин ки истеъдодро бар худ тавон бастан.
Зи як санги қаноат мардро гар ҳиммате бошад,
Ба Яъҷуҷи ҳавас садди Сикандар метавон бастан.
Куҷо дасти карамро бухл монеъ метавонад шуд?
Зи резиш кай кафи абри баҳоронро тавон бастан?
Агар хоҳӣ даре аз ғайб бикшоянд бар рӯят,
Набояд дидаро чун ҳалқа бар ҳар остон бастан.
Фитодӣ аз назар, Қассоб, чун санг осиё бастан,
Миён аз сахтҷонӣ дар талоши обу нон бастан.

**368.**

Ба ҷӯши ҳусн ҳаё пеша кун, ки дарх(в)ар аст ин,
Ки ин арӯс бар ҳама сар асту чодар аст ин.
Фитод чун назарамро гузор ба холи ту гуфтам:
Ки ҳаст рӯйи ту дарёи ҳусну анбар аст ин.
Чу дар қаламрави хубӣ рухаш хате бадар овард,
Ба ҳуш бош, ки муставфӣ асту дафтар аст ин.
Маро зи фарқ даме кам мабод сояи теғат,
Ки дар раҳи ту ҳаминам сар асту афсар аст ин.
Ба зӯри ишқ тавон шерро шикор намуд,
Ки шоҳбоз бувад одамию шаҳпар аст ин.
Сипоҳи ғамза ҷилаврез тохт бар дили тангам,
Ки Шоҳҳасан фуруд омадасту лашкар аст ин.
Намуда ҷой ба меъроҷ рафта-рафта малоҳат,
Ба иҷтиҳод расидаст ҳусну минбар аст ин.

Ба рӯйи саҳфаи дил нақш баста зи зулфаш,
Ки содалавҳ ҳар он кас фитод мистар аст ин.
Ба даври чашми ту Қассобро дил аст пур аз хун,
Нишаста бар дари майхона асту соғар аст ин.

**369.**

Намоӣ чун ту ораз кай лаб аз афғон тавон бастан?
Чу гул пайдо шавад натвон забони булбулон бастан.
Ба сарви қоматаш з-он рӯ набастам дил, ки донистам,
Зи мушти хас ба нахли шуъла натвон ошён бастан.
Задан, куштан, ба хоку хун кашидан, саргарон будан,
Бувад дар шони ӯ бар қатли муштоқон миён бастан.
Тавон додан ба дасти ноз то кай теғи истиғно,
Зи хуни мо ҳино то кай ба дасту по тавон бастан?
Мусаххар то тавон кард офтоби оразн ӯро,
Чаро Қассоб бояд дил ба ин маҳталъатон бастан?

**370.**

Маро, ки нест даме рӯҳ дар бадан бе ту,
Ҳаром бод дигар зиндагӣ ба ман бе ту.
Ба ҷустуҷӯйи ту баъд аз вафот хоҳам гашт
Ба гирди хеш чу фонус дар кафан бе ту.
Куҷост ҷилваи қаддат, ки сарв дар чашмам
Бувад чу дуд, ки бархезад аз чаман бе ту.
Зи дасти кӯтаҳу беҳосилӣ чӣ созам пас,
Сазад агар занам оташ ба хештан бе ту.
Чӣ шуъласӯзи диёрам зи ғурбат афзун аст,
Чу шамъ чанд тавон сӯхт дар ватан бе ту?
Сипанд зи оташу парвона аз ҳарорати шамъ
Насӯхтанд зи ишқ ончунон, ки ман бе ту.

Зи пой то ба сарам ҳамчу шамъ з-оташи ишқ
Бисӯхт решаи ҷону гудохт тан бе ту.
Дилам ту дориву ман дорам аз азал ғами ту,
На бе манӣ ту ба ҳар ҷо равӣ, на ман бе ту.
Аҷаб мадон шаби ҳиҷрон хамӯшии Қассоб,
Задаст ишқ варо қуфл бар даҳан бе ту.

## 371.

Оламеро карда саргардон тавофи кӯйи ту,
Менамояд кaҷ ба мардум қиблаи абрӯйи ту.
Панҷаи хуршед барметобад аз рӯйи ғазаб,
Аз ғурури ҳусн зӯру қуввати бозуи ту.
Аз руху лаъли лабат дар боғ мегиранд вом,
Лола рангу ғунча бӯ доим зи рангубӯйи ту.
Дар раҳат аз рӯйи шавқ, эй қиблаи ҷон, кардаам
Пушт бар меҳроб, то дидам хами абрӯйи ту.
Рӯ ба ҳар ҷое касе дорад барои ҳоҷате,
Ҳаст моро, эй шаҳи дармондагон, рӯ сӯйи ту.
Дар бисоти ишқ чун парвона охир сӯхтам,
Эй чароғи ошиқон, аз иштиёқи рӯйи ту.
Водии ишқ асту дар гардан мани девонаро
Кори сад занҷир бармеояд аз як мӯйи ту.
Пой то сар адлро нозам, ки дар саҳрои ишқ
Меситонад боҷ аз шери жаён оҳуи ту.
Даст кӯтоҳ аст аз домони оташ хорро,
Чун кашад, Қассоб, ин оташ иннони хӯйи ту?!

## 372.

Дарди ӯ ҳарчанд бисёр аст, дар ҷон бош, гӯ!
Ёр аз ин маънӣ хабардор аст, пинҳон бош, гӯ!

Мо, ки дар пеши ғам асло пой кам н-овардаем,
Муддаои ӯ гар озор аст, ҳиҷрон бош, гӯ!
Кулбаи бе дӯстро таъмир кардан аблаҳист,
Дил тиҳӣ чун аз ғами ёр аст, вайрон бош, гӯ!
Дар ҳақиқат мансаби ойинаву ошиқ якест,
Ҳардуро мақсуд дидор аст, урён бош, гӯ!
Аз шакарханди сипеҳри пурфиреб аз раҳ марав,
Охир ин бераҳм хунхор аст, хандон бош, гӯ!
Ҷинси донишро намегиранд бедардон ба ҳеч,
Ин гуҳар чун бехаридор аст, арзон бош, гӯ!
Мекунад, Қассоб, ҷӯши гиря равшан дидаро,
То чароғи мо шарарбор аст, сӯзон бош, гӯ!

**373.**

Рафтӣ зи чашму монд ба ҷо моҷарои ту,
Холист дар ду дидаам, эй дӯст, ҷойи ту.
Гӯӣ ки рӯшноиям аз дида рафтааст,
То гиря шуста аз назарам хоки пойи ту.
Хокам ба сар, ки аз дилу ҷон дар вуҷуди ман
Чизе намондааст, ки созам фидои ту.
Чун қолаб аст бар сари раҳ монда нотавон,
Н-ояд дар ин замон, ки ба гӯшам садои ту.
Бисёр гаштаам ба гулистон, надидаам
Як барги гул ба шӯхии ранги қабои ту.
Бояд бурунаш аз қафаси сина кард зуд
Мурғи диле, ки пар назанад дар ҳавои ту.
Пинҳон макун зи ойина рухсори хешро,
Чандон ки касби нур кунад аз сафои ту.
Бикшо даре зи лутф, ки Қассоб дидаро
Кардаст ҳалқаи дари давлатсарои ту.

## 374.

Маро дар ҳарду олам ҳеҷ ёре нест, ғайр аз ту,
Ба дастам тарфи домони нигоре нест, ғайр аз ту.
Бикун то метавонӣ ҳар чӣ мехоҳӣ, ки дар гетӣ
Ба дасти кас инони ихтиёре нест, ғайр аз ту.
Гузаргоҳе ба хоки куштагони хештан мекун,
Ки ин амвотро шамъи мазоре нест, ғайр аз ту.
Маро, эй абр, сероб аз нами дарёи раҳмат кун,
Ки нахли бебарамро навбаҳоре нест, ғайр аз ту.
Либоси мағфиратро пардапӯши ҷурмҳо гардон,
Чӣ рӯзӣ, вой, нафси пардадоре нест, ғайр аз ту.
Ҳама тан гӯш гардондаст овози ту гулҳоро,
Дар ин гулзор сар то сар ҳазоре нест, ғайр аз ту.
Ба қурбонат шавам пои саодат дар рикоб овар,
Ки майдони мурувватро саворе нест, ғайр аз ту.
Дар ин гулшан, ки бебаргӣ бувад сомон ниҳолашро,
Маро дар хотир, эй гул, хор-хоре нест, ғайр аз ту.
Туро Қассоб аз бехонумонӣ метавон гуфтан,
Ки дар олам парешонрӯзгоре нест, ғайр аз ту.

## 375.

Дар сайдгаҳ дароӣ чун бо каманди гесӯ,
Рам мекунад зи ҳайрат ваҳшат зи ёди оҳу.
Мизони ишвасанҷист болои чашмат абрӯ,
Хам гашта аз гаронӣ шоҳини ин тарозу.
Гоҳе намояд эҳё, гоҳе кушад ба имо,
Эъҷоз гӯям инро, ё сеҳри чашми ҷоду?
Ҳуснат, даме ки ояд чун баҳр дар талотум,
Тӯфон кунад чу чашмат, ё мавҷ чини абрӯ?
Зулфи ту дасти шамшод аз шона кард берун,
Шайдои панҷа гардам, қурбони зӯри бозу.

Дар вақти хоби роҳат болини пар шуморад,
Онро, ки менишинад тири туаш ба паҳлу.
Аз ҳар кӣ ҳар чӣ бинад гӯяд зи содалавҳӣ,
Ойина кори худро бо халқ карда якрӯ.
То бод накҳат овард аз ҳалқаҳои зулфат,
Ошуфта шуд димоғам з-ин лолаҳои шаббӯ.
Мушти ғубори моро боди сабо зи кӯяш,
Гаҳ мекашад ба паҳлу, гаҳ мебарад ба зону.
Гар теғ борад он ҷо, Қассоб, ҷон нигаҳ дор,
Аз сар тавон гузаштан, натвон гузашт аз он кӯ.

**376.**

Қосид ба дилбар дарди мо, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Чун нест дардамро даво, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Эй ҳудҳуди бӯстонсаро, шарҳи ҳадиси дарди мо,
Чун нест он маҳро вафо, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Боре бигӯ бар қатли мо, пур даст бар тиркаш мазан,
Кард он нигаҳро сурмасо, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Бо ӯ бигӯ: Дорад хатар, рафтан ба базми муддаӣ,
З-ин навъ дигар ҳарфҳо, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Чун мехӯрад бо ӯ бигӯ: Банди гиребон во макун,
Во кардани банди қабо, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Аз шоми ҳаҷрам порае, албатта, изҳоре бикун,
Боқӣ дигар з-ин моҷаро, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Бо ӯ бигӯ: Бастан миён бар кини ошиқ баднамост,
Бастан ҳино бар дасту по, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!
Қассоб, ҳоли ошиқон бо он дилоро арз кун,
Аз мои бебаргунаво, хоҳӣ бигӯ, хоҳӣ магӯ!

**377.**

Биё, эй булбул, аз ман гуфтугӯҳои ҳазин бишнав,
Ҳадиси дарднок аз хотири андӯҳгин бишнав.

Нигоҳе кун ба сӯзи гиряам шабҳои танҳоӣ,
Чу шамъ аз ман ҳикоят бо забони оташин бишнав.
Ба як наззора чашмаш мекунад тасхир оламро,
Румузи дилбарӣ з-он наргиси сеҳрофарин бишнав.
Илоҷ аз марг гардад ишқро, тадбир натвонӣ,
Ҳамин рамз аз забони Исии гардуннишин бишнав.
Занад чун мурғи рӯҳам пар зи шавқат дар тапиданҳо,
Зи боли вай садои шаҳпари Рӯҳуламин бишнав.
Дар ин бутхона пайкони ғамат ҷо дар дилам дорад,
Аз ин ноқус афғон бо забони оҳанин бишнав.
Хатар дарёнишинро бештар аз мавҷ мебошад,
Зи тӯфонҳои безинҳори он чини ҷабин бишнав.
Бикаш теғ аз миён, эй ман фидои дасту бозуят,
Ба сад шавқ аз лаби захмам садои офарин бишнав.
Манам, Қассоб, калби[1] остони Ҳайдари Сафдар,
Агар хоҳӣ бидонӣ номам, аз саҷъи[2] нигин бишнав.

## 378.

Ҳадиси шоми ҳаҷр аз булбули тарфи чаман бишнав,
Румузи ғунчаро гулчин чӣ медонад? Зи ман бишнав.
Назарбозӣ туро дур аз азизи хеш месозад,
Бипӯшон дидаро аз Мисру бӯйи пираҳан бишнав.
Ба боғ аз андалебон нуктапардозӣ чӣ мепурсӣ?
Биё, аз ман замоне васфи он гулпираҳан бишнав.
Диле дар оташу аз гиря дар оби намак дорам,
Агар оҳе кашам, бӯйи кабобам аз даҳан бишнав.
Чу мор аз бими қаҳрат шуъла дар зинҳор меояд,
Агар бовар намедорӣ, зи шамъи анҷуман бишнав.

1. **Калб** – саг.
2. **Саҷъ** – сухани боқофия.

Пас аз мурдан гузорат уфтад гар бар сари хокам,
Навои ҳой-ҳои ал-фироқам аз кафан бишнав.
Биё, эй дилрабо, Қассобро гардон фидои худ,
Таъаммул чист, қурбони сарат гардам, сухан бишнав.

**379.**

Ба хатташ метавон гардид ром оҳиста-оҳиста,
Ки Қуръон метавон хондан тамом оҳиста-оҳиста.
Зи сайёдӣ, ки ман мебинам инак, мекашад охир
Ба бӯйи хол оламро ба дом оҳиста-оҳиста.
Рухат чун дид з-он рашке, ки медоранд маҳрӯён,
Ҳилоле шуд зи ғам моҳи тамом оҳиста-оҳиста.
Гаронихои по аз соя месозад замингирам,
Ба ҳар ҷо мениҳам аз заъф гом оҳиста-оҳиста.
Гаҳе дар тоби зулфам, порае дар тоби рухсорам,
Ба ҳасрат мегудозам субҳу шом оҳиста-оҳиста.
Фалак, Қассоб, гӯӣ дар ҷаҳон хуни Сиёвуш аст,
Зи ман мегирад, инак, интиқом оҳиста-оҳиста.

**380.**

Мерасӣ аз роҳу баҳри мо сафо овардаӣ,
Аз диёри ҳусн савғоти вафо овардаӣ.
Бар матои ҳусн агар нозе кунӣ, мезебадат,
Тоҷири[1] ҳуснӣ туву ҷинси[2] хаё овардаӣ.
Он чи мебинем аз ҳусни ту ҳам Юсуф надошт,
Ин ҳама лутфу малоҳат[3] аз куҷо овардаӣ?
Ин хати сабз аст бар даври лаби чун шаккарат?
Ё бароти тоза баҳри қатли мо овардаӣ?

1. **Тоҷир** – савдогар.
2. **Ҷинс** – навъ, матоъ.
3. **Малоҳат** – зебоӣ.

Метавонӣ кушт аз наззорае Қассобро,
Гар шакарханде барои хунбаҳо овардаӣ.

### 381.

Шуд аз фироқи туам қомати кашида хамида,
Ҳазор хори маломат ба пойи дида халида.
Шаби гузашта ба ёди рухи ту мардуми чашмам
Ҳазор қатраи хун хӯрда, то сапеда дамида.
Ҳазор бор дилам мезанад ба гирди сарат пар,
Надидааст касе сайди парбурида парида.
Ба шӯразор бувад бештар чарогаҳи оҳу,
Ба ҳайратам, ки ғизолам[1] чаро зи дида рамида?
Зи акси неку бад ойинаро малол набошад,
Якест дар бари равшандилон надидаву дида.
Бурун хиром, ки каррубиёни олами боло
Кашанд хоки даратро зи шавқи дида ба дида.
Зи шавқи дидани рӯят зи дида то сари кӯят,
Чӣ чора madди нигоҳам ба сар давида, на дида?
Расонд реша ба хун рафта-рафта нахли сиришкам[2],
Аз ин ниҳол самар то ба ҳам расида-расида.
Ба ёди дӯст ба сар бар, висол агар надиҳад рӯ,
Якест дар бари булбул гули начидаву чида.
Чӣ бок аз дили Қассоб, к-аз фишори ҳаводис[3],
Ҳазор мартаба хун гаштаву зи дида чакида?

### 382.

Манам дар ошиқӣ ҳамтолеи парвона афтода,
Зи рухсори ту сад ҷо оташам дар хона афтода.

1. **Ғизол** – оҳу.
2. **Сиришк** – оби чашм.
3. **Ҳаводис** – ҷамъи ҳодиса.

Ба ҳар ҷо меравам, шавқи ғамат санги ҷафо бар каф,
Чу тифли шӯх дунболи мани девона афтода.
Дар ин кунҷи ҷудоӣ ҳаргизам н-ояд касе бар сар,
Гузори сели ашкам гаҳ бар ин вайрона афтода.
Аҷаб набвад, шавад гар тӯтиё аз гардиши даврон,
Дилам дар зери ин нуҳ осиё чун дона афтода.
Насим имрӯз дигар хотири ошуфтае дорад,
Магар зулфи дилорояш ба дасти шона афтода?
Зи ман аҳволи холу гардиши чашмаш чӣ мепурсӣ?
- Сияҳмастест бехуд бар дари майхона афтода.
Намедонам, чӣ май дар ҷом дорад чашми ӯ, Қассоб,
Ки оташ бар дилам з-ин гардиши паймона афтода.

**383.**

Эй нигаҳ бо назарат ҳам маю ҳам майхона,
Гардиши чашми ту ҳам соқию ҳам паймона.
Ҳам мусалмон зи ту ҳоҷат талабад, ҳам кофар,
Тоқи абрӯйи ту ҳам масҷиду ҳам бутхона.
Наргисат бо ҳама дар оштию ҳам дар ҷанг,
Нигаҳат бо ҳама ҳам маҳраму ҳам бегона.
Лаби ширини ту ҳам қут[1] бувад, ҳам ёқут,
Холи гирои ту ҳам дом бувад, ҳам дона.
Гоҳ бо васл ба сар мебараду гаҳ бо ҳаҷр,
Гоҳ обод бувад дил зи ту, гаҳ вайрона.
Ту гаҳе шамъию гаҳ гул, чӣ аҷаб, бошад агар,
Ки диҳад дил ба ту ҳам булбулу ҳам парвона.
Гуфт: «Қассоб, ту девона шудӣ, ё ошиқ?»
Эй, ба қурбони ту, ҳам ошиқу ҳам девона.

1. **Қут** – хӯрок, таом.

**384.**

Бо сабр сохтам, ба вафо мебарам паноҳ,
Мурдам зи дарди ӯ, ба даво мебарам паноҳ.
Шояд ки Хизри раҳ бинамояд ба ман раҳе,
Гум гаштаам, ба раҳнамо мебарам паноҳ.
Шуд чормавҷа киштиям аз дасти саъйи ту,
Эй нохудо, бирав, ба Худо мебарам паноҳ.
Оқил наям, ки сабр ба фарёди ман расад,
Девонаам, ба дорушшифо мебарам паноҳ.
Ғайр аз ризо ба тири қазо ҳеч чора нест,
Гаштам ризо, ба тири қазо мебарам паноҳ.
Ёбам магар шукуфтагие аз дами Масеҳ,
Чун ғунча дарҳамам, ба сабо мебарам паноҳ.
Дорам чу коҳ пушт ба девори кӯйи дӯст,
Аз заъфи тан ба коҳрабо мебарам паноҳ.
Қассоб, аз ҷафои сипеҳр омадам ба танг,
Бар даргаҳи Имом Ризо мебарам паноҳ.

**385.**

Кай ҷуз лабаш ба ҷойи дигар мебарам паноҳ?
Мӯри хатам, ба тунги шакар мебарам паноҳ.
Имшаб ба ранги шамъ ба ёди ҷамоли дӯст
Месӯзаму ба оҳи саҳар мебарам паноҳ.
Сад бор агар ба ҷавр биронӣ зи назди хеш,
Бар даргаҳи ту бори дигар мебарам паноҳ.
З-иксири ин ҷаҳон миси қалбам тило нашуд,
Бар кимиёи аҳли назар мебарам паноҳ.
Шояд ки касби нур намояд зи оразаш,
Бар офтоб ҳамчу қамар мебарам паноҳ.
Сар мекашам зи ҷаври ҳаводис ба зери бол,
Чун мурғи тирхӯрда ба пар мебарам паноҳ.

Чун мавҷаи сиришк бурун рафтам аз назар,
Аз баҳр даргузашта, ба бар[1] мебарам паноҳ.
Корам нашуд зи даргаҳи аҳли маҷоз рост,
Қассоб, ман ба ҷойи дигар мебарам паноҳ.

**386.**

... Магардон аз сарам кам сояи боли қаноатро,
Ба хонам з-орзуи неъмати алвони шоҳӣ деҳ.
Фурӯ бурдӣ ба қаъри баҳр ғаввосони маъниро,
Маро дар хок ҳам завқи тапиданҳои моҳӣ деҳ.
Ҳавас бемор сер аз зиндагӣ бисёр медорад,
Ба Қассоб, эй табиби меҳрубон, ҳар чиз хоҳӣ деҳ.

**387.**

Он тан, ки зинда нест зи меҳраш хароб беҳ,
Он дил, ки сӯзи ишқ надорад, кабоб беҳ.
Ин аст чун нишоти саранҷоми зиндагӣ,
Чандон, ки умр беш намояд, шитоб беҳ.
Муштоқи як нигоҳи ту муҳтоҷи Каъба нест,
Майхораро зи чашмаи Зам-Зам шароб беҳ.
Ушшоқро ба зиннати рӯйи замин чӣ кор?
Парвонаро чароғ бувад з-офтоб беҳ.
Қассоб, пур зи мадраса ин дарди сар макаш,
Як ҳарф дарси ишқ зи чандин китоб беҳ.

**388.**

Тарки сар ногуфта, дил бар меҳри ҷонон бастаӣ,
Нестӣ ошиқ, чаро бар хеш буҳтон бастаӣ?!
Саъй кун, эй дида, то пайдо кунӣ сарчашмае,
Чун садаф дилро чаро бар абри найсон бастаӣ?!

1. **Барр** – хушкӣ.

Ҳеч кас аз сеҳри чашмат сар намеорад бурун,
Аз нигоҳе роҳ ба габрӯ мусалмон бастаӣ.
Манзили ҷамъияти осоиши дилҳост ин,
Чист ин туҳмат, ки бар зулфи парешон бастаӣ?!
Дар лабат мавҷи табассум бахяи дилҳои мост,
Хуни чандин захм аз гарди намакдон бастаӣ.
Сайди домафтодаро сайёд бандад болу пар,
Ҳайрате дорам, ки чунам ришта бар ҷон бастаӣ?!
Кай фаромӯшат кунам, эй ҷон, гиреҳ бикшо зи зулф,
Аз чиам ин ришта бар ангушти найсон бастаӣ?
Гӯсфанди туст Қассоб, аз назар н-андозияш,
Тарбият кун беҳтараш, чун хеш қурбон бастаӣ.

## 389.

Эй шабчароғи дилҳо, саҳбост[1] дар пиёла,
Ё акси рӯйи моҳат пайдост дар пиёла?
Кайфияте зи чашмат шуд дар шароб дохил,
Ё он ки духтари раз[2] танҳост дар пиёла?
Афтод чун нигоҳат дар ҷоми бода кофист,
Дигар шароб кардан беҷост дар пиёла.
Соғар зи акси рӯят ҷоми ҷаҳоннамо шуд,
Рамзе, ки буд пинҳон, пайдост дар пиёла.
Ҳуззори[3] маҷлисатро таъзими туст воҷиб[4],
Аз саҷдаи сурохӣ[5] расвост дар пиёла.
Гуфтӣ, ки чист дар ҷом, ҷуз ҷону дил чӣ дорам,
Соқӣ, фидои ҷонат, инҳост дар пиёла.

---

1. **Саҳбо** – шароби сурх.
2. **Раз** – ток. **Духтари раз** – киноя аз май.
3. **Ҳуззор** – ҷамъи ҳозир, ҳозирон.
4. **Воҷиб** – лозим, зарурӣ.
5. **Сурохӣ** – шишаи май.

Гул-гул шукуфт ҳуснат аз тоби гармии май,
Дар гулситонам имшаб гулҳост дар пиёла.
То акси шамъи рӯяш афтодааст дар ҷом,
Парвонагеш, Қассоб, аз мост дар пиёла.

**390.**

Дило, ба кори ҷаҳон изтироб, яъне чӣ?
Шудан шиновари баҳри сароб, яъне чӣ?
Кашида теғи дудам субҳ, аз миён бархез,
Ба зери сояи шамшер хоб, яъне чӣ?
Ба даври хат нигаҳаш нашъаи дигар дорад,
Дар ин баҳор нахӯрдан шароб, яъне чӣ?
Чу мавҷ бигзар аз ин баҳру чин бар абрӯ зан,
Дар об хайма задан чун ҳубоб, яъне чӣ?
Ба суръат ар гузарад ёр, дам мазан, Қассоб,
Касе зи умр напурсад шитоб, яъне чӣ?

**391.**

Зи худ дар ишқ чун парвона бояд бехабар гардӣ,
Агар хоҳӣ, шабе он шамъро бар гирди сар гардӣ.
Бирав, эй носеҳи бедард, аз ҷонам чӣ мехоҳӣ?
Раҳи ишқ аст, метарсам, зи ман саргаштатар гардӣ.
Ба як наззораи ӯ мефурӯшӣ ҳар ду оламро,
Агар як гом бо ман дар муҳаббат ҳамсафар гардӣ.
Дарахти бесамарро боғбон дур аз чаман созад,
Ниҳоле шав, ки дар боғи муҳаббат борвар гардӣ.
Ба дарё мавҷ бошу бар сари оташ самандар шав,
Дар ойин ҷаҳд кун, то рӯшиноси хушку тар гардӣ.
Маро аз гуфтугӯйи дунйиву уқбо баровардӣ,
Бирав, эй дил, ки то бошӣ ту, дар хуни ҷигар гардӣ.
Хатар, Қассоб, бисёр аст, гар васл орзу дорӣ,
Мабодо дар раҳи ӯ то нагардӣ кушта, баргардӣ.

## 392.

То кай ба базми шавқи ғамат ҷо кунад касе?
Хунро ба ҷойи бода ба мино кунад касе.
Абрӯ-т мебарад дилу ҳошост кори ӯ,
Бо каҷҳисоби ишқ чӣ савдо кунад касе?
То мурғи дил парид, гирифтори дом шуд,
Сайёд кай гузошт, ки пар во кунад касе?
Дунёву охират ба нигоҳе фурӯхтам,
Савдо чунин хуш аст, ки якҷо кунад касе.
Эй шохи гул, ба ҳар тарафе майл мекунӣ,
Тарсам, дароздастии беҷо кунад касе.
Нашкуфт ғунчае, ки ба боди фано нарафт,
Дар ин чаман чӣ гуна диле во кунад касе?
Хуш гулшанест, ҳайф, ки гулчини рӯзгор
Фурсат намедиҳад, ки тамошо кунад касе.
Ҳаргиз касе ба дарди касе вонамерасад,
Худро абас-абас ба кӣ расво кунад касе?!
Умри азизи худ манамо сарфи нокасон,
Ҳайф аз тило, ки харҷи муталло кунад касе.
Дандон, ки дар даҳан набувад, ханда баднамост,
Дуккони беҷатоъ чаро во кунад касе?!
Бар равзаҳои хулд қадам метавон гузошт,
Қассоб, агар зиёрати дилҳо кунад касе.

## 393.

То кай фироқномаат иншо кунад касе?
Сад сафҳаро ба хуни дил имло кунад касе.
Резам ба дида чанд зи дил хуни маҳзро,
То кай зи кӯза об ба дарё кунад касе?
Ҳосил барои ибрати ин рӯзгор нест,
Ин дидаро зи баҳри чӣ бино кунад касе?

Дунёст ҳечу ҳар чи дар ӯ ҳаст, ҷумла пуч,
Аз баҳри ҳечу пуч чӣ ғавғо кунад касе?
Ин хонаро чу вақф бар авлод кардаанд,
Бо ин бародарон зи чӣ даъво кунад касе?
Чизе ба кас надод, ки нагрифт боз аз ӯ,
Дигар аз ин ҷаҳон чӣ таманно кунад касе?
Тифлон ба мо музоиқа аз санг мекунанд,
Худро дигар барои чӣ расво кунад касе?
Гардида субҳ пунбаи гӯши нуҳ осмон,
То чанд оҳу нолаи беҷо кунад касе?
Аз мағзхушк чарбзабон баҳрае набурд,
Дар деги чӯб[1] баҳри чӣ ҳалво кунад касе?
Қассоб, ҳар кӣ ҳаст, фурӯмондаи худ аст,
Тӯмори шиква пеши чӣ кас во кунад касе?!

## 394.

Шавад бас аз нигоҳе оразі он тундхӯ ранге,
Намояд дар назарҳо ҳар замон он моҳрӯ ранге.
Тиҳӣ гардон дил аз хуни ҷигар, то дида тар созӣ,
Ки май дар ҷом ранге дораду андар сабӯ ранге.
Ба даргоҳи хасисон илтиҷо кам бар, ки мебозӣ
Дар ин даҳрӯза дорад дар ҷаҳон, то обрӯ ранге.
Ҳавои лаъли нӯшини лабаш берун кун аз хотир,
Ки гирди шаккаристонаш надорад орзу ранге.
Бирав, Қассоб, берун кун зи хотир фикри нотиқро,
Бари хубон надорӣ ҳеч ҷо дар гуфтугӯ ранге.

## 395.

Ба қадри дӯстӣ бар ҳоли муштоқон назар дорӣ,
Аз он ҷамъ аст моро дил, ки аз дилҳо хабар дорӣ.

1. Мақсуд деги чӯбин аст.

Дар ин гулшан зи ранги лолаву гул гашт маълумам,
Ки дар ҳар гӯшае чандин чу ман хунинҷигар дорӣ.
Парешон зулфу кокул дорӣ, аммо кофарам, кофар,
Ба олам гар сияҳрӯзе зи ман саргаштатар дорӣ.
Чу дом аз ҳар тараф дорем чашме дар замин ҳайрон,
Ба роҳи интизорат, то киро аз хок бардорӣ.
Нагардад рост корат аз каҷӣ бе қуввати толеъ,
Ба бозӯ чун камони ҳалқа гар чандин ҳунар дорӣ.
Фалак, Қассоб, ҳар дам дӯстӣ бо дигаре дорад,
Чӣ чашми мардумӣ з-ин бевафои фитнагар дорӣ?!

**396.**

Он ки рух бинмуду равшан сохт ҷон дар тан, туӣ!
Он ки оташ зад ба ман чун барқ дар хирман, туӣ!
Он ки андар як табассум кард ҷон дар тан, туӣ!
Он ки ҷон бигрифт аз як заҳри чашм аз ман, туӣ!
Шуълаҳои оҳи ҷонсӯз аз кӣ мепурсӣ, ки чист,
Он ки зад бар оташи бечорагон доман, туӣ!
Эй насими кӯйи ёр, ин саргаронӣ то ба кай?
Мерасонад он ки бар мо бӯйи пироҳан, туӣ!
Ҷилва кун дар боғ, то гиранд гулҳо аз ту ранг,
Чун ҷамолорову зинатбахши ин гулшан, туӣ!
Мерасонад он ки дар олам барои парвариш
Мӯри аъморо зи эҳсон бар сари хирман, туӣ!
Дар ҳарими ошиқони дӯст ҷойи ғайр нест,
Он ки чун меҳри ту дар дил мекунад маскан, туӣ!
Чашми омурзиш ба даргоҳи ту дорам рӯзу шаб,
Метавонад он ки бахшояд гуноҳи ман, туӣ!
Метавонӣ партаве Қассобро дар дил фиканд,
Он ки шамъи меҳру маҳро мекунад равшан, туӣ!

## 397.

Рух намудӣ, ошиқам кардӣ, гузаштӣ, ёр, ҳай,
Мурдам аз дарди ҷудоӣ, раҳме, эй дилдор, ҳай.
Эй табиби ман, чу инсоф аст, бераҳмӣ чаро?
Метавон як бор омад бар сари бемор, ҳай.
Баъди мурдан бар мазорам бигзар, эй сарви равон,
Зиндаам кун боз аз як ҷилваи рафтор, ҳай.
Мекунӣ бар рағми ман бо ғайр улфат, шарм дор,
Оқибат хоҳӣ пушаймон гашт аз ин кирдор, ҳай.
Азлу насби ҳусну хубӣ панҷ рӯзе беш нест,
Зуд хоҳӣ кард аз ин карда истиғфор, ҳай.
Он чӣ бо мо карда дар хобӣ, зи хеш огаҳ наӣ,
Мешавӣ охир аз ин хоби гарон бедор, ҳай.
Гуфтаат беҷо бувад, Қассобу кирдорат хато,
Дод аз ин гуфтору сад фарёд аз ин кирдор, ҳай!

## 398.

Ёди мо ҳаргиз накардӣ, ёр, ҳай,
Рафт кор аз дасту даст аз кор, ҳай.
Чанд сӯзам з-оташи дил рӯзу шаб?
Беш аз ин тоқат надорам, ёр, ҳай.
Аз ғамат, эй турки оташхӯ, маро
Дида гирён асту дил хунбор, ҳай.
Чанд нолам ҳамчу булбул дар фироқ?
Рӯй бинмо, эй гули бехор, ҳай.
Шарҳи ҳиҷрон чун баён созам, ки нест
Дар забонам қуввати гуфтор, ҳай.
Ҳар чи гуфтӣ, маҳзи ботил будааст,
Шарм кун, Қассоб, аз ин гуфтор ҳай.

## 399.

Ҷони ман, гар шудӣ аз суҳбати ман сер, бигӯй!
Гар шудӣ аз мани мотамзада дилгир, бигӯй!
Ту шикорафгану ман сайди ту, бемеҳрӣ чист?
Гар надорӣ сари сайёдии нахчир, бигӯй!
Ҳар чи гуфтам ба ту аз рӯйи вафо, нашнидӣ,
Гар надорад суханам пеши ту таъсир, бигӯй!
Ин ҳама дӯстию меҳр ба ағёр чаро?
Гар маро ҳаст ҷаве пеши ту тақсир[1], бигӯй!
Рӯзу шаб аз мани меҳнатзада рӯ гардонӣ,
Кӣ бароварда туро боз ба тасхир, бигӯй?!
Боз агар даст биёбӣ ба висолаш, Қассоб,
Ин суханҳо, ки туро ҳаст, ба тафсир, бигӯй!

## 400.

Мекунам каъбасифат тавфи сари кӯйи касе,
Бурда аз роҳ диламро хами абрӯйи касе.
Эй насими саҳар, имрӯз ба худ меболӣ,
Магар афтода раҳат бар хами гесуйи касе?
Сомирӣ, к-ин ҳама дар сеҳр ба худ меболид,
Барнахӯрдаст ба як наргиси ҷодуйи касе.
Эй шаб, аз тирагии хеш мазан лофи гизоф,
Зулмат он аст, ки ман дидаам аз мӯйи касе.
Эй сабо, атрфишонӣ, зи куҷо меоӣ?
Бехудам соз, гар овардаӣ аз бӯйи касе.
Кай тавонам, ки ба домон занамаш дасти висол,
Ман, ки рӯ сӯйи касе дораму ӯ сӯйи касе?
Бохабар бош аз ин тоифа охир, Қассоб,
Мешавӣ кушта зи теғи хами абрӯйи касе.

1. **Тақсир** – кӯтоҳӣ, хато.

## 401.

Ҳаргиз ба коми дил нанишастем рӯ ба рӯй,
Як лаҳза бо висоли ту, эй турки тундхӯй.
Хизр он қадар, ки дошт ғами оби зиндагӣ,
Дорем мо ба шарбати теғи ту орзуй.
Бар чашми ман хирому замоне қарор гир,
То сарват обхӯр шавад аз ин канори ҷӯй.
Чун тифли кундфаҳм зи такрори дарси ишқ,
Доим фитода пеши туам гиря дар гулӯй.
Бо теғи кина чун расад он шӯх аз ғазаб,
Қассоб, ҷон фидо куну аз вай матоб рӯй.

## 402.

Эй, меҳри дилфурӯз, гули рӯйи кистӣ?
В-эй моҳи нав, намунаи абрӯйи кистӣ?
Рам мекунӣ зи сояи мижгони хештан,
Эй аз ҳарамбаромада, оҳуи кистӣ?
Атри абир[1] гирди ҷаҳонро гирифтааст,
Боз, эй сабо, равон зи сари кӯйи кистӣ?
То субҳ ҳамчу шамъ зи ҳайрат гудохтам,
Эй шоми тира, ҳалқае аз мӯйи кистӣ?
Аз худ хабар набошадам, эй дил, зи ман мапурс,
Маҷрӯҳи тири ғамзаи абрӯйи кистӣ?
Баҳри қисос парваришат медиҳад шубон,
Қассоб, гӯсфанди сари кӯйи кистӣ?

## 403.

Эй тундхӯ, зи чист, ки ёрам намешавӣ?
Як лаҳза роҳати дили зорам намешавӣ.
Ҳаргиз зи дида масту харобам намекунӣ,
Паймонавор рафъи хуморам намешавӣ.

1. **Абир** – хушбӯй.

Ё Раб, чӣ ваҳшии ту, ки дар сайдгоҳи ишқ,
Гар чарх[1] мешавам, ту шикорам намешавӣ?
Дармони дардманду давоям намедиҳӣ,
Шамъию зинати шаби торам намешавӣ.
Гӯӣ, ки: «Пеши ғайр ба гирди сарам магард»,
Танҳо, ки ҳеч ҷой дучорам намешавӣ.
Қассобро бигӯй, ки он шӯх дар чаман,
Мегуфт: «Он гулам, ки ту хорам намешавӣ».

## 404.

Нафас дар синаам чун нолаи тор аст, пиндорӣ,
Бисоти ишратам гарм аз дили зор аст, пиндорӣ.
Барафкан парда аз рухсору бинмо моҳи тобонро,
Ки бе рӯйи ту рӯзам чун шаби тор аст, пиндорӣ.
Гирифтам чун сари зулфи ту, аз каф рафт имонам,
Ба дастам ҳар сари мӯйи ту зуннор аст, пиндорӣ.
Ба таълими Фалотун хотирам розӣ намегардад,
Дилам дар каҷмизоҷӣ тифли бемор аст, пиндорӣ.
Ба ҳар ҷо меравам, даст аз дили ман барнамедорад,
Дар ин меҳнатнасибиҳо ғамам ёр аст, пиндорӣ.
Ба ҷойи сабза з-оби дидаи мо лола мерӯяд,
Мадори кишти мо бо чашми хунбор аст, пиндорӣ.
Бирав, Қассоб, з-ин дарде, ки мо дорем, то маҳшар,
Туро оҳу маро ин нола даркор аст, пиндорӣ.

## 405.

Дар Каъбаву бутхона зи ҳусни ту, санам, ҳой,
Ишқ омадаву рехта дил бар сари ҳам, ҳой.
То чанд тавон рехт сиришк аз мижа бар дил,
Фардост, ки вайрон шуда ин хона зи нам, ҳой?

1. **Чарх ва чарғ** – мурғи шикорӣ.

Бар хештан аз шавқ кунам пора кафанро,
Гар бар сари хокам ниҳӣ аз лутф қадам, ҳой.
Чун субҳаи бигсаста фурӯ рехта сад дил,
То зулфи туро шона ҷудо кард зи ҳам, ҳой.
З-ин умр тамошои ту чун сайр тавон кард,
Фарёд аз ин чархи пуру мояи кам, ҳой.
Ошуфтатар аз бод гузаштему накардем
Дар кӯйи ту хоке ба сари хеш зи ғам, ҳой.
Аз дида нигаҳ бар хами абрӯ-ш кун, эй дил,
Зинҳор мапарҳез аз ин теғи дудам, ҳой.
Рухсори ту осон натавон дид аз андом,
Гардида ҳаё пардаи фонуси ҳарам, ҳой.
Қассоб, бувад номаи қатли ту, ҳазар кун,
З-он хат, ки лабаш карда дигар тоза рақам, ҳой.

**406.**

Баски кардам гиря, шуд хунобам аз аъзо тиҳӣ,
Дидаам шуд з-интизори ӯ зи диданҳо тиҳӣ.
То шудӣ аз дида ғоиб, ҷон зи ҷисм омад ба лаб,
Мастро паймона пур шуд, гашт чун мино тиҳӣ.
Ёфтам дигар, ки коре барнамеояд аз ӯ,
Чун сари шӯридаи мо гашт аз савдо тиҳӣ.
Хушк шуд бо он ки чашмам чашмаи зоянда буд,
Аз ҳуҷуми гиря охир гашт ин дарё тиҳӣ.
Чун ҷарас умре ба сар бурдем дар афғон, нашуд
Маҳмили ӯ заррае аз бори истиғно тиҳӣ.
Партави нури ту дорад ҷилва дар ойинаҳо,
Чун назар бардоштӣ, монданд қолабҳо тиҳӣ.
Май бихӯр, Қассобу ишрат кун, ки дар базми қазо
Бодаи меҳнат нашуд ҳаргиз зи ҷоми мо тиҳӣ.

### 407.

Боз о, ки зи дил зангзудо, балки ту бошӣ,
Равшангари ойинаи мо, балки ту бошӣ.
Ҳоҷатталабонро зи карам он хами абрӯй
Бинмой, ки меҳроби дуо, балки ту бошӣ.
Ҳар сӯй, ки гардӣ, назарат ҷониби ёр аст,
Эй дидаи ман, қибланамо, балки ту бошӣ.
Аз сояи мижгони худ, эй шӯх, дар ин дашт
Рам мекунӣ, оҳуи Хито, балки ту бошӣ.
Оҷиз зи илоҷи дили мо гашта Фалотун,
Эй лаъли лаби ёр, даво, балки ту бошӣ.
Дар бодияи бехабарӣ гумшудагонем,
Ин қофиларо роҳнамо, балки ту бошӣ.
Лоиқ набувад шиква зи дилдор намудан,
Қассоб, сазовори ҷафо, балки ту бошӣ.

### 408.

Бино наям он лаҳза, ки бо мо ту набошӣ,
Бедидаам он рӯз, ки пайдо ту набошӣ.
Эй подшаҳи кавну макон, дар ду ҷаҳон нест
Як сар, ки дар он мояи савдо ту набошӣ.
Дар арзу само карда басе сайру надидем,
Як зарра, к-аз он зарра ҳувайдо ту набошӣ.
Дар Каъбаву бутхона ба ҳар ҷо, ки гузаштем,
Ҷое нарасидем, ки он ҷо ту набошӣ.
Вайрон шавад ин хона зи селоби ҳаводис,
Эй вой, агар мӯниси дилҳо ту набошӣ.
Бе бонги ту дигар накушоям дари дилро,
Ҳарчанд ки гӯянд мабодо ту набошӣ.
Эй дӯст, дар ин баҳри хатарнок чӣ созам,
Он лаҳза, ки фарёдраси мо ту набошӣ?!

Ҷаҳде куну аз гиря гулобе ба каф овар,
Эй дида, мисоли гули зебо ту набошӣ.
Қассоб, рафиқе чу ғамаш дар ду ҷаҳон нест,
Ҷаҳде, ки дар ин бодия танҳо ту набошӣ.

**409.**

Бигзашт зи ҳад кори дили зор, куҷоӣ?
Мурдам зи ғам, эй мӯниси ғамхор, куҷоӣ?
Бисёр дилам тира шуд аз занги кудурат,
Равшангари ин ойинаи тор, куҷоӣ?
Бехор гуле дар чамани даҳр начидем,
Бинмой ҷамол, эй гули бехор, куҷоӣ?
Холӣ зи ту ҷое наву ҷӯёи ту бисёр,
Пинҳон наву пайдо наӣ, эй ёр, куҷоӣ?
Бо ҷилва даро, то шавад ошӯби қиёмат,
Бинмой қад, эй қомати дилдор, куҷоӣ?
Эй лаъли лаби ёр, баён соз ҳадисе,
Гулқанди давои дили бемор, куҷоӣ?
Дар ҷилва бувад ёр шабу рӯзу ту ғофил,
Хобӣ магар, эй дидаи бедор, куҷоӣ?
З-аҳволи ту огоҳ наем, эй дили Қассоб,
Оҳе бикаш, эй мурғи гирифтор, куҷоӣ?!

**410.**

Ба худ чанд, эй дили бетоқат, аз афсонаҳо печӣ?
Чу мӯйи дидаоташ ҳар замон бар шонаҳо печӣ.
Гиребони либоси Каъбаи дил метавон гаштан,
Чаро бар дасту по чун домани девонаҳо печӣ?
Барояд то зи дастат, маҷлисе равшан кун аз ораз,
Чу дуди шамъ то кай бар пари парвонаҳо печӣ?

Чу тори анкабут охир дар ин мотамсаро то кай
Зи ғафлат бар дару девори ин вайронаҳо печӣ?!
Бичӯ роҳе, ки то аз хештан берун ниҳӣ поро,
Ба худ чун дуд то кай дар даруни хонаҳо печӣ?
Чу хум дар гӯшагирӣ бошу нопайдо бимон, то кай
Зи бемағзӣ чу бӯйи бода дар майхонаҳо печӣ?!
Дар ин боғи ҷаҳон, Қассоб, берун кун сар аз ҷое,
Чу кирми тор[1] то кай хешро дар лонаҳо печӣ?!

**411.**

Магар он замон ба ҳоли дили ман расида бошӣ,
Ки ҳадиси дарднокам зи касе шунида бошӣ.
Шавад он замон тасаллӣ зи ту дил, ки баъди қатлам
Зи ҷафо кашон-кашонам ба замин кашида бошӣ.
Зи худӣ баро чу мардон, ки ғизоли дилфиребаш
Ба ту ром гардад он дам, ки зи худ рамида бошӣ.
Зи шароби шавқи васлаш шавӣ огаҳ он замоне,
Ки ту ҳам ба базм аз ин май қадаҳе чашида бошӣ.
Ба сипеҳри сарфарозӣ расӣ он даме чу бисмил,
Ки ба боли хоксорӣ ба замин тапида бошӣ.
Зи нишоти аввал афтӣ ба замин зи сустии пар,
Чу ҳаданг агар ба боли дигаре парида бошӣ.
Агарат ҳавост улвӣ, чу ҳаданг ростра бош,
Ки зи бас каҷӣ мабодо чу камон хамида бошӣ.
Ту чу шамъ дар муҳаббат шавӣ он замон тавоно,
Ки ба пойи нотавонӣ сари хеш дида бошӣ.
Манигар ба қадри Қассоб, ки бебаҳо харидӣ,
Ту қиёси бандае кун, ки ба зар харида бошӣ.

1. Кирми тор – кирми пилла.

## 412.

Бишнавӣ гар зи мани ғамзада панде, мардӣ,
Дил ба ин даҳри ситампеша набандӣ, мардӣ.
Хандаву шӯхии беҷойи гул аз бедардист,
Гар аз ин ишрати даҳрӯза нахандӣ, мардӣ.
Бед бар хештан аз бими буридан ларзад,
Агар аз ҳодисаи даҳр начандӣ[1], мардӣ.
Кандани сурати Ширин бувад осон дар кӯҳ,
Агар аз ҷон дили мотамзада кандӣ, мардӣ.
Пеши мо кардани таҳсили даво номардист,
Чу шудӣ ошиқ, агар дардписандӣ, мардӣ.
Он чи бар худ railсандӣ зи бадиҳо, Қассоб,
Он бадиро ба касе гар announced, мардӣ.

## 413.

Дар раҳи ишқ агар пайрави дардӣ, мардӣ,
Толиби хуни дилу чеҳраи зардӣ, мардӣ.
Ёд гир аз гиреҳи бод ҷаҳонпаймоӣ,
Дар парешонӣ агар бодиягардӣ, мардӣ.
Чун кашидаст сафи лашкари ғам чор тараф,
Ту агар дар сафи ин маърака фардӣ, мардӣ.
Каъбатайну[2] ду-шаш[3] андар кафи номардон аст,
Чун ту бенақш дар ин тахтаи нардӣ, мардӣ.
Кафи бемағз саропарда ба соҳил заду рафт,
Ту чу селоб агар баҳрнавардӣ, мардӣ.
Хоксорӣ диҳадат ҷой ба чашми мардум,
Ту дар ин роҳ замингир чу гардӣ, мардӣ.
Сухан ин аст, ки гар дар раҳи ҷонон, Қассоб,
Тарки сар гуфтию инкор накардӣ, мардӣ.

---

1. **Чандидан, чандиш** – ба худ ларзидан аст.
2. **Каъбатайн** – муҳраи нард.
3. **Ду-шаш** – нақше аз бозии нард.

## 414.

Дар замони мо намеборад саҳоби[1] зиндагӣ,
Хушк гардидаст дар сарчашма оби зиндагӣ.
Аз ҷафои беҳади айёму гардишҳои даҳр,
Гашта кӯтаҳ риштаи умрам зи тоби зиндагӣ.
Нест осоиш ба базми даҳр, дар минои[2] тан
Ҳаст боқӣ қатрае то аз шароби зиндагӣ.
Бо ду чашми хунчакон умрест андар оташам,
Нест кас дар ишқ беш аз ман кабоби зиндагӣ.
Меравад бо он ки дар як рӯзу шаб садсола роҳ,
Изтироби мо бувад беш аз шитоби зиндагӣ.
Ғайри шарҳи номуродӣ маънии дигар надошт
Дарси ҳар фасле, ки хондем аз китоби зиндагӣ.
Кай тавон омад бурун аз зербори як нафас,
Вой, агар дар ҳашр пурсандат ҳисоби зиндагӣ?
Шарҳ натвон кард пеши кас зи ҷаври чархи пир[3],
Он чи мо дидем з-айёми шубоби зиндагӣ.
Метавон, Қассоб, гуфташ дар ҷаҳон рӯинтан аст,
Ҳар кӣ меорад дар ин айём тоби зиндагӣ.

## 415.

Бар рухи ҳар орзу дар банд, то маҳрам шавӣ,
Дида пӯш аз сайри боғи хулд, то Одам шавӣ.
Мекунад аз тарки лаззат мум ҷо дар чашми доғ,
Дил зи васли ангубин бардор, то марҳам шавӣ.
Зад ҳубоб аз худнамоӣ хайма аз дарё бурун,
Чун садаф пастӣ гузин, то бо гуҳар ҳамдам шавӣ.
З-орзуи мӯр неҳ бар дида ангушти қабул,
То тавонӣ чун Сулаймон соҳиби хотам шавӣ.

1. **Саҳоб** – абр.
2. **Мино** – шиша.
3. **Чархи пир** – киноя аз дунё.

Сарбаландӣ боядат, афтодаеро даст гир,
Мурдае эҳё намо, то Исии Марям шавӣ.
Банд-банди устухонам ҳамчу най дорад фиғон,
Хоҳиам кардан навозиш, гар ба ман ҳамдам шавӣ.
Куштаи он ғамзаӣ, Қассоб, чун хоки туро
Ҷом агар созанд, ҷо дорад, ки ҷоми Ҷам шавӣ.

**416.**

Буте дорам, ки лаълаш бо лаби Кавсар кунад бозӣ,
Хаташ дар сафҳаи ойина бо ҷавҳар кунад бозӣ.
Диламро бурда бозикӯш тифле, к-аз раҳи шӯхӣ
Ду чашми кофараш бо масҷиду минбар кунад бозӣ.
Бути худ кардаам дар Каъбаи дил комбахшеро,
Ки дар дайру ҳарам бо муъмину кофар кунад бозӣ.
Хаёли холи рухсори касе дар оташам дорад,
Ки оҳам дар ҷигар чун дуд дар миҷмар кунад бозӣ.
Ба мижгонаш дилам саргарми бозӣ гашта, метарсам,
Зи бепарвоии тифле, ки бо ханҷар кунад бозӣ.
Ба ман паймуда май кофарсияҳмасте, ки дар маҷлис
Нигаҳ дар дидааш чун бода дар соғар кунад бозӣ.
Ба ҳангоми табассум холи лаъли дилфиребӣ ӯ
Ба ҳиндубаччае монад, ки бо шаккар кунад бозӣ.
Ба сад шӯхӣ равад тифли сиришкам то сари мижгон,
Ба ёди лаъли ӯ бо риштаи гавҳар кунад бозӣ.
Ба бозигоҳи тифле бурдаам, Қассоб, бозиро,
Ки теғи абрӯйи хунрези ӯ бо сар кунад бозӣ.

**417.**

Матлаи нигоҳам шуд бозкардаоғӯше,
Офтобрухсоре, субҳидамбаногӯше.
Зулф карда холашро тифли бастазунноре,
Сурма карда чашмашро кофари сияҳпӯше.
Чун фатилаи анбар пойтобасаратре,
Шабкулоҳи заррине, ҷомаи сандалипӯше.

Аз нигаҳ гули бодом барканоргулрезе,
Ёсумансарангуште, настаранбарудӯше.
Турфа чашму рухсоре дар ҳиҷоб аз ӯ дидам
Таркаш аз нигаҳбанде, в-аз арақ зиреҳпӯше.
Шӯхи кофаройине, душмани дилу дине,
Дермуддаофаҳме, зудкунфаромӯше.
Дар ҷавоби мактубам хатти оразаш дорад
Ҳамчу номаи маъшуқ гуфтугӯйи хомӯше.
Ҳампиёлаам имшаб бо буте, ки мебошад
Бе баҳона дар ҷанге, май нахӯрда мадҳуше.
То нигоҳи ӯ, Қассоб, тоза кард ҷонамро,
Чун хуми шароб имшаб мезанад дилам ҷӯше.

**418.**

Нест ҳамдарде, ки бардорад зи дил бори касе,
Дар ҷаҳон, ё Раб, наяфтад бо касе кори касе.
Ҳеч бедоре набошад хуфтаеш андар камин,
Чун ки дар хобӣ, битарс аз чашми бедори касе.
Каъба рафтан – дил ба даст овардани халқ асту бас,
Судманд аст он, ки мегардад харидори касе.
Ҳеч кас, ҷоно, намесӯзад чароғаш то ба субҳ,
Пур маханд, эй субҳи содиқ, бар шаби тори касе.
Дар ҷаҳон, Қассоб, гар хоҳӣ бимонӣ дар амон,
Хешро розӣ макун аз баҳри озори касе.

**419.**

То чашми фитнабоз зи ҳам боз кардаӣ,
Моро зи дида масти майи ноз кардаӣ.
Нозам забони ғамза, ки то дидаӣ маро
Аз як нигоҳ маҳрами сад роз кардаӣ.
Гардам зи теғбозии абрӯ, ки мезанӣ
Аз рост захму ном чапандоз кардаӣ.

Раҳ додаӣ ба сурма чаро чашми хешро?
Ин фитна чист, к-аз сари нав боз кардаӣ?!
Моро зи рашки суҳбати ағёр мекушӣ,
Додӣ ба худ гумон, ки ба мо ноз кардаӣ.
Ман туъмаи туам, бинишин бар шикори хеш,
Эй шоҳбоз, баҳри чӣ парвоз кардаӣ?!
Душман ниҳон ҳамешаваду дӯст дарднок,
Қассоб, шарҳи дил зи чӣ оғоз кардаӣ?!

## РУБОИЁТ

Ин манзили пурфайз, ки ҷои алам аст,
Бе фотиҳа аз дараш гузаштан ситам аст.
Бояд баадаб гузашт з-ин дар Қассоб,
Ин ҷои рафеъи мадфани Муҳташам аст.

❂❂❂

Аз дурият, эй нигор, нолам ҳама шаб,
Аз дасти ту то ба кай кашам ранҷу тааб?
Гар матлабат, эй дӯст бувад куштани ман,
Бошад нигаҳи ниҳоният Мири Ғазаб.

❂❂❂

Ҳиндуи лабат ба ғорати ҷон бинишаст,
Ё Хизр ба сарчашмаи ҳайвон бинишаст?
Ё Юсуфи Мисрияст, к-аз ҷаври замон.
Дар кунҷи чаҳе зи қайди ихвон бинишаст?

❂❂❂

Гӯӣ чашми ту сеҳру ҷоду дорад,
Сад ишваю ноз дар такопӯ дорад.
Сарчашмаи оби зидагонӣ даҳанат,
Сад ҳайфи чунин чашма, ки ҳинду дорад.

❁❁❁

Омад субҳе ба пешам он мояи ноз,
Ҷон дар қадааш фитода андар такутоз.
Гуфтам: Чӣ аҷаб, васли ту шуд рӯзии ман,
Гуфт: Овардам баро-т хурмо зи Ҳиҷоз.

❁❁❁

Дар вақти сухан чӣ гавҳар афшон кардӣ,
Аз нозу карашма офати ҷон кардӣ
Ман худ зи нигаҳ карданат аз даст шудам,
Пас, вой, аз он замон, ки хандон кардӣ.

# МУФРАДОТ ВА АБЁТИ МУТАФАРРИҚА

**1.**

Зи ман дил бурда буд оташузори тезмижгоне,
Ба сад ҷалдӣ бурун овардам аз чангаш кабоб аммо.
Набӯсида касе дар бандагӣ ғайр аз инон дасташ,
Ба пояш мегузорад дидаро гоҳе рикоб аммо.
Аз он бехонумонҳо нестам, Қассоб, то донӣ,
Ба кӯйи дӯст ман ҳам хонае дорам хароб аммо.

**2.**

Ба сӯйи мо гаҳе дилдор меояд ба ҷанг аммо,
Навозиш менамояд шишаи дилро ба санг аммо.
Надорад он назокат гул, ки бо ёраш кунам нисбат,
Ба рухсораш шабоҳат порае дорад ба ранг аммо.

**3.**

Ба ҳар дасте ҷудо паймонае дорад гули раъно,
Аҷоиб ҷилваи мастонае дорад гули раъно.
Нишаста ҳамчу мино ғунча дар ҳар домани баргаш,
Зи ҳақ магзар, аҷаб майхонае дорад гули раъно.
Миёни гулрухон даст аз дурангӣ барнамедорад,
Аҷоиб таври маъшуқонае дорад гули раъно.

**4.**

Дасти дил кӯтаҳу домони висоли ту баланд,
Кай дар ин роҳ ба ҷое расад андешаи мо?!

**5.**

Сухан хуб аст з-аввал хотири касро наранҷонад,
Ки баъд аз гуфтугӯ суде надорад лабгазиданҳо.
Ба зери абрӯяш таслим шав, Қассобу ишрат кун,
Ки бошад сояи ин теғ ҷойи вокашиданҳо.

**6.**

Чун қалам рӯзе, ки мебастам миёни хешро,
Вақфи шарҳи дӯстӣ кардам забони хешро.
Гар ба худ медоштам дасти тасаллут дар ҷаҳон,
Навбати аввал намедодам амони хешро.

**7.**

Ҳар зарраро зи меҳр камандест дар гулӯ,
Нагзоштааст доми ту як офаридаро.
Бетобие, ки дил кунад аз оразат, маранҷ,
Раҳм аст ин сипанди ба оташ расидаро.

**8.**

Метавон идрок кардан сурати аҳволи хеш,
Чашм агар бино кунӣ, олам тамом ойина аст.

**9.**

Эй оби Хизир, лаъли лаби ёр беҳ аз туст
В-эй умри абад, дидани дилдор беҳ аз туст.
Ғаммозии айби дигарон тарзи хуше нест,
Эй ойина, кам лоф, ки зангор беҳ аз туст.
Монеъ нашудӣ з-омадани ғайр ба чашмам,
Рав, эй мижа, хори сари девор беҳ аз туст.[1]

**10.**

Булбули гулшани тасвири дару деворам,
Рӯзи вайронии ман мавсими парвози ман аст.

---

1. Ин ғазал гӯё байни шуарои он аср тарҳ шуда, зеро ҷузви муфрадоти ашъори Наҷоти Исфаҳонӣ байте олӣ ба ҳамин вазну қофия ба назар расида, ки ин аст:

***Тарки ҳамаро карда, ба ман сохта умрест,***
***Қурбон шавамат, ёди ту бисёр беҳ аз туст.***

**11.**

Ҷилдест рӯзгор саросар ҳадиси ғам,
Бар ҳар варақ, ки менигарам, муддао якест.

**12.**

Гирам зи ту биноиву гардам ба ту ҳайрон,
Алқисса, ба ғайр аз ту касе дар назарам нест.

**13.**

Гӯӣ ки дар оғӯши насим аст ғуборам,
Пӯшид назар, ҳар кӣ нигоҳаш ба ман афтод.

**14.**

Ба дилнишинии доғи ту барги айше нест,
Ҳамин гул аст, ки то ҳашр рангубӯ дорад.

**15.**

Туро доданд чашму дасту по ҳар як ду, илло дил,
Ки чун Лайлист як маҳмил, туро бояд яке бошад.

**16.**

Мазан ба санги ҷафо шишаи дили моро,
Аз он битарс, ки чун бишканад, садо накунад.
Ба ҳайратам, ки чӣ сон водиест роҳи фано,
Ки ҳар кӣ рафт, дигар рӯй бар қафо накунад

**17.**

Таъмири мост хонахаробӣ, агар касе
Моро хароб мекунад, обод мекунад.

**18.**

Эминӣ, Қассоб, моро бештар з-афтодагист,
Бар тани мо хоксорӣ кори ҷавшан мекунад.

**19.**

Даст дар зулфи маҳе бояд кард,
Фикри рӯзи сияҳе бояд кард.
Ёри ман бесарупо хонда маро,
Фикри кафшу кулаҳе бояд кард.

**20.**

Чӣ бино гаштаӣ аз баҳри айби дигарон дидан,
Туро доданд мижгоне, ки сарпӯши назар бошад.
Зичашмафтода аз дил меравад, раҳм аст бар ҳолаш,
Мабодо ҳеч кас, ё Раб, фаромӯши назар бошад.

**21.**

Эй шуъла, лофи покии доман чӣ мезанӣ,
Парвонаат ҳамеша дар оғӯш мекашад.

**22.**

То наяфтад партави хуршед бар рухсори гул,
Бо худ аз дебои абрӣ соябон дорад баҳор.
Нолае, к-аз абр меояд, садои раъд нест,
Олами об аст, аз мастӣ фиғон дорад баҳор.

**24.**

Зи доное шунидам: «Ганҷ дар вайрона мебошад»,
Бинои хонаи дил ҳар қадар вайрон шавад, беҳтар.

**25.**

Раҳи халқ додӣ ба худ, ҷода бош!
Ба ин водӣ афтодӣ, афтода бош!

**26.**

Аз синаву дили мо нашнид кас садое,
Мурдем аз ҷудоӣ, эй сангдил, куҷоӣ?!
Маҳмил гузашту Лайлӣ нашнид зории мо,
То гарди корвон ҳаст, эй нола, дасту пое.
Дар мазҳаби накӯён куфр аст чини абрӯ,
Чун гул шукуфтарӯ бош, гар ҳамдами сабоӣ.

# МУХАММАСОТ

# Тазмини ғазали Хоҷаи Шероз, раҳматуллоҳи алайҳ

Эй бар қаду болоят аз хубиву раъноӣ,
Гардида нигаҳ ҳайрон дар чашми тамошоӣ,
Боз о, ки кашид охир ишқи ту ба расвоӣ,
«Эй подшаҳи хубон, дод аз ғами танҳоӣ,
Дил бе ту ба ҷон омад, вақт аст, ки боз оӣ!»

Аввал гули рухсорат саргарми фиғонам кард
В-он гаҳ хами абрӯят қасди дилу ҷонам кард,
Ишқ омаду дар охир расвои ҷаҳонам кард,
«Муштоқиву маҳҷурӣ дур аз ту чунонам кард,
К-аз даст бихоҳад шуд домони шикебоӣ».

Эй зикри туам мистар дар дафтари нокомӣ,
Эй номи туам раҳбар дар шашдари нокомӣ,
Эй захми туам марҳам дар пайкари нокомӣ,
«Эй дарди туам дармон дар бистари нокомӣ
В-эй ёди туам мӯнис дар гӯшаи танҳоӣ».

Умрест дар ин водӣ саргаштаи дилдорем,
Ҳар кас талабе дорад, мо толиби дидорем,
Дар дасти ғами ҳиҷрон дерест гирифторем,
«Дар доираи қисмат мо нуқтаи паргорем,
Лутф он чӣ ту андешӣ, ҳукм он чӣ ту фармоӣ».

Рӯзе ба хаёли ӯ дил шод ҳамекардам,
Дар гӯшаи танҳоӣ фарёд ҳамекардам,
Бар куштани хеш аз ғам имдод ҳамекардам,
«Дишаб гилаи зулфаш бо бод ҳамекардам,
Гуфто: «Ғалате, бигзар з-ин фикрати савдоӣ».

Ҷуз тири туам дар дил парвои ҳаданге нест,
Ҷуз кӯйи туам бар сар савдои фаранге нест,
Бар синаи пурдоғам ҷуз ишқи ту занге нест,
«Соқӣ, чамани гулро бе рӯйи ту ранге нест,
Шамшод хиромон кун, то боғ биёроӣ».

Дар дил зи ҳуҷуми ашк хуноб намемонад,
Фардост, ки дар чашмам селоб намемонад,
Ғоратзадаи дилро асбоб намемонад,
«Доим гули ин бӯстон шодоб намемонад,
Дарёб заифонро дар вақти тавоноӣ».

Дишаб хабари васле аз пеши нигор омад,
Бигзашт хазони ҳаҷр, айёми баҳор омад,
Қассоб, гули ишқат май хӯр, ки ба бор омад,
«Ҳофиз, ба шаби ҳиҷрон бӯйи хуши ёр омад,
Шодит муборак бод, эй ошиқи шайдоӣ!»

## Мухаммас

Эй он, ки дида арсаи ҷавлони ҳусни туст,
Ҷони ҷаҳон ба қабзаи фармони ҳусни туст,
Юсуф асири чоҳи занахдони ҳусни туст,
Ҷаннат гули канораи бӯстони ҳусни туст,
Хуршед шабнаме зи гулистони ҳусни туст.

Моро замири дил зи хаёли ту равшан аст,
Ойина аз зиёи висоли ту равшан аст,
Чашми кавокиб аз хату холи ту равшан аст,
Офоқ сар ба сар зи ҷамоли ту равшан аст,
Маҳ партаве зи шамъи шабистони ҳусни туст.

Гулро зи бӯйи хеш муаттар намудаӣ,
Дар лаъли лаб намунаи Кавсар намудаӣ,
То рӯйи хеш чун гули аҳмар намудаӣ,
Офоқро зи акс мунаввар намудаӣ,
Бикшуда чашм наргису ҳайрони ҳусни туст.

Эй ҷону дил ҳаданги нигоҳи туро ҳадаф,
Дорад ғубори роҳи ту бар хуни мо шараф,
Хуш ҷилва кард нури ҷамолат зи ҳар тараф,
То дида дар арақ гули рӯйи туро садаф,
Дар ҳар муҳит ташнаи найсони ҳусни туст.

Бакшой лаб, ки маъдани дурри фасоҳатӣ,
Бинмой рух, ки қиблаи аҳли ибодатӣ,
Марҳамгузори рӯйи дили пурҷароҳатӣ,
Аз пой то ба сар ҳама кони малоҳатӣ,
Шӯриш намакчаше зи намакдони ҳусни туст.

Аз ҳар куҷо, ки бигзарӣ, эй оташинузор,
Ҷонам фидои хоки раҳат сад ҳазор бор,
Кам дидааст мисли туе чашми рӯзгор,
Баҳри нишот чун ту ба тавсан шавӣ савор,
Гӯйи сипеҳр дар хами чавгони ҳусни туст.

Эй равшан аз ту дидаи бинои ошиқон,
Ганҷинаи сифоти ту дилҳои ошиқон,
Афтад ба рӯзи ҳашр чу даъвои ошиқон,
Манзур нест ғайри ту савдои ошиқон,
Ғавғои ҳашр бар сари девони ҳусни туст.

Эй аз нигоҳи гарм равон бахш бар бадан,
Як дам зи рӯйи лутф қадам неҳ ба чашми ман,
Чандин ҳазор ғунчаи пажмурда дар кафан,

Аз лола то ба наргису аз сабза то чаман,
Дар интизори чашмаи ҳайвони ҳусни туст.

Эй шаҳ, расон ба гӯши асирон садои хеш,
Аз рӯйи лутф кун нигаҳе пеши пойи хеш,
Чашми карам дареғ мадор аз гадои хеш,
Раҳме бикун ба куштаи бедаступойи хеш,
Қассоб солҳост, ки қурбони ҳусни туст.

## Мухаммас

Бути ман, ба ҳусну хубӣ, бахудо, ки то надорӣ,
Ба диле назар накардам, ки дар ӯ ту ҷо надорӣ,
Зи ту чун кунам, ки як ҷав ғами бенаво надорӣ,
Ба чӣ дил диҳам тасаллӣ, ки саре ба мо надорӣ,
Ба ту бо чӣ рӯ бигӯям, ки чаро вафо надорӣ?

Сари фитна чун кушояд зи паси ниқоб чашмат,
Ба яке карашма созад ду ҷаҳон хароб чашмат,
Чу ба қасди ошиқ ояд ба сари итоб чашмат,
Чу шавам зи дур пайдо, зи раҳи ҳиҷоб чашмат
Зада бар дари тағофул, ту магар ҳаё надорӣ?!

Гаҳеям ба хун нишондӣ зи раҳи ситезарангӣ,
Гаҳеям ҳалок кардӣ зи мусибати дурангӣ,
Нанамуда рух намудӣ дили мо ба тезчангӣ,
Ба мани шикастахотир чӣ накардӣ, эй фарангӣ,
Ту ба мо бигӯ, ки шарме магар аз Худо надорӣ?!

Ҳама пову сар забонӣ зи ҳикояти ниҳонӣ,
Зи калом дурфишониву зи ноз саргаронӣ,

Ба равиш сабукинониву ба рамз нуктадонӣ,
Зи нигоҳ ҷонситонӣ ба тариқи меҳрубонӣ,
Ҳама чиз дорӣ, аммо назаре ба мо надорӣ.

Зи лабу баёзи гардан ҳама шишаву пиёла,
Зи ду чашму себи ғабғаб, маза бо майи дусола,
Зи хати арақфишонат ба бунафша рехт жола,
Ба чамансарои ишқ аз гули сурх то ба лола
Ҳама ранг дорӣ, аммо гули муддао надорӣ.

Ба миёни хубрӯён чу ту кačкулоҳи ҳуснӣ,
Зада саф зи хайли мижгон сару сарсипоҳи ҳуснӣ,
Бинамой рух ба ошиқ, ки дар авҷи моҳи ҳуснӣ,
Бишунав ҳар он чи гуфтам, чу ту подшоҳи ҳуснӣ,
Назаре чаро зи эҳсон ба мани гадо надорӣ?!

Санамо, ду теғи абрӯ зи чӣ об дода будӣ?
Дигар аз барои қатлам чӣ хитоб дода будӣ,
Сухани маро ҷавобаш шакароб дода будӣ,
Нашунида ҳарфи Қассобу ҷавоб дода будӣ,
Ту, ки муддатест, асло хабаре зи мо надорӣ.

## Мухаммас

Ин зулфи сияҳ нест, ғами ҷони ман ин аст,
Ошӯбрасони шаби ҳиҷрони ман ин аст,
Ҷамъияти аҳволи парешони ман ин аст,
Сарриштаи куфри ману имони ман ин аст,
Дар ҳар ду ҷаҳон силсилаҷунбони ман ин аст.

Дерест, ки дил дар шикани мӯйи ту дорам,
Ҷон дар қадами комати дилҷӯйи ту дорам,

Афсар ба сар аз хоки сари кӯйи ту дорам,
Дил дар ҳаваси турраи гесуйи ту дорам,
Ман булбуламу сайри гулистони ман ин аст.

Қаддат ба чаман ҷилва чу бунёд намояд,
Аз рашк туро сарв ба шамшод намояд,
Худ бандаи ту чун мани озод намояд,
Манъаш макун, ар дил зи ту бедод намояд,
Дар гулшани дил сарви хиромони ман ин аст.

Хоҳам, ки ба қурбони туву таври ту гардам,
Биншиниву паргорсифат даври ту гардам,
Қурбони ту аз баҳри туву ҷаври ту гардам,
Бархезаму Яъқубсифат даври ту гардам,
Ёрон, чӣ кунам, Юсуфи Канъони ман ин аст.

Ҷуз лахти дил аз хони ғамат баҳр надорам,
Дар косаи базми ту ба ҷуз заҳр надорам,
Ҷое ба ҷуз аз кӯйи ту дар даҳр надорам,
Ғайр аз ту касе ман, ки дар ин шаҳр надорам,
Сарви ману боғи ману бӯстони ман ин аст.

То сар зада хатти ту, ба дил ғолиябез аст,
Абрӯйи ту умрест, ки бо мо ба ситез аст,
Бозуи ту пурқуввату шамшери ту тез аст,
Бисёр, азизон, барам ин моҳ азиз аст,
Дар хилвати дил шамъи шабистони ман ин аст.

Эй шӯх, ба ширинии гуфтори ту савганд,
Бар чошнии лаъли шакарбори ту савганд,
Бар ҳошияи мусҳафи рухсори ту савганд,

Бар холу хату орази гулнори ту савганд,
Савганд ба хатти ту, ки Қуръони ман ин аст.

Имрӯз дилам косаи дарюзаи ман нест,
Имрӯз пур аз хуни ҷигар кӯзаи ман нест,
Номаш зи шараф нақш ба фирӯзаи ман нест,
Қассоб, ғамаш ҳамдами имрӯзаи ман нест,
Дерест, ки дарди ману дармони ман ин аст.

## Мухаммас

Рухат дар ҷонгудозӣ оташи Тур аст, пиндорӣ,
Забон дар васфи рӯят шамъи кофур аст, пиндорӣ,
Дил аз ҳусни ту чун ойина пурнур аст, пиндорӣ,
Зи ҷӯши гиря чашмам хонаи мӯр аст, пиндорӣ,
Дили пуршӯрам аз ширинлабӣ дур аст, пиндорӣ.

Агар ҳамсуҳбати чандин чаман навраста шамшодам
В-агар паҳлунишини сад хиёбон сарви озодам,
Ҳар он гоҳе ки ояд ҷилваи қадди ту дар ёдам,
Чунон бархезад аз мизроби ғам аз сина фарёдам,
Ки раг дар устухонам тори танбӯр аст, пиндорӣ.

Зи як паймонаи май чашми мастат карда мадҳушам,
Зи ҳаҷрат то саҳар месӯзаму аз гиря хомӯшам,
Зи мижгони сиёҳат неш гардад дар ҷигар нӯшам,
Шабе, к-аз гулбуни нози ту холӣ бошад оғӯшам,
Ба чашмам хоби махмал неши занбӯр аст, пиндорӣ.

Туро, эй шоҳи хубон, то гузидам, чокари ишқам,
Задам то даст бар зулфат, парешонхотири ишқам,

Дар ин нахчиргаҳ бо он ки сайди лоғари ишқам,
Сарам аз саҷдаи бут ор дорад, кофари ишқам,
Кадуи сар ба дӯшам тоҷи Фағфур аст, пиндорӣ.

Надорад гарчи қадре ҳеч дар пешат баёни ман,
Биё, биншин, замоне гӯш кун бар достони ман,
Агар, Қассоб, бастанд андар ин олам забони ман,
Сафи саҳрои маҳшар мешавад пур аз фиғони ман,
Нафас дар синаи тангам дами сур аст, пиндорӣ.

## Мухаммас бар ғазали Солеҳ – шоири Кошӣ[1]

Азизо, ҳеч медонӣ, чиҳо бо ҷони мо кардӣ,
Ҳар он ҷавре, ки кардӣ, з-ибтидо то интиҳо кардӣ,
Туро гар нест дар хотир, бигӯям, то чиҳо кардӣ,
«Аз он рӯзе, ки бо ошӯби ишқам ошно кардӣ,
На бар захмам намак судӣ, на бар дардам даво кардӣ».

1. Номи ин шоири гумном дар ҷунги «Ҳамешабаҳор» нусхаи дӯсти донишмандам оқои Ҳусайн Бостонирод оқои Муҳаммадсолеҳи Кошӣ ба қалам омада. Вай бо Шуҷоъи Кошӣ ва Ғазанфари Калҷорӣ, ки ҳар ду аз фаҳули шуарои Кошон будаанд, муосир ва ҳамвора байни онҳо мушоҷараву мукобара будааст. Ва оқои Муҳаммадсолеҳ баъд аз чанде ба Ҳинд рафта ва ба тасреҳи тазкираи «Субҳи гулшан» то соли 1020 ҳиҷрии қамарӣ дар Лоҳур будааст. Аз ашъори вай ҷуз ғазале, ки Қассоб тазмин карда ва чаҳор байти зайл асари дигаре ба дасти нависандаи сутур наяфтодааст.

***Сӯйи он гамза мабин дида, ки моему диле,***
***То нигаҳ мекунӣ, он ҳам на ту дориву на ман.***
* * *
***Нашнавад ҳеч касе номи ҷудоӣ, ё Раб,***
***В-ин сухан гӯшзади ҳеч мусалмон нашавад.***
* * *
***Баски дар хок шаҳидони туро нест қарор,***
***Бар сари кӯйи ту ҳар рӯз қиёмат бошад.***
* * *
***Бикшуд ҳар кӣ дида ба рӯят, зи даст шуд,***
***Як ҷуръа ҳар кӣ хӯрд зи ҷоми ту, маст шуд.***
***(Партав Байзоӣ)***

На раҳ наззораамро бо ҷамоли босафо додӣ,
На гӯшамро каломе з-он лаби дерошно додӣ,
На занҷире ба дастам з-он сари зулфи дуто додӣ,
«На поро рухсати сайри сари кӯйи вафо додӣ,
На лабро ошнои ҷуръати арзи дуо кардӣ».

На муҳтоҷи аҷам як ҷав, на мамнуни Араб будам,
На ғамгин як замон дар фикри дебову қасаб будам,
На лаб ширин ба нӯши шаккару шаҳди тараб будам,
«На ман дар кунҷи узлат фориғ аз қайди талаб будам,
Маро дилдодаи ваҳшиғизоли бевафо кардӣ».

Ҷунун моро зи кӯю шаҳр бар саҳро кашид охир,
Ҳар он доғе, ки бар дил буд, бар расво кашид охир,
Миёни мову Маҷнун ишқ бар даъво кашид охир,
«Шикеб аз мо рамиду ақл аз мо по кашид охир,
Накӯ кардӣ, миёни мову ёрон фитнаҳо кардӣ».

Ҳар он гоҳе ки аз тамкин ба сӯйи ман нигаҳ кардӣ,
Нигаҳ кардиву рӯзамро чу чашми худ сияҳ кардӣ,
Зи ҳиҷрон куштиям, эй бевафо, охир табаҳ кардӣ,
«Ҷафоро бар фалак бурдӣ, вафоро хоки раҳ кардӣ,
Биё, инсоф пеш овар, бигӯ, инҳо чаро кардӣ?!»

Ту масти ҳусн будӣ, аз вафо кардем бедорат,
Саги кӯйи ту будем, аз садо кардем бедорат,
Зи худ чун бехабар будӣ ту, мо кардем бедорат,
«Зи хоби ихтилоти ғайр, то кардем бедорат,
Зи мо омӯхтӣ ин шеваю дар кори мо кардӣ».

Зи рухсорат ҳаё дидам, ҳаё дидам, ҳаё дидам,
Ман аз чашмат бало дидам, бало дидам, бало дидам,
Зи дастат бас ҷафо дидам, ҷафо дидам, ҷафо дидам,
«Намегӯям, чиҳо дидам, чиҳо дидам, чиҳо дидам,
Ту медонӣ, чиҳо кардӣ, чиҳо кардӣ, чиҳо кардӣ».

Дар ин гулшан аҷоиб навниҳоле доштӣ, Солеҳ,
Сари роҳи аҷаб ваҳшиғизоле доштӣ, Солеҳ,
Ту чун Қассоби мо фикри маҳоле доштӣ, Солеҳ,
«Ба базмаш бо рафиқон турфа ҳоле доштӣ, Солеҳ,
Хамӯшӣ пеша варзидӣ, вале фарёдҳо кардӣ».

## Мухаммас ба ғазали Хоҷаи Шероз, қуддиса сирруҳу

Боз чун сарв қад афрохтаӣ, яъне чӣ?
Реша бар ҳар ҷигар андохтаӣ, яъне чӣ?
Чеҳра чун лола зи май сохтаӣ, яъне чӣ?
«Моҳи ман, парда барандохтаӣ, яъне чӣ?
Маст аз хона бурун тохтаӣ, яъне чӣ?»

Дилат аз роҳ бурун рафта зи афсони[1] рақиб,
Задаӣ даст надониста, ба домони рақиб,
Шудӣ аз рағми мани ғамзада меҳмони рақиб,
«Зулф дар дасти сабо, гӯш ба фармони рақиб,
Инчунин бо ҳама дарсохтаӣ, яъне чӣ?»

Ҳамнишин то ту бад-ин порақабоён шудаӣ,
Чун маҳи нав сарангуштнамоён шудаӣ,
Не, ғалат, пайрави ин бесарупоён шудаӣ,
«Шоҳи хубониву манзури гадоён шудаӣ,
Қадри ин тоифа нашнохтаӣ, яъне чӣ?»

Гоҳ пайғоме аз он наргиси мастам додӣ,
Гоҳ бар хоки раҳи хеш нишастам додӣ,
Ин қадар ҳаст гуноҳам, ки шикастам додӣ,
«На сари зулфи худ аввал ту ба дастам додӣ,
Бозам аз пой дарандохтаӣ, яъне чӣ?»

1. **Афсон** – афсона.

Гуфт абрӯйи ту бо дил сухане чанд ниҳон,
Ҷилваат омаду кард он суханон ҷумла аён,
Лабат аз мавҷи табассум намаке рехт дар он,
«Суханат рамзи даҳон гуфту камар сирри миён
З-ин миён теғ ба мо охтаӣ, яъне чӣ?»

Он ки аз хуни ҷигар шустани дил кард қабул,
Метавон гуфт, ки шуд дар раҳи ишқат мақбул,
Мо накардем ба ҷуз дарду ғамат ҳеч вусул,
«Ҳар кас аз муҳраи меҳри ту ба нақше машғул,
Оқибат бо ҳама каҷ бохтаӣ, яъне чӣ?»

Дӯш омад ба садо он лаби шорингуфтор,
Борҳо кард ба Қассоб ҳаминро такрор,
Ки дар ин хона раҳи ғайр бувад ё ағёр,
«Ҳофизо, дар дили тангат чу фуруд ояд ёр,
Хона аз ғайр напардохтаӣ, яъне чӣ?»

## Мухаммас бар ғазали Мавлоно Муҳаммадалӣ Соиби Табрезии Исфаҳонӣ

Чандон ки сабо атрфишон аст дар ин боғ,
Чандон ки чаман файзрасон аст дар ин боғ,
Чандон ки зи ашҷор нишон аст дар ин боғ,
«Чандон ки баҳор асту хазон аст дар ин боғ,
Чашму дили шабнам нигарон аст дар ин боғ».

Бархез, ки афтода дар ин марҳила ғулғул,
Рангин шуда аз силии дай чеҳраи сунбул,
Аз ҳамраҳии шабнаму аз гиряи булбул,
«Аз барги сафар нест тиҳӣ домани як гул,
Осуда ҳамин оби равон аст дар ин боғ».

Дунё набувад манзилу маъвои нишеман,
Кӯтоҳ кун аз домани ӯ пойи нишеман,
Зинҳор макун беҳуда даъвои нишеман,
«Маъмураи имкон набувад ҷойи нишеман,
Истодагии сарв аз он аст дар ин боғ».

Идрок кун аз даст ба сар барзадани гул
В-аз омадану мондану бар дар задани гул,
Беҷо набувад чун шукуфад пар задани гул,
«Пайдост зи доман ба миён барзадани гул,
К-омодаи парвози хазон аст дар ин боғ».

Хомӯш манишин, к-аз бари ҷонон русуле ҳаст,
Ҳайрон зи чиӣ, бар сари ҳар чашма пуле ҳаст,
Бас рози ниҳон бар лаби ҳар ҷоми муле ҳаст,
«Сад ранг сухан бар лаби ҳар барги гуле ҳаст,
Фарёд, ки гӯши ту гарон аст дар ин боғ».

Масти майи ваҳдат зи пайи бода нагардад,
Заввори таваккул зи пайи ҷода нагардад,
Доно пайи ҷамъияти омода нагардад,
«Ғам гирди дили мардуми озода нагардад,
Пайваста аз он сарв ҷавон аст дар ин боғ».

Резиш чу кунад абри гуҳарбори ту, Соиб,
Аз лафзи каму маънии бисёри ту, Соиб,
Қассоб бувад толиби ашъори ту, Соиб,
«Хомӯш шуд аз хиҷлати гуфтори ту, Соиб,
Савсан, ки саропой забон аст дар ин боғ».

## Мухаммас

Шӯхе, ки зи ман бурда дили зор, ҳамин аст,
Дод он ки маро дидаи хунбор, ҳамин аст,
Бурд он ки зи ман қуввати рафтор, ҳамин аст,
Он гул, ки маро карда чунин хор, ҳамин аст,
Ёре, ки маро медиҳад озор, ҳамин аст.

Турке, ки шикасти дили ошиқ зафари ӯст,
Шӯхе, ки дусад арбада дар зери сари ӯст,
Масте, ки басе ғамзада беповусари ӯст,
Чашме, ки ҷаҳоне ду хароб аз асари ӯст
В-аз як нигаҳам сохта бемор, ҳамин аст.

Ин барги гули тар, ки ту дидӣ, лаби ёр аст,
Он ширу шакарро, ки чашидӣ, лаби ёр аст,
Файзи лаби Кавсар, ки гузидӣ, лаби ёр аст
В-он қанди мукаррар, ки шунидӣ, лаби ёр аст,
Лаъле, ки тавон гуфт шакарбор, ҳамин аст.

То сар зада хат, ҳусни ту дар айни камол аст,
Бар покназар сайри ҷамоли ту ҳалол аст,
Бе дона ба дом омадани сайд маҳол аст,
Бар рӯйи ту сарфитна ҳамин он хату хол аст,
Чизе, ки маро карда гирифтор, ҳамин аст.

Рӯзе мани меҳнатзада бо синаи садчок,
Мерехтам аз дасти фироқи ту ба сар хок,
Бо хотири пурҳасрату бо дидаи намнок,
Гуфтам: «Зи рухат парда барандоз» - ғазабнок
Бархост зи ҷо, гуфт: «Гирифтор ҳамин аст».

Эй дил, хами меҳроби дуо ин хами абрӯст,
Лабташна ба хуни дили мо ин хами абрӯст,

Афканд маро он ки зи по ин хами абрӯст,
Теғе, ки сарам сохт ҷудо, ин хами абрӯст,
Ҳуш дор, зи ман кор ҳамин, ёр ҳамин аст.

Носеҳ, чӣ кунӣ манъ дили хастаи моро,
Бигзор бад-ин дард ҷигарсӯхтаҳоро,
…………………………………………
Қассоб, мазан ғамзадаи бесарупоро,
…………………………… ……..ҳамин аст.[1]

## Мусаммати ҳазлия[2]

Зиндагӣ хуб аст, аммо гӯшаи гулзораке,
Табхаке, дилдораке, дар зимн хидматгораке,
Мекунам изҳораке ман бо шумо ҳамвораке,
Дар ҷаҳон, эй ёракон, албатта, бояд ёраке,
Нозуку хубак, латифак, дилбарак, дилдораке.

Гулрухак, гармихтилотак, ҷонияк, маҳпайкарак,
Ҷоҳилак, лайливашак, хушнағмаяк, лабшаккарак,

1. Ин пайкара ноқис аст ва ҳамин се мисраъ ба дасти мо расидааст. ***(Партав Байзоӣ).***
2. Ин мусаммат, ки абёти аввали он ҳам (бидуни ин ки касе соҳиби онро бишиносад) шуҳрате дорад, ноқис ва мағлут аст. Ва мо ҳамон тавр ки ба даст овардаем, дарҷ намудем, то он чи ҳаст, аз байн наравад. Ва ногуфта намонад, ки ин навъи шеърро баъзе дигар аз шуарои замони сафавия ҳам сурудаанд ва аз он ҷумла, Амнии Яздӣ – муосири Ваҳшии Бофқӣ мегӯяд:
***Эй нақди ҷонакам ба фидои ҷамолакат,***
***Меҳробаки дилам шуда мушкинҳилолакат.***
***То рӯйи зард бар кафаки поякат ниҳам,***
***Ё Раб, чу хок бод сарам поймолакат.***
***Пажмурда шуд баҳораки умрам зи бори ғам,***
***Эй сарв, дар ҳавояки нозукниҳолакат.***
***Мурдам зи дарди ишқаки он шӯхаку нагуфт,***
***К: -«Эй дардманди ишқаки ман, чист ҳолакат?»***
***Хоҳам, ки бо ту ҳолаки Амнӣ баён кунам,***
***Тарсам, ки гирад аз ғамаки ман малолакат.***
***(Партав Байзоӣ).***

Хушталангак, маҳрамак, зуннорзулфак, кофарак,
Шоҳидак, шангак, малеҳак, чобукак, симинбарак,
……………………………………………………..

Лоуболеяк, ҳарифак, сабзаҳак, ҳамсуҳбатак,
Шӯхчашмак, камрақибак, пурфанак, бофурсатак,
Дарддонак, ҷилвадорак, кордонак, офатак,
Орифак, риндак, надимак, моҳрӯяк, луъбатак,
Туркаке шӯхак, зарифак, дилбарак, дилдораке.

Камҷафояк, босафояк, бовафояк, ёварак,
Нуктадонак, дилситонак, бемаконак, ҳамраҳак,
Дилнавозак, ҳилабозак, масти нозак, орифак,
Нозанинак, сарвқаддак, дилфиребак, толибак,
Соҳибак, соҳибҷамолак, зиракак, ғамхораке.

Гуллабак, ғунчадаҳонак, содаҳак, хушбоварак,
Хушхиромак, дурфишонак, хушзабонак, моҳирак,
Чорасозак, ҷонгудозак, покбозак, соҳирак,
Моҳрӯяк, маҳрамак, хушаввалак, хушохирак,
Анбаринхолак, маҳак, мушкинхатак, гулзораке.

Даступодорак, маҳилак, ғамзадонак, қобилак,
Нардбозак, хушқиморак, бурдборак, оқилак,
Дилнишинак, маҳҷабинак, беқаринак, ҷоҳилак,
Соқияк, шаккарлабак, пистадаҳонак, хушгилак,
Мутрибак, ҷонак, латифак, тезфаҳмак ёраке.

Саргаронак, ҳамзабонак, хушбаёнак, моҳирак,
Шеърфаҳмак, шеърдонак, шеърхонак, шоирак,
Боби Қассобак, лазизак, чарбу нармакпайкарак,
Дунбадорак, фарбеҳак, сурху сафедак, нодирак,
Нозанинак, хушадояк, маҳвашак, ҳушёраке.

# ҚАСОИД

# ҚАСИДА

Манам камтолеи меҳнатнасиби бекаси шайдо,
Парешонхотире, баргаштабахте, бесару бепо.
Сиярӯзе, бамотамошное, хонабардӯше,
Дилазкафдодае, саргаштаи дунёву мо фиҳо.
Зи по афтодаву дармонда аз ҳад бесаранҷоме,
Мусибатдидаи дар кору бори хеш нобино.
Ба тӯфон медиҳам дар як нафас бунёди ҳастиро,
Дар ин дарё зи ҳам гар чашм бикшоям ҳубобосо.
Нафас дар синаам чун дуд дар фонус мепечад,
Зибас кардаст бар ман танг гардун вусъати саҳро.
Кунад гар субҳи наврӯзӣ тулуъ аз зулматободам,
Шавад аз тирабахтӣ рӯзи идам чун шаби ялдо.
Дилам бо қатраи симоб тавъам дар вуҷуд омад,
Ба даври мо даме ором дорад ҳастии анқо.
Ба гетӣ он кафи хокам, ки гар аксам ба об афтад,
Барангезад ғубори хотирам гард аз таҳи дарё.
Сарам бо дил зибас пургашта аз дарди ҷунун дигар,
На дар дил гунҷадам дарду на дар сар гунҷадам савдо.
Ба базми маҳраму бегона дар ҷомам аҷаб набвад,
Агар ояд ба ҷои бода хун аз дидаи мино.
Кунад туғён чу хоку боду обу оташам ҳардам,
Биборад, хун кунад, вайрон кунад, боло фитад аз по.
Ба кори хештан чун акс дар ойина ҳайронам,
На аз дунё хабар дорам, на ҳастам огаҳ аз уқбо.
Дар ин гулзор чун гул бар саботи хеш механдам,
Мабодо, ҳеҷ кас, ё Раб, чу ман бедарду бепарво.
Шабе ғамгин ба фикри рӯзгори хештан будам,
Ки оё чун бурун хоҳам шудан з-ин гунбади мино?
Дар ин андеша ҳардам чун сипанд аз ҷой меҷастам,
Ки додам отифе он шаб нидо аз олами боло:
Ки эй ғофил чӣ ҳайрон мондаӣ дар кору бори худ?

Бигӯ, то метавонӣ, зикри ҳамди Холиқи якто.
Худованде, ки чун густурда гаштӣ хони инъомаш,
Садафро з-осмон рӯзӣ расонад дар тахи дарё.
Зи яди қудрати худ бе сутуну ёрии лангар,
Зада нӯҳ тоқи атлас бар сари ин вожгун дарё.
Аҷибтар он ки аз қудрат зи як каф хок инсонро,
Падид оварду сурат баст аз як Одаму Ҳавво.
Якеро ҳамчу Қорун кард дар ҳафтум замин пинҳон,
Якеро дар чаҳорум осмон ҷо дод чун Исо.
Фиканда муҳраи хуршедро дар ҳуққаи гардун,
Ки дар он ҳуққа гаҳ он муҳра пинҳон асту гаҳ пайдо.
Ғалат гуфтам, ки пайдо карда аз сарпанҷаи қудрат,
Паланги осмонро дар шикам шери ҷаён пайдо.
Зи ашколи аҷиб аз сунъ ҳар шаб то саҳар орад,
Аҷоибҳо падид аз пушти ин нӯҳ пардаи дебо.
Ба кофи кина з-оташ ақли кулл дармондаи фикрат,
Ба кофи қудраташ гардида ҳайрон дидаи бино.
Ба амраш чун Азизи Миср аз чаҳ сар бурун орад,
Дамад хуршед ҳар субҳ аз гиребони шаби ялдо.
Гудозад сангро дар синаи мӯр аз раҳи дониш,
Зи биниш огаҳ аст аз ҳоли мӯре дар тахи дарё.
Маконе гарчи ӯро нест, аммо ин қадар донам,
Ки бо ин ломаконӣ дар дили ҳар зарра дорад ҷо.
Зи сунъи хештан аз хокдони мазраъи деҳқон,
Ҳазорон дона аз як дона ҳосил мекунад пайдо.
Зи ҳикмат обро созад равон, шир аз сари пистон,
Ки ёбад тифли ҳосил парвариш дар домани дунё.
Ҳакиме, к-аз сари эҳсон фаровон рехта ҳар сӯ,
Зи баҳри дафъи ҳар дарде даво дар кӯҳу дар саҳро.
Кашонад мӯри аъморо нишонад бар сари хирман,
Расонад дому дадро то ба манзил дар дили шабҳо.

Гаҳе аз санг лаъл орад бурун, гаҳ об аз оташ,
Аён созад зи чӯби хушк гаҳ заҳру гаҳ аз хурмо.
Диҳад дар як чаман садранг гул, ҳар як ба як ранге,
Зи райҳон то ба сунбул, аз бунафша то гули раъно.
Забон гӯё ба ҳамдаш карда дар тарфи чаман савсан,
Кушуда чашми ҳайрат баҳри сунъаш наргиси шаҳло.
Чанор афтода бар даргоҳи ӯ дорад кафи ҳоҷат,
Зи ишқаш беди Маҷнун гашта ҳар сӯ волаву шайдо.
Ба ҳар барге навишта «қулҳуваллоҳу аҳад» яксар,
Бувад тасбеҳи ҳар мурғе «таборак» «раббаноаъло».
Ба яктоии зоти покаш «аллоҳу самад» гӯяд,
Барояд сабза ҳар ҷо аз замин дар кӯҳу дар саҳро.
Ба ҳам пайваста шоми тираро бо субҳи нуронӣ,
Чу гесӯ аз қафои орази хубони маҳсимо.
Ба рӯйи суфраи афлок зоҳир карда аз кавкаб,
Мисоли арсаи шатранҷ нақши чида дар ҳар ҷо.
Ғалат гуфтам, ки то меъроҷ паймуд Аҳмади мурсал,
Чароғон аст ҳар шаб то саҳар дар рӯйи ин саҳро.
Муҳаммад, он ки будӣ бо Амир-ал-муъминин тавъам,
Ту гӯӣ гаштаанд ин ду гуҳар аз як садаф пайдо.
Ду шаҳбози фалакпарвоз, ҳар як зубдаи олам,
Ду сарвар дар сафи кавнайн ҳар як шофеъи уқбо.
Дуӣ мапсанд ҳар як шаҳсавори Машриқу Мағриб,
Дуӣ монанди ҳар як маҳрами яктои беҳамто.
Яке мӯъҷазнамо бар габрӯ тарсо бар сари минбар,
Яке мушкилкушо аз дасту бозӯ дар сафи Яҳё.
Яке шақ карда қурси моҳро з-ангушти саббоба,
Яке аз теғ бурда занги куфр аз синаи аъдо.
Яке барканда аз сарпанҷаи мардӣ дар аз Хайбар,
Яке дар пушти ноқа карда пайдо нахле аз хурмо.
Якеро дар «Таборак» ёд карда ҳазрати Эзад,
Яке дар васфи наъташ гашта нозил сураи «То ҳо».

Муҳаммад он ки хоки мақдамаш шуд аршро зиннат,
Чу ӯ кард дар шаби меъроҷ азми манзили аъло.
Алӣ, к-аз бими зарби зулфиқораш дар сафи майдон,
Чу мурғи нимбисмил дил тапид дар синаи аъдо.
Муҳаммад он ки гардидаст пеш аз оламу Одам,
Замину осмону меҳру моҳ аз нури ӯ пайдо.
Алӣ шоҳест, к-аз як қатраи борони эҳсонаш,
Шуда з-оби гуҳар лабрез ин ҳафт косаи дарё.
Муҳаммад узрхоҳи офариниш дар сафи маҳшар,
Алӣ мушкилкушои халқ дар дунёву дар уқбо.
Муҳаммад меҳтару беҳтар, Муҳаммад бар сари он сарв,
Муҳаммад шофии маҳшар, Муҳаммад олиму доно.
Алӣ шуд илмро масдар, Алӣ соқист дар Кавсар,
Алӣ домоди пайғамар, Алӣ меҳри ҷаҳоноро.
Муҳаммад шоҳи чор аркон, Муҳаммад ҳодии халқон,
Муҳаммад соҳиби девон, Муҳаммад ҳалли мушкилҳо.
Алӣ соқӣ, Алӣ вофӣ, Алӣ шофӣ, Алӣ кофӣ,
Алӣ волӣ, Алӣ ҳомӣ, Алӣ олӣ, Алӣ аъло.
Муҳаммад шамъи базми дил, Муҳаммад олиму комил,
Муҳаммад сарвари одил, Муҳаммад хоҷаи фардо.
Алӣ Ҳайдар, Алӣ сафдар, Алӣ мазҳар, Алӣ мизмар,
Алӣ дафтар, Алӣ мазҳар, Алӣ раҳбар, Алӣ бино.
Ду тан дигар маро шуд пешвои динйии уқбӣ,
Ки гардам аз санои он ду тан дигар забонгӯё.
Ду моҳи бурҷи хубию ду қутби минбари дониш,
Ду сарви гулшани олам, ду нури дидаи бино.
Ду шери бешаи нусрат, ду садри суффаи иззат,
Ду кони мардию ҳиммат, ду хуршеди ҷаҳоноро.
Ду сунъи ҳазрати довар, ду нахли гулшани Ҳайдар,
Ду шамъи базми пайғамбар, ду нури дидаи Заҳро.
Шабиру Шабпиранд ин ҳарду шоҳи маснади хубӣ,
Ду меҳри оламафрӯзанд дар дунёву дар уқбо.

Чӣ гӯям дигар аз Зайнулибоду Боқиру Ҷаъфар,
Ки ҳар як пешвои динианду шофии уқбо?
Забонам шуд дурафшон дар санои Мӯсии Козим,
Дилам шуд нағмапардози имоми диниву уқбо.
Шаҳаншоҳи Хуросон, к-аз дари давлатсарои ӯ,
Аҷаб набвад агар рӯзе дусад аъмо шавад бино.
Заминро гар шараф бар осмон бошад, аҷаб набвад,
Ки дорад қиблаи ҳаштум дар он ҷо манзилу маъво.
Шабе парвонасон гирди сареҳаш то саҳар гаштам,
Зи шавқи рӯйи ӯ кард ин ғазал аз номаам иншо:
Зиҳӣ з-иншои наътат шуд парешон дафтари дилҳо,
Забони хома лакнат гирад аз васфат ба мистарҳо.
Зибас шуд об дил дар синаи ҳар зарра аз шавқат,
Тавон зад ғӯта дар ҳарфи садаф аз оби гавҳарҳо.
Шуда наздики он к-аз боми меҳроби ду абрӯят
Равон карданд аз фӯлодҳо чун мӯр ҷавҳарҳо.
Аз он рӯзе, ки аз тамкин нигаҳ бар осмон кардӣ,
Зи шавқат меҳру моҳ аз сар барафкананд афсарҳо.
Дилам хуш карда ҷоеро, ки дар гирди ҳарими ӯ,
Малоик мебаранд аз рашк ҳасрат аз кабӯтарҳо.
Ба дил оташ зи шавқи марқаде дорам, ки дар он ҷо,
Кавокиб чашм равшан мекунанд аз дуди миҷмарҳо.
Зи шавқи ӯ миёни мардумон азбаски расвоям,
Маро з-ангушт бо ҳам мешиносонанд ахтарҳо.
Дар ин дарё миёни нӯҳ фалак, Қассоб, аз хомӣ,
Нагардам пухта гар бар сар маро резанд ахгарҳо.
Шуд аз мадҳи Тақию аз Нақӣ ҷону дилам равшан,
Забонам шуд ба васфи Аскарӣ бори дигар гӯё.
Шуда умре, ки чашмам з-интизорӣ Маҳдии ҳодӣ,
Намеояд ба ҳам чун ҳалқаи берун даре асло.
Илоҳо, подшоҳо, моликулмулко, Худовандо,
Туӣ қоим, туӣ доим, туӣ олим, туӣ оқо.

Ту раҳме кун ба ин дармондаи бечораи бекас,
Ки ғайр аз бори исён нест дар бори мани шайдо.
Мабин бар номаам, к-аз кардаҳои худ пушаймонам,
Биҳишту чортан бахшо мани ошуфтахотирро.

## ҚАСИДА

Ба дастёрии ишқи ниҳону дидаи тар,
Чи лаълҳо, ки баровардаам зи хуни ҷигар.
Чӣ ҳолат аст, аз ин толиъе, ки ман дорам?
Чиҳо надидаам аз гардиши қазову қадар?
Чи сайрҳо, ки дар ин зери осмон кардам,
Чи турфаҳо, ки набастам дар ин сарои дудар.
Ҳар он чи коштам аз ҷаҳл, фазл донистам,
Ба ғайри маъсиятам нест ҳосили дигар.
Замона тахтаву дил каъбатайну ман наррод,
Ғаними нафс сагу муҳра монда дар шашдар.
Муборизест сипеҳри дуранги беинсоф,
Дафинаест ҷаҳони хароби пураждар.
Чаҳор рукни тани хеш ҳеч донӣ чист?
Ба рӯйи баҳри фано киштиест белангар.
Баҳуш бошу инонаш ба ҳарду даст бидор,
Ки гирдбоди мухолиф расид аз паси сар.
Зи хони неъмати арбоби даҳр даст бидор,
Зи баҳри ҷуъ маёло даҳан ба хуни ҷигар.
Мабош ғарра ба ин панҷрӯзаи даврон,
Зи баҳри парвариши тан ба халқ ранҷ мабар.
Саре, ки хонаи мӯрон шавад дар охири кор,
Чӣ лозим аст, ки ҳасрат барад ба болини пар?
Тане, ки хок шавад он қадар азиз мадор,
Махӯр фиреб аз ин рӯзгори дунпарвар.
Ки гулрухони чаман дасту рӯ диҳанд сафо,
Ту гуфтӣ абр биёвард об аз Кавсар.

Агар ту лаззати файзи бараҳнагӣ ёбӣ,
Зи ҷисми хеш кунӣ ҷилду афканӣ аз бар.
Дило, ба неку бади рӯзгор кор мадор,
Бипӯш дида зи хубу баду зи хайру зи шар.
Расидааст ба ҷои тараҳҳуми мардум,
Ки нимзарра наояд писар ба кори падар.
Зи душманӣ ҳама дар хабси ҳам кушуда даҳон,
Ба қатли ҳам ҳама аз рӯйи кина баста камар.
Шиори худ ҳама дониста мардумозорӣ,
Зи кина душмани ҷони ҳаманду бурдани зар.
Ҳама дурӯю дудил, хушкмағзу талхзабон,
Ҳама ба табъ чу бодоми талх пеши назар.
Ҳамо баробари ҳам дӯсту дар қафо душман,
Ҳама чу мор саропо ҳариру тангназар.
Ҳама зи чини ҷабин ҳамчу мавҷ пуртӯфон,
Ҳама ба баҳри фано ҳамчу дурҷи бегавҳар.
Махӯр фиреби либоси ҷаҳониён, эй дил,
Ки оташест ниҳон дар миёни хокистар.
Ба фикри ғам чӣ фурӯ рафтаӣ дар ин водӣ,
Биёр аз сухани тоза матлаъи дигар.
Арӯси фикри маро дода аз сухан з-абрӯ,
Ки то баён кунам аз ҷон маноқиби Ҳайдар.
Ба мадҳи шери Худо соҳиби замину замон,
Зи баҳри сина баровардам аз сухан гавҳар.
Чу чанд бвйт зи шони ту омадам ба забон,
Дубора бар фалак афкандам аз нишот афсар.
Зиҳӣ ҷамоли ту асбоби ҳуснро зиннат,
Зиҳӣ ҳаёи ту номуси даҳрро чодар.
Зиҳӣ мадеҳи ту арбоби фвзлро лозим,
Зиҳӣ санои ту девони илмро масдар.
Валии ҳазрати Эзад туию медонӣ,
Ҳар он чӣ мешавад аз кулли мазҳару мизмар.

Туӣ, ки бозуи мардонаат ба қудрати Ҳақ,
Ба ҳам дарида дар он маҳди зарнигор аждар.
Туӣ, ки дар шаби меъроҷи манзили аъло,
Сухан ба лафзи ту мегуфт бо набӣ довар.
Шаҳо, ба иззати он Холиқе, ки барпо дошт,
На осмон, ки набудаш сутуну на лангар.
Ба он Карим, ки як ҷав накард кам рӯзӣ,
На бар матобеъи хайру на бар мувофиқи шар.
Ба сониъе, ки зи обу ҳаво ба рӯйи замин,
Бурун кашид самарро зи шохсори шаҷар.
Ба он ҳаким, ки аз зӯри қудрати ӯ дод,
Ғизоли нофа ҳумою байза бақар.
Ба он расул, ки хатм аст бар ҳама олам,
Ба инсу ҷинну парию таюру ба хайру ба шар.
Ба он ду мардумаки дидаҳои биноӣ,
Ба он ду шоҳи шаҳидон Шабиру Шапар.
Ба он имоми ғарибе, ки кард дар олам,
Зи оби дида барои бадри ҷаҳонро тар.
Ба ҳилми Боқиру Ҷаъфар ба Мӯсии Козим,
Ба илми қиблаи ҳаштум имоми динпарвар.
Ба ҳаққи меҳри Тақию Нақиб хулқи Ҳасан,
Ба ҳаққи Маҳдии ҳодӣ, ки ҳаст нури басар.
Ба дилшикастагии бекасону мазлумон,
Ба оби дида тифли ятими бемодар.
Ба сабзпӯшии маҳду ба тоҷдории гул,
Ба дурфишонии абрӯ ба санъати довар.
Ба нашъаи лаби ҷому ба ваъдаи дидор,
Ба файзи сояи Тӯбию чашмаи Кавсар.
Ба укдаи дили дармондагони дасти тиҳӣ,
Барои хотири бечорагони бесару бар.
Ба ноумедии ҳоҷоти бандагони заиф,
Ба хоки румии пирони чиллагашта камар.

Ба сунбули сари зулфу ба навдамидани хат,
Ба обуранги гулу рӯю ғунчаи лаби тар.
Ба шӯхчашмии наргис, ба сарфарозии сарв,
Ба тоқи қиблаву абрӯву қурси рӯйи қамар.
Ба нуқтаи корею холи саҳфаи рухсор,
Ба ҳаққи сураи Қуръон тамом сар то сар.
Ки раҳм кун ба рӯйи мани хастаҷон зи рӯйи карам,
Ки нест дар дили ман ним зарра тоби дигар.
Куҷо равам, ки ба ҳар ҷодае ниҳодам пой,
Ба қасди ман шавад он ҷода ҳамчу мори дусар?
Агар ба ҷилваи шамшод бар чаман нигарам,
Бароварад чу хаданг аз барои қатлам пар.
Зи баҳр роҳат агар зери сар ниҳам болин,
Шавад чу бӯсаи хорам ба зери сар бистар.
Ба гулшане агар афтад раҳам, яқин донам
Ба ҷойи сабза бурун ояд аз замин наштар.
На дар сарам хираду не паёми қуввати ком,
На дар шабам саҳар асту на дар дуъом асар.
На мӯнисе, ки тавон гуфт рози дил бо ӯ,
На ҳамдаме, ки тавон кард ҳарфи ӯ бовар.
Аз он чӣ ғам, ки ба мисли ту хусраве дорам,
Ба хоки пои ту дорам ақидаи дигар.
Чунон сиришта ба меҳру муҳаббати ту дилам,
Ки гар ба сӯзанам ояд садо зи хокистар.
Ки ҷони ман ба фидои Алию Оли Алӣ,
Амири ҷумлаи мардону соҳиби Қанбар.

## ҚАСИДА

Гираҳкушои сари панҷаи насими сабо,
Кушуд аз бадани тифли ғунча банди қабо.
Нисори макдами гул карду рехт дар гулшан,
Шукуфа он чӣ ба каф дошт дар чаман як ҷо.

Ба рӯйи сабза чунон об шуд балиъати кибр,
Ки рӯйи хати бутон аз арақ ба гоҳи ҳаё.
Кашид қад ба тамошои базми гулшан сарв,
Расонд нолаи қумрӣ ба гӯши арш садо.
Нишаста қатраи шабнам ба рӯйи гул монад,
Ки бар узори бутон карда нақши обила ҷо.
Фиканда бар лаби ҷӯ аз бунафша фарши латиф,
Нишаста бо қадаҳи лола бодаи ҳумро.
Зи шӯри ғулғула шуд ваҳшате дар он гулшан,
Ки андалеб надонист нолазори наво.
Ба ҳукми гул, ки шаҳи гулшан аст бори дигар,
Диловарони чаманро ниҳода банд ба по.
Зи тарси он ки мабодо ба раҳрави ҳарфе,
Бурун кашида забони бунафшаро зи қафо.
Магар зи зулфи бутон хост дам занад булбул?
Насим бар даҳанаш зад, ки рехташ аъзо.
Дар он бисот, ки шуд настаран саропо чашм,
Накард сар ба ҳаво наргис аз ҳуҷуми ҳаё.
Суҳайл боз чу машшотагон даруни чаман,
Ба дасту пои арӯсони боғ баст ҳино.
Чу хоку обу ҳаво дар уруқи духтари раз,
Ба ҳам расиду аз ӯ баст нутфаи саҳбо.
Ту гуфтӣ абр биёвард об аз Кавсар,
Ки гулрухони чаман даст дар ӯ диҳанд сафо.
Ба фикри гулшану гул то ба кай тавон кӯшид,
Ки на зи умри боғ асар монду не зи боғ бақо?
Чаро ба саҳфаи дил то бувад зи хома нишон,
Чаро зи рӯйи хирад то забон бувад гӯё?
Чаро ба мактаби таълим бо забони фасеҳ,
Чаро ба нусхаи иршод бо ҳазор иншо?
Чи гӯяму чӣ нависам мадеҳи он сарвар,
Ки ҳаст хоки дараш куҳли дидаи бино?

Шаҳе, ки баҳри тавофаш нуҳ осмон гардад,
Ба даври марқади ӯ рӯзу шаб зи сидқу сафо.
Зи ҳуҷраи ҳарамаш гӯшае бувад ҷаннат,
Зи бориши карамаш қатрае бувад дарё.
Зи қасру рифъати ӯ меҳру маҳ бувад хиште,
Ки гоҳи сохтан афтода аз кафи бино.
Ба арш боргаҳашро чӣ сон кунам нисбат,
Ки ҳаст фарқ миёншон зи арз то ба само?
Ба фикри матлаъи дигар фитодам аз сари шавқ,
Ки то зи ойинаи дил зи мадҳ зангзудо.
Ба дастёрии Эзад чунон диҳам сайқал,
Ки акси дӯст шавад дар даруни дил пайдо.
Имоми дин, гули боғи ҳадӣ, шаҳи салӣ,
Нажоди Мӯсию баҳри ато Имом Ризо.
Кафаш калиди вилоят, қадаш ниҳоли карам,
Лабаш қасими иноят, дилаш муҳит ин ҷо.
Зи дарсу дониши ӯ заррае бувад таълим,
Зи машқи мактаби ӯ тахтае бувад ғабро.
Муҳаййирон ҳама дар ҷунби даргаҳаш соил,
Муҳандисон ҳама пешаш чу сурати дебо.
Ба пеши дониши ӯ зуфунун бувад оҷиз,
Ба ҳикматаш нарасад сад чу Бӯалӣ Сино.
Шаҳаншаҳо, ту ба фарёд рас, ки дар баҳре,
Фитодаам, ки саробаш бувад мудом фано.
Умедвор чунонам ба даргаҳаш, ки кашам,
Ба ёрии ту бурун рахти хеш з-ин дарё.
Манам, ки зодаам аз дудмони нокомӣ,
Туӣ, ки хоки дарат ҳаст қиблагоҳи дуо.
Манам, ки дар раҳм он дам ки омадам ба вуҷуд,
Сипеҳр кард танамро нишони тири қазо.
Барор ҳоҷатам, эй шаҳриёри олиқадр,
Ба тавфи марқади хешам зи лутф роҳ намо.

Ба орзуи ту азбас дилам тапиду монд,
Ба моҳие, ки ба соҳил фитода аз дарё.
Шудаст муддати умре, ки банда маҳбусам,
Дар ин сарочаи бе мунтаҳои сустбино.
Шудаст вақт, ки чун мардумак шиновар ҳаст,
Кунам ҳамеша ба гирдоби чашми хеш шино.
Хушам ҳамеша ба ин косасарнагунии дил,
Ки ним зарра надорам таваққуъ аз дунё.
Ҳамин бас аст, ки Қассоб, рӯзу шаб гардад,
Ба гирди марқади султони дин Имом Ризо.

## ҚАСИДА

Бархостам саҳаргаҳ ба имдоди чашми тар,
То ин ки тарҷумони дуо гирам аз асар.
Кардам зи рӯйи аҷз нигаҳ сӯйи осмон,
Гуфтам зи рӯйи дард, ки эй чархи ҳилагар.
Имсок чист? Чанд дар ин манзили хароб?
Саргашта баҳри ризқ кашонем дар ба дар.
То чанд дар мусибатам андозӣ дар нифоқ?
Даври чунин, ки нест касеро зи кас хабар.
Як ҷав на илтифот писаррост бо падар,
На нимзарра меҳр падаррост бо писар.
Ҳар кас ба рӯзи хеш гирифтор рӯзу шаб,
Гар ҳаст ӯ гадову агар ҳаст муътабар.
Чандон гирифта гирди ҷаҳонро ғубори ғам,
Гӯӣ накарда бар дили кас хуррамӣ гузар.
Ғам ончунон гирифта чаманро, ки дар баҳор,
Накшуда ғунча лаб ба табассум зи якдигар.
Азбаски танг мегузарад бар раги замин,
Наздик шуд, ки сабза кунад кори нештар.
Хушк ончунон фалак, ки намерезад аз ҳаво,
Оби дигар ба хок ба ҷуз оби чашми тар.

Ангушти имтиҳон ба лаби ҳар кӣ мезанам,
Чизи дигар намешунавам ғайри алҳазар.
Сад шукр, к-ин қасида ба матлаб тамом шуд,
Мехону мекун аз дилу ҷон амри додгар.

## ҚАСИДА

Дорам зи дасти гардун ҷону дили фигоре,
На роҳате, на шавқе, на мӯнисе, на ёре.
Ҳамчун ниҳоли тасвир бар худ гумон надорам,
На сояе, на боре, на мавсими баҳоре.
Аз хушкмағзии хеш ашҷори гулситонам,
Ҷуз сӯхтан наояд аз банда ҳеҷ коре.
Гар хун гирист чашмам, манъам макун, Худоро,
Зеро ки нест бо ман як зарра ихтиёре.
Дил киштиест дар хун пайваста дар талотум,
То нашканад нагирад ором дар каноре.
Бо он ки хоки раҳ шуд ин ҷисми нотавонам,
Ҳаргиз накард ёре бар рӯйи ман гузоре.
Фасли хазони пирӣ омад падид, афсӯс,
Дигар гумон надорам ояд зи пай баҳоре.
Аз худ чу нуқта пои берун шудан надорам,
Гардун кашид даврам паргорсон ҳисоре.
Пайдо шавам чу аз дур пӯшанд чашм мардум,
Дар чашми халқ ҷисмам кам нест аз ғуборе.
Ҷое, ки нуктасанҷон бебаҳра з-ин ҷаҳонанд,
Моро чӣ ҳадди он аст, к-оем дар шуморе?
Золи ҷаҳон арӯсест ороста ба зевар,
Аз макри он бипарҳез аз он ки ҳушёрӣ.
Дил гавҳарест аз дӯст пеши ту дар амонат,
Ин донаро ба душман ту аз чӣ месупорӣ?
Як киштие зи тӯфон берун нарафт солим,
Гӯё надорад ин баҳр аз ҳеҷ раҳ каноре.

Имрӯз гар шикоре сайёд баста ғам нест,
Ояд даме, ки бандад сайёдро шикоре.
Чун дар вуҷуд ой, рав хайма дар фано зан,
Мобайни ин ду манзил дунёст раҳгузоре.
Фасли хазон ба гулшан, гар бигзарӣ, бидонӣ,
Ҳар барги ин гулистон дастест дар нигоре.
Ин ҷилваҳо, ки бинӣ, аз сарви ин чаман нест,
В-аз қадди нозанинон мондаст ёдгоре.
Ҳар сунбуле, ки рӯяд аз тарфи ин гулистон,
Дорад нишони хосе аз зулфи тобдоре.
Ҳар наргисе, ки во шуд, гӯӣ, ки чашми шӯхест,
Ҳар сабзае, ки сар зад, монад ба хатти ёре.
Гулҳои ин гулистон гӯӣ тамом доранд,
Ранге зи дилситоне, бӯйе зи гулъизоре.
Ҳар мевае дар ин боғ дорад нишони шӯхе,
Ҳар хори обхӯрда аз хуни шаҳриёре.
Донӣ ҳаром аз чист, эй дӯст, оби ангур?
Кардаст ин ситамгор дар даҳр турфа коре.
Хӯрда фиреби душман, аз дӯст гашта ғофил,
Ҷо кардааст бо заҳр дар коми шаҳриёре.
Он шаҳриёри ҳаштум, яъне имоми мардум,
Бар фарқ тоҷбахше, дар асл тоҷдоре.
Бар ҳифзи ӯ кашида меъмори қудрат аз сунъ,
Бар гирди остонаш аз осмон ҳисоре.
Қуддусиён кашандаш чун тӯтиё ба дида,
Аз хоки остонаш хуршед хоксоре.
Офоқро давонад чун рӯҳ реша бар тан,
Аз гунбади рафеъаш сар барзанад чу хоре.
Ҳар чашмаи зиреҳаш чашмест пур зи ҳасрат,
Ҳар пардаи дарашро Ҷибрил пардадоре.
Шамъи сари зареҳаш фаввораест аз нур,
Алмоси обдорест, ҳар қатрае шароре.

Қандили қудраташро ҳар кас, ки дид, гуфто:
Овехтаст аз нур дар гӯш гӯшворе.
Ҳурон ба гирди марқад бас саф кашида гаштаст,
Ҳар решае зи қандил гесӯи мушкборе.
Пеши сафи сахояш дарёст кам зи қатра,
Дар гулситони хулқаш хулд аст кам зи хоре.
Шоҳо, мани заифе, аз васл бенасибе,
Беқадр хоки роҳе, помоли рӯзгоре.
Шаб то саҳар ба як по чун шамъ истода,
Сӯзону ҷонгудозе, нолону ашкборе.
На ҳамдаме, ки гӯям бо ӯ ҳадиси дурӣ,
На мушфиқе, ки бошад як лаҳза ғамгусоре.
Не маҳраме, ки пурсад шарҳи шаби фироқам,
Не сайқале, ки гирад з-оинаам ғуборе.
Ман дар заифнолӣ чун фохта фитода,
Дастам бигир аз лутф чун сарви ҷӯйборе.
Қассобро, зи эҳсон аз дар марон, Худоро,
К-аз даргаҳи ту дорад чшми умедворе.
Эй қиблаи муҳиббон, аз марҳамат бубахшой,
Дар ҳарду кавн ӯро, чун қозии шуморӣ.

## ТАРҶЕЪБАНД

Ибтидо кардам ба номи подшоҳи безавол,
Сайқали миръоти сурат, нақшбанди ҳар маҳол.
Холиқи бешубҳа, халлоқи замину осмон,
Кирдигори фарди беҳамто, Худои бемисол.
Олиму Қайюми доно, ғайбдону айбпӯш,
Қодиру Қаҳҳору Сатторулуюбу Зулҷалол.
Он Худованде, ки дасти қудраташ дар ҳар чаман,
Дода ташрифи раъунатро ба қадди ҳар ниҳол.
Мадди эҳсонаш расонад мушкро дар нофа бӯ,
Дасти тақдираш кашида сурма дар чашми ғизол.

Байзаи хуршедро пинҳон кунад дар зери пар,
Ёрии авзоъи шабро чун диҳад тавфиқи бол.
Гар тамаъ дорӣ, ки бигзорӣ қадам дар боғи хулд,
Вирди худ соз ин суханро, гар забонат нест лол:

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Эй шуда пайдо ба як амрат ду оламро вуҷуд,
Баҳри таъзими ту афлоканд доим дар суҷуд.
Сонеъе к-овард аз сарпанҷаи қудрат падид,
Нақшҳо аз пушти ин нуҳ атласи чархи кабуд.
Чеҳрапардозе, ки бе таҳрики сайқал ҳар саҳар,
Занги зулмат аз рухи оинаи гетӣ зудуд.
Мӯру моҳиро зи обу дона дар саҳрову баҳр,
Ҳардуро ҳар чиз лозим буд дод аз хони ҷуд.
Корфармое, ки дар далқи вуҷуди одамӣ,
Аз рагу мадди нафас афканда дар ҳам тору пуд.
Ибтидои ҳамд аз назди Худои Зулҷалол,
Ин навид омад нахустам анбиё баъд аз дуруд:

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Баста амраш то умури ҳарду оламро насақ,
Ҳеҷ касро нест ёрои баровардан натақ.
Сонеъи бемислу наққоше, ки бе имдоду ранг,
Коғази афлокро созад ҳиноӣ аз шафақ.
Дасти сунъаш карда ҳар шаб то саҳар чун ҷавҳарӣ,
Нуҳ фалакро аз кавокиб пурҷавоҳир чун табақ.
Қудраташ дар пушти хинги даҳр тарки рӯзро,
Ҳар саҳаргаҳ аз хаданги зарра пур созад садақ.

Партави ҳуснаш аз он рӯзе, ки азми ҷилва кард,
Аз ҳиҷоб афлок хӯрда ғӯта дар обу арақ.
Як қалам то хатти батлон даркашад Фиръавнро,
Зад ба рӯди Нил дасти қудраташ чун хома шақ.
Ғайр аз ин мазмун далеле нест дар роҳи наҷот,
Дафтари айёмро чандон бигардонӣ варақ.

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Эй суҷуд аз асли таъзими ту айни воҷибот,
Васфи зоти Кибриёят кулли оламро сабот.
Он ки аз амри саломи нор гӯ, не бурди ӯ,
З-оташи Намрӯд Иброҳимро дода наҷот.
Корфармое, ки хатми анбиё, аз амри ӯ,
Сода гардонида сақфи Каъбаро аз Луту Лот.
Қодире, к-аз ояи «ло тақнату мин раҳмати»,
Дод ҳафтоду ду миллатро ба озодӣ барот.
Сонеъе, к-аз роҳи зулмат дар биёбони қадар,
Бурд эҳсонаш Хизирро бар лаби оби ҳаёт.
Ҷуз сифоти Кибриёяшро намеёбӣ дар ӯ,
Гар равӣ дар Каъба, гар дар дайру гар дар Суманот.
Ҳаст дар афлок ин тасбеҳи авроди фалак,
Аз замин то сар бурун оварда мегӯяд набот:

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Дар забони хомаам то ҳаст ёрои баён,
Мекунам ҳамди Худованди замину осмон.
Нақшбанди коргоҳи ҳастии ҳар мумкинот,
Подшоҳи чорасози ҷумлаи бечорагон.

Холиқи ҷинси малак, саттори айби мардумон,
Қодири қудратнамо, яъне Худои ғайбдон.
Ҳокими арзу само, рӯзирасони кофу лом,
Ошкорову ниҳон, Парвардигори инсу ҷон.
Мӯниси шабҳои ваҳдат, нашъаи саҳбои шавқ,
Дайр аз ӯ дорулқарору Каъба з-он доруламон.
Подшоҳи бе вазиру Кирдгори бе назир,
Сайқали миръоти қалбу нури айни мардумон.
Бо ду чашми ашкбору бо дили пурёди дӯст,
Мерасад ҳардам ба гӯшам ин нидо аз осмон:

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Эй зи абри раҳматат ташриф гулшан ёфта,
Мӯри аъмо дар раҳи ҷуди ту хирман ёфта.
Абри найсонро кафи ҷудат сахо омӯхта,
Домани худ пурдур аз лутфи музайян ёфта.
Он Худовандӣ, ки хатми анбиё рӯзи ғазо,
Дар ҷиҳод аз ҳарзи асмои ту ҷавшан ёфта.
Боиси биноии ҳар дидаи бино туӣ,
Пири Канъон кай зи Юсуф дида равшан ёфта?
Гарчи ӯро аз бузургӣ нест дар ҷое макон,
Нури покаш дар дили ҳар зарра маскан ёфта.
Ҳар касеро ҳар чӣ лозим буд эҳсон кардаӣ,
Моҳӣ андар баҳру булбул ҷо ба гулшан ёфта.
Ҳар касе з-ин ганҷи гавҳар донае дорад ба каф,
Дарди дилҳои гадову шаҳ зи махзан ёфта.

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

Гаштаам аз бими исён дар раҳаш бетоб, ҳай,
Вақти он омад, ки гардам аз хиҷолат, об ҳай.
Ҳаст умре аз такопӯйи тапиданҳои дил,
Рафта аз хотир маро ороми чун симоб, ҳай.
Вақти он омад, ки ояд дар фиғон қонуни тан,
Нохуни афсӯс шуд пас дар рагам мизроб, ҳай.
Баски аз мижгон туро ашки надомат рехтам,
Киштии саргаштаам афтод дар гирдоб, ҳай.
То дили садпорароро бар тори зулфаш бастаем,
Дар парешонӣ намеояд ба чашмам хоб, ҳай.
Таййи кӯҳу дашт дигар барнамеояд зи ман,
Меравам афғонкунон то баҳри чун селоб, ҳай.
Чун сияҳ кардӣ зи исён номаи аъмолро,
Нотавон аз раҳматаш натвон шудан Қассоб ҳай.

Раҳраву ҷӯёи ӯро нест роҳи мустақим,
Ҷодае чун мадди бисмиллоҳир-раҳмонир- раҳим.

## ТАРКИББАНД

То карда шавқи роҳи ту ҷо дар саройи дил,
Рӯзе ҳазор мартаба гардам фидойи дил.
То кард азми тавфи ту нуҳ атласи фалак,
Гардид пардаи ҳарами кибриёйи дил.
То шуд ҷалӣ чу ойина аз хоки роҳи ту,
Зоҳир дар он чу акс бувад розҳойи дил.
То карда ҷилва акси ту ҳар субҳ офтоб,
Гирад таҷаллӣ аз дару давлатсаройи дил.
Оғӯш нокушода зи ҳам дар ҳавои ту,
Ҷаннат баробарӣ накунад бо фазойи дил.
Чун дар дили ту ҳар нафасе хоҳам аз Худо,
Чандин ҳазор ҷон, ки кунам рӯнамойи дил.

Наздик он шудаст, ки гарданд кафзанон,
Дил гирди марқади туву ҷон аз қафойи дил.

Дилрост орзуй, ки гардад аладдавом,
Парвонавор гирди забеҳи ту, ё имом.

То кард азми тавфи ту, эй шаҳриёр, ҷон,
Нагрифт ҳеч ҷое замоне қарор, ҷон.
Кам буд з-иштиёқи ту гар менамудаме,
Дар ҳар қадам нисори ту гар садҳазор ҷон.
Абри кунуфт ба кӯҳ агар соя афканад,
Рӯяд чу лола аз камари кӯҳсор ҷон.
Ёдат агар гузар кунад аз домани чаман,
Хезад чу сабза аз тарафи ҷӯйбор ҷон.
Бар хоки даргаҳи ту зи ҳасрат фитодаанд,
Бар рӯйи ҳам зи ҳисобу шумор ҷон.
То боргоҳат аз сари ҷон метавон гузашт,
Азбаски кардаанд ба доман нисор ҷон.

Эй шоҳи сарварон, ҳама шоҳон гадои ту,
Ҷонам ҳазор мартаба бодо фидои ту.

Ин чун туе надида замину замон ба чашм,
Кам дида чун ту роҳнамое ҷаҳон ба чашм.
Резанд бар дари ту малоик зи дида об,
Рӯбанд хоки роҳи туро қудсиён ба чашм.
Чун рӯ ба боргоҳи ту доранд, эй азиз,
Хоҳам кашид хоки раҳи корвон ба чашм.
Оҳу ба даври адли ту меоварад зи кин,
Нохун бурун зи панҷаи шери жаён ба чашм.
Аз майли оҳи мадди заифон кашидаанд,
Хоки раҳат малоики ҳафт осмон ба чашм.

Хоҳад нишаст хоки раҳат бар ду дидаам,
Шод он дамам, ки мерасад он меҳмон ба чашм.
Бо он ки ҳар ситора дар он чашми равшанат,
Кам дида боргоҳи чунин осмон ба чашм.

Ҳаққо, ки чун ту роҳнамое надида кас,
Пурфайз чун макони ту ҷое надида кас.

Лабрезтар зи мадҳи ту сарвар бувад даҳан,
Пур чун садаф зи донаи гавҳар бувад даҳан.
Базме, ки ҳаст бодаи шавқи ту дар миён,
Пур аз шароби чашмаи Кавсар бувад даҳан.
Чун васфи холи ҳошимият бар забон равад,
Лаб то ба лаб чу ҳуққаи анбар бувад даҳан.
Таърифи акси рӯйи ту ҳар гаҳ кунад зи нур,
Бо қурси офтоб баробар бувад даҳан.
Дар ҳар чаман, ки шарҳи гули оразат равад,
Пурмай чу ҷоми лолаи аҳмар бувад даҳан.
Аз юмни офтоби ҷамолат зи ойина,
Доим зи мидҳати ту мунаввар бувад даҳан.
Кай метавон зи мартабааш ёфт огаҳӣ?
Маддоҳи ҷонишини паямбар бувад даҳан.

Бар гирди сарви қудратат, эй моликулриқоб,
Гардад мисоли фохта ҳар субҳ офтоб.

Эй аршу фаршро ҳама номи ту бар забон,
Ҷибрилро зи дӯст паёми ту бар забон.
Аз сокинони ҳафт замин то нуҳ осмон,
Доранд ҷумла васфи каломи ту бар забон.
Шамшоду сарву фохта доранд дар чаман,
Умрест васфи қади хироми ту бар забон.

Оташ чу шамъи сӯхтагон з-иштиёқи васл,
Доранд то саҳар ҳама шоми ту бар забон.
Гуфтаст ҳар касе зи сифоти ту шаммае,
Натвон намуд васфи тамоми ту бар забон.
Шохи набот мешавад аз шавқ дар даҳан,
Ояд дар ин қасида чу номи ту бар забон.

То шуд забон ба мадҳи ту гӯё наҷот ёфт,
З-ин ҷӯйбори зиндагӣ оби ҳаёт ёфт.

Зоҳир чу ҳар сабоҳ кунад офтоб рӯй,
Молад ба дидаи ту ба сад изтироб рӯй.
Гумгаштагон зи ҳар тараф, эй раҳнамои халқ,
Доранд бар дари ту бурун аз ҳисоб рӯй.
Гардад зи хиҷлат обу фурӯ резад аз фалак,
Созӣ қарин ба меҳр агар бе ниқоб рӯй.
Дар ҳиҷратат сазад, ки ба имдоди чашми тар,
Шӯям чу лола ҳар нафас аз хуни ноб рӯй.
Дарди ниҳони хеш чӣ гӯям ба пеши ту?
Пайдост орзу ба дилам чун дар об рӯй.
Хоҳам чу зулфу чашми парешони ашкбор,
Молам ба даргаҳи ту ба сад обутоб рӯй.
Ман бекасу ғарибнавозӣ шиори туст,
Аз ман матоб, эй шаҳи олиҷаноб, рӯй.

Бардор аз карам зи рухи абр ниқобро,
Дар шаб намо ба сӯхтагон офтобро.

Онӣ, ки дар раҳи ту фаровон фитода сар,
Беқадр тарзи реги биёбон фитода сар.
Бар гирди боргоҳи фадакиштибоҳи ту,
Ҳар гӯша чун ситора фаровон фитода сар.

Теғат чу азми резиши хуни адӯ кунад,
Бар хок ҳамчу қатраи борон фитода сар.
Миранд ваҳшиён зи хату тоирон зи хол,
Азбаски дар раҳи ту ба ҳомон фитода сар.
Ҳар чашмаи сареҳи ту чашми таҳайюр аст,
Аз баҳри саҷда бас зи ғарибон фитода сар.
Аз чор рукни маркази олам чу нақши пой,
Дар ҷодароҳи Шоҳи Хуросон фитода сар.

Дунёву охират зи имоми ҷаҳон талаб,
Қассоб, ҳар чӣ хоҳӣ аз ин остон талаб.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда

1. Девони Қассоб (дасхат), китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллии Эрон, таҳти рақами 18973, 116 варақ.
2. Маҷмӯаи ашъор (дасхат), китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллии Эрон, таҳти рақами 13776, 241 варақ.
3. Девони Қассоб (дасхат), китобхонаи маҷлиси Шӯрои миллии Эрон, таҳти рақами 16150, 69 варақ.
4. Девони Қассоб (дасхат), Нусхаи Осорхонаи шаҳри Панҷакент, 72 варақ.
5. Қассоби Кошонӣ. Девон. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳусайн Партав Байзоӣ. – Теҳрон: Ибни Сино, 1338 ҳиҷрии шамсӣ. – 208 саҳ.
6. Қассоб. Саду як ғазал. Ба чоп тайёркунанда А.Соҳибова. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 118 саҳ.
7. Баёзи дастхати асри 19.

# ҒАЗАЛҲОИ ИЛҲОҚӢ

**1.**

Аз замин баркан, Худоё, решаи ағёрро,
То ба коми хештан бинам рухи дилдорро.
Бо рақибам ғайри омезиш набошад чорае,
Чораи бечора набвад хӯрдани мурдорро.
Ҳар кӣ имрӯзат бубинад накди ҷон созад нисор,
Аз чӣ андозӣ ба фардо ваъдаи дидорро?
Дӣ нигори симтанро дар маконе дидаам,
Аз шаъаф мебӯсам имрӯз он дару деворро.
Мардуми чашми ту то кай хун хӯрад? Парҳез дор,
Аз қазои номуносиб мардуми беморро.
Он чунон аз ғусса сар дар зери пар кардам ниҳон,
К-оташи ғайрат бисӯзонид бутеморро.
Бесутуни синаам гардад хароб, эй Кӯҳкан,
Гар бубинам бо рақиб он шӯхи ширинкорро.
Саҳл бошад ҳар чӣ ояд бар сарам з-ағёр, лек
Кай тавон ҳамвор кардан ҳарфи ноҳамворро?
Гар сари зулфат парешон гардад аз боди сабо,
Кай дигар бошад хавосе таблаи атторро?
Бо рақиб, эй бемурувват, то каят омезиш аст?
Дар чаҳи ҳиҷрон фикан ин гурги Юсуфхорро.
Дар калисо, эй фарангизода, чун Санъон нигар,
Бастам аз ишқат ба гардан ин буту зуннорро.
Оташе афкан ба ҷони соқиёни симсоқ,
Хезу дар гардиш фикан он соғари саршорро.
Дарди ҳиҷронат ба Қассоб ончунон шуд коргар,
Сӯхт аз ишқат зи оҳе хирқаву дасторро.

**2.**

Эй боди сабо, гӯ, зи ман он сарви равонро,
В-он подшаҳи ҷумлаи хубони ҷаҳонро.

Авроқкани дафтари ушшоқи ҷигархун,
Вайронкуни ободии кохи дилу ҷонро.
К-эй ёри сафаркардаи хӯ карда ба ғурбат,
Аз нома намо шод дили тангдилонро.
Боз ою ба каф гир маю шишаи майро,
Аз ҷоми висолат бичашон бодакашонро.
Ё худ зи сафар рӯ сӯйи кошонаи худ кун,
То дидани рӯят бигузорам дигаронро.
Шуд азм, ки рӯ сӯйи ту орем, валекин
Аз ашк ба гил пой фурӯ шуд шутуронро.
Мурғи дили Қассоб ба парвоз даромад,
Аз холи лабат дона диҳаш то хӯрад онро.

### 3.

То рафтаӣ, эй нури ду чашм, аз назари мо,
Сад Даҷлаи хун гашта равон аз басари мо.
Не бо ту тавонем ба як лаҳза нишастан,
Не бе ту дил осуд даме дар ҷигари мо.
Гар муфлиси ишқем, чӣ бок аст, ки гавҳар
Дар ҷайбу бағал пур шуда аз чашми тари мо.
То чанд диҳӣ ваъда ба васлам, бинигар сӯхт
Аз оташи ҳаҷрат ҳамаи болу пари мо?
Аз ҳасрати қанди лабат ангушт газидем,
Гӯем, ки ин аст, бибин, найшакари мо.
Азбаски зи ғам толиби маргем, вагарна
Мӯ дар бадани мо бинигар нештари мо.
Қассобсифат гирди дари халқ фитода,
Бин, дил ба куҷо рафту чӣ шуд обу хӯри мо?

### 4.

Кашидам ба зорӣ ба худ посбонро,
Ки бӯсам даме хоки он остонро.

Сабо муждаи васли дилдор дорад,
Ниҳам дар қудумаш ҳаме накди ҷонро.
Зи бими рақибон ба кӯяш намудам,
Ба чандин ҳиял ром фавҷи сагонро.
Нагаштӣ туро оқибат ёру афсӯс,
Зи худ ранҷа кардам басе дӯстонро.
Барафрозӣ ар қад зи сарву санавбар,
Таматтуъ набошад дигар боғбонро.
Ба оҳу шавад хоби харгӯш ғолиб,
Ба каф гирӣ ар боз тиру камонро.
Манеҳ бурқаи ноз бар рух, ки дигар
Натобад хур аз хиҷлати худ ҷаҳонро.
Ба шери жаён хоҳӣ ар даст ёбӣ,
Биёвез он зулфи қулобсонро.
Зи зулфи камандат, ки разм бандӣ,
Ба зин дасти сад Рустами Достонро.
Хароб аст маъмураи дил зи дида,
Сади оҳанин бояд оби равонро.
Адолат чунон карда занҷири зулфат,
Ки маъдум шуд ном Нушервонро.
Кунун боз теғи забони ман ба дуо,
Мусаххар намудаст Мозандаронро.
Аз ин шаҳр Қассоб бигзар зи ҳиммат,
Ба шир ҳамчу аз бар табъи равонро.

**5.**

Тарҷеҳ мадеҳ бар мани бедил дигаронро,
Доғе ба сари доғ манеҳ сӯхтагонро.
Як лаҳза маҳол аст маро бе ту сабурӣ,
Бисёр гарон аст ҳам омӯхтагонро.
Шуд гиря гулӯгир маро, сахт савоб аст,
Аз ханда илоҷе кунӣ аз ин хафақонро.

Оташ зада рухсори ту бар ҷонаму биншон,
Аз деги дилам з-оби висолат ҳаяҷонро.
Зард аст маро рӯзи ҷафои ту, замоне
Бинмо руху бардор зи мо ин яраҷонро.
Оғоз вафо кардию анҷом ҷудоӣ,
Изҳор намоям ба кӣ ин суду зиёнро?
Аз як нигаҳи чашми ту, Қассоб, шаҳид аст,
Бандӣ зи чӣ бар куштани вай танг миёнро?

**6.**

Касе, ки карда нигаҳ рӯйи Юсуфи моро,
Куҷо зи ишқ кунад сарзаниш Зулайхоро?
Туро чу нест хабар з-оташи дили Вомиқ,
Абас магир ба дил нукта ҳусни Азроро.
Ҳар он кӣ манъи ман аз ошиқӣ кунад, баргӯ,
Нахуст манъ намояд зи ишқ Ҳавворо.
На ҳадди ҳар кӣ кунад васфи қади раъноят,
Магар касе, ки ба поён расонд ялдоро.
Ба ҳарза лаб макушо бар шамотати Маҷнун,
Надидаӣ чу ба айналяқин ту Лайлоро.
Табассуми шакарини ту мурда зинда кунад,
Ҳазор таъна сазад карданӣ Масеҳоро.
Гирифтам ин ки ба Қассоб нангарӣ ҳаргиз,
Чӣ гуна манъ кунӣ ин ду чашми биноро?

**7.**

Зи рух он моҳ, гирам, дур андозад ниқобашро,
Пайи наззора меорад кадомин дида тобашро?
Гуле, к-ӯро ба сад хорӣ ба гулшан парваридам ман,
Зи ҳақ магзар, чӣ сон гирад рақиби ман гулобашро?

Чӣ сон бинам ба зери сояааш ҷо карда ағёрам,
Ниҳолеро, ки ман додам зи хуни дида обашро?
Маҳе, к-ӯро ба тифлӣ ман ба мактабхона мебурдам,
Ба ҳамроҳаш рақиби ман кунун дорад китобашро.
Ба азми сайди дилҳо гар ниҳад по бар саманди худ,
Ҳаметарсам, ки гирад муддаӣ он дам рикобашро.
Агар он моҳрӯ пурсад, ки чунӣ дар ғами ишқам,
Худоро, носеҳо, баргӯ, чӣ сон гӯям ҷавобашро?
Макун, Қассоб, умри худ талаф андар сари тифле,
Зи халлоқи ҷаҳон дархоҳ доим иҷтинобашро.

**8.**

Овора зи кӯят чӣ кунӣ дарбадареро?
Қонеъ шуда ошиқ ба ҷамолат назареро.
То чанд ситам бар мани маҳзун кунӣ, охир
Бошад асар ин тири дуои саҳариро?
Баркаш қадам аз роҳи ҷафо шӯхи ҷафоҷӯ,
То чанд кунӣ хун ба ҷигар хунҷигареро?
Бас муштаъил омад ба дилам оташи ҳаҷрат,
Аз оби висолат бинишон з-ӯ шарареро.
Эй меҳргусил дилбарам, аз тешаи бедод
Чандон пайи ҳезум шиканӣ як шаҷареро?
Гӯ, модари табъе, ки бизояд чу ту фарзанд,
Ҳар кас набувад қобилу лоиқ падариро.
Дар қайсарае то гузар афтод ба Қассоб,
Дил моилу ошиқ шуда тоҷирписареро.

**9.**

Соқӣ, бидеҳ дубора майи лаълфомро,
Бедор бош нашканӣ албатта ҷомро.
Боз ор он шароб, ки хӯрдам ба ёди дӯст,
Боз ор он мае, ки кунад пухта хомро.

Аз лутф соате бинигар сӯйи майкашон,
То афканӣ шарора дили хосу омро.
Хуш он ки посбони дарат гашта рӯзу шаб,
Эй подшаҳ, зи лутф нигоҳе ғуломро.
Дар гарданат зи хидмати ман ҳаққи беҳад аст,
Бошад ба хоб бинам агар ин мақомро.
Гар гаштаем бесарупо ҳеч бок нест,
Ушшоқ кай кунанд нигаҳ нангу номро?
Қассоб аз ғазал нашавад ёр роми ту,
Лабро бибанду тӯл мадеҳ бас каломро.

**10.**

Хуш он рӯзе туро бо худ бибинам ҳамнишин, ёро,
Ба як сӯ барниҳам аз шавқи васлат он ҷафоҳоро.
Биё, як дам, Худоро, бо ту рӯ орам ба бӯстоне,
Ки абнои ҷаҳон дар айшу баргаштанд саҳроро.
Чунин маълум шуд, эй дӯст, қасди куштанам дорӣ,
Қасам бар мусҳафи рӯят, ки дорам ин таманноро.
Маро чун аз харидорони худ, эй дӯст, нашмурдӣ,
Зи хайли посбононат шумар ин бесарупоро.
Намудӣ рӯзи ман аз ҳаҷри рӯйи худ сиёҳ аз ғам,
Ба рӯз орам ба ёди зулфи шабранги ту шабҳоро.
Чу чашми оҳувони дилбарам аз ғамза бемор аст,
Ба бемори хушам, ҳаргиз намехоҳам мадоворо.
Чу рӯйи дӯст боғу қади ӯ сарв асту мӯ сунбул,
Ба гулшан ҳоҷатам набвад, чӣ хоҳам кард гулҳоро?
Нафас охир расид, охар надида рӯйи ӯ мурдам,
Расон як дам ба болинам, Худовандо, Масеҳоро.
Қадам бар дидаи Қассоб неҳ, бошад, ки ӯ як дам
Кашад бар дидааш чун сурма он хоки кафи поро.

## 11.

Ба сӯям нигоҳе кун аз лутф, ёро,
Ба дил беш аз ин нест тоқат Худоро.
Ба захми хаданги ту хӯгар шуда дил,
Нашояд, ки овард пешам даворо.
Кулаҳ баршикастӣ пайи ғорати ҷон,
Мабанд инчунин чуст банди қаборо.
Ба ҳусну ба хат гарчи шоҳӣ ба даврон,
Ба як бӯса хуш кун дили сад гадоро.
Надодӣ чу рухсат дароям ба кӯят,
Кунам қосиди хеш боди саборо.
Зи хуни дилам соз бар каф нигорин,
Азизам, чу хоҳӣ намудан ҳиноро.
Кунӣ то ба кай ҷавр бар ошиқи худ?
Шиори худ, эй дӯст, гардон вафоро.
Зи оҳи шабу аз дуойи саҳаргаҳ,
Барандозам аз по рақиби дағоро.
Ба гирди сарат гашта Қассоб гӯяд:
Чӣ бошад кунӣ гар қабул ин фидоро.

## 12.

Ёд аз он шаб, ки ба болини ту будам, ёро,
Кардӣ болида фаромӯш ғами дунёро.
Ёд аз он шаб, ки ниҳон аз падарат омадаам,
То ба болини ту, эй дӯст, ниҳодам поро.
Ёд аз он шаб, ки рухи хеш ба поят судам,
Аз сари шавқ ниҳодам тарафе ғамҳоро.
Ёд аз он шаб, ки чу ҷон дар бағалам ҷоят буд,
Бӯса медодаам он холу рухи зеборо.
Ёд аз он шаб, ки сарам бар сари болинат буд,
Омадам, бӯса задам ҳарду кафи поҳоро.

Ёд аз он шаб, ки алорағми рақибон, Қассоб,
Бӯса медод руху холу қади раънооро.

## 13.

Аз мани бедину бедил, гӯ, шуд чӣ воқеъ, эй ҳабиб?
К-инчунин беэътиборам сохтӣ пеши рақиб.
Аввал он меҳру вафою шафқату ёрӣ чӣ буд?
Охир ин ҷавру ҷафою меҳнату макру фиреб.
Дил даруни сина аз ҳиҷрони ту лабрези хун,
Чун надодӣ як даме аз васли худ ӯро шикеб.
Аз фироқат ман зи ҷон серу ту бо ағёр ёр,
Ҳеч кас дид андар ин олам чунин феъли аҷиб?
Бегуноҳам мекушӣ то кай, чӣ мехоҳӣ зи ман?
Худ битарс, эй бемурувват, охир аз зӯри рақиб.
То ба кай, эй моҳ, зери абре, к-ӯ ниҳон
Баҳри таскини дилам бардор аз рӯят ҳиҷеб.
Шуд дили Қассоб бемору фирист, эй нӯшлаб,
Аз ду пистону зақан баҳраш фаровон нору себ.

## 14.

Маҳи номеҳрубонам гашт бо ман меҳрубон имшаб,
Шудам аз васли рӯйи ҳамчу моҳаш комрон имшаб.
Забонеро, ки чандин бор дашном аз ғазаб гуфтӣ,
Биҳамдуллоҳ, ниҳодам соате андар даҳон имшаб.
Ба кӯяш ҳаргиз аз тарси рақибон пой нанҳодам,
Шудам алҳамд андар остонаш посбон имшаб.
Ниҳам сар зери пойи ёру гирам дар бағал қаддаш,
Кулоҳи фахр месоям ба авҷи осмон имшаб.
Рақиби бемурувват сарзанишҳо кардаӣ дӯшам,
Биё, дар маҷлисам биншин, даме биспор ҷон имшаб.

Кашам бар сихи мижгон мурғи дилро з-оташи сина,
Кунам бирён чу гардидаст он маҳ меҳмон имшаб.
Чу васлаш шуд муяссар, коми дил ҳосил кунам аз вай,
Ниҳам лаб бар лаби ёру кунам таслим ҷон имшаб.
Бирав, эй бемурувват, муддаӣ аз маҷлисам берун,
Баҳорамро намеояд дигар фасли хазон имшаб.
Биҳамдуллоҳ, мурođу мақсадам ҳосил шуд аз дилбар,
Шудам аз васли рӯйи ёр машҳури ҷаҳон имшаб.
Чӣ мехоҳӣ зи ҷонам, эй рақиби зишти бепарво?
Набошад дар ақиб минбаъд судеро зиён имшаб.
Алорағми рақибонам аҷаб айше бапо кардам,
Биҳамдуллоҳ, ба базми айши худ кардам макон имшаб.
Забони ошиқон шуд лол дар таърифи рӯйи ту,
Чунон Қассобро монад дигар нутқу баён имшаб.

**15.**

Ин оҳи дамодам, ки кашам аз ҷигар имшаб,
Тарсам, ки шавад мурғи дилам дар ба дар имшаб.
Бар новаки мижгони ходанги ту аҷаб нест,
Гар синаи худро бинамоям сипар имшаб.
Аз оҳи дилам миҷмари хуршед бисӯзад,
Азбаски бувад нолаи ман пуршарар имшаб.
Дӣ рафт бурун аз дили тангам ғами ҳиҷрон,
Боз аз сари нав омада бори дигар имшаб.
Гуфтам, ки бубинам рухи зебои ту дар хоб,
Кай хоб кунад дидаи ман то саҳар имшаб?
Донам, ки маҳол аст туро дидану дар рӯз,
Хоҳам, ки кунам бар сари кӯят гузар имшаб.
Зулфайни ту доме биниҳодаст ба ҳар сӯ,
Мурғи дили ман рехт дар он болу пар имшаб.

Ҳиҷрони ту бигдохт диламро зи сабурӣ,
Кун шод дили ғамзада аз як назар имшаб.
Мижгони ту ҷон хоҳаду зулфайни ту имон,
Ин навъ ҷадал хуш бувад аз якдигар имшаб.
Бин, мардумаки дида ба эсори қудумат,
Бардошта аз ашки тари ман гуҳар имшаб.
Холи лаби лаъли ту пайи ғорати ҷон аст,
Қассоб, аз ин воқеа бас бехабар имшаб.

**16.**

Чун уд зи савдои ту дар миҷмарам имшаб,
Бигзашт зи ҳиҷрони ту дуд аз сарам имшаб.
Аз ҳаҷр намондаст дигар тобу тавонам,
Вақт аст дарой ту даме дар барам имшаб.
Шуд нотиқае килки ман аз васфи ту охир,
Мумкин набувад мадҳи ту андар х(в)арам имшаб.
Алминнатулиллаҳ, ки қадам ранҷа намудӣ,
Шуд хоки кафи пойи ту тоҷи сарам имшаб.
Гар з-оташи ишқи ту бисӯзам, на малӯлам,
Чун бод расонад ба ту хокистарам имшаб.
Дил бе ту ба монанди ғариқест ба гирдоб,
Аз дасти ғамат киштии белангарам имшаб.
Хоҳам, ки шабе пос бидорам сари кӯят,
Ҳарчанд ба пеши ту зи саг камтарам имшаб.
Бемори ғамат гарчи мадово напазирад,
Аз пурсиши ту аз ҳама шаб беҳтарам имшаб.
Аз лутф, биё, соате аз дур назар кун,
Афтодану ғалтидану дар бистарам имшаб.
Як дам назаре кун ба ману бин, ки чӣ сон сӯхт,
Дар оташи савдои ту болу парам имшаб.

Ҳарчанд накӯён дили Қассоб рабуданд,
Ғайр аз ту ба рӯйи дигарон мункарам имшаб.

**17.**

Имшаб ду чашми ман ба рухи моҳу ахтар аст,
Лекин рухи нигорам аз ин ҳарду хуштар аст.
Ҳоҷат набошадам ба тамошои сарву боғ,
Чун қадди дилбарам зи қади сарв беҳтар аст.
Дар маҷлисе, ки моҳи дилафрӯзи ман дар ӯст,
Фонус, гӯ, мабод, ки рӯяш мунаввар аст.
Ҷони ману ҳазор чу ман ҷумлагӣ фидош
Гардад, аз он ки моҳрухи ҳурманзар аст.
Гар васли ӯ муяссари ман шуд, аҷаб мадор,
Хуршед, бин, ба он азамат заррапарвар аст.
Бод омаду зи кӯ-ш ғуборе ба ман расонд,
Гуфтам, ба дил, ки хоки сари кӯ-ш анбар аст.
Гар нест пеши чашми ман он ёр меҳрубон,
Нақши рухаш муоина андар баробар аст.
Азбаски дил рабуд зи дасти ҷавону пир,
Ҳар сӯ зи дасти ғораташ «Аллоҳу акбар» аст.
Дидам нишаста дилбарам андар канори ҷӯй,
Гуфтам магар, ки ҳури лаби ҳавзи Кавсар аст.
Умрам мабод гар нафасе бе ту сар кунам,
Аҳд аз азал бибастаму то рӯзи маҳшар аст.
Қассоб, солик аст ба водии ишқи ту,
Гум шуд, валек ҳодии ӯ Хизри раҳбар аст.

**18.**

Аз ҳусн дилбарам зи накӯён мусаллам аст,
То рӯзи ҳашр васфи рухаш гар кунам кам аст.
Бо ин қади баланду ба ин ҳусни чун парӣ,
Кай бовар аст ин ки зи фарзанди Одам аст?

То чанд бо рақиб даромезишӣ, бас аст,
Хун шуд дил аз тағофулу вақти тараҳҳам аст?
Донам, ки нест шеваи ӯ ҷуз ҷафову ҷавр,
Бо ин ситам биё, ки дилам аз ту хуррам аст.
Бингар, чу аз ду дида, нигоро, нишон шудӣ,
Дар пеши рӯ ҳамеша хаёлат муҷассам аст.
Аз тири ғамзаат бинигар сина чок-чок,
Дигар намонда сабр ба дил, вақти марҳам аст.
Қассобро, зи дил ҳаваси ҳусни рӯйи туст,
Дасташ тиҳӣ, валек на динору дирҳам аст.

**19.**

Эй ошиқи маъшуқ, дилат аз кӣ ғамин аст?
Аз дасти кӣ бар дӯши ту ин дур(р)и самин аст?
Табъат зи кӣ ранҷиду хаёлат ба кӣ бошад,
К-ат бо мани дилхаста дилат дар сари кин аст?
Бо ман даме аҳволи дили хеш аён кун,
Бар ин ғами пинҳони ту ҷуз ман кӣ амин аст?
Тарзи нигаҳи кист кӣ бурд аз кафи ту дил,
К-осори ғам аз рӯйи чу моҳи ту мабин аст?
Бар лашкари қалби ту кӣ оварда шабехун,
Он кист, ки дар бурдани сабрат ба камин аст?
Дар саҳфаи майдони дилат Рахши кӣ тозад,
Рустамсифат он кист кӣ дар хонаи зин аст?
Ошиқ шудан аз ҳамчу ту не сахт баид аст,
На қоидаи мазҳабу не одати дин аст.
Ҷамъе ба тамошои рухат волаву шайдо,
Азбас лаби лаъли намакинат намакин аст.
Пас манъ ба Қассоб раво нест ба ишқат,
Гӯ, мудааии меҳри ту то рӯзи пасин аст.

**20.**

Ин саркашӣ, ки дар сари сарви баланди туст,
В-ин шаҳдҳо, ки дар назари нӯшханди туст.
Мушкил касе зи дасти нигоҳи ту ҷон барад,
Мурғи дилам асиру гирифтори банди туст.
Ҷавлон кунӣ ба хонаи зин баҳри қатли ман,
Ин сар чу к-уфтода ба пойи саманди туст.
Дар сина дил маро чу сипанде дар оташ аст,
Чашмат мабод з-он ки барои газанди туст.
Шахси ҳавас куҷо ба таманнои дигар аст,
Пойи дилам чу бастаи зулфи каманди туст?
Нақди ҳаёт медиҳаму бӯса мехарам,
З-ин баъй гар ризои дили нозукписанди туст.
Қассобро зи теғи ҷафоят макун шаҳид,
Умрест к-уфтода зи по дар саманди туст.

**21.**

Эй хуш он олам, ки дар вай роҳёбе ғам надошт,
Дасту поҳо дошт, аммо сурати Одам надошт.
Ҳуснро чандин ҳазор ойина пеши по набуд,
Акси ҷон ҷо дар тани номаҳраму маҳрам надошт.
Буд кӯтоҳ аз гиребони равон дасти аҷал,
Чашми эҳё ҳеч аз Исӣ бини Марям надошт.
Дасту теғи ғамза бар қатли касе боло нарафт,
Захмчашми роҳат аз ҳамхобии марҳам надошт.
Чанд базме соқии даврон, ки дар гетӣ набуд,
Рехт бар хоки вуҷуд обе, ки ҷоми Ҷам надошт.
Ҳар дилеро шуд ба қадри дӯстӣ васле насиб,
Ин туро з-ӯ заррае дар вазн бешу кам надошт.
Нотавонӣ пай бар маънӣ бурд, зоҳирбин мабош,
Он чӣ дар зоҳир Сулаймон дошт, дар хотам надошт.

**22.**

Бибин, чӣ кард фироқат ба ҷони мо, эй дӯст?
Зи ҳад гузашт зи ҳаҷрат фиғони мо, эй дӯст.
Биё, ки нест дигар тоқату шикебоӣ,
Зи дурият ба дили нотавони мо, эй дӯст.
Накардаам ба ту изҳор шӯри ишқамро,
Кӣ гуфт пеши ту рози ниҳони мо, эй дӯст?
Чӣ мешавад, ки зи васлат маро кунӣ хушдил,
Фиканда ҳаҷри ту оташ ба ҷони мо, эй дӯст.
Ба водии ғами ишқат фитода саргардон,
Гирифта ҳаҷри ту аз каф инони мо, эй дӯст.
Зибаски хонахаробем дасти мардуми чашм,
Бувад ба кӯҳу биёбон макони мо, эй дӯст.
Ҳанӯз шиква зи дасти ғамат накарда бубин,
Гирифта оташе андар даҳони мо, эй дӯст.
Туро чу нест ба дил ишқ, боварат н-ояд,
Ки ишқи ту чӣ намуда ба ҷони мо, эй дӯст?
Ҳамеша лоф ба ишқи ту мезанад , Қассоб,
Биё, ба ёд бикун имтиҳони мо, эй дӯст.

**23.**

Ба ҷуз аз ҷавру ҷафо ҳеч ба бозори ту нест,
Кас чу ман, эй маҳи навкисса, харидори ту нест.
Манишин бо ҳама кас, панд зи ошиқ бишнав,
Дилбаро, суҳбати ағёр сазовори ту нест.
Муддаӣ гуфт: Ба пойи ту диҳам ҷон, аммо
Чу мани дилшуда, эй моҳ, талабгори ту нест.
Номи худ чанд ниҳӣ дилшикан, эй сангиндил,
Ки худ ин ҳаст аён, ҳоҷати изҳори ту нест?
Додиям ваъдаи васл, аз чӣ нашуд ваъда вафо?
Эътимоде дигар, эй дӯст, ба гуфтори ту нест.

Як дам, эй Хизр, маро чашмаи ҳайвон бинамо,
Чу мани сӯхта кас гушнаи дидори ту нест.
Андарин шаҳр зи ҷаври тую бедоди рақиб,
Гули ман ҳеч диле ҳаст, ки худ хори ту нест?
Иттифоқест, ки ушшоқ ҳама соҳибназаранд,
Нест соҳибназар он кас, ки гирифтори ту нест.
Чӣ кунад ҳурию ғилмону ҷинонро, Қассоб?
Лаби ҳуре чу лаби лаъли шакарбори ту нест.

**24.**

Чун ҷо ба маҳмил он бути номеҳрубон гирифт,
Чашмам зи сели ашк раҳи корвон гирифт.
Афканд чун ниқоб ба рӯйи чу офтоб,
Гуфтам: Занед мис, ки маҳи осмон гирифт.
Мехостам, ки шиква зи дасти ғамаш кунам,
Нокарда шиква оташам андар даҳон гирифт.
Холи лабат нишаста ба кунҷе ба қасди ҷон,
Аз абрӯ дуди чашми ту тирукамон гирифт.
Кай дорам иштиёқи дигарбора дар ватан,
Дил посбонӣ аз саги ин остон гирифт?
Рози дарун ба хилвати дил гуфтаам ба дил,
Аз заъфи толеам ҳама ҷо дар забон гирифт.
Қассоб, дигар аз ғами зулмаш фиғон макун,
Сити адолаташ ҳама мулки ҷаҳон гирифт.

**25.**

Хуш он ки бо ту шаб ҳама шаб ҳамривоят аст,
Гар доимаш ҷафо кунӣ, айни риоят аст.
Пайваста гар зи ҷоми висолат хӯранд заҳр,
Андар мазоқашон чу шароби иноят аст.
Андар ҳарими қурби ту хосон муқарабанд,
Моро зи дур дидани рӯят кифоят аст.

Ҳошо, ки аз ҷафои ту нолем рӯзу шаб,
Моро зи дасти чархи ҷафоҷӯ шикоят аст.
Бемеҳрӣ аз ту нест, маҳи меҳрубони ман,
Бахти маро ҳамеша чунин тарзу одат аст.
Гар қиссае зи мӯйи сиёҳат баён шавад,
Аз шарҳи тирарӯзии ман як киноят аст.
Аз ҷониби ту муждаи қатлам агар расад,
Фархунда бод бахт, ки лутфи ниҳоят аст.
Шоҳо, ба ҳафт дафтар агар шарҳи ғам кунам,
Бар хоки пот аз ғами дил як ҳикоят аст.
Он к-ӯ, ки аз лаби намакинат намак макид,
Шӯр аст чашмаш ар ба ту чашми хиёнат аст.
Дар шеъри ман магир зи алтоф нуктае,
Орӣ зи ақлу фаҳмаму коре бидоят аст.
Қассоб, накди ҷон диҳадат шоҳи қаҳрамон,
Аз ин матои ҳеч туро гар ризоят аст.

**26.**

Дерест, ки савдои туям ишқи замир аст,
Ин маҳзари расвоиям аз килки дабир аст.
Рӯзам ба ҷаҳон, гӯ, ки сияҳ бод чу зулфат,
Рухсори шабафрӯзи туям бадри мунир аст.
Зоҳид, зи чӣ манъам кунӣ аз ишқи накӯён,
К-ин қолаби фарсудаам аз ишқ хамир аст?
Шуд шефтаи чашму рухат шахси дарунам,
Мурғи дили ман дасти ду сайёд асир аст.
Аз зулфу хату холи рухат даст надорам,
Бечора дилам дар кафи ин силсила гир аст.
Манъи мани дилдода намоӣ зи нигоҳе,
Бар манзари зебо-т, ки бе шубҳу назир аст.
Аз маҳфили Қассоб макаш пойи иродат,
Бедил зи ҷафои ту дар ин шаҳр шаҳир аст.

## 27.

Ром гардад баъд аз ин дилдор, бо мо мушкил аст,
Дил хаёли васли ӯ дорад, хаёли ботил аст.
Ҳадди ҳар кас не, ки роҳи васли ӯро тай кунад,
Бас мусофирро дар ин раҳ пойи шуҳрат дар гил аст.
Сорбоно, гӯ, ба он маҳмули пешоҳанги ман,
Хастаҷоне, нотавоне, дар қафои маҳмил аст.
Гар ба азми дидани рӯяш кушоям чашми хеш,
Ашки хунинам миёни мову ёрам ҳоил аст.
Гӯ, ба он сайёди тирандоз, к-эй мушкинкаманд,
Бармакаш теғ аз паи сайде, ки ӯ худ бисмил аст.
Ҷавр камтар кун, ҷафоҷӯ дилбари ағёрдӯст,
Нест аз фӯлоду оҳан ин дилам, охир дил аст.
Эй ки чашмат дода аз як ғамза сад ҷоду фиреб,
Мардуми чашмат дар ин фанну фусун бас қобил аст.
Маҷлисе, к-он маҳ чунин бардорад аз рӯяш ниқоб,
Нури рӯяш дар дурахшидан чу шамъи маҳфил аст.
Чанд носеҳ, к-ӯ насиҳат мекунӣ Қассобро?
Талхтар дар коми ман пандат зи заҳри қотил аст.

## 28.

Манам, ки ваъдаи васлаш дар интизорам сӯхт,
'Ҳазор бор зи ҳиҷрон ҳазор борам сӯхт.
Чу нест дар дили ту ишқи кас, чӣ медонӣ,
Ки оташи ғами ишқат чӣ беқарорам сӯхт?
Зи рашки қоматат, эй сарви ҷуйбори умед,
Ниҳоли қомати гул сарви ҷӯйборам сӯхт.
Зи дасти боди хазоне набошадам гилае,
Самар зи шохаи уммед дар баҳорам сӯхт.
Маро ҳавас ба ду узват ҳамин кашида ба банд,
Гаҳе зи холу гаҳе зулфи тобдорам сӯхт.

Фирист аз лаби ёқутранги худ қуте,
Ки ҷон зи ҳасрати он лаъли обдорам сӯхт.

**29.**

Гар бирезад хуни ман он турки маҳпайкар равост,
В-ар бинолам ман зи дасти ханҷараш айни хатост.
Ҳеч боке нест гар хунам бирезад он писар,
Ошиқонро дар шариат як-ду бӯсе хунбаҳост.
Карда рангин дасту пои худ ба хунам он нигор,
Менамояд бар рақибонам, ки ин ранги ҳиност.
Карда аз барги гули сурӣ тани худро ниҳон,
Менадонам аз чӣ мегӯяд маро дар тан қабост?
З-ин қаду болову зулфу кокулу абрӯву чашм,
Гар кунад даъвӣ, ки ҳастам Юсуфи Мисрӣ баҷост.
Турки ханҷарбози ман бархост баҳри қатли ман,
Менамояд дар назарҳо маҳшаре азме бапост.
Чун ниҳад по бар замин бар осмон хонад мудом,
Нуктаи "ёлайтанӣ кунту" туро ёро сазост.
Сарф то кай мекунӣ Қассоб умр андар ғазал?
Мадҳ шоҳеро сазад, гӯӣ, ки айни мудаост.
Гавҳари якто Тағони турку ёри нӯшлаб,
К-аз вафову меҳру ёрӣ аз ҳама хубон ҷудост.
Гар ба ҷӯше оядам лутфаш ба гоҳи базлу ҷуд,
Пеши дасти ҳиммати ӯ Ҳотами Тоӣ гадост.
Хостам андар дуояш шоҳмадҳе сар кунам,
Гуфт килки мушкборам на туро ҳадди дуост.

**30.**

Моҳи рамазон рафту дигар май на ҳаром аст,
Минбаъд маро гӯшаи майхона мақом аст.
Он бода, ки пеш аз рамазон буд ба соғар,
Боз ор фидоят, ки на ин моҳи сиём аст.

Бар халқи ҷаҳон гашт аён чун маҳи шаввол,
Гуфтам ба яқин моҳи навам бар лаби бом аст.
Ғофил машав аз зоҳиди худбини худорой,
К-он субҳаи саддонаи ӯ донаву дом аст.
Эй кӯдаки бетарбият, аз чист тағофул?
Моро тамаъ аз ту на ба ҷуз ради салом аст.
Абрӯйи нигорам пайи хунрезии ушшоқ,
Теғи дусаре ҳаст, ки дар баҳри ниём аст.
Он ҷом, ки аз мои унаб нест лаболаб,
Беҳ бошад агар бишканияш кӯзаи хом аст.
Аз ҳасрату андуҳ бимурдам, ки ҳамеша
Лаъли лаби майгуни маҳам бар лаби ҷом аст.
Қассоб, на аз вай тамаъи васл намояд,
Ҷон дар кафи худ дораду муштоқи паём аст.

**31.**

Май як наме зи лаъли лаби майпарасти туст,
Наргис намуна ҳам аз он чашми масти туст.
Гар мекушӣ ба теғаму в-ар мезанӣ ба тир,
Ҷонам чу шишаест, ки доим ба дасти туст.
Ҳаргиз зи меҳрат, эй санамо, дил намеканам,
То хотирам ба аҳду вафои аласти туст.
То дил хаёли чашми ту карда зи ҳуш рафт,
Ту аз шароб мастию ӯ низ масти туст.
Набвад аҷаб қиёми қиёмат нашуд падид,
Тақсири дер кардани ӯ аз нишасти туст.
Мапсанд муддаӣ кунадам сарзаниш агар
Ҷоно, ки ҳам хиҷолати ошиқ шикасти туст.
Ҳар кас, ки дид синаи Қассоб чок-чок,
Гуфто: Яқин ҷароҳаташ аз тири шасти туст.

## 32.

Гар сад гираҳ туро ба ҷабин баҳри қатли мост,
Ғофил машав, ки нохуни сабрам гираҳкушост.
Бар рӯйи андалеб дари орзу мабанд,
То гулшани ҷамоли ту, эй шӯх, босафост.
Саҳл аст агар муҳаббати мо ҷо диҳӣ ба дил,
Гар хонаи Худост, ки муҳтоҷи бурёст.
Дар рӯзи вопасин ба касе илтиҷо мабар,
Нашнидаӣ магар, ки каси бекасон Худост?
Шӯхе, ки доимо дили ӯ моили дил аст,
Умри азизи мост, чӣ ҳосил, ки бевафост?
Абрӯи зард нуқси ҷамолат намешавад,
Сарсураи каломи Худо аксаре тилост.
Дидам, ки ёр мераваду аз пасаш рақиб,
Гуфтам, ки умр мераваду марг аз қафост.
Зинҳор дил мабанд дар ин панҷрӯза ҳусн,
Айёми ҳусну ранги ҳино ҳарду бевафост.
То шӯри ишқ бар дили Қассоб карда ҷо,
Кори ту бемурувватию кори мо дуост.

## 33.

Нашуд дар зиндагонӣ чун муяссар омадан сӯят,
Илоҳо, баъди мурдан хок гардам дар сари кӯят.
Ало, эй ёр, то кай чанд бошам дар шаби ҳиҷрон?
Шаби моро саҳар созу барафкан бурқаъ аз рӯят.
Агар Ҳорут мебидӣ туро бо ин қаду қомат,
Ҳазорон сеҳр меомӯхт з-ин чашмони ҷодуят.
Тааҷҷуб ин бувад аз Чин чаро оранд мушки тар,
Ки мерезад ҳазорон мушки тар аз ҷаъди гесӯят?
Дилам гум гашт дар водии ишқат, эй санам, лекин
Зи баъди ҷустуҷӯ дидам, ки шуд баста ба ҳар мӯят.

Зи зулфайнат каманде бар сари роҳи ман афкандӣ,
Ниҳодӣ донае дар дом аз он холи ҳиндуят.
Дили Қассоб шуд моил, ки созад ҷон фидои ту,
Бикуш ӯро ба сад зорӣ, валек аз теғи абрӯят.

**34.**

Висоли дӯст муяссар шавад маро аҷаб аст,
Ки дар миёнаи хубон шаҳри мунтахаб аст.
Гузашт оби висолат зи фарқ ҳар касро,
Ҳанӯз ошиқи дилдодаи ту ташналаб аст.
Ба дил маро ҳаваси бӯса аз ту шуд, лекин
Зиҳӣ тафаккури беҷо, ки дур аз адаб аст.
Магар зи шираи ҷон парварид доя туро,
Ки айни оби ҳаётат миёнаи ду лаб аст?
Чу дид чашми ту, Қассоб, масту бехуд шуд,
Макун хаёл, ки ӯ масти бодаи унаб аст.

**35.**

Ҳанӯз дил ба ҷамоли ту орзуманд аст,
Ба зулфи ҳамчу камандат ҳанӯз побанд аст.
Ҳикояте, ки ба гӯши ман омад аз даҳанат,
Ҳазор мартаба ширинтарам зи гулқанд аст.
Дил аз ту барнаканам то ба рӯзи растохез,
Маро ба мусҳафи рӯят ҳазор савганд аст.
Маро зи дурии рӯйи ту нест ороме,
Туро ҳамеша баағёр аз чӣ пайванд аст?
Ғизоли ваҳшии ман, гӯ, наё рақиби даға,
Каманди макру фусун дар раҳи ту афкандаст.
Зи ҳарфи муддаиён бегуноҳ ёр маро,
Асири меҳнати ҳиҷрон намуда якчанд аст.

Ба гӯш мерасадам қаҳқаҳа зи кабки дарӣ,
Аҷаб мадор, ки он моҳ дар шакарханд аст.
Ба чашму абрӯву холу даҳону кокулу зулф,
Туро на дар табақоти биҳиштмонанд аст.
Висоли дӯст ба Қассоб гар муяссар нест,
Дилаш ҳамеша ба ҳиҷрони ёр хурсанд аст.

**36.**

Юсуфи ҳусни ту, эй маҳ, то ба бозор омадаст,
Сад чу ман аз ҳар тараф ӯро харидор омадаст.
Ҳуққаи лаъли лабат то пӯз бар пӯзиш кушод,
Шуд хаёлам, ин ки сад тӯтӣ ба гуфтор омадаст.
Муддате гар рӯйи худ пинҳон намудӣ дар ниқоб,
Шукрилилаҳ, бори дигар худ падидор омадаст.
Чашмаи лаъли лабатро посбон даркор нест,
Зангиёни холи худ ӯро нигаҳдор омадаст.
Муддаӣ мехост бинад ҷисми ман дар дори ғам,
Сад ҳазорон шукр, к-ӯ худ бар сари дор омадаст.
То қадатро дар чаман чуну чунин пиндоштам,
Сарв бо шамшоду озодӣ ба рафтор омадаст.
Ҳоҷати зуннор бастан набвадат, эй бутпараст,
Зулфи мушкини чалипои ту зуннор омадаст.
Мардуми чашмат паи хунрезии бечорагон,
Ханҷар аз мижгон гирифта баҳри пайкор омадаст.
Дидаи Қассоб андар интизорат шуд сафед,
Ҳеч мепурсӣ чиҳо бар ошиқи зор омадаст?

**37.**

Ёр бори дигар андар пайи озори ман аст,
Мекашам бори ғамаш ёр агар ёри ман аст.

Аз матоъи ғами ту суд надидам, ин бас
Худ бигӯӣ, ки фалонӣ зи харидори ман аст.
Булбулосо зи фироқи гули рӯят нолам,
Гӯ, Худоро, ки ҳамин мурғи гирифтори ман аст.
Он парӣ бошадам, аз дур намояд ба назар,
Не ғалат бофтам, он шӯхи кулаҳдори ман аст.
В-он маризе, ки мадово напазирад ҳаргиз,
Он ситамдидаи ғамгин дили бемори ман аст.
Ҳар ханданге, ки зи мижгони ту парвоз кунад,
Рост манзилгаҳи ӯ синаи афгори ман аст.
Бас ба дил неши насиҳат халадам аз зоҳид,
Ба гуле гар нигарам, дидани гул хори ман аст.
Он кӣ ҳаргиз дуру гавҳар на ба ман дошт дареғ,
Ба нисори қадамаш дидаи хунбори ман аст.
Гар ба меҳмонии Қассоб қадам бардорад,
Аз пайи моҳазараш додани ҷон кори ман аст.

**38.**

Эй ба дидори ту муҳтоҷ Масеҳ,
Шуд забон баҳри мадеҳи ту фасеҳ.
Хайли ишқат ба сарам шӯр дамид,
Аз лаби чун шакару ҳусни малеҳ.
Вараки ҳусни бутонро хондам,
З-он миён нусхаи ҳусни ту саҳеҳ.
Ҷумла хубони ҷаҳонро зебад,
Иди Қурбони ту гарданд забеҳ.
То каям панд диҳад муфтии шаръ?
Ошиқон тоб наёранд ба насеҳ.
Ҳар кӣ доруи ғамат хӯрда даме,
Марҳам аз дасти Арастуш қабеҳ.
Дили Қассоб ба холи лаби ту,
Гашта хун, кизб набошад ба сареҳ.

### 39.

Баҳор омаду шуд чеҳраи гулистон сурх,
Зи акси талъати гул рӯйи андалебон сурх.
Чӣ гуна ёр намояд зи қатли ман, ҳошо,
Ки шуд зи хуни манаш дасти сурхи даврон сурх?
Биёр соқии сармаст бодаи унабӣ,
Ки ҳаст чеҳраи ман ҳамчу рӯйи ҷонон сурх.
Хуш он даме ки нишинӣ ба тавсан аз пайи сайд,
Кунӣ зи куштани аҷёр нӯги пайкон сурх.
Ба дасти хеш набандам ҳинои ид, аммо
Зи хуни дида кунам дастҳои мижгон сурх.
Намуд дар шаби ид он нигор аз сари шавқ,
Зи хуни бегунаҳон дасти худ чу марҷон сурх.
Кашӣ ба куштани Қассоб теғу мегардад,
Зи қатли ноҳақи ӯ чеҳраи рақибон сурх.

### 40.

Эй насими субҳдам, гар бори ту шабгир шуд,
Баҳри ёрам номае аз хомаам таҳрир шуд.
Моҳи ман, аз зери абри тирарӯ берун хиром,
Чашми ман аз дидани рӯйи рақибон сер шуд.
То ба зиндони ғамаш маҳбус гаштам бегуноҳ,
Зулфи ӯ баҳри дили девонаам занҷир шуд.
Эй мусалмонон, ба як наззораи оҳуи ӯ,
Аз пайи нахчири дил мижгони ӯ чун тир шуд.
Чашм то бикшудам аз баҳри тамошои рухаш,
Ногаҳон аз баҳри қатлам абрӯяш шамшер шуд.
Дасти Қассоб аз гиребонат надорад дасти худ,
Ҳоли якумрест то дастам гиребонгир шуд.

## 41.

Эй хуш он соат, ки қосид муждаи ёр оварад,
Боз ин хунгаштадилро бар сари кор оварад.
Гирам он шамъи шабафрӯзам гирад аз рух ниқоб,
Тоқати дидан куҷо ин чашми хунбор оварад?
Боз чун Мансур ман зикри «аналҳақ» мезанам,
Кист аз баҳри фаноям бар сари дор оварад?
Чархи ворун чун Зулайхо дилбаре дилхун кунад,
Баҳри Юсуф пирзолеро харидор оварад.
Аз забонам, эй сабо, гӯ, бар табиби ошиқон,
Раҳм охир бар мани маҳҷури бемор оварад.
Ё насималсубҳ ар хоҳӣ, ки Маҷнунам кунӣ,
Сорбоно, гӯ, ки Лайлиро падидор оварад.
Эй рақиби бемурувват, соате деҳ муҳлате,
То ки нахли айши Қассоб аз вафо бор оварад.

## 42.

Эй дӯст, гар ниқоб зи рӯят баруфтад,
Донам, ки шӯр боз маро бар сар уфтад.
Ин қаду зулфу кокули мушкин, ки мар турост,
Бас ошиқон ба наҷми камандат даруфтад.
Кай хоҳӣ омадан қадаме чанд сӯйи ман,
То ҳар қадам зи чашми тарам гавҳар уфтад?
Дил ҷойи меҳри туст шикастан бидеҳ, ки ӯ
Аз доғи уди холи ту дар миҷмар уфтад.
Донам асири зулфи камандат чу ман басест,
Ошиқ чу ман ба ҳарду ҷаҳон камтар уфтад.
Моро чӣ мешавад бихонӣ гадои хеш,
То тоҷи хусравона маро бар сар уфтад.
Гар як шабе зи ҷоми висолат хӯрам шароб,
Навбат ба ҳуш омаданам маҳшар уфтад.
Азбаски рӯзу шаб ғами ту синаам гудохт,

Монанди хирмане, ки дар ӯ ахгар уфтад.
Гар бинамат нишаста лаби обу пойи бед,
Кай боварам зи ҳур лаби ҳавзи Кавсар уфтад?
Ҷойе, ки манзили ту бувад омадан маҳол,
Ҷибрил дар паридантш аз шаҳпар уфтад.
Қассоб аз муҳити ғамат дар шиноварист,
Монанди заврақест, ки аз лангар уфтад.

**43.**

Аз абрӯят зи чист хави лолагун чакад?
Гӯё зи қатлам аз дами шамшер хун чакад.
Мушкил касе зи дасти нигоҳи ту ҷон барад,
К-аз чашми нимхоби ту макру фусун чакад.
Маҷнунсифат ба Лайлии ҳусни ту моилам,
Хун ҳар шабам зи дида ба дашти ҷунун чакад.
Додӣ навиди васламу дил метапад маро,
Тарсам, ки аз ду лаъли ту сеҳру фунун чакад.
Сели сиришк шаб ҳама шаб чашм боз кун,
Бингар, ки аз фироқи ту аз дида хун чакад.
Ширин ба Кӯҳкан чӣ ситамҳо зи шир кард?
Талхӣ ҳанӯз аз даҳани Бесутун чакад.
Азбаски тири ишқи ту хӯрдам, ки аз ғамам,
Анҷум зи чашми нуҳ фалаки вожгун чакад.

**44.**

Он шаб, ки маро дар сари кӯйи ту ватан буд,
То субҳ маро нола чу мурғони чаман буд.
То дом бигустурдаӣ аз зулфи чалипо,
Мурғе, ки гирифтор шуд, аввал дили ман буд.
Аз ханда чу он ғунчаи лаб гашт шукуфта,
Зоҳир шуда бар халқ, ки он ғунчадаҳан буд.

Зулфат магар аз боди сабо гашт парешон,
К-ин бӯй беҳ аз нофаи оҳуйи Хутан буд?
Чун бар лаби лаъли ту намудем назора,
Чун нек бидидем ақиқе зи Яман буд.
Афсӯс забони намакинат намакидам,
Сад ҳайф, ки бо муддаъиён гарми сухан буд.
То бар камари танги ту Қассоб назар кард,
Мӯ дар назараш омаду ӯ нанги бадан буд.

**45.**

Эй дил, ҷаҳон ба коми ту шуд шуд, нашуд нашуд,
Султони ғам ғуломи ту шуд шуд, нашуд нашуд.
Эй ҳамаёғи маҷлиси айш, аз хуми висол,
Гар бодае ба ҷоми ту шуд шуд, нашуд нашуд.
Дӣ ҳамсафар ба бодияи ишқи ҷонгудоз,
Гар хинги бахт роми ту шуд шуд, нашуд нашуд.
Дар тангнои ғам зи вафо донае фишон,
Мурғи тараб ба доми ту шуд шуд, нашуд нашуд.
То саъй дорӣ, эй дили ғамгин, ба ишқ кӯш,
Гар шуҳраташ ба номи ту шуд шуд, нашуд нашуд.
Пайке зи оҳи сина равон соз сӯйи дӯст,
Гар ром аз паёми ту шуд шуд, нашуд нашуд.
Қассоб, ёри ғайрпарастат гар ошно,
Аз саъю эҳтимоми ту шуд шуд, нашуд нашуд.

**46.**

Эй ки сарв аз алифи қади ту оне дорад,
Беҳ аз он беҳ, ки зи номи ту нишоне дорад.
Ройи исми ту раҳи чора ба ошиқ бандад,
Алифи абрӯи ту сахткамоне дорад.

Мими исми ту агар меҳр ниҳад бар лаби дил,
Мардуми дида, вале тобу тавоне дорад.
Нолам аз дасти ту, эй дилбари ширинҳаракот,
Ки дили сахти ту санг аст, ки ҷоне дорад.
Ҷоми май аз кафи бегона ванӯшад ҳаргиз,
Он кӣ аз лаъли лабат роҳи равоне дорад.
Сари савдоии Қассоб надонам зи чӣ рӯ,
Тири дилдӯзи ту дар сина ниҳонӣ дорад?

## 47.

Боз дилбар қасди ҷонам аз мижа ханҷар кашид,
Ошиқи бечора дилро чун сипар дар бар кашид.
Кокулашро баҳри сардории лашкар боз дошт,
Аз пайи ошиқкушӣ аз абрӯяш ханҷар кашид.
Гаштаам ошиқ ба холат, то ки аз рӯзи азал,
Хомаи наққоши қудрат сурататро баркашид.
Масту бехуд гаштаам, з-он рӯ, ки аз дасти рақиб
Ёри ман аз бевафоиҳои худ соғар кашид.
Мондаам маҳҷур аз рӯяш ман аз рӯзе, ки ӯ
Бар рухи некӯ зи бераҳмӣ ниқоб андар кашид.
Ғарқа гаштам дар муҳити дарди ту, эй нохудо,
Киштии сабрам ба гирдоби ғамат лангар кашид.
Шуд дили Қассоб маҷрӯҳ аз тағофулҳои ту,
Ҳаҷри ту доғи дигар бар қалби ғампарвар кашид.

## 48.

Бурқаъ аз рух агар он шӯхи ситамгар гирад,
Нури рӯяш гарав аз хисрави ховар гирад.
Сад чу ман дар хами зулфайни ту гарданд асир,
Оҳ, агар ғамзаи ту аз мижа лангар гирад.
Дар шаби ҳаҷри ту азбаски зи дил оҳ кашам,
Ки зи дуди дилам оташ ба ҷаҳон даргирад.

Ҳар кӣ дорад ҳаваси бӯса зи лаъли лаби ту,
Боядаш даст зи ҷону тамаъ аз сар гирад.
Гар ту бо ин қаду қомат ба чаман бихромӣ,
Оташ андар ҷигари сарву санавбар гирад.
Наргис ар дида кушояд ба тамошои рухат,
Тоқаташ нест, ки чашм аз рухи ӯ баргирад.
Савлати ишқи ту тоҷ аз сари Ҷамшед рабуд,
Сатвати ҳусни ту сад Рустаму Нӯзар гирад.
Зери лаб донаи холи ту бад-он мемонад,
Тифли ҳинду, ки Ватан бар лаби Кавсар гирад.
Баъди марг ар назаре ҷониби Қассоб кунӣ,
Сар ба пойи ту ниҳад, зиндагӣ аз сар гирад.

**49.**

Агарам бода аз он ҷоми мусаффо бахшанд,
Пас майи лутф ба ҳар бесару бепо бахшанд.
Мазҳабу миллати Санъон ба калисо гиранд,
Буту зуннор аз он зулфи чалипо бахшанд.
Дар чаҳи ҳаҷр фикананд зи кин Юсуфро,
Хилъати ишқ ба андоми Зулайхо бахшанд.
Мисли холи туву куфри дили Фиръавн омад,
То ба рухсори Калимат яди байзо бахшанд.
Лаъли сероби ту худ омада муҳйиламвот,
Номи Руҳуллаҳӣ аз чӣ ба Масеҳо бахшанд?
Шӯри ишқе агар имрӯз ба Маҷнун доданд,
Ҳусни мумтоз нигаҳ кун, ки ба Лайло бахшанд.
Гарчи аз ҳаҷр дуто гашт қадат, эй Қассоб,
Бош хушдил, ки туро Тӯри таманно бахшанд.

## 50.

Аз халфи ваъдаҳои ту умрам тамом шуд,
В-аз ҷоми интизори ту заҳрам ба ком шуд.
Дар боғ сарв гашта ба як пойи худ муқим,
То сарви нозат, эй маҳи ман, дар хиром шуд.
Чун турки майпарасти ту хунхор гаштааст,
З-он рӯ шароби ноб ба мардум ҳаром шуд.
То печ хӯрда ақраби зулфат ба моҳтоб,
Субҳи умеди ошиқи бечора шом шуд.
Бархез, соқиё, ки тағофул зи ҳад гузашт,
Навбат ба мо расидаву ҳангоми ҷом шуд.
Барбатнавоз, он бути сархобро биёр,
Андар пиёла рез, ки ин тахта хом шуд.
Қассобро, чӣ фоида з-ин ишқбозияст?
Ёраш чу бо рақиби ҷафопеша ром шуд.

## 51.

Ту агар ниқоб гирӣ нигаҳат кӣ тоб дорад,
Ки на мурғи шаб таҳаммул бари офтоб дорад?
Ба ту арзи матлабе шуд зи чӣ саргаронӣ аз ман,
Ки на ҳар саволе охир ба ҷаҳон ҷавоб дорад.
На манат камин ғуломам зи нахустрӯзгорон,
Зи чӣ марҳамат рақибам ба бағал китоб дорад?
Ту агар ба чашми мастат назаре кунӣ ба соқӣ,
Чӣ таматтуъе ба маҷлис дигар аз шароб дорад?
Чӣ шабоҳат аст гулро ба рухи чу моҳи моҳам,
Ки ба рух зи сунбулаш ин ҳама печутоб дорад?
Дилам орзуи васлат кунад, эй нигор, бингар,
Ки чӣ оби хушгуворе талаб аз сароб дорад.
На аҷаб ба чоҳи мағриб шавад офтоб пинҳон,
Ки зи шарми рӯйи хуби ту ба рух ниқоб дорад.

Чу ба чашми хеш дидам рухи пур зи нури наййир,
Дили заррасони ман, бин, чӣ хуш изтироб дорад.
Гули оразат ба Қассоб дареғ дорӣ, аммо
Ҳама дам ба ёди рӯйи ту ба каф гулоб дорад.

**52.**

То дар чаман он қомати раъно нанишинад,
Аз воҳима сарви сиҳӣ аз по нанишинад.
То ошиқи рухсори ту танҳо бинишинад,
Ҳайратзада дар фикри тамошо нанишинад.
То дар назарат нест касе тоқи чу абрӯ,
Хуб аст, ки дар базми ту боло нанишинад.
Дар сайри ту ойинасаро по ҳама чашмат,
Ҳайрони ту бе дидаи бино нанишинад.
Чун бигзарад аз дидаи ошиқ ба дил ояд,
Тири ту ҳарифест, ки беҷо нанишинад.
То волаи ҳуснаш нашавӣ во макун оғӯш,
То дил надиҳад мавҷ ба дарё нанишинад.
Хуш кард гаронбори ғамаш синаи моро,
Ҷуз кӯҳ касе паҳлуи дарё нанишинад.
Чун тоири ваҳшатзада ором нагирем,
То тири ғамат бар ҷигари мо нанишинад.
Қассоб, ба як чашм задан бохт дилу дин,
Нақши ду шаш беҳтар аз он ҷо нанишинад.

**53.**

Турки масти ту агар даст ба шамшер кунад,
Эй басо мурғи дил аз ғамза, ки нахчир кунад.
Ҳусн ҷо дода диламро ба сари зулф, оре
Оқил он аст, ки девона ба занҷир кунад.

Мурғи ҷон гашт гирифтор ба доми тифле,
Оҳ, аз он кӯдаки нодон, ки маро пир кунад.
Ёр тифл асту надорад сари ёрӣ бо кас,
Пир бо ин ҳама тадбир чӣ тадбир кунад?
Шуд иморатгаҳи дил аз ғами ҳиҷрон вайрон,
Гӯ, ба меъмори висоли ту, ки таъмир кунад.
Лавҳи дил хонаи занбӯр шуд аз тири ғамат,
Қалам аз лавҳи фироқи ту, ки таҳрир кунад.
Интизори ту ба Қассоб раҳи чора бибаст,
Ба чӣ нутқу чӣ баён ҷаври ту тақрир кунад?

**54.**

Чашмам ба интизори ту, эй маҳ, сафед шуд,
Ларзон танам зи бори фироқ ҳамчу бед шуд.
Мурғи дилам ба боли хаёли ту мепарид,
Чандон ки аз паридани худ ноумед шуд.
Бастам гарав ба шахси фироқу висоли ту,
Шуд рӯсиёҳ , аз ғами он рӯсафед шуд.
Куштӣ маро зи ғамзаю бастӣ ба каф хизоб,
Ҳангоми қатли мо ба ту айёми ид шуд.
Қассобро чӣ шуд, ки зи худ бехуд омадаст,
Гӯё, ки боз масти шароби набид шуд.

**55.**

Ҷуз бурдани дил ёри ман оҳанг надорад,
Ҳеч аз бари хунрезии ман нанг надорад.
Дорад ба бағал дилбари ман шишаи ҷонам,
Аз баҳри шикасташ ба ҷуз аз санг надорад.
Аз ҷаври ту ранг аз рухи аҳбоб парида,
Чун чеҳраи ман рӯйи касе ранг надорад.

Даври фалакӣ бо мани дилхаста ба сулҳ аст,
В-он кофари ҷангӣ ба ҷазо ҳанг надорад.
Гар васли ту дорад сари сайқалгарии дил,
Ойинаи дил ҳеч ғам аз занг надорад.
Андар пайи мурғи дили ман мардуми чашмат,
Ғайри мижа чизе ба сари чанг надорад.
Қассоб, чу дид он даҳани танги ту рӯзе,
Доим ба ҷаҳон ғайри дили танг надорад.

**56.**

Чу офтоб нигорам зи бурҷи хона баромад,
Шаби фироқи мани зорро зи пай саҳар омад.
Бигӯ сабо зи сари лутф он рақиби дағоро,
Биёю хок ба сар кун, ки ёр аз сафар омад.
Агарчи коми дилам талх шуд зи заҳри фироқаш,
Валек аз пайи ҳиҷрон висоли чун шакар омад.
Ҳазор тир зи оҳи дилам равона намудам,
Дуои сӯхтаи ишқро аҷаб асар омад.
Нигар ба ҷониби Қассоб, эй нигор, ба иноят,
Чу дар муҳаббату ёрӣ туро беҳ аз писар омад.

**57.**

Хамӯш мутриби маҷлис, ки ёр мегузарад,
Ба ҳуш бош даме, к-он нигор мегузарад.
Гарам мушобеҳи Мансур баркашад дар дор,
Аналҳақи мани бедил зи дор мегузарад.
Дареғ умри гаронмоя шуд талаф ба хазон,
Биёр бода, ки фасли баҳор мегузарад.
Шикаст ғайби дилам аз ҳуҷуми лашкари ғам,
Гумони ман шуда, к-он шаҳсавор мегузарад.

Машом мерасадам бӯйи мушку ҳайронам,
Ту гӯйӣ аз сари кӯяш ғубор мегузарад.
Кашида тавсани ишқам ба сӯйи дӯст лагом,
Фиғон, ки ин шутури бемаҳор мегузарад.
Магар ба ҷониби Қассоб, к-аз ғами ишқат,
Чу захмҳо ба дили доғдор мегузарад.

## 58.

Дӣ дар миёни зулфи ту дидам диле ба банд,
Дар ҳайратам, ки чун бирабудӣ дил аз каманд.
Дар ҳусни дилфиребӣ ту нокарда як нигаҳ,
Дил дар миёни оташи ишқи ту шуд сипанд.
Дорам ҳавои ишқи ту дар сар, вале чӣ суд?
Дасти ман аст кӯтаҳу нахли қадат баланд.
Азбас латифу нозуку нарм аст пайкарат,
Осеб мерасад ба танат пӯшӣ ар паранд.
Эй боғбони ҳусн, ки мағрур аз гулӣ,
Дар бар рухи нигоҳи тамошоиён бибанд.
Хубон сазад, ки ғошия бар дӯш афкананд,
Гар барнишинӣ аз пайи нахчир бар саманд.
Биншин бараш, вагарна рақибонам аз ҳасад,
Тарсам, ки аз назокатат ҳалво гумон баранд.
Чашму дилам муқайяди зулфу рухи ту шуд,
Мушкил, ки ҳардушон зи канаф ҳарду ҷон даманд.
Ҳарфе зи улфати ту агар бар забон равад,
Тарсам кунӣ зи қаҳр ҷудо банди ман зи банд.
Накди ҳаёт дар сари савдот шуд, чӣ бок?
Ушшоқ ҳамеша дар пайи маъшуқа ҷон диҳанд.
Ёре ба теғи ғамза зи Қассоб ҷон гирифт,
Оре, ба рӯзи разм шавад турк худписанд.

## 59.

Дар куштанам он шӯх ризо шуд, чӣ баҷо шуд,
Ҷону тани ман ҷумла фидо шуд, чӣ баҷо шуд.
Азбаски дилам дар ғами ӯ хун зи басар рехт,
Ранги рухи ман коҳрабо шуд, чӣ баҷо шуд.
Шукр аст, ки хӯрдам зи лаби лаъли ту уннob,
Дарди дили ман ҷумла даво шуд, чӣ баҷо шуд.
Гар кушта шудам дар қадамат гӯ, ки чӣ бок аст?
Хунам ба кафи по-т ҳино шуд, чӣ баҷо шуд.
Хурсанд шудам гар зи висоли ту аҷаб нест,
Инҳо ҳама аз лутфи Худо шуд, чӣ баҷо шуд.
Саҳл аст ба водии ғами ишқи ту қаддам,
Аз бори ғами ҳаҷр дуто шуд, чӣ баҷо шуд.
Охир ба раҳи ишқи ту ҷону тани Қассоб,
Аз ҳаҷри ту, эй дӯст, фано шуд, чӣ баҷо шуд.

## 60.

Дил бин зи ҳаҷри рӯйи ту фарёд мекунад,
Ҳар дам чу рӯйи хуби туро ёд мекунад.
Худро ба ёри худ нафурӯшем, з-он ки ӯ
Ҳар дам ҳазор бандае озод мекунад.
Дар Бесутуни ишқи ту мижгони ман, нигар,
Сад кору бори тешаи Фарҳод мекунад.
Вайрона сохтӣ дилам, эй дӯст, ин аҷаб,
Ҳар подшаҳ харобае обод мекунад.
Гар оҳуйе ба дашт ба доми касе фитад,
Бар ёди ҳарду чашми ту озод мекунад.
Қатли маро ба абрӯи худ вогузор, к-ӯ
Кори ҳазор ханҷари ҷаллод мекунад.
Манъе ба чашми шершикорат бинеҳ, ки ӯ
Пур бар сипоҳи ҳусни ту имдод мекунад.

Зулфат каманд бар сари роҳам фикандааст,
Сайдам ҳазор бор чу сайёд мекунад.
Қассобро, чу нест муяссар, ки бинадат,
З-ин рӯй рӯй бар гулу шамшод мекунад.

### 61.

Даме он аҳдшикан хотири мо шод накард,
Аз барам рафту дигар ҳеч зи ман ёд накард.
Он чӣ мижгони качаш кард ба қалби дили ман,
Рост гӯям, ба касе ханҷари ҷаллод накард.
Он кӣ таълими муаллим ба дилаш роҳ наёфт,
Гӯш албатта ба ҳарфи лаби устод накард.
Мурғи дил дар қафаси сина ба ҷон аст, чаро
Нолаи ман асаре дар дили сайёд накард?
Ваъдаи васли ман овард сабо, лек чӣ суд,
Толеи рӯсияҳу бахти ман имдод накард?
Тешаи ҷаври ту, эй Хусрави шириндаҳанон,
Ҳеч раҳме ба дили нозуки Фарҳод накард.
Нест тақсир ба Қассоби шаҳиду бедил,
Гар ба дил тарки ту, эй турки паризод, накард.

### 62.

Донам ар васли нигори ман муяссар мешавад,
Чашм аз нури висоли ӯ мунаввар мешавад.
Баски хӯрдам борҳо талхобаи ҳиҷрони ту,
Гар ба комам шаҳд резӣ ҳамчу шакар мешавад.
Ҳар касеро дард аз андоза берун нестӣ,
Аз чӣ, ё Раб, дарди ман ҳардам фузунтар мешавад.
Як нигаҳ нокарда бар рӯйи ту шахси дидаам,
Дар кафи ҷодуи чашмонат мусаххар мешавад.
Як сухан ногуфта аз оинаи рухсори ӯ,
Менадонам аз чӣ рӯ он маҳ мукаддар мешавад?

Гар ба таърифи сару пойи ту бикшоям забон,
Чун ба мадҳи лаб расам ҳарфам мукаррар мешавад.
Бе ту гар дар бистари санҷоб хобам, эй санам,
Ҳар сари мӯ дар тани Қассоб наштар мешавад.

**63.**

Дар азал шакли ту чун хомаи тақдир кашид,
Офати ҷони мани хастаи дилгир кашид.
Он на абрӯст, ки пайваста бувад то буни гӯш,
Пайи нахчири дилам ҳусни ту шамшер кашид.
В-он на мижгон, ки ба атрофи ду чашмат бошад,
Турки масти ту пайи сайди дилам тир кашид.
Гоҳи он буд чу девона ба бозор уфтам,
Хами зулфайни туям пой ба занҷир кашид.
Пайки оҳе зи дилам шуд пайи дилдор равон,
Менадонам зи чӣ рӯ омаданаш дер кашид?
Носеҳ, аз хӯрдани май манъи ҷавонон чӣ кунӣ,
Ин ҳамон бода бувад, к-он падари пир кашид.
В-он на зулф аст, ки ҷамъ омада чун чангали боз,
Риштаи умри дарозест, ки дар қир кашид.
Ошиқи зори ту аз ҳаҷри ту аз ҷон бигзашт,
Баски аз дурии ту нолаи шабгир кашид.
Дидани рӯ-т ба Қассоб муяссар чу набуд,
Пайи наззораи рухсори ту тасвир кашид.

**64.**

Дилро чӣ шуд ба сина, ки дардам намерасад,
В-аз дида ашк бар рухи зардам намерасад.
Азбаски шӯри ишқ ба ҷонам макон гирифт,
Маҷнун ҳазор бор ба гардам намерасад.
Дар роҳи ишқат арчи рақибон савораанд,
Лекин ба оҳи кӯҳнавардам намерасад.

Эй боди субҳ, рав ба бари ёри меҳрубон,
Чун дар муқобилаш дами сардам намерасад.
Кардам сипар ба пеши ту, эй дӯст, синаро,
Лек, эй нигор, тири ту ҳардам намерасад.
Шуд хоҳишам, ки дасти туро дар камар кунам,
Чандин ҳазор таҷриба кардам намерасад.
Қассоб толиб аст, ки ояд ба сӯйи ту,
Лекин зи тарси гуфтаи мардум намерасад.

**65.**

Дар димоғам боз бӯйи зулфи ҷонон мерасад,
Аллаҳ, Аллаҳ гӯиё бар мурдае ҷон мерасад.
Ин башоратҳои пай дар пай, ки омад гӯиё
Ҳудҳуд аз шаҳри Сабо сӯйи Сулаймон мерасад.
Бармакаш тир аз пайи қатли ман, эй абрӯкамон,
Бар дили пурҳасратам тире зи мижгон мерасад.
Аз Зулайхо ҳеч медонӣ чиҳо Юсуф кашид?
То абад ҷавраш ба гӯши пири Канъон мерасад.
Мениҳам сар ҳамчу гӯ бар хоки пойи тавсанат,
Донам ар аз зулфи мушкини ту чавгон мерасад.
Манъам аз наззораи рухсори худ, эй маҳ, макун,
Бенаворо доимо файзе зи султон мерасад.
Гар кушӣ Қассобро қассобсон хуш лаззатест,
Чун зи ман хуне туро бар тарфи домон мерасад.

**66.**

Дигар аз дур садои ҷаросе меояд,
Гӯиё аз бари дилдор касе меояд.
Мурғи зарринпарубол аст, ки ояд сӯям,
Ё бувад нола, ки андар қафасе меояд?
Гашта хуршед дурахшон магар аз дур, эй дил,
Ё ки барқ аст, зи наъли фарасе меояд?

Қосид аст, ин ки намоён шуду ояд сӯям,
Ё ҳумое ба шикори магасе меояд?
Он ки аз дур намоён шуда ёрам бошад,
К-ин ҳавои ҳама аз пешу пасе меояд.
Эй дил, ҳарчанд ба талхӣ гузарондӣ чанде,
Баъд хуш бош, ки фарёдрасе меояд.
Гуфт: Аз оташи ҳиҷрон баданат хоҳам сӯхт,
Бадане нест, ки аз мушти хасе меояд.
Шуд гумонат ду-се рӯзе гузарондӣ дар ҳаҷр,
Дил ғамин дор, ки з-ин рӯз басе меояд.
Гарчи Қассоб фано гаштаи андар раҳи ишқ,
Бош дилшод, ки Исонафасе меояд.

**67.**

Аҷаб з-ин мурғи ҷонам нолаи мастона меояд,
Ту гӯӣ қосиде аз ҷониби ҷонона меояд.
Дил андар синаам чун мурғи бисмил метапад гӯё,
Ки ин ганҷи равона сӯйи ин вайрона меояд.
Худоро, эй табиби иллати ишқам чӣ сирраст ин?
Ки фарёду фиғон аз ин дили девона меояд.
Чу номат, эй санам, рӯзе намудам бар забон ҷорӣ,
Ба побӯси даҳони ман дусад бутхона меояд.
Зи шона то парешон кардӣ он зулфи хам андар хам,
Ҳанӯзам то қиёмат бӯйи мушк аз шона меояд.
Дигар бор, эй мусалмонон, ҳамон сарви қабопӯшам,
Ба каф ханҷар гирифта маст аз майхона меояд.
Агар дар маҳфили ман шамъи рухсорат барафрӯзӣ,
Дили Қассоб бепарво на чун парвона меояд.

**68.**

Қосиди фаррухлиқо аз бари дилбар расид,
Аз пайи дилдориям навбати дигар расид.

Гарчи дили ноумед заҳри фироқаш чашид,
Лек ба ранҷат саид қанди мукаррар расид.
Қомати ман шуд камон, тири ту хӯрдам ба ҷон,
Шукри Худо як ҷаҳон дилбарам аз дар расид.
Талх шуда коми ман, маҳв шуда номи ман,
Шукр, ки дар ҷоми ман ин ҳама шакар расид.
Гашт зи булбул хазон, гулшани ободамон,
Боз ба имдодамон сарву санавбар расид.
Хуни дилам, эй писар, шуд ба сагат моҳазар,
Лек надорӣ хабар, он чӣ ки бар сар расид.
Зулфи ту дар тоб шуд, сабр зи Қассоб шуд,
Ҳаҷри ту ноёб шуд, васли ту аз дар расид.

## 69.

Кист аз дур, ки бо тиру камон меояд?
Аз паи сайди дилу ғорати ҷон меояд.
Эй дили хуншуда, дар сина ниҳон шав як дам,
К-он хадангафкани ман баста миён меояд.
Шӯру ғавғои аҷиб гашт аён андар шаҳр,
Кист он кас, ки ба ин шавкату шон меояд?
Боз Наврӯз шуду ҳар тараф андар гулзор,
Булбули сӯхта аз гул ба фиғон меояд.
Паи нахчири дил он ёри шикорафкани ман,
Боз дар хонаи дил ҷилвакунон меояд.
Он чӣ аз Юсуфи Мисрӣ ба Зулайхо омад,
Бар мани ғамзада ҳаррӯз ҳамон меояд.
Бурда дил аз кафи Қассобу надонам зи чӣ рӯ,
Боз ин марҳила бо теғу синон меояд?

## 70.

Мутеъу чокари холи ту тоҷдоронанд,
Асири хами каманди ту растагоронанд.

Надонам, ин ки чаро пистаи лабат бастаст,
Сухан бигӯй, ки ушшоқ роздоронанд.
Зи роҳи майкада як дам инон матобу биё,
Бибин зи ишқи ҷамолат чӣ беқарoронанд.
Бирав ба бому даме тарфи абрӯвон бинмо,
Ки ошиқон ҳама истода рӯзадоронанд.
Зи тоби сунбули мӯйи ту ҳар тараф дилҳо,
Фитода бар сари ҳам ҳар тараф ҳазоронанд.
Зи рух ниқоб барафкан, бибин, ки бар сари кӯят,
Чӣ куштаҳо, ки фитода умедворонанд.
Ҳамин на синаи Қассоб бисӯхт аз ғами ту,
Чӣ синаҳо, ки зи дасти ту доғдоронанд.

## 71.

Марг агар гӯяд амон, ишқи ту зорам мекушад,
Садҳазорон бор як дам зор-зорам мекушад.
Боди субҳ аз кӯ-т гар орад ғуборе сӯйи ман,
Меравам аз хешу бӯйи он ғуборам мекушад.
Ваъда буд рӯзе ба сӯйи ман ҳамеоӣ, валек
Баски дорам шавқи рӯят интизорам мекушад.
Шуд хазон аз ҷаврат, эй дилбар тамоми умри ман,
Боз фасли ид шуд, боди баҳорам мекушад.
Донам андар дил надорӣ дӯстӣ бо ман, валек
Меҳрубонии забонӣ, эй нигорам, мекушад.
Кокулат доме ниҳода бар сари роҳам чӣ бок?
Саҳл бошад, лек он холи узорам мекушад.
Душманон карда ҳазимат, толеи шумам нигар,
Ханҷаре бирифта аз мижгон нигорам мекушад.
Гар муаллим силаи бедод бар рӯят занад,
Гиряҳои зору чашми ашкборам мекушад.

Ин аҷибтар бин, ки худ Қассобу қассоби дигар,
Зор зору зор зору зор зорам мекушад.

## 72.

Мактуби фараҳбахши туам дар назар омад,
Бар мурдаи ишқи ту ҳаёти дигар омад.
Эй Юсуфи гумгашта, ки дар Миср Азизӣ,
Бар дидаи Яъқуб ба ту нури басар омад.
Он нахли умеде, ки ба уммед нишондам,
Аз оби висоли ту ба гоҳи самар омад.
Дар зулмати ҳиҷрони ту будам ману сад шукр,
Гаштам зи ғами ҳаҷр халосу саҳар омад.
В-он тири дуое, ки ба ҳар гӯша равон шуд,
Як тир аз онҳо ба дилат коргар омад.
Гар худ ба масал ҳамчу Сулаймон наям аз чист,
К-аз шаҳри Сабо ҳудҳуди хушболупар омад?
Бар уммати ишқи ту аён гашт паямбар,
Ҷонам ба нисори қадамаш моҳазар омад.
Бемори ғами ишқи ту будам ману алҳамд,
К-аз назди ту таъвизи тану ҳарзи бар омад.
Дар хилвати ҳиҷрони ту Қассоб ғамин буд,
Дидам, ки аҷаб қосиде аз дар бадар омад.

## 73.

Мужда, эй дил, ки дигар нома зи ҷонон омад,
Чун Сулаймон, ки бараш мурғи хушилҳон омад.
Нома бикшудаму шуд чашмам аз он хат равшан,
Бӯйи пироҳан аз он Юсуфи Канъон омад.
Гарчи якчанд маро аз назари хеш биронд,
Раҳмаш охир ба мани бе сару сомон омад.

Гуфта будам ду-се рӯзе ману дил хуш бошем,
Ногаҳон қофилаи ғам зи биёбон омад.
Ҳама як бор кунун бар дари дил ҳалқа заданд,
Гуфтам: Эй дил, ту бурун бош, ки султон омад.
Рӯзи васлам чу муяссар шавадам, нест аҷаб,
Бас аламҳо, ки маро дар шаби ҳиҷрон омад.
Дар ҷавонӣ бинигар талъати хубон, Қассоб,
Бас таассуф, ки аз ин умр ба пирон омад.

**74.**

Нома гар иншо кунам, аз номаам хун мечакад,
Баски навмедияш аз алфозу мазмун мечакад.
Менашояд васфи рӯяш дар забон ҷорӣ кунам,
Бас суханҳои латиф аз табъи мавзун мечакад.
Ғоза гар Лайлии ман бар гунаи гулгун занад,
Хуни дил беихтиёр аз чашми Маҷнун мечакад.
Кай тавонам ҷон бадар бурдан зи дастат, эй нигор,
К-аз ду чашми нимхобат макру афсун мечакад?
Кай тавон аз қатли Қассоб, эй санам, ҳошо намуд?
Хуни ӯ, эй маҳ, ҳанӯз аз ёли Гулгун мечакад.

**75.**

Ёди замоне, ки ёр дар бари мо буд,
Ғуссаву ғам дар дили рақиби даға буд.
Ҳарфи рақибон асар намуда ба дилбар,
Варна муҳим пеш аз ин ба меҳру вафо буд.
Каф ба дуо баргирифта рӯй бипӯшид,
Толеи баргашта бин чу вақти дуо буд.
Носеҳи мушфиқ чӣ гуна, гӯ, нахурӯшам,
Маҳфили ағёр ҷои ёр чаро буд?
Теғ ба каф баргирифта аз паи қатлам,
Қотили ман гашт ёру ваҳ чӣ баҷо буд?

Ёр зи ағёри зишт карда ҷудоӣ,
Мудаъиёнро ҷафову кина сазо буд.
Хуни дилам рехтӣ зи ханҷари мижгон,
Фарқи фаровон миёни хуну ҳино буд.
Омада Қассоб дӣ ба кӯйи ту, аммо
Рондияш аз кӯйи хеш, ин чӣ ҷафо буд?

**76.**

Ё Раб, он маҳро чӣ пеш омад, ки аз мо сер шуд,
Як хато нодида аз мо аз чӣ рӯ дилгир шуд?
Дар дилаш ҳарфам асар мекард, аз ҷаври рақиб,
Дуди оҳи ман бари ойина бе таъсир шуд.
Дишаб он маҳро аҷаб хоби парешон дидаам,
Шукрилиллаҳ, бархилоф ин хоби ман таъбир шуд.
Хат ба гирди оразаш чун ҳола бар атрофи моҳ,
Дар назарҳо менамояд мӯр андар шир шуд.
Хостӣ дил барканӣ аз меҳрам, эй дил, гӯиё
Кинае аз ман туро бар пои дил занҷир шуд.
Як қадам нагзошта бар маҳфили вайрони мо,
Рост, гӯ, эй навсафар, азмат чаро шабгир шуд?
Он ки сад дил аз нигоҳи нотамоме мерабуд,
Ҳолиё аз сеҳри чашми ҷодуйе тасхир шуд.
Эй ки аз абрӯ камон гирӣ, зи мижгон тири ноз,
Худ макаш заҳмат, ки дил омоҷгоҳи тир шуд.
Эй ки дар айни шабобӣ, аз сагони даргаҳат,
Ҳеч мепурсӣ, ки Қассоб аз ҷафоят пир шуд?

**77.**

Ёри ман масти шароб асту харобаш нигаред,
Масту афтода ба каф чангу рубобаш нигаред.
Гарми суҳбат шуда бо муддаъиён дилдорам,
Бо мани бахтсияҳ нозу итобаш нигаред.

Хост то моҳи рухаш бар мани маҳзун пӯшад,
Ҳола аз зулф ба рух баста ҳиҷобаш нигаред.
Хостам фохтасон бар қади сарваш гардам,
Мурғи дил бар сари мижгон чу кабобаш нигаред.
Рафтам аз дайр ба масҷид ба тамошои рухаш,
Бухл варзидану дар даст китобаш нигаред.
Назаре бар мани маҳҷур намеандозад,
Чашми оҳуфани махмур зи хобаш нигаред.
Аз пайи хӯрдани хуни дили мо бегунаҳон,
Ёваронанду лаби лаъли пуробаш нигаред.
Ҳамнишинеш ба ағёр мудом аст ба айш,
Бо мани дилшуда таъҷилу шитобаш нигаред.
Дилфиребон ҳама аз рӯза чу ман зарду заиф,
Лавҳаш оинарух ҳамранги шаробаш нигаред.
Рехт Қассоб ба пояш дури ашк аз дида,
Андарин марҳила ин ройи савобаш нигаред.

**78.**

Ёрро гуфтам, ки кай аҳдат мушаххас мешавад?
Гуфт: Шуд чун зиндагонӣ тай мушаххас мешавад.
Гуфтамаш: Чашмони махмури ту то кай хун хӯрад?
Гуфт: Чун гаштам хароб аз май мушаххас мешавад.
Гуфтам: Оё ҳеч майле сӯйи Маҷнун бошадат?
Гуфт: Агар ояд ба сӯйи Ҳай мушаххас мешавад.
Накди ҷон, -гуфтам,- нисори мақдамат созем, гуфт:
Тавсани ҳуснам, ки гардад пай мушаххас мешавад.
Дар баҳори ҳусн, -гуфтам, -бо манат лутф аст? Гуфт:
Зинда гар мондӣ ба фасли дай мушаххас мешавад.
Гуфтам: Эй соқӣ, махӯр май аз кафи бегона. Гуфт:
Чун баландовоза гардад най мушаххас мешавад.

Гуфтамаш: Ихлоси Қассоб, эй санам, аз ҳад гузашт,
Гуфт: Ихлос аз фиғони вай мушаххас мешавад.

**79.**

Ёри ман баста миёнро, ки ҳаме дил шиканад,
Дили ушшоқи ҷигархун ба тағофил шиканад.
Баски таъҷил паи бурдани дил дорад ёр,
Ки ба ҳар ҷой равад чанд манозил шиканад.
Аҳди мисоқ ба ман карда нигори сармаст,
Ҳаст он аҳду вафо маҳкаму мушкил шиканад.
Ба дабистон пайи таълим нашуд ёр, аммо
Сад муаллим ҳамаро худ ба масоил шиканад.
З-ашки ман пой ба гил шуд шутуронро, Қассоб,
Корвонро ба сафар кошки маҳмил шиканад.

**80.**

Ёрам чу баҳри куштани ман остин занад,
Аз хашму қаҳру кин гираҳ бар ҷабин занад.
Азбас барои рехтани хун шитоб дошт,
Нагзошт ин қадар, ки дами вопасин занад.
Ман худ ҳалоки тираму пас вои он замон,
Чун дасти худ ба дастаи шамшери кин занад.
Оҳуйи шерафкани ӯ сайди дил намуд,
Тири дигар чу бар дилам он нозанин занад.
Мемирам аз ҳасад, ки ба гоҳи шикори ӯ,
З-ин ҳар замон чу паҳлӯи худ бар замин занад.
Оҳу ба дашт сар биниҳад рӯйи даст агар,
Гар даст худ ба тир ба болои зин занад.
Мурғи дилам зи оташи рӯяш шавад кабоб,
Ҳар гаҳ ки ғозае ба рухи оташин занад.

Ар як нигоҳи гарм кунад сӯйи осмон,
Исо чаро хар аз само бар замин занад?
Қассоб, дил зи чанги ту дилбар гирифту боз,
Ҳоло қадам ба марҳилаи ақлу дин занад.

**81.**

Лаъли ҳаётбахши ту шуд дар сухан лазиз,
Ҳарфат чу нутқи тӯтии шаккаршикан лазиз.
Лаб неҳ бар лабу иваз ҷони ман ситон,
Азбаски заҳри ҳаҷри ту шуд дар даҳан лазиз.
Лангар кашида буд Зулайхо зи киштияш,
Аз баҳри ҳаҷр Юсуфи гулпираҳан лазиз.
Лаъли лабат ба гоҳи сухан мурда ҷон диҳад,
Дандони ту ба ханда чу дури Адан лазиз.
Лаъли лабаш надод ду унноб бар касе,
Шуд аз фироқи дӯст таб андар бадан лазиз.
Лайлии ҳусн боз кунад ҷилваи дигар,
Маҷнуни ишқро шуда ғам дар даҳан лазиз.
Ларзад чу бед бар сари як по миёни боғ,
Сарв он замон, ки дид қадат дар чаман лазиз.
Лутфат агар ба мурда кунад ҳамраҳӣ даме,
Дар гӯр мешавад бараш он дам кафан лазиз.
Лаъли шакарфишон ба табассум кушо, ки то
Гардад зи хандаи ту ақиқи Яман лазиз.
Лабҳои нозуки ту ба вақти суханварӣ,
Созад ҳазор ҳанзала дар коми ман лазиз.
Лаззат намебарем ба себу анори боғ,
Чун дар даҳан маро шуда себи зақан лазиз.
Лошак агар ту лаъл ба дашном во кунӣ,
Дар гӯши ҷон шавад маро он дам сухан лазиз.
Лаъле, ки буд хотами шаҳро аз он шараф,
Гардид з-он нигин кафи ҳар Аҳриман лазиз.

Лабҳот баски нозуку ширинтакаллум аст,
Сад теша мекунад ба сари Кӯҳкан лазиз.
Лаънат ба он ки бе ту хӯрад ҷуръаи шароб,
Он дам, ки дид чашми ту дар анҷуман лазиз.
Лайливашам чу рӯй ба ғурбат намудаӣ,
Кай бе ҳузури туст ба чашмам ватан лазиз?
Лахти ҷигар надида фурӯ резам, эй нигор,
Гар нест боварат бинигар дар лаган лазиз.
Луқмони ман зи ишқи ту, Қассоб, шуд мариз,
Азбас ба дидааш шуда ҳусни ҳасан лазиз.

**82.**

Он писари тангдаҳонро нигар,
Не писар, он офати ҷонро нигар.
Шӯр фиканд аз лаби худ дар ҷаҳон,
Шӯрзаминрову замонро нигар.
Шаб ҳама шаб бар сари кӯйи худ,
Чашм кушо, хайли сагонро нигар.
Ханҷари хунрез гирифта ба каф,
Баста чӣ сон тангмиёнро нигар.
Рафт Буғо, Рустаму Афросиёб,
Сарзаниши шоҳи каёнро нигар.
Аз мижааш тиру зи абрӯ камон,
Фитнаи бе тиру камонро нигар.
Шуд дили Қассоб зи бимаш тапон,
Дар кафи ӯ теғу синонро нигар.

**83.**

Бозам, эй дӯст, ду зулфи ту маро карда асир,
Боз афтода ба гирдоби ғамат дастам гир.
Шуд дигар бор гирифтори қафас мурғи дилам,
Боз Маҷнунсифатам, кард зи гесӯ занҷир.

Гар ба теғам бизанӣ, дар қадамат сар бозам,
Чун бувад хоки кафи пойи туям беҳ зи абир.
Қомати чун алифам гашт зи ҳаҷрат чун дол,
Яъне, эй дӯст, ки аз дасти ғамат гаштам пир.
Бод овард зи хоки сари кӯйи ту ғубор,
Ҷон ба шукрона бидодам, чӣ матоест ҳақир.
Гарчи мискину ҳақирам раҳи ишқат, лекин
Медиҳам ҷон ба қудумат, ки туро нест назир.
Кӯси шоҳӣ бизан, эй дӯст, ки ҳар сӯ лашкар,
Саф кашиданду зи мижгони ту доранд сад тир.
Нашавам ранҷа гар, эй дӯст, ба теғам куштӣ,
Бошадам фахр, ки аз дасти ту гаштам нахчир.
Сари роҳат мани мискин чу гадое бар дар,
Илтифоте бикун, эй дӯст, ба Қассоби фақир.

**84.**

Дигар маҷлис муҳайё шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Ки навбат навбати мо шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Ҳазорон дар чаман шуд нағмазан аз лаҳни Довудӣ,
Замони ҷому мино шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Шудам то аз майи майхона дур ҳар дам зи ин дурӣ,
Фиғонам бар сурайё шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Зибас гулҳои оташранг шуд дар бӯстон пайдо,
Ту гӯйӣ Тӯри сино шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Яди байзои гул шуд боз аз ҷайби чаман берун,
Гаҳи эъҷози Мӯсо шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Намебинӣ пайи тазйини бӯстон наргиси шаҳло,
Зи тарфи боғ пайдо шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Ба талхӣ умр бигзаштаст, гоҳи бӯса, эй Ширин,
Аз он лаъли шакархо шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!

Туро то саҷда кардам, эй бути айёри сангиндил,
Зи дастам дину дунё шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар!
Намегӯйӣ чаро, эй бевафо, Қассоб дар ишқам,
Ки бе май масту шайдо шуд, биё, соқӣ, бидеҳ соғар?!

**85.**

Кош меомадам андар сари кӯят мани зор,
То дили муддаъиён мешуд аз ин ғам сад пор.
Кош аз боғи висоли ту гуле мечидам,
То ки бар по нахалидиям аз ин ғам сад хор.
Кош аввал ба ту тафвиз намекардам дил,
То ки имрӯз намегаштам аз ин ғам бемор.
Кош аз лутф ба сӯям назаре мекардӣ,
То ки хурсанд шудӣ хотири маҳзуни фигор.
Кош сад ҷони дигар дар баданам меомад,
То ки андар қадамат сохтаме ҷумла нисор.
Кош мехӯрдаам аз ҷоми висоли ту шароб,
То фитад навбати ҳуш омаданам рӯзи шумор.
Кош Қассоб намедод дили худ ба кафат,
То намегашт зи ишқи ту ба ин рӯз дучор.

**86.**

Кофари ишқему моро бо мусалмонон чӣ кор?
Толиби захмему моро марҳаму дармон чӣ кор?
Ман, ки масти рӯйи соқӣ гаштаам рӯзи аласт,
Гӯ, ки моро бодаи ангури майхорон чӣ кор?
Муҳр бар лаб барниҳода дар ҳузури ёри хеш,
Шоиқи васлему моро бо ғами ҳиҷрон чӣ кор?
Аз шикофи сина мурғи дил ба фарёд омада,
Шевани кабки дарӣ бо нолаи мурғон чӣ кор?

Бутпарастам, кофарам, габрам, мусалмон нестам,
Гӯ шуморо бо ману бо куфру бо имон чӣ кор?
Гаштаам тухме ба уммеде, ки боровар шавад,
Пас чӣ ғам аз офтобу дигар аз борон чӣ кор?
Пур абиромез шуд, Қассоб, аз нутқат ҷаҳон,
Иззат ин бас, гӯ, туро бо мушки атторон чӣ кор?

**87.**

Мурғи дил шуд боз бар зулфи чалипоят асир,
Дастгирӣ кун, зи по афтодаам, эй дастгир.
Баҳри исори қудуми қосидат, эй моҳи ман,
Моҳазар ҷуз ҷон надорам, эй санам, узрам пазир.
Эй сарат гардам, қимори ишқ бо ҳар кас мабоз,
Пир гардӣ, эй писар, як лаҳза бишнав панди пир.
Ҳеч медонӣ каям меҳри ту дар дил ҷо намуд?
Пеш аз он олам, ки гардад тинати Одам хамир.
Дар вафо то бо ту шатранҷи муҳаббат бохтам,
Ҳошалиллаҳ, ки маро бошад ғам аз шоҳу вазир.
Сахт мерезад зи тунги шаккарат шаккар мудом,
Доят гӯё туро аз ширан ҷон дод шир.
Гарчи дурӣ, эй замири зоҳир аз ман, бок нест,
Бо хаёлат ишқ меварзам, ки бошад дар замир.
То ба кай Қассоб дар васфи накӯён дам занӣ?
Васфи ёре гӯ, ки бошад номи зебояш Заҳир.
Он маҳе к-ӯ гар барандозад зи рӯйи худ ниқоб,
Гардад аз нури ҷамолаш мунхасиф бадри мунир.
То ҷаҳон бошад, Илоҳо, дӯстонат шодком,
Душманонат бод, ё Раб, синачок аз теғу тир.

**88.**

Гар шабе оядам аз дар ба дарун мояи ноз,
Ҷон ба эсори қудумаш бифитад дар такутоз.

Гар шабе баҳри аёдат ба сарам боз ояд,
Рухи ӯ бинаму таслим кунам умри дароз.
Сад чу Маҳмуд ба пойи ту диҳанд ҷон, чӣ накӯст,
Ки ба ҳусну хату хол омада беҳтар зи Аёз.
Ивази мужда ба қосид бидиҳам ҷони азиз,
Гар хабар оварад аз он ки равон шуд ба Ҳиҷоз.
Рақам аз хуни дилу дида навиштам сӯяш,
Қосиде ку, ки барад мужда ба ёри ғаммоз?
Ҳар киро чашм ба меҳроби ду абрӯ-т фитод,
Гӯяд ин тоқ бувад қиблаву истад ба намоз.
Баъд аз ин гар дили Қассоб ба ҷое биравад,
Боядаш банд ба по афканӣ аз зулфи дароз.

**89.**

Бошад шабе ба ёр намоям канору бӯс,
То баъди марг бар дили ман набвад ин қабӯс.
Аз ҳар тараф сипоҳи ғамат саф кашидаанд,
Чун Ашкбӯси Чин, ки дарояд ба ҷанги Тӯс.
Аз баҳри донаи лаби лаъли ту муттасил,
Дар сина мурғи дил бувад аз нола мисли кӯс.
Ҳар гаҳ ки қасди бӯсаи пойи ту мекунам,
Андар сарам зи заъф ҳуҷум оварад Атӯс.
Рӯзе маро ҳаваси бӯса аз ту шуд,
Афкандаӣ зи қаҳрабо бар рӯйи худ абӯс.
Охир чӣ кардаам, ки нигоҳе намекунӣ?
На кофарам, на арманӣ, на габрӯ на маҷус.
Қассоб розияст ба пои ту ҷон диҳад,
Гар хунбаҳо-ш медиҳӣ, эй дӯст, як-ду бӯс.

**90.**

Гӯшам ояд дигар садои ҷарас,
Нест гар ёр, гӯ, ки бошад бас.

Аз фароғи рухи ту, эй дилбар,
Оби чашмам шуда чу рӯди Арас.
Сари роҳат нишаста саргардон,
Интизори касе мабодо кас.
Аз ғами ҳаҷрат, эй сиҳисарвам,
Дасти ҳасрат ба сар занам чу магас.
Гар бихонӣ маро зи хайли сагон,
Посбони дарат шавам чу асас.
Баски мурғи дилам ба танг омад,
К-аз ғамат оташе зада ба қафас.
Гиря андар гулӯ гираҳ гардид,
Хандаи васл ку, ки баста нафас?
Гарчи хубон ба даҳр бисёранд,
Ман худ ин дилбаре, ки дорам бас.
Гашта Қассоб з-абрӯйи ту шаҳид,
Ҷон ба поят фидо накарда абас.

**91.**

Эй бути сангиндили зуннорбанди мӯпареш,
Менаяндозӣ назар, гӯ, аз чӣ бар ушшоқи хеш?
То ба кай, эй турки бадхӯйи ҷафогустар мудом,
Мекунӣ аз ханҷари бедод моро синареш?
Бо манат, эй найири олам, нигори хурдсол,
Ваҳ ,чӣ хуш будӣ, ки будӣ улфате аз пеш беш.
Эй санам, то по ниҳодам дар калисои ғамат,
Даст аз мазҳаб кашидам, гаштам аз оину кеш.
Лавҳи дил бингар маро чун хонаи занбӯр шуд,
Бас фурӯ кардӣ абас бар синаам аз ғамза неш.
Баста чун Нушервон зулфайни ту занҷири адл,
Об ошоманд бо ҳам бозу саъва, гургу меш.
Ҳамнишинии ту бо Қассоб мумкин нест, з-он-к
Нуқраву оҳан напайванданд бо ҳам аз ширеш.

**92.**

Ба навъе гарм рафт аз сина берун тири мижгонаш,
Ки чун гул шуъла хоҳад сар зад аз хоки шаҳидонаш.
Маро вахшинигоҳе кард саргардони саҳрое,
Ки чун реги равонҷон метавон рафт аз биёбонаш.
:Саводи дидаро аз хоки пойе кардаам равшан,
Ки бошад сурмаи чашми кавокиб гарди ҷавлонаш.
Бирав якбора аз рухсораи шабранг зулматро,
Агар хуршед гирад партав аз шамъи шабистонаш.
Шаҳид охир ба ғолиб медамад ҷон чун дами Исо,
Насими субҳ агар бархезад аз тарфи гулистонаш.
Чу абри раҳматаш бар чор аркон соя андозад,
Кунад сероб кишти даҳрро як қатра боронаш.
Чароғи базми нуҳ афлоку шамъи ҳафт манзар шуд,
Аз он рӯзе, ки моҳ афканд худро дар гиребонаш.
Шафеъи рӯзи маҳшар, моҳрӯи ваззуҳо, яъне
Муҳаммад он ки Эзад буд дар Қуръон санохонаш.
Шаби ид асту Қассоб ин қадар истодагӣ то кай?
Қадам неҳ пеш, к-имшаб метавон гаштан ба қурбонаш.

**93.**

Бӯсанд рӯзи ид ҳама рӯйи ёри хеш,
Ман монда беқарор зи ҳаҷри нигори хеш.
Эй кош, дилбарам ба алорағми муддаӣ,
Аз лутф мекашид маро дар канори хеш.
Ид асту ҳар касе ба тамошо равад ба боғ,
Дар пойи сарв хуфтаю машғули кори хеш.
Абдуллаҳам, чӣ мешуд агар сӯям омадӣ,
То кардаме маҳак зари комилиёри хеш.
Ид асту кӯдакон ҳама карда хизобу ман,
Бандам ҳино зи хуни дили доғдори хеш.

Абдуллаҳ:- эй нигори зарифам биё, биё,
Тарсам зи дурии ту равам аз диёри хеш.
Қассоб, ошкор накардаст ҳеч кас,
Қурбони бозуят, ки намудӣ шикори хеш.

**94.**

Мусулмонон фиғон аз чашми оҳу-ш,
Чӣ гӯям, оҳ, аз он холи баногӯш?
Насиҳатгӯ макун озор моро,
Надорам ҳуш то пандат кунам гӯш.
Агар дастам фитад дар домани ту,
Зи завқи васл хоҳам рафт аз ҳуш.
Ба рӯзи ид гар сӯйи ман оӣ,
Чу ҷонат мекашам он дам дар оғӯш.
Зи зулфаш ҳалқае бар гӯшам афканд,
Кунад тасхирам он чашмони ҷоду-ш.
Дурӯя баста саф дилбар зи мижгон,
Ба қасди ҷонаму гӯям, ки махрӯш.
Парастидам туро аз кӯдакӣ ман,
Зи ҳоли ман чаро кардӣ фаромӯш?
Дилам лабрези хун шуд аз рақибон,
Нишинам то ба кай аз тарс хомӯш?
Ҳаметарсам фитад чашме ба рӯят,
Худоро, аз рақибон рӯйи худ пӯш.
Туро таълим набвад ҳоҷат, эй дӯст,
Кунӣ ҳарфи муаллим то ба кай гӯш?
Чу кардӣ куфри зулфатро парешон,
Зи бӯйи анбаринаш рафтам аз ҳуш.
Шуда хоб аз ду чашмонам фирорӣ,
Чу саг кардам ҳама шаб бар сари гӯш.
Чу дидам бо рақибон кардӣ улфат,
Гузашта ашки чашмам аз сари дӯш.

Танам аз таб шуда чун парри коҳе,
Фирист, эй дӯст, унноб аз лаби нӯш.
Ниҳон аз ту ҳамеша дар дили ман,
Нигоро, шӯри ишқат мезанад ҷӯш.
Кашӣ, ёро, ту расми дор то кай?
Фитода гарданам хуни Сиёвуш.
Агар ёрам сафар дар пеш гирад,
Ҳама хубон сазад гарданд ҷодӯш.
Шабехун бар сарам овард ишқат,
Ҳама бар тан зи зулфайнат зираҳпӯш.
Шуда Қассоб аз худ бехуд он дам,
Чу дида сарви нозашро қабопӯш.

**95.**

Ҳар шаб ба хаёлат шуда то субҳ ҳамоғӯш,
Деги дилам аз оташи ҳиҷрони ту дар ҷӯш.
Азбаски зи ҳиҷрони ту меҳнатзада гаштам,
К-аз лавҳи дилам ваъдаи васли ту фаромӯш.
Чун азми сафар кардаӣ, эй дилбари ғаммоз,
Хуршед сазад ин ки шавад баҳри ту човуш.
Шоҳона дилам, балки дили халқи ҷаҳон бурд,
Он пистаи хандонату он холи баногӯш.
Ҷон медиҳам андар қадами он ки расонад,
Аз ёри сафаркарда маро муждае бар гӯш.
Чун гашта ниҳон аз назарам шӯхи ҷафокеш,
Эй дида, ту хунбор шаву сина ту бихрӯш.
Доранд шабу рӯз хаёли ту асирам,
Шабхунзада хайли ғами ту ҷумла зираҳпӯш.
То кай сари роҳи ту гадовор нишинам?
То кай бикашам бори ғами ҳаҷри ту бар дӯш?
Боз ой, ки тоқат набувад дар дили Қассоб,
Аз дурият, эй моҳи қамардӯши париҳуш.

**96.**

Агар имшаб кунад он нозанин рақс,
Кунад аз завқи рақси ӯ замин рақс.
Ба тавсан гар нишинад аз паи сайд,
Намояд Рахши ӯ дар зери зин рақс.
Чу куфри зулфи худ дорад парешон,
Зи бӯяш мекунад имону дин рақс.
Ба рақс омад дилам аз завқи раққос,
Кӣ дида андар ин олам чунин рақс?
Зи шавқи он гиребон накди ҷонам,
Бибин чун мекунад дар остин рақс.
Биё, бингар зи шавқи тахти Билқис,
Сулаймон менамояд бо нигин рақс.
На он раққос дар рақс аст аз по,
Кунад гаҳ аз кафал, гаҳ аз сурин рақс.
Нигори чиниям дар рақс омад,
Зи рақсаш мекунад Фағфури Чин рақс.
Дили Қассоби девона магасвор,
Кунад ҳар дам ба гирди ангубин рақс.

**97.**

Фасли баҳор гашту ниҳад ҳар кӣ рӯ ба боғ,
Ман ҳам ба боғ мешудам, ар будаме димоғ.
Эй Хизр, баҳри чашмаи ҳайвон абас марав,
Аз ман чаро намекунӣ он чашмаро суроғ?
Рӯ дар ниқоб карда дили халқ мебарӣ,
Яъне, ки сарфае набарад дузд аз чароғ.
Додӣ навиди васл ба фардо, вале чӣ суд?
К-аз интизор мекашам бар рӯйи сина доғ.
Қассобро намонда дигар ақлу дину дил,
То лаъли майпарасти ту шуд бар лаби аёғ.

## 98.

Ё Раб, дили касе набарад ёр бевуқуф,
Дил мешавад дупора зи дилдор бевуқуф.
Бемеҳр ёр то ба каям мекушӣ ба ишқ?
Даст аз ҷафо бикаш, макун озори бевуқуф.
Эй кош, з-ин сафар манат ҳамроҳ будаме,
Мондам аҷаб зи ҳасрати дидор бевуқуф.
Рафтам гули висол бичинам зи рӯйи дӯст,
Бар дасту по халид маро хор бевуқуф.
Мижгони чун хадангу зи абрӯ камон гирифт,
Ё Раб, касе мабод гирифтор бевуқуф.
Аз холи донаву зи зулфаш танид дом,
Мурғи дилам асири дилозор бевуқуф.
Таби дилам шикаст зи лашкаркашии чашм,
Ин аст кору бори сипаҳдор бевуқуф.
Мехост кокулаш, ки ба по бандам афканад,
Гуфтам, ки бок нест зи сардор бевуқуф.
Бемор шуд зи ишқи ту Қассоби Табрасӣ,
Дардаш зиёда гашта зи Аттор бевуқуф.

## 99.

Дорам ба хоки пои ту арз айюҳаррафиқ,
Дил з-оташи хаёли висоли ту шуд шафиқ.
Охир нагашт қисмати ман то хӯрам даме,
Аз даст чун булӯри тарат як даме тариқ.
Обе расон зи олами васлат ба лаб маро,
К-андар биҳори ҳаҷри ту гаштам басе ғариқ.
Эй Хизри роҳи гумшудагон, гӯ илоҷ чист?
То кай равем рӯй ба кӯйи ту бе тариқ?
Афтодаам ба чоҳи ғамат, гӯ, ба зулфи хеш,
То оварад бурунам аз ин вартаи амиқ.

Гар дасти ман ба себи занахдон намерасад,
Аз баҳри чидан оварам аз чарх манҷаниқ.
Гуфтӣ, ки вақти мурдани Қассоб мерасам,
Дигар намонда рӯз биё вақт гашта зиқ.

**100.**

Эй нозанин, сару ҷонам фидот лак,
Хубон туро камина ғуломанд як ба як.
Он холи ҳиндуе, ки туро бар ҷабин нишаст,
Дар қасди он ки ҷон барад аз ҳурию малак.
Донам, ки шӯр мефиканӣ боз бар сарам,
З-ин қадду зулфу холу з-ин ҳусни пурнамак.
Шаб нест, к-аз фироқи ту то вақти бомдод,
Андар ду дида хоб кунад шахси мардумак.
Андар иморӣ он бути номеҳрубон нишаст,
Гӯӣ, ки офтоб равон аст бар фалак.
Гар сурати накӯӣ ту наққош бингарад,
Дар Чин тамом намоянд ҷумла ҳак.
Акнун бас аст беҳуда Қассоби булҳавас,
Тарсам, ки ёр за рағбат кунад маҳак.

**101.**

Бар зулфи ёр ҳамчу сабо мезанем чанг,
Гар барзанад зи новаки мижгон дусад ҳаданг.
Девона гар шудем зи ишқи ту бок нест,
Ушшоқро на ном кунун бошаду на нанг.
Монанди рӯйи чун қамару мӯйи сунбулат,
Эҷод кай намуд Худованд дар Фаранг?
Дар рӯзи ҳашр маҳшари дигар бапо кунам,
К-оянд з-оҳу нолаи ман аҳли ҳашр танг.

Рӯзу шабон ба кӯҳу биёбони ишқи ту,
Хори ғамат ба пову ба дил мезанем санг.
Дар пеши қади муътадилат қадди сарв паст,
Дар пеши нури рӯйи ту хуршед нимранг.
Бастӣ камар ба куштани Қассоб, то ба кай
Ушшоқ розиянд ба сулҳу туӣ ба ҷанг?

**102.**

Дӯш дилбар бар лаби бом омад он зебохисол,
Абрӯяш дидам маро шуд моҳи нав андар хаёл.
Гуфтам, эй сарви қадат озодии дилбастагон,
К-аз фароғат дил шуда беҳолу ҷисм аз нола нол.
То ба кай дар зери абрӣ, моҳи ман, берун хиром?
То нагардад ошиқат аз дурият ошуфтаҳол.
Эй хуш он рӯзе, ки аз ҳаҷрат халосӣ рӯ диҳад,
То хӯрам аз дастат, эй соқӣ, шаробе аз висол.
Бурқаъ аз рух гир, гардад то шаби ҳиҷрон чу рӯз,
Бинам аз рӯйи ту хуршеду зи абрӯят ҳилол.
Ҷумла хубони ҷаҳон зебад туро чокар шаванд,
Чун туро ҳусни малеҳат дар ҷаҳоне бемисол.
Кардаӣ Қассоб аз дилбар таманнои висол,
Чун нагирад бо ту улфат беҳ ниҳанд аз ин савол.

**103.**

Зи ҳаҷрат фурӯ шуд маро пой дар гил,
Зи зулфат фикандӣ ба поям салосил.
Бибандам зи ашкам раҳи корвонро,
Гар он моҳпайкар нишинад ба маҳмил.
Аё сангдил, дилбари ҷавроин,
Маро хун шуд аз дасти ҳаҷрат, бубин, дил.

Ба кӯят бидеҳ ёр изни духулӣ,
Шавад то ба кай кӯҳу саҳро-м манзил?
Ба шеру палангон намудем улфат,
Ба дашти ғамат ҳамчу Маҷнуни бедил.
Агар рӯй кардӣ ниҳон, бин, ҳамеша
Хаёли рухат чун ту андар муқобил.
Диҳӣ то ба кай пандам, эй муфтии шаръ?
Надоранд ушшоқ тоби далоил.
Бибин шӯри ишқам чӣ боло гирифта,
Надорӣ хабар аз дили ман, чӣ ҳосил?
Гарам ҳар сари мӯ шавад тиру ханҷар,
Нагардад зи дил ишқи рӯйи ту зоил.
Ҳама шаб зи кӯйи ту сагвор кардам,
Мабодо рақибам дарояд чу соил.
Ҳама узват аз узви дигар накӯтар,
Ба холи лабат гашта Қассоб моил.

**104.**

Ку рафиқе, ки кунам шарҳи гирифтории дил?
Ку табибе, ки кунад пурсиши бемории дил?
Носеҳ, аз ошиқиям манъ кунад, гӯедаш:
Магар огаҳ наӣ аз ҳоли гирифтории дил?
Соате нест наояд ситам аз чарх ба ман,
Бошад ин ҷавру ҷафоям зи дилозории дил.
Нангарад чашмам агар бар рухи хубон ҳаргиз,
Мекунам шукр ҳамеша зи сабукбории дил.
Ёр чун бо мани бедил ба сари улфат нест,
Ки намояд пас аз ин марҳала ғамхории дил.
Дили садпораи ман гашта ба холат моил,
Чӣ шавад гар кунӣ аз лутф даме ёрии дил.

Дили пурхун зи ту пас гираму бо худ дорам,
Накунӣ чун даме, эй дӯст, парастории дил.
Шуда Қассоб зи ҳиҷрони ту бо дард қарин,
Лек донам, ки ту огаҳ наӣ аз зории дил.

**105.**

Боз омадам ба пойи ту ҷонро фидо кунам,
То бо ту он уҳуд, ки кардам вафо кунам.
Боз омадам ба даргаҳи ту посбон шавам,
Бар чашм хоки пойи ту чун тӯтиё кунам.
Боз омадам ба пойи ту, эй дӯст, ҷон диҳам,
Ин кор аз барои ту бе муддао кунам.
Боз омадам ба назди ту, на ёру ёварӣ,
Ҷуз кӯят, эй нигор, куҷо илтиҷо кунам?
Боз омадам, ки синаи ағёр хун шавад,
Боз омадам ба кӯйи ту нашъунамо кунам.
Боз омадам, ки чеҳраи зебо-т бингарам,
Дар пеши рӯйи нури ту ҷонро фидо кунам.
Чоки даруни Қассоб, эй ёр, шуд фузун,
Боз омадам , ки захми дили худ даво кунам.

**106.**

Биё, ки ману ту рӯ ба сӯйи боғ ниҳем,
Рақиби зишти дағоро ба сина доғ ниҳем.
Зи рашки ҷон ҳасудони хешро сӯзем,
Ба рағми ғайр чу лаб бар лаби аёғ ниҳем.
Ту шоҳи ҳуснӣ, бинишин ба садри маҷлиси ноз,
Ки мо зи оҳи дили хештан чароғ ниҳем.
Ба ҳар куҷо, ки қадам барниҳӣ ба ишваю ноз,
Атусвор ҳамон хок бар димоғ ниҳем.

Зи дасти ҳаҷри ту Қассоб гар гурехт чӣ бок?
Ба ҳар куҷо, ки равад, рӯй дар суроғ ниҳем.

**107.**

Ба рӯзи ғам агар шеван намекардам, чӣ мекардам?
Гуҳар аз ашк дар доман намекардам, чӣ мекардам?
Зи тори зулфи дилбар шуд руфӯ чоки даруни ман,
Агар ин ришта дар сӯзан намекардам, чӣ мекардам?
Нашуд мумкин, ки бинам қадди чун сарву гули рӯят,
Ба ёдат рӯй дар гулшан намекардам, чӣ мекардам?
Надодӣ изни рухсат чун дароям манзилат, ҷоно,
Тамошо аз раҳи равзан намекардам, чӣ мекардам?
Ба рӯзи иди Қурбон ҷони ушшоқон туро қурбон,
Ба поят ҷон фидо гар ман намекардам, чӣ мекардам?
Калисоӣ шудам охир ман аз дасти ғамат, эй бут,
Агар зуннор дар гардан намекардам, чӣ мекардам?
Миёни ишқбозон ҷон ба поят медиҳад, Қассоб,
Агар ин кори мардафкан намекардам, чӣ мекардам?

**108.**

Ба ин девона аз зулфи ту занҷире намебинам,
Зи оҳам бар дилат, эй моҳ, таъсире намебинам.
Намедонам чӣ бар сар дорӣ, эй сайёди шерафкан?
Барои сайди ҷонам аз ту як тире намебинам.
Ба ҷон миннатпазирам лоиқ ар бошам ба қурбонӣ,
Чаро аз ғамза з-абрӯи ту шамшере намебинам?
Туро бо ман намебошад сари меҳру вафо, варна
Зи ағёри ҷафоҷӯ ҳеҷ тақсире намебинам.
Маро гӯянд мардум ёр бо ту якдил аст, аммо
Мани бечора з-аҳволи ту тағйире намебинам.

Ҳаме аз зулф бар гирди камар бандӣ, камар орӣ,
Чӣ ҳосил аз ту, эй сайёд, нахчире намебинам?
Чӣ шуд Қассобро, ёрон, ки шуд хомӯш якчанде,
Чаро андар забонаш ҳеч тафсире намебинам?

**109.**

То равон ҷониби гулшан ба тамошо гаштам,
Булбулосо ба гули рӯйи ту гӯё гаштам.
Ба забон васфи рухат чанд намоям ҷорӣ?
Он қадар мадҳи ту гуфтам, ки Масеҳо гаштам.
Аз чӣ бори дигарам сайд намоӣ ба каманд?
Худ гирифтор дар он зулфи чалипо гаштам.
Мардуми чашми ман аз фурқати рӯят шабу рӯз,
Он қадар ашк фурӯ рехт, ки дарё гаштам.
То ба бозор ниҳодӣ қадам, эй Юсуфи ман,
Ба харидории ту ҳамчу Зулайхо гаштам.
Шамъи рӯйи ту бидидам мани чун парвона,
Аз пайи сӯхтан, эй моҳ, муҳайё гаштам.
Ту ба Қассоб бидеҳ ҷоми май, эй дӯст, ки ман
Маст аз замзамаю ғулғулу мино гаштам.

**110.**

То каят бо ман итоб аст, эй санам?!
Дар қиёмат ҳам ҳисоб аст, эй санам!
Ашки хунин аз ду чашми ман равон,
З-он ду ҷузъи нимхоб аст, эй санам!
Ҳаббазо, дебочаи ҳусни туро,
Нуқтаҳои интихоб аст, эй санам!
З-он ду зулфайни дарози пуршикан,
Бар гулӯи ман таноб аст, эй санам!

Бе гули рӯйи ту, эй гулзори ҳусн,
Дар кафам доим гулоб аст, эй санам!
Бо ту будан, эй шикорафкан, маҳол,
Бе ту мурғи дил кабоб аст, эй санам!
Гар надорӣ лутф бо Қассоб пас,
Ин чӣ ҷаври беҳисоб аст, эй санам?!

**111.**

То ба зулфи чу каманди ту гирифтор шудам,
Доштам то хабар аз хеш, ки дар дор шудам.
То майи ишқи ту хӯрдам зи сарам рафт хумор,
Маст будам ману з-ин бодаат ҳушёр шудам.
Кард, ҷоно, намаки ҳусни ту дар коми дилам,
Об шуд пайкари ман, ташнаи дидор шудам.
Юсуфи ҳусни ту то по ба тиҷорат биниҳод,
Ҳар матоъе, ки биёвард харидор шудам.
Бутшикан, сангдил, эй кӯдаки ширинҳаракот,
На ба тифли маҳи рӯйи ту харидор шудам.
Эй табиби маризи ишқ, биё, баҳри илоҷ,
Кун илоҷ ин маразӣ саъб, ки азкор шудам.
Номи ту то шуда ҷорӣ ба забони Қассоб,
З-ин сабаб аз гуҳари субҳ садафбор шудам.

**112.**

Ҷони ман бодо ба қурбони сару ҷони Раҳим,
Синаам садчок гардида зи мижгони Раҳим.
Носеҳо, манъам макун аз дидани рӯяш, ки то
Ташналаб сероб гардад з-оби ҳайвони Раҳим.
Чашми ман то дид абрӯйи ҳилолосои ӯ,
Мурғи ҷонам кушта шуд аз тири мижгони Раҳим.

То ба кай дар мадраса дар интизораш сар канам?
Будаме ман як шабе, эй кош, меҳмони Раҳим.
Ҳар кӣ омад бар дараш аз файзи ӯ шуд мустафиз,
Лек ман нохӯрда нон аз хони эҳсони Раҳим.
Гӯйсон дар пойи ҳуснаш сар барандозам зи шавқ,
То ки бирбояд сарам зулфи чу чавгони Раҳим.
Ҳар касеро чун ҳавое шоҳиде андар бар аст,
То қиёмат дасти ман бодо ба домони Раҳим.
Рӯзи Наврӯз асту шуд хуршед бар тахти ҳамал,
Шуд хиҷил, аммо зи рӯйи моҳи тобони Раҳим.
Мешавад аз оташи суми сутурон поймол,
Рустам ар як дам кунад рӯ сӯйи майдони Раҳим.
Накҳате аз мушк ояд бар машоми ҷон маро,
Гӯиё бӯест аз себи занахдони Раҳим.
Гар Масеҳо мурдаро зинда намудӣ, не аҷаб
Сад чу Исо зинда аз лаъли дурафшони Раҳим.
Сарвро дар гулситон дигар намонад эътибор,
Ҷилва ояд гар қади сарви хиромони Раҳим.
Маҳ кашида гирди рӯйи худ ҳисоре аз калаф,
Дид чун зулфи сияҳ бар рӯйи рахшони Раҳим.
Шуд садафро дар даҳон аз ғусса марворид об,
Гоҳи хандидан чу дид он дури дандони Раҳим.
Тӯтии табъам бирезад болу пар андар сухан,
Дар сухан ояд агар лаъли сухандони Раҳим.
Синаам маҷруҳ аз тири суханҳои рақиб,
Беҳ шавад гар марҳам ояд аз намакдони Раҳим.
Гуфт: Охир мекушам аз ханҷари абрӯ туро,
Кош будӣ барқарор он аҳду паймони Раҳим.
Дар бадан, эй кош, будӣ садҳазорон ҷон маро,
Кардаме ҳар сад ҳазорон ҷон ба қурбони Раҳим.

Мекушад Қассобро аз заҳри чашми хештан,
Бегунаҳ куштан ту гӯӣ ҳаст имони Раҳим.

**113.**

Хуш он шабе, ки ба дилдор ҳамнишин гаштам,
Ба гирди мазрааи рӯш хӯшачин гаштам.
Хуш он шабе, ки ману ёр хуфта ба як болин,
Хуҷастатолеи ман, бо қамар қарин гаштам.
Хуш он шабе, ки зи боғи нигор гул чидам,
Зи ҳоли худ барӣ аз бӯйи анбарин гаштам.
Хуш он шабе, ки дар оғӯши ёри худ будам,
Ҳазор шукр, ки ҳамхоби ҳуриъин гаштам.
Хуш он шабе, ки рухи ёри хеш бӯсидам,
Зиҳӣ саодати ман пеши ёр амин гаштам.
Хуш он шабе, ки ба кӯйи нигор хобидам,
Ҳазор шукр, ки дар ҷаннати барин гаштам.
Хуш он шабе, ки зи ҷонон расид муждаи васл,
Зи дӯст бегила то рӯзи вопасин гаштам.
Хуш он шабе, ки ниҳон аз рақиб дар кӯят,
Ба хоки пойи ту, эй дӯст, бӯсачин гаштам.
Хуш он шабе, ки ба болин ба ту будӣ, Қассоб,
Чу лайли васл бишуд, з-ин сабаб ғамин гаштам.

**114.**

Дигар бор, эй фалак, бингар, ба чоҳи ғам дарафтодам,
Ҳамепиндоштам дигар, ки ман аз ғусса озодам.
Надорад ёр агар бо ман сари улфат аҷаб набвад,
Ки он хуршед аз насли парӣ, ман одамизодам.
Кунӣ, ёро, тағофул то каю ҷавру ситам то кай?
Илоҳо, аз ту бистонад Худои додгар додам.

Зи ман ҷуз бандагӣ н-омад, чаро доман кашидӣ ту?
Зи дасти кӯтаҳам баргӯ ба ман, эй сарви озодам.
Дили бераҳми ту охир намесӯзад ба ҳоли ман,
Чӣ бад кардам, дилам хун шуд, на ман аз сангу фӯлодам?
Чу ҳар дам чун қади сарват бубинам рӯ ба боғ орам,
Ба ёди қоматат ҳар дам назар бар сарву шамшодам.
Зи ҳаҷрат боғро аз оҳи худ зеру забар созам,
Ки то хомӯш гарданд булбулон аз дасти фарёдам.
Агар бо ҷумлаи хубони олам ҳамнишин гардам,
Нагардад нақши рӯят маҳв, биллаҳ, ҳаргиз аз ёдам.
Нагардад, гӯ, чӣ сон Қассоб ошиқ бар ҷамоли ту,
Ки ҳаргиз инчунин ҳусне надида аз бани Одам?

**115.**

Дами рафтан агар дилдор ояд рӯйи болинам,
Рухи ӯ бинаму таслим созам ҷони ширинам.
Замона дастам аз ҳасрат бубасту ман гумон дорам,
Тавонам гул зи боғи васли дилбар баъд аз ин чинам.
Шаби ҳиҷрон зи торикӣ наандешам агар як дам,
Нигори маҳвашам аз лутф гардад шамъи болинам.
Чу рафтӣ аз назар, эй дӯст, дигар чашм накшоям
Ба рӯйи ҳеч кас, то он ки рӯйи некӯят бинам.
Намедонам киям, габрам, яҳудиям, насороям?
Чу бурдӣ аз кафам якборагӣ ақлу дилу динам.
Чу бастам аҳд бо ту, то қиёмат нагсалам аз ту,
Туро пайванд бибридан шиор, эй Моҳу Парвинам.
Кунӣ Қассобро қассобвор охир шаҳид аз кин,
Зибас бераҳмӣ, эй бераҳмдилбар, сарви симинам.

**116.**

Зи гиря дӯш гузашт оби чашм аз сару дӯшам,
Зи ҳаҷри дӯст ба Маҷнун зи ғусса дӯш ба дӯшам.
Чӣ шуд, ки қосиди фархундапай наёмада сӯям,
Магар нахӯрд ба гӯшаш садои ҷӯшу хурӯшам?
Сабо расонд ғуборе зи кӯяш бар мани бедил,
Ки аз шамими фараҳбахши хеш бурда зи ҳушам.
Зи кокули ту ба дастам агар фитад ду-се мӯе,
Ба орази намакинат қасам ба ҷон нафурӯшам.
Ҳазор тир зи мижгон агар занӣ ба дили ман,
Ду чашми худ зи камони абрӯи ту бознапӯшам.
Зи издиҳоми рақибон чу роҳ нест ба кӯят,
Чӣ сон зи оташи бедодашон чу дег наҷӯшам?
Ба дил маро ҳаваси гуфтугӯст аз лаби лаълат,
Чу нест тоқати изҳор лаб бубаста хамӯшам.
Ба маҷлисе, ки ту соқӣ набошию нахӯрӣ май,
Зи дасти ғайри ту гар ҳуриянд бода нанӯшам.
Намуда ҳаҷри ту Қассобро асир ба зиндон,
Фиканда ҳалқаи чашмат ҳазор ҳалқа ба гӯшам.

**117.**

Зи баъд аз марг аз оби занахдонаш бишӯедам,
Кафан бар тан маро аз ҷомаҳои он бипӯшедам.
Гузар афтад агар вақте шуморо бар мазори ман,
Бубинед ар гуле рӯида аз қабрам мабӯедам.
Зи ҳаҷри рӯйи дилбар шуд маро манзил ба вайрона,
Пас аз ин дигарам дар мулки ободӣ маҷӯедам.
Зи новакҳои пай дар пай намуда синаам сад чок,
Хушам бо захми дилбар марҳаму дармон магӯедам.
Ба ғурбат гашта хӯгар дил, нашояд шуд аз ин манзил,
Валекин ҳарфе, эй муқбил, зи ӯ тонам бигӯедам.

Зи бас кардам хилофи ройи дилбар, баъди марги ман,
Нагирад хок ҷисмамро ба бар, он дам бисӯзедам.
Пас аз чанде гар аз Қассоб пурсад дӯст аҳволе,
Ба ҳамроҳаш ба қабри ман биёеду биҷӯедам.

**118.**

Сӯхтам, меҳри ёрро нозам,
Гармии он нигорро нозам.
Хорро ҳам зи дидаам шуд сабз,
Файзи ин навбаҳорро нозам.
Бурдани ишқи ёр ҷонбозист,
Ду шаши ин қиморро нозам.
То қиёмат кашида ваъдаи васл,
Тоқати интизорро нозам.
Ғами офоқро ба ман доданд,
Рутбаи эътиборро нозам.
Санги зерини осиё шудаам,
Гардиши рӯзгорро нозам.
Киштиям шуд зи гиря тӯфонӣ,
Дидаи ашкборро нозам.
Кард моро зи худ парешонтар,
Сари зулфи нигорро нозам.
Аз падар дорам ирс саҳроро,
Хонаи беҳисорро нозам.
Хуни дил шуд ҳаволаам, Қассоб,
То ба ҳашр ин мадорро нозам.

**119.**

Сарвро не нисбате бар қадди болои Раҳим,
Хур хиҷил дар пеши сарви моҳсимои Раҳим.

Абрӯяш баста камар аз лашкари мижгон ду саф,
Наргиси шаҳло хиҷил аз чашми шаҳлои Раҳим.
Мешавам хоки раҳаш, то балки рӯзе по ниҳад,
Бар сари он хок Рахши бодпаймои Раҳим.
Накди ҷони худ нисори хоки пояш мекунам,
Додани ҷонам агар бошад таманнои Раҳим.
Талхкоми ишқаму чун аст рӯзе гар шавад,
Пуршакар лабҳоям аз лаъли шакархои Раҳим.
Юсуфи Мисрӣ агар аз ҳусни худ дил мерабуд,
Дилрабоӣ менамояд хуш суханҳои Раҳим.
Номи номияш Раҳим, аммо шиораш ҷавру кин,
Дида пурхунам зи исми бемусаммои Раҳим.
Аз сару пояш намедонам кадомин беҳтар аст?
Пас сару поям ба қурбони сару пои Раҳим.
Гар нашуд Қассоб аз чашмони ҷодуяш асир,
Аз чӣ рӯ гардида, гӯ, андар дилаш ҷои Раҳим?

**120.**

Шуд гирифтори касе боз ин дили девонаам,
Боз шуд фасли баҳору з-одамӣ бегонаам.
Рӯзи Наврӯз асту бе май кай тавонам зистан?
Роҳ бинмоянд, эй ёрон, сӯйи майхонаам.
Мурғи ҷонам шуд гирифтори каманди кӯдаке,
Эй мусулмонон, кӣ хоҳад дод обу донаам?
Дар биёбони ғамат чун ман набошад ташнае,
Метавон сероб кардан ҳам зи як паймонаам.
Шахси ман то дар вуҷуд омад зи саҳрои адам,
Дар нахустин рӯз аз дил ошиқи ҷононаам.
То шудам ганҷури ишқат, эй суманбар, рӯзу шаб,
Ганҷи ғам дар синаи худ дораму вайронаам.

Дину дил, Қассоб, дар ёдат фидо кардаст, лек
Дар раҳи ишқат, нигоро, ман басе девонаам.

## 121.

Тамаъ аз он лабу дандон дар он замон бибуридам,
Ки аз ду наргиси мастат пиёла бахшидам.
Дар он шабе, ки даромад рақиб дар сари кӯят,
Қафас бидидаму аз бим з-ошёна паридам.
Тамоми умр намудам сайр гирди ҷаҳонро,
Чу қадду қомату зулфи муанбари ту надидам.
Бигуфтӣ аз ғами ҳаҷрат бароварам рӯзе,
Зи ваъда додани васлат хамид пушти умедам.
Алалмудом маро хору хорро ёрӣ,
Чӣ зулмҳо, ки надидам, бас аст он чи кашидам.
Ба маҷлисе, ки шавӣ соқию бода,
Яке пиёла зи дасти ту ман ба сар накашидам.
Матоъи ҳусн ба бозори ишқат оварданд,
Рақиб муштарии васлу ман ғами ту харидам.
Бибин, ки пушти фароғам зи бори ҳаҷри ту хам шуд,
Ҳанӯз ҳам сафари ҳаҷру манзилат нарасидам.
Нашуд насиби ту Қассоб себе аз занахи ӯ,
Куҷо равам? Чӣ кунам? Чун зи дӯст беҳ нагузидам.

## 122.

Гар аҳд кунам бо ту дигар бут напарастам,
Бовар нанамоӣ ту, ки девонаву мастам.
Кардӣ ба ман, эй дӯст, ту аҳдею шикастӣ,
Ман бо ту ҳамон аҳд, ки кардам, нашикастам.
Чун нест саодат, ки дароям сари кӯят,
Ку боди сабо то ба сӯят нома фиристам?
Тир аз мижа бигрифту зи абрӯ-т камоне,
Сад тир задӣ бар дилам, аз ҷой наҷастам.

Азбаски фароғи ту ба ман ҷавру ҷафо кард,
Як зарра надорам хабар аз хеш, ки ҳастам.
Улфат ба рақибони даго кардаӣ, эй дӯст,
Бошад ба яқин ин ҳама аз толеи пастам.
Эй соқии сармаст, чӣ ҳоҷат ба шаробам?
Аз наргиси шаҳлои хуморини ту мастам.
Он дам, ки ниҳон гаштаӣ, эй дӯст, зи чашмам,
Бар худ дари омад-шуди ағёр бибастам.
Дониста ба гирдоби фироқи ту фитодам,
Бошад, ки бурун оварӣ, эй дӯст, зи шастам.
Оҳӯйи ту дидан саги кӯят нагузорад,
Зоҳир шуда, к-аз хайли сагонат бипарастам.
Қассоб, ба ҳиндуи лабат дода дили хеш,
З-ин баъд ба ҷони ту, ки ҳинду бипарастам.

**123.**

Гар кунӣ як назаре сӯйи ман аз лутфи амим,
Пас аз он ҳоҷати ман ҳаст ба ҷанноти наъим.
Бокам аз сарзаниши ҷаври рақибон набувад,
Як замоне чу ба ёд оядат он аҳди қадим.
Қади шамшоди ту то гашт хиромон дар боғ,
Аз хироми ту шуда сарв ба якпойӣ муқим.
Ҷодуи чашми ту дин аз кафи ман бурд, вале
Гашт бадном дар ин марҳила шайтони раҷим.
Дили савдозада помолу лагадкӯби ҷафост,
То парешон шуда зулфайни ту аз дасти насим.
Ёр агар толиби ҷон аст, ба пояш афкан,
Нестат чора дар ин марҳала, илло, таслим.
Ошиқон ин раҳи ишқ аст, чу Қассоб тамом,
Ҷон ба пояш бисупоред, ки амрест азим.

### 124.

Аз вафо бори дигар шуд меҳрубон дилдори ман,
Бар сари аҳди худ омад он бути паймоншикан.
Рафт боди субҳ гӯё ҷониби Мисру барад,
Армуғон пироҳани Юсуф сӯйи байтулҳазан.
Ҳар чӣ носеҳ гуфт аз ишқи накӯён, боз кард
Як ба як пандаш пазируфтам, илло, як сухан.
Моҳам ар бурқаъ биандозад зи рух аз рӯйи меҳр,
Маҳв гардад аз гули рухсор-ш булбул дар чаман.
Нолаи вақти ҷудоиҳост, аз дил дур шав,
Ё Раб, ҳаргиз раҳ наёбӣ як даме сӯйи ватан.
Охир, эй дилдори некӯкор, аз ман бозпурс,
Масту бехуд аз чӣ пироҳан даридӣ дар бадан?
Дӯст дорам гар кушӣ Қассобро қассобсон,
Ҳар куҷо дидӣ диле бо ханҷари мижгон бизан.

### 125.

Эй подшаҳи ҳусн, назар бар ғулом кун,
Аз як нигоҳ кори ғуломе тамом кун.
Айёми ишрат асту замони маъишат аст,
Соқӣ, шароби ноб замоне ба ҷом кун.
Ман худ асири турки шикорафкани туам,
Теғи ҷафои хештан андар ниём кун.
Ҷонам ба лаб расиду қиёмат нашуд падид,
Ҳашри ман аст, бо қади сарват қиём кун.
Дар ҳусни бемисоли ту нуқсон намерасад,
Эй маҳ, матоъи ҳусни худат вақфи ом кун.
Қассоб, баҳри манфиати шаҳриёри ҳусн,
Табъи ғуюри саркаши худро ту ром кун.

## 126.

То шуд ниҳон зи дидаам он гулъузори ман,
Ҳиҷрони ӯ гирифт зи каф ихтиёри ман.
То аз назар шуд он бути номеҳрубон ниҳон,
Гардид з-оби чашм чу дарё канори ман.
Дилдор бо рақиб ба саҳро намуд рӯ,
Раҳме накард бар дили уммедвори ман.
Оҳу ба кӯҳу дашт наҷунбад зи ҷои хеш,
Вақте ки азми сайд кунад шаҳсавори ман.
Ҳоли дили фигор чӣ мепурсӣ, эй табиб?
Дил гашт қатрахун зи адиби нигори ман.
Чанд, эй муаллим, ҳарфи ғам аз ҳад фузун занӣ?
Тири киnoяҳо ба дили доғдори ман.
Дил метапад ба синаам аз хавфи рӯзи ҳаҷр,
То шуд анису мӯниси ағёр ёри ман.
Андар кафан зи шавқи лаҳад пора мекунам,
Оӣ агар зи лутф ба сӯйи мазори ман.
Нахли умеди тоқати Қассоб шуд хазон,
Чун шуд ниҳон зи дидаи гул навбаҳори ман.

## 127.

Чу бо ман ҳамнишин шуд дишаб он симинъузори ман,
Зудуд аз сӯҳбаташ з-оинаи хотир ғубори ман.
Куҷо гардад муяссар баъд аз инам, эй мусалмонон,
Ки бо ман сар фуруд орад ба як маҷлис нигори ман?
Намедонам рақибон аз забони ман чӣ гуфтандаш,
Ки шуд ранҷидахотир, рехт пешаш эътибори ман?
Худоро, эй рақиб, охир бигӯ, аз ман чӣ мехоҳӣ?
Битарс аз тирҳои оҳу чашми ашкбори ман.
Қасам бар новаки чашми ту, эй турки камонабрӯ,
Ба ҷуз хайли ғамат кас нест ёру ғамгусори ман.

Дар оғӯшам хаёлат ҳар шабе, эй маҳ, макон дорад,
Нишинӣ аз чӣ ҳар шаб, гӯ, ту бо ағёр ёри ман?
Гумони бад мабар аз ман, надорам ҷуз ту ғамхоре,
Маҳак то кай занӣ бар ин зари комилиёри ман?
Ҳам аз шохи умедат бар хӯрӣ, эй моҳи симинбар,
Барорӣ гар умед аз ин дили уммедвори ман.
Ба эсори қудумат зар муяссар набвадам, лекин
Зи ашки дида пурдур шуд, нигар, ҷайбу канори ман.
Бигӯ то кай зи тири ноз ҳушам мебарӣ аз дил?
Баровардӣ зи теғи ғам димор аз рӯзгори ман.
Наяндозӣ назар, гӯ, аз чӣ ба Қассоби дил пурғам,
Чӣ мехоҳӣ аз ин афсурдаҷони беқарори ман?

**128.**

Зи ҳаҷрат гар кашам оҳе, ҳамеранҷӣ зи оҳи ман,
Шавӣ озурдахотир аз нигоҳи гоҳ-гоҳи ман.
Ғуломону сипоҳи ҳусни ту саф баста аз мижгон,
Пайи ғоратгарии ҷони ман, эй подшоҳи ман.
Зи ҳаҷрат хонаи уммед вайрон шуд, намедонам,
Иморат мекунӣ бори дигар уммедгоҳи ман.
Чу дидам сабзаи хат гирди рӯят, оташи ҳасрат
Ба ҷонам шуълае зад, сӯхт бин барги гиёҳи ман.
Маро дил бе ту хун гардид, донам, боварат н-ояд,
Хабардорат кунам аз оби чашму дуди оҳи ман.
Равон аз чашмаи чашмам ҳазорон ҷӯйи хун ҳар шаб,
Муяссар диданат чун нест, эй тобанда моҳи ман.
Зи тарси муддаӣ Қассобро раҳ нест дар кӯят,
Ҳаметарсам зи хуни ман туро гирад Илоҳи ман.

### 129.

Шуд баҳору метавон кай бе гулистон зистан?
Дар гулистон рафтану бе рӯйи хубон зистан.
Боз андар Мисри гулшан ҳусни Юсуф шуд падид,
Бе Зулайхо кай тавон дар кунҷи зиндон зистан?
Мардуми чашмат ба қасди ҷони ман ханҷар ба каф,
Ҳаст мушкил соате бо тири мижгон зистан.
Куфри зулфатро парешон аз чӣ бинмудӣ ба рух?
Сахт душвор аст бо куфру мусалмон зистан.
Атфи домони ту чун бинам ба дасти муддаӣ,
Ҳайф бошад аз ту бо олудадомон зистан.
Кокулатро то парешон дидам аз боди сабо,
Менамояд дил таманнои парешон зистан.
То қадам бинҳод Қассоб андар ин ишқи маҷоз,
Аз муҳолотаст ӯро бо накӯён зистан.

### 130.

Қадатро нисбате кай бо санавбар метавон нардан?
Куҷо таърифи мижгонат ба ханҷар метавон кардан?
Зи мижгон мекунам ҷорӯб ҳар шаб бар сари кӯят,
Агар дар остонат хок бар сар метавон кардан.
Шунидам номи ман саҳван намудӣ бар забон ҷорӣ,
Вафо кардӣ, ҷафо кардӣ, мукаррар метавон кардан.
Зибас аз оҳи ман оташ бурун меояд аз сина,
Лақаб ин тоири дилро самандар метавон кардан.
Агар бинам ба кӯят, эй суманбар, хору хошоке,
Ба зери сар ба ҷойи болиши пар метавон кардан.
В-агар он кокули мушкин парешон созӣ аз шона,
Димоғи ҷон зи бӯйи он муаттар метавон кардан.
Бигӯ Қассоб то кай аз рақибон андар озорӣ?
Илоҷи муддаиро зуд аз зар метавон кардан.

## 131.

Маро дишаб нахобидаст чашмон,
Назад мижгони ман то субҳ мижгон.
Ба дил гуфтам аён шуд субҳи содиқ,
Чу дидам дӣ туро чоки гиребон.
Парешонӣ маро хуш гашт одат,
Чу дидам бар рухат зулфи парешон.
Маро шуд ғунчаи хотир шукуфта,
Чу дидам чанд он гулбарги хандон.
Қадатро дар чаман дидам ба рафтор,
Намедонам туӣ, ё сарви бӯстон?
Зи ғавғою фиғони худ ба гулшан,
Ҳамебандам забони андалебон.
Бигӯ бо Хизр, то кай дар суроғӣ?
Биё, з-ин чашма бардор оби ҳайвон.
Ба Маҷнун гӯ зи ишқи рӯйи Лайлӣ,
Ниҳӣ рӯ то ба кай андар биёбон?
Нигоро, рӯзи Наврӯз асту ҳар кас,
Ниҳад бо шоҳиде рӯ дар гулистон.
Ба гулшан гар равад Қассоб бе ту,
Ба пояш мехалад хори мағелон.

## 132.

Мурғи ҷон дар қафаси тан шуда нолон-нолон,
Хӯрд азбаски зи мижгони ту пайкон-пайкон.
Ё ба ағёр макун аз сари улфат, улфат,
Ё ки ҷони мани савдозада бистон, бистон.
Рӯйи гулнор ба ағёр ту манмо, манмо,
Бода аз соғари ағёр чу мастон мастон.
Заҳри ҳаҷри ту ба комам шуда андак-андак,
Кош тарёки висоли ту дучандон чандон.

Абри зулфи ту ба маҳтоби рух ақраб-ақраб,
Бе сари кокули печони ту саъбон саъбон.
Манамо рӯй ба ағёр, ки тарсам, тарсам,
Бибарандат зи раҳ, эй кӯдаки нодон, нодон.
Ҳама дар базми висолат шуда маҳрам, маҳрам,
Мани бечора насибам шуда ҳиҷрон-ҳиҷрон.
Дил таманно кунад аз дасти ту соғар-соғар,
Зер дар соғари дил оташи сӯзон сӯзон.
Як раҳ, эй дӯст, барои дилам ин дам, ин дам,
Ба сару дӯш кун он кокули афшон афшон.
Ба хаданги мижаат шуд дили хунин хунин,
В-аз ғами ҳаҷри ту шуд дидаи гирён гирён.
Зоҳидо, сарзаниши беҳуда то кай? То кай?
Чӣ кунам гар шавад он пистаи хандон хандон?
Омада то камарат тураи пурхам пурхам,
Рехт бар пойи ту он кокули печон печон.
Захми Қассоб куҷо қобили марҳам марҳам?
Куштаи теғи туро кай шуда дармон дармон.

## 133.

Муаллимо, макун озор бар мани мискин,
Бас аст он чӣ намудӣ ба ҷонам, эй бедин.
Чӣ кардаам ба ту, эй дилсиёҳи бадботин,
Ки ёрро ба ман овардаӣ ту дар сари кин?
Зи роҳи кина муаллим биёву по баркаш,
Битарс аз шарари оҳам, эй ба дӯст қарин.
Зи ман чӣ дидаӣ, баргӯ адиби мискиндил,
Ки дил зи кинаи ман пур намудӣ, эй бедин?
Ба ҷонам ин ҳама ҷавру ситам раво набувад,
Ҳазар намо зи ману додхоҳи рӯзи пасин.
Муаллимо, ба рухам дар зи кина барбастӣ,
Зи баъди чанд намонад барот ғайри ҳамин.

Асири тифли дабистони ту шуда Қассоб,
Намо ту раҳм ба ӯ, эй адиби ҷавроин.

### 134.

На бо ту шарҳи ҳадиси сафар тавон кардан,
На бе ту рӯй ба шаҳри дигар тавон кардан.
На бо ту як-ду қадам метавон ба роҳе рафт,
На хоки пойи ту куҳли басар тавон кардан.
На рӯ ба ҷойи дигар, бин, на раҳ ба манзили хеш,
Ба кӯйи ёр як имшаб гузар тавон кардан.
Агар ту рӯй бипӯшӣ, зи фурқати рӯят,
Тамоми хоки ду олам ба сар тавон кардан.
Агар ба холи лабат мубтало шудам, ғам нест,
Ба ваҷҳи хумс зи молат бадар тавон кардан.
Дилам зи оташи ғам сӯхт, боварат н-ояд,
Зи дуди оҳ туро бохабар тавон кардан.
Чӣ шуд, ки омада Қассоб дар сари кӯят,
Ба як- ду бӯса лабаш пуршакар тавон кардан.

### 135.

Ҳама бо соқии симинузоранд ёр, ғайр аз ман,
Ҳама нӯшанд аз вай соғари саршор, ғайр аз ман.
Намехоҳам дилороме пайи ороми дил ҷуз ту,
Намехоҳам касе бинад зи ту озор, ғайр аз ман.
Набошад инчунин мумтоз кас дар ҳусн ғайр аз ту,
Набошад инчунин дар ишқ кас ғамхор, ғайр аз ман.
Ҳама донанд расми дилрабоёнро ба ғайр аз ту,
Ҳама карданд тарки ин буту зуннор, ғайр аз ман.
Чаро бо муддаӣ ёрӣ, магар кас нест ғайр аз вай?
Чаро мастӣ, магар набвад касе ҳушёр, ғайр аз ман?
Пайи тасхири ҷонҳо кас намеояд ба ғайр аз ту,
Пайи нахчири дил бошад саги бисёр, ғайр аз ман.

Намегирад касе танг инчунин бар ошиқон ҷуз ту,
Намегирад кас аз ҷон даст, эй дилдор, ғайр аз ман.
Кушад кас ошиқи худро чу саг ҳар сӯ ба ғайр аз ту,
Кашад андар ҷаҳон кас миннати ағёр, ғайр аз ман.
Набошад кас пайи дил бурдани Қассоб ғайр аз ту,
Набошад дар ҷаҳон кас толиби дидор ор, ғайр аз ман.

## 136.

Эй ба қурбони қади дилҷӯйи ту,
Дил фидойи зулфи анбарбӯйи ту.
То ба кай тирам зи мижгон мезанӣ?
Худ шаҳидам аз ғами абрӯйи ту.
Дил ба танг омад зи манзилгоҳи хеш,
Изну рухсат, гӯ, ки ояд сӯйи ту.
Гарчи корат сар ба сар зулм асту ҷавр,
Чун кунам, дил ошиқ аст бар хӯйи ту?
Мурғи дил побасти зулфат шуд, чӣ дид?
Донаи холи сияҳ бар рӯйи ту.
Дил ба дунболи ду чашмат медавад,
Чун сагон андар пайи оҳуи ту.
Кардаӣ Қассобро охир шикор,
Эй фидои қуввати бозуйи ту.

## 137.

Ҷон диҳам, гар хоке орад боди субҳ аз кӯйи ту,
Пойи сарв уфтам ба пову қомати дилҷӯйи ту.
Гар шаҳидам мекунӣ, аз кӯйи худ дурам макун,
Ман на онам, то ки тоб орам даме бе рӯйи ту.
Ҳоҷати тирам набошад, худ бикуш аз ханҷарам,
Лек не ханҷар бикаш, аз ханҷари абрӯйи ту.
Чун шавад, гоҳе танам гардад тамоме болу пар,
То кунам аз шавқ парвозу дароям сӯйи ту.

Куфри зулфат менамояд хонаи дилро хароб,
Сад мусалмон гашта ҳайрон дар кафи ҷодуйи ту.
Рӯзу шаб гардам ба кӯҳу дашти ишқат муттасил,
Сагсифат андар такопӯ аз кафи оҳуйи ту.
Бар машоми ҷон расад Қассобро бӯйе зи мушк,
Гӯиё бод оварад аз зулфи анбарбӯйи ту.

## 138.

Оҳ, шуд хунгашта дил моил ба ёри тозае,
Майли ёри тозае, симинузори тозае.
Бурда аз ман дил нигори гулизори хурдсол,
Хурдсоле, гулузорею нигори тозае.
Рустами ишқе ҳаметозад ба ҷонам Рахши кин,
Кош пайдо мешудӣ Исфандиёри тозае.
Охир, эй бераҳм сайёде, ки дорӣ дар қафас,
Мурғи ҷонам кун раҳо, омад баҳори тозае.
Ҳар дамам, эй бемурувват, мекушӣ аз кин чаро?
Мекашӣ Мансурворам сӯйи дори тозае.
Ё ба аҳди хештан бояд вафо кардан туро,
Ё бидеҳ, эй нӯшлаб, бо ман қарори тозае.
Ман, ки дар пирӣ тафили тифл гаштам, носеҳо,
Ҳамчу Қассобам мазан бар ҷон шарори тозае.

## 139.

Ҷаҳонро аз чӣ бори дигар айшаш ҷовидон гашта?
Хазонро рангубӯи тозае бинам аён гашта.
Ба ҳар гулшан назар кардам, ҳазорон фохта дидам,
Ки бар гирди қади сарви санавбар нағмахон гашта.
Ба гулгашти чаман рафтам, гули нашкуфтае дидам,
Ки хору булбули шӯрида ӯро меҳмон гашта.
Ба пирони ҷаҳон кардам назар, дидам ҳама яксар,
Ки аз ишқи рухи хубон дигарбора ҷавон гашта.

Ба пири ақл рӯзе гуфтам: Эй пири ҷаҳондида,
Аён ин айши тоза аз чӣ дар Мозандарон гашта?
Ба посух лаб кушуд он пиру гуфт: Эй шоири Моваҳ,
Фурӯзон ахтаре аз бурҷи мулк ӯро аён гашта.
Бад-ӯ гуфтам, ки номи номияшро арза деҳ бар ман,
Ки дигар тоқатам номонда, ҷон аз тан равон гашта.
Ҷавобам гуфт, лекин бо ҳазорон узр, к-эй Моваҳ,
Зи мулкоро Шуҷоъ-ал-мулк Мирзо номи он гашта.
Назода модари гетӣ ба даврон мисли ӯ тифле,
Зи ҳусни бемисолаш маҳ ниҳон дар осмон гашта.
Зи чашмаш гар бипурсӣ айни мо зоғ-ал- басар хонам,
Ба гирди чашми ӯ мижгон нигар ҳамчун синон гашта.
Зи абрӯяш чӣ мепурсӣ, ки шуд қавзуқузаҳ зоҳир,
Ба мижгону ба абрӯяш аҷаб тиру камон гашта.
Аз ин навраста шохи сабз дар бӯстони мулкоро,
Ҳазорон душмани ҷонӣ дар он бӯстон аён гашта.
Куҷо шуд он рақиби шуми беғайрат бигӯ бо он,
Биё, бингар ба хоҳарзода холу мадҳхон гашта?
Ба худ гуфтам пайи таърихи ӯ байте намо иншо,
Агар табъи ту чун оби равон дар дил равон гашта.
Ба пойи маркабам афсар хирад афкандаву гуфто:
Ки гу дохил Шуҷоъ-ал-мулк дар мулки ҷаҳон гашта.

**140.**

Дигар аз хостани кӯдаки нодон тавба,
Дигар аз додани дил дар кафи тифлон тавба.
Баъд аз инам набувад кор ба ҷуз танҳоӣ,
Дигарам рафтани дар маҳфили эшон тавба.
Шуд яқинам, ки ба хубон натавон дил додан,
Чун хӯрам захм, ки кардем зи дармон тавба?
Гар кашидан натавонем зи абрӯ-ш камон,
Тир хӯрдан ба дил аз лашкари мижгон тавба.

Чун зи чоҳи занахаш хӯрдани об аст маҳол,
Хостан ҷоми май аз мардуми чашмон тавба.
Тифл раҳ менабарад ишқ чию кораш чист?
Додани дил ба кафи тифл зи яздон тавба.
Мекунад ғорати ислом чу куфри зулфаш,
Баъд аз ин майл ба ғоратгари имон тавба.
Худ буту зулф чу зуннору ду абрӯ меҳроб,
Хоҳиши бӯса аз ин куфру мусалмон тавба.
Чун ба тифлон набувад аҳду вафое Қассоб,
Пас ҳамон беҳ, ки намоӣ ту зи пирон тавба.

**141.**

Рафт аз назар он шӯх чу оҳуи рамида,
Нокарда нигоҳу лаби лаълаш намакида.
То кай ба умеди рухи дилдор нишинем?
Муштоқи мулоқоту ба васлаш нарасида.
Хайли ғами ту баста саф аз лашкари мижгон,
Бо ин ҳама лашкар чӣ кунад пири хамида?
Дар хилвати дил боз хаёли ту даромад,
Маст аз майи ангуру ба тан ҷома дарида.
Гар як-ду қадам ранҷа кунӣ баҳри аёдат,
Хоки кафи пойи ту кунам сурмаи дида.
Рафтию зи дурии ту ҷонам ба лаб омад,
Боз ой, ки тоқат набувад бар дилу дида.
Себи занахат қисмати Қассоб нагардид,
Чун дил зи ту гирад, ки зи тавба нагузида?

**142.**

Ишқи бутон то кай туро бар ҷон чу ахгар омада?
Мижгони хубон бар дилат монанди наштар омада.

Бори ғами ишқи бутон доим кашидан мушкил аст,
Лекин кашидан бори ғам табъи ту хӯгар омада.
Аз ишқбозӣ дар ҷаҳон ҳаргиз зиёне кас надид,
Эй оқил он к-андар дилаш ин нукта бовар омада.
Сар дар сари майдонашон бояд ниҳодан оқибат,
Чун некӯвонро абрӯвон шамшеру ханҷар омада.
Комат зи хубон кай раво гардад ба даврон як нафас?
З-эшон китоби хотират авроқу абтар омада.
Ҷон хоҳӣ аз дилбар барӣ бошад маҳолу мумтанаъ,
Кори мусалмонӣ куҷо аз шахси кофар омада?
Ин нозанинон аз карам гар ваъдаи васлат диҳанд,
Имрӯзашон аз ҷавру кин фардои маҳшар омада.
То кай занӣ оташ ба ҷон аз меҳр, эй оташ ба ҷон?
Мурғи равонат то ба кай ҳамчун самандар омада?
Вомиқ шавад Азро нигар, ин сурати зебо нигар,
Абрӯйи ёри мо нигар, моҳи дупайкар омада.
Киштии сабрат дар ҷаҳон, аз ишқ шуд бе бодбон,
В-аз дасти мавҷи бекарон орӣ зи лашкар омада.
Ҷисмат ба мактабхонае бинмуд машқи лоғарӣ,
То устухони паҳлуят монанди мистар омада.
Омад баҳори ошиқӣ, эй қумрии ширинзабон,
Бар тан либоси зарфишон сарву санавбар омада.
Аз мисраъи ҳар байт як ҳарфе бурун овар бубин,
Исме, ки мегардад аён Қассоби мухбар омада.

## 143.

Гӯш кун пандам агар оқил, агар фарзонаӣ,
Ихтиёри дил манеҳ андар кафи ҷононае.
Соғари дил гашта аз ағёр моломоли хун,
Соқии сармасти ман ку то диҳад паймонае?
Карда аз хуни дилам он маҳ ба ангуштон хизоб,
То зи ангушт он санам бар зулфи худ зад шонае.

Шамъи рухсори ту то афрӯхт дар базми рақиб,
Сӯхт сар то поям аз рашк ҳамчунон парвонае.
Мурғи дил гардида бисмил он шикорафкан куҷост?
Бемурувват раҳме охир фикри обу донае.
Дасти селоби ғамат маъмураи дил шуд хароб,
Кун ба аҳди давлатат обод як вайронае.
То рақибам бо ту ҳамсоғар шуд, эй соқӣ бубин,
Масту бехуд гашт Қассоб, ҳамчунон девонае.

## 144.

Намедонам зи оҳу нолаам дорӣ хабар ё на?
Ба пешат оҳу афғони маро бошад асар ё на?
Чӣ бад кардам, ки як бор аз назар, эй маҳ, ниҳон гаштӣ?
Шавад оё, ки бинам рӯйи ту бори дигар ё на?
Намудӣ поймолам ҳамчу Маҷнун аз ғами Лайлӣ,
Ба кӯҳу ишқи даштат менамоӣ дар ба дар ё на?
Зи мижгонат паёпай тир меояд ба ҷони ман,
Намакпошӣ кунӣ, эй дӯст, бар захми ҷигар ё на?
Ало, дар Мисри хубӣ ҳамчу Юсуф тоқ дар олам,
Ба Яъқубат зи пироҳан расад нури басар ё на?
Ало, эй ёри сангиндил, ало, эй сарви симинтан,
Ду дастам мешавад оё туро андар камар ё на?
Ба ғурбат гаштаӣ хӯгар, зи автонат ҷудо гаштӣ,
Намедонӣ, ки бори дигар оӣ аз сафар ё на?
Чаро афкандаӣ, эй дӯст, бурқаъ аз ҷамоли худ,
Намедонам, ки берун мешавад абр аз қамар ё на?
Дарахти тоқати Қассоб хушк аз бори ҳиҷронат,
Шавад з-оби висолат ёр дар бори дигар ё на?

## 145.

Ало, эй дӯст, то кай дар ҳиҷобӣ?
Ба ушшоқат намонда сабрӯ тобе.

Зи зери абр пинҳон ой, эй маҳ,
Ниҳон то кай бигӯ андар саҳобӣ?
Зи дурии ту, эй мавлои ғоиб,
Ба чашми ошиқонат нест хобе.
Хуш он рӯзе, ки аз дасти ту соқӣ,
Бинӯшам соате ҷому шаробе.
Зи шавқу орзуи дидани ту,
Зи табъи хеш гуфтам як китобе.
Зибас аз дурият боридаам ашк,
Ки дар чашмам намонда қатра обе.
Зи дурии ту шуд Қассоб аз даст,
Ба ҳоли ӯ намо фикри савобе.

**146.**

Эй ки нокарда нигаҳ аз назарам мегузарӣ,
Ҷони ушшоқ зи тан меравaду бехабарӣ.
Шамъсон дар шаби ҳаҷрат бигудозам то субҳ,
Ту худ афрӯхта дар маҳфили халқи дигарӣ.
Карда мижгони ту ҳар гӯша дусад тир равон,
Синаи ғамзада кардем мисоли сипаре.
Он ҳама нола, ки андар шаби ҳаҷрат кардам,
Шуд яқин бод наёвард ба сӯят хабаре.
Сарв аз рашки қадат бар сари як по истад,
Чун гадоёни сари роҳ ба умеди назаре.
Гар туро ҳаст аз ин мурғи дилам майли кабоб,
Бифкан аз ноз бад-ин хирмани умрам шараре.
Чун бувад ошиқият ишқи маҷозӣ, Қассоб,
З-ин сабаб тири дуои ту надорад асаре.

**147.**

Агар он моҳрӯ ояд шабе пешам ба меҳмонӣ,
Надорам баҳри эсори қудумаш ман магар ҷоне?

Ба рӯзи иди Қурбон моҳи Канъонам сазовор аст,
Ҳазорон Юсуфи Мисрӣ туро гарданд қурбонӣ.
Дилам дар сина бирён шуд зи сӯзи оташи ишқат,
Биё, эй абри раҳмат, бар сари ман бор бороне.
Ба кӯят гар маро бошад шабе имкони бигзаштан,
Сазад бар по халад ҳар дам маро хори мағелоне.
Ба гулшан гар равам баҳри тамошои гули рӯят,
Шавад бе рӯят он гулшан ба чашми ман чу зиндоне.
Кашам то кай ситам аз ҷониби ағёр ёри ман?
Намедонам, шаби ҳаҷри маро чун нест поёне.
Пайи хунрезии бечорагони бесару сомон,
Фидоят, то ба кай дар хонаи зин гарми ҷавлонӣ?
Фарангизодае аз теғи кин резад ҳаме хунам,
Набошад андар ин шаҳр, эй мусалмонон, мусалмонӣ.
Зи Қассоб аз чӣ як раҳ менапурсӣ чист аҳволат,
Магар ҳолаш намебинӣ, магар дардаш намедонӣ?

## 148.

Имшаб дар интизор нишастам, наёмадӣ,
Бо чашми ашкбор нишастам, наёмадӣ.
Аз халфи ваъдаҳои ту имшаб гиристам,
Аз баҳрат, эй нигор, нишастам, наёмадӣ.
Дар кунҷи ҳаҷр бо дили хунин ба сад умед,
Бо хотири фигор нишастам, наёмадӣ.
Бар ёди қомати туву умеди диданат,
Эй сарви ҷӯйбор нишастам, наёмадӣ.
Гуфтӣ ба пурсиши ту қадам ранҷа мекунам,
Кардӣ умедвор нишастам, наёмадӣ.
Бар ёди рӯйи рӯзфузуни ту то саҳар,
Эй шамъи ҳар мазор, нишастам, наёмадӣ.
Гуфтӣ камар ба куштани Қассоб бастаам,
Бо теғи обдор нишастам, наёмадӣ.

**149.**

Эй тифли хурдсол, бигӯ, ҷони кистӣ?
В-эй кӯдаки латиф, ту ҷонони кистӣ?
Дилҳо кабоб карда касон баҳри моҳазар,
Баргӯ, ки мизбони кӣ, меҳмони кистӣ?
Ҷамъе зи шоирон ҳама дар гуфтугӯи ту,
Фармой, дилбаро, ту ғазалхони кистӣ?
Ин шеъри ман ба назди ту рони малах бувад,
Мо мӯри лангу худ ту Сулаймони кистӣ?
Ҳуснат гирифта теғ ба каф з-абрӯи каҷат,
Ҷаллодсон ту гӯй, ки султони кистӣ?
Сад ҳамчу ман барои гулат гашта андалеб,
Маъшуқи ман, ту мурғи хушилҳони кистӣ?
Қассоб, аз фироқи ту байталҳазан нишаст,
Лаб во намо, ки Юсуфи зиндони кистӣ?

**150.**

Аз нигоҳе, эй санам, дил аз кафи ман мебарӣ,
В-аз такаллум ҷони ширини ман аз тан мебарӣ.
Дар дилам ин буд, ки рӯзе бо ту дар гулшан равам,
Акси хоҳиш мекунӣ, ҷоно, ба гулхан мебарӣ.
Аз ту ин ҳусне, ки мебинам, эй ҷодуфиреб,
Сад дили хунгашта аз шайху бараҳман мебарӣ.
Гар ба азми сайди дилҳо пой бар тавсан ниҳӣ,
Аз каманди зулфи худ сад чун Таҳамтан мебарӣ.
Ҳусни ширини ту, эй Ширин, аҷаб ширин бувад,
К-аз табассумҳои ширин ҷони Кӯҳкан мебарӣ.
Бо ман ар рӯзе кунӣ қасди навозиш, эй санам,
Зуд мегардӣ пушаймон, пойи куштан мебарӣ.
Гӯ, чӣ сон Қассоб аз дастат нанолад, з-он ки ту
Ақлу дину дил зи дасташ мардафкан мебарӣ.

## 151.

Бар ман қиёмате гузарад, чун ту бигзарӣ,
То кай кунӣ ба ошиқи зорат ситамгарӣ?
Ташбеҳ кардаам рухи некӯ-тро ба гул,
Не, не, ғалат, хаёли фурӯзанда ахтарӣ.
Аз мушк нуқта бар рухат барзадӣ магар?
Ё ин ки хол бошад, аё шӯхи чун парӣ?
Не қосиде ба ёр расонад аризаам,
Эй боди субҳ, ҷуз ту надорем раҳбаре.
Шуд муддате, ки рӯйи накӯят надидаам,
То кай ба зери абр чу хуршед андарӣ?
Боз о, ки нест сабр зи дурет бар дилам,
Ҳарчанд нақши рӯйи ту, чун ту баробарӣ.
Қассоб, гар зи шохи висоли ту бар хӯрад,
Бошад умеди он, ки ту аз умр бар хӯрӣ.

## 152.

Чӣ нолам мани нотавон аз ҷудоӣ,
Ки ояд маро танг ҷон аз ҷудоӣ?
Касе гар нигораш ҷудо уфтода,
Бувад кору бораш фиғон аз ҷудоӣ.
Шабу рӯз мурғи дили ман ба сина,
Кунад нола дар ошён аз ҷудоӣ.
Зибас сарзаниш аз рақибон шунидам,
Шудам бо адам ҳаминон аз ҷудоӣ.
Шаби ҳаҷр оҳи дилам авҷ гирад,
Равад то ба ҳафт осмон аз ҷудоӣ.
Дар он маҳфил оташ фитад дар ниҳодам,
Сухан гар равад з-он миён аз ҷудоӣ.
Ба булбул нигар дар гулистон, ки дорад,
Чӣ фарёдҳову фиғон аз ҷудоӣ.

Кашид он чӣ Маҷнуни Омир зи Лайлӣ,
Кунун мекашам ман ҳамон аз ҷудоӣ.
Ба айни иноят ба Қассоб бингар,
Ки сер омада з-ин ҷаҳон аз ҷудоӣ.

**153.**

Худ куҷо будӣ, ки андар интизорам сӯхтӣ?
Эй гул, аз дарди фироқат чун ҳазорам сӯхтӣ.
Бе туам парвонасон оташ ба ҷон афтодааст,
То зи ҳиҷрон ҳамчунон шамъи мазорам сӯхтӣ.
Банд-бандам ҳамчу най аз ҳам ҷудо кардӣ зи ҳаҷр,
З-оташи дарди ҷудоӣ, эй нигорам, сӯхтӣ.
Сохтӣ аз як нигоҳе чашми корамро тамом,
Аз таҳаммул, в-аз тағофул ҷисми зорам сӯхтӣ.
Бохтӣ бо нарди улфат бо рақибон, эй санам,
Муҳраи шатранҷи ҷони беқарорам сӯхтӣ.
Аз назар гаштӣ ниҳон, эй моҳи тобон, аз чӣ рӯ
Ашки хунин аз чӣ дар ҷайбу канорам сӯхтӣ?

**154.**

Хиттасорию аҷаб нашъунамое дорӣ,
На ҳамон нашъунамо, балки сафое дорӣ.
Боғу бӯстони ту аз равзаи ризвон хуштар,
Чун гулистони Ирам обу ҳавое дорӣ.
Чашми бад з-ойинаи рӯйи муқимони ту дур,
Ранги рухсори ту пок асту ҷилое дорӣ.
Гарчи хубон ҳама андар ту муқиманд, вале
З-он миён соҳиби дастору ридое дорӣ.
Ки зи авлоди расул асту лақаб ховарияст,
Хонаобод аҷаб хонахудое дорӣ.
Сари ҳар шаҳрию ҳамдӯши биҳиштӣ, оре
Ки чунин ҳурчабин, моҳлиқое дорӣ.

Гӯ, ба дилдори ман он, к-ӯ бувад аз ҳусн ғанӣ,
Фахрат ин бас, ки чу Қассоб гадое дорӣ.

**155.**

Дарахти тоқати ҷамъе зи бех баркандӣ,
Ҳанӯз бар ҳама ҷавру ҷафо-т хурсандӣ.
Зи зери абр бурун ой, эй маҳи тобон,
Ки то зи диданат осояд орзумандӣ.
Манам зи дурият, эй дӯст, бо ду чашми пуроб,
Ту бо рақиб нишинӣ, ба ҳоли ман хандӣ.
Рақиб карда ҷудоят зи ман ба макру фусун,
Кунам шиори худ, эй дӯст, сабр якчанде.
Чӣ луъбатӣ, чӣ парипайкарӣ, ки модари даҳр,
Назод мисли ту ҳуринажод фарзанде.
Чӣ шуд? Зи ёриям, эй дӯст, гаштаӣ безор,
Чӣ шуд? Ба рӯйи худ, эй дӯст, бурқаъ афкандӣ.
Чӣ шуд? Чӣ шуд, ки зи ман кардаӣ канор, эй дӯст,
Намудаӣ ба рақиб, эй нигор пайвандӣ.
Ба зоҳир аз бари ман гаштаӣ ҷудо, эй дӯст,
Магар расид ба гӯш аз муаллимат панде?
Зи ишқи рӯйи ту Қассоб гар шаҳид шавад,
Туро чу нест ба сар шӯр, к-аш чӣ дарбандӣ?

**156.**

Дар бӯстон хуш аст, тамошо кунад касе,
Ташбеҳи сарв бо қади раъно кунад касе.
Имрӯз накди умр ба сарфи шароб кун,
Бечост гар шикояти фардо кунад касе.
Исфандиёру Рустаму Суҳроб рафтаанд,
Дигар чӣ эътимод ба дунё кунад касе?
Ёрон, зи тифли мардуми ин шаҳр бигзаред,
Аз кӯдакон вафо чӣ таманно кунад касе?

Чун Қайс рӯ ба водии шаҳри ҷунун ниҳад,
Гар як назар ба сурати Лайло кунад касе.
Бо ин ки рӯйи Юсуфи Мисрӣ надидаанд,
Беҳосил аст, манъи Зулайхо кунад касе.
Мардум зи ишқи Вомиқи бечора бехабар,
Гӯ, аз чӣ рӯ маломати Азро кунад касе?
Атфоли шаҳри мо зи накӯи мусалламанд,
Дигар ба ҳарза аз чӣ даҳан во кунад касе?
Озурда мешавад бадани сояпарвараш,
Гар хилъаташ зи атласу дебо кунад касе.
Қассоб, рӯ ба сӯйи ту овард, эй ҳабиб,
Беҷост ин ки рӯй ба ҳар ҷо кунад касе.

**157.**

Дарди хумор ман кашам, бода ба коми дигарӣ,
Аз чӣ нахонда соқиям ҷуз вараќи ситамгарӣ?
Боди сабо, биё даме ,гӯ, ба рақиби зиштхӯ,
Аз ситами ту хам шуда қомати чархи чанбарӣ.
То ту ба Рахши кин шудӣ ҷилвакунон, рақиби ман,
Тавсани толеам хӯрад аз ситамат Сикандарӣ.
Майкада шуд тиҳӣ зи май, балки кашид ёр май,
Аз кафи ин ҳақир май менахӯрад дусоғарӣ.
Ҷаври рақиби ҳарзагӯ ҷони ман оварад ба лаб,
Нест дар ин ҷаҳон магар додгарею доварӣ?
Аз ситамат рақиби дун тоқатам оҳи тоқ шуд,
Менатавонӣ , эй рақиб, аз мани зор бигзарӣ.

**158.**

Соқӣ, зи сари лутф биёвар ду-се ҷоме,
То бори дигар тар кунам аз меҳри ту коме.
Мо бандаи даргоҳи туем аз дилу аз ҷон,
Эй подшаҳ, аз лутф нигоҳе ба ғуломе.

Дар бутаи ҳиҷрони ту шуд пухта дили мо,
Ту сангдил аз баҳри чӣ нопухтаи хомӣ?
Рӯзам чу шаби зулфи ту, эй дӯст, сияҳ шуд,
Дур аз рухи ту дорам аҷаб субҳею шоме.
Дерест, ки аз ҷонибат, эй моҳ, наёмад,
Бар ҷониби мо ҳеч паёмею саломе.
Шуд рӯза ба мо фарз ба моҳи раҷаб, эй дӯст,
Гӯ, бо кӣ ту боло шудаӣ бар лаби боме?
Мурғи дили ман гашта гирифтори қафас боз,
Аз зулф ниҳодӣ магар, эй дӯст, ту доме.
Хоҳӣ кунам, эй дӯст, нисори қадамат ҷон,
Гӯ, бод расонад ба ман ин лаҳза паёме.
Зоҳир шуда бар халқи ҷаҳон рӯзи қиёмат,
Гӯё, ки қадат боз намудаст қиёме.
Шуд саҷдаат имрӯз ба мо воҷибу лозим,
Ту худ магар, эй дӯст, дар ин шаҳр имомӣ?
Қассоб кучову сифати қадди ту, эй дӯст,
Ҳамчун шаби ялдо ба дарозии ту томе.

**159.**

Сахт сахт аст дилат бо ҳама нозукбаданӣ,
Талхгуфтор чаро бо ҳама ширинсуханӣ?
Ҳамчу Ҳорут ба чоҳи зақанат афтодам,
Афкан аз лутф зи зулфайни расоят расане.
Ин ҷафоҳо, ки ту дар пеш гирифтӣ, тарсам
Ки шавӣ шуҳраи ҳар шаҳр ба паймоншиканӣ.
Фахрат, эй фахри ҷаҳон, бар ҳама хубони ҷаҳон,
Ҳастӣ андар насаб аз насли расули маданӣ.
Ҳайратам з-он ки чунин чеҳраи зебо, ки туро ст,
Ки зи аслоби кию сарви кадомин чаманӣ?
Эй қавипанҷа, зи дасти ту бинолам то кай?

Чӣ шавад гар назаре сӯйи ғарибон фиканӣ.
Ғазале дар пайи тавсифи ту вақте гуфтам,
Ба умеде, ки зи алтоф кушоӣ даҳане.
Ба ҷавоби ғазалам ҳеч напардохтаӣ,
Раҳм то кай ба ман, эй сарвари хубон, накунӣ?
Ғоибона ба ту ихлоси ман аз ҳад бигузашт,
Нашунидӣ магар аҳволи Увайси Қаранӣ?
Ҷавр кун, эй бути айёру зи Қассоб бипурс,
Ки туро саҷда чаро карду чаро шуд васанӣ?

**160.**

Шунидам баҳри қатлам, эй санам, ҳарфе рақам кардӣ,
Сарат гардам муҳаббатҳо намудӣ, хуш карам кардӣ.
Бас аст ин ҷавру кин, эй бут, ба сӯйи ман нигоҳе кун,
Зи тири ғамзаат бингар, чӣ бо сайди ҳарам кардӣ?
Дил аз меҳри рақибон, эй нигоро, гуфтамат баркан,
Ту бо ман улфату меҳру муҳаббат аз чӣ кам кардӣ?
Зи май то кай зи хуни дидаи ман ғоза бар рӯят?
Ба қурбони сарат худро гулистони Ирам кардӣ.
Зи ҳарфи муддаӣ, эй моҳи симандоми симинбар,
Чиҳо гӯям ба ҷони ошиқи худ, эй санам, кардӣ?
Ҷамолатро шабе дар хоб медидам ба сад хубӣ,
Худоро, гӯ, чаро бедорам аз хоби адам кардӣ?
Пушаймон то шудӣ аз куштани ман, эй шикорафкан,
Тамоми хоки олам з-ин мусибат бар сарам кардӣ.
Чӣ мехоҳӣ зи ҷони ман, кунӣ то кай ситам бар ман?
Маро беқадртар, ёро, ту аз хоки қадам кардӣ.
Фирист аз баҳри Қассоб, эй суманбар, аз наботат хат,
Чунин пиндорӣ, эй кофар, ки худ саҳв-ал-қалам кардӣ.

## 161.

Кош он нигор аз ғами ман бохабар шудӣ,
То чашму гӯши муддаъиён гӯшу кар шудӣ.
Побасти доми зулфи ту гардид мурғи дил,
Эй кош, узви ман ҳама пурболу пар шудӣ.
Эй кош, мешудӣ ту асири каманди ишқ,
То аз фиғону нолаи ман бохабар шудӣ.
Дишаб ба ёри хеш нишастем як нафас,
Афсӯс, бин, ки шаб нагузашта саҳар шудӣ.
Гуфтам магар ба раҳгузар истода бинамат,
Нокарда як нигоҳ чу барқ аз назар шудӣ.
Аз давлати ту ёфт дилам орамидагӣ,
Варна зи ҳаҷри рӯйи ту зеру забар шудӣ.
Қассоб, боз булҳавасӣ пеша кардаӣ,
Акнун бас аст беҳуда аз ҳад бадар шудӣ.

## 162.

Ҳарчанд чу ҷон дар барам, эй ёр, азизӣ,
Лекин ба мани дилшуда каҷдору марезӣ.
Матбӯъию аммо чӣ кунам бо ту, ки тифлӣ,
Аз ақл кунӣ даъвию орӣ зи тамизӣ.
На мавъизаю панду насиҳат ба ту ҷогир,
Пас гӯй, нигоро, ки ту моил ба чӣ чизӣ?
Дил қатраи хун шуд зи тағофул, ки кунӣ оҳ,
То кай ,маҳам, аз маҳфили ағёр нахезӣ.
Қаҳрат ҳамагӣ бо ману лутфи ту ба ағёр,
То кай ба мани дилшуда аз роҳи ситезӣ?
На бо мани дилбохта кардӣ зи вафо аҳд,
То обрӯям дар сафи ағёр нарезӣ.
Аз ҷавру ҷафои ту ба Қассоб намондаст,
На марҳилаи сабрӯ на ҳангоми гурезе.

# МУНДАРИЧА

Қассоби Кошони ва осори ӯ..........................................3

Шарҳи ҳоли Қассоб.................................................. .....16

Ғазалиёт................................................................................17

Рубоиёт............................................................................ .....253

Муфрадот ва абёти мутафаррика.............................. .....255

Мухаммасот.................................................................. .....261

Қасоид.............................................................................. .....277

Тарҷеъбанд...........................................................................292

Таркибанд......................................................................... .....296

Руйхати адабиёти истифодашуда............................. .....300

Ғазалҳои илҳоқӣ.......................................................... .....301

## ҚАССОБИ КОШОНӢ

# ДЕВОН

Саҳифабанд:
*Ҳаётулло Холов*

ISBN 978-99947-08-42-0

Ба матбаа 4.07.2020 супорида шуд.
Ба чоп 13.07.2020 имзо шуд. Коғази офсетии №1.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 60x84 $^1/_{32}$.
Ҷузъи чопӣ 25,0. Адади нашр 120 нусха.
Супориши № 150/20.

Нашриёти ***«Истеъдод».***
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.